Муҳаққиқон [6, с. 59] ба таҷрибаи судӣ такя намуда, эътироф мекунанд, ки субъекти ҷиноят аз унсури таркиби ҷиноят хориҷ карда шавад. Тибқи муқаррароти б. 10 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ, №6 аз 12-уми декабри соли 2002 «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оиди ҷиноятҳои ноболиғон», содир намудани ҷиноят бо истифодаи шахсе, ки бинобар синну солаш (м. 23 КҶ ҶТ) ё номукаллафиаш (м. 24 КҶ ҶТ) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, шарикиро ташкил намекунад. Дар баробари ин, ҳангоми аз тарафи ноболиғ содир намудани ҷиноят, ки бо асосҳои дар боло қайдшуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, шахси ба содир намудани ин ҷиноят ноболиғро ҷалбнамуда, мувофиқи қ. 2 м. 36 КҶ ҶТ барои кирдораш ҳамчун иҷрокунанда ҷавобгар мешавад. Ҳамин тавр, ҳангоми содир намудани дуздӣ аз ҷониби шахси болиғ бо маслиҳати пешакӣ бо хурдсоли то 14-сола, дар сурати мавҷуд набудани ҳолатҳои дигари вазнинкунанда, кирдори шахси болиғ аз рӯйи аломатҳои ҷинояти пешбининамудаи қ. 1 м. 244 КҶ ҶТ баҳо дода мешавад.

Агар содир намудани дузди айнан дар боло зикргардида аз ҷониби шахси болиғ бо маслиҳати пешакӣ бо ноболиғи ба синни 14 расида содир шуда бошад, пас, кирдори шахси болиғ аз рӯйи аломатҳои ҷинояти пешбининамудаи б. «б» қ. 2 м. 244 КҶ ҶТ (аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ) баҳо дода мешавад. Чунин бармеояд, ки агар шахси болиғ хурдсоли ба синни 14 нарасидаро барои содир намудани ҷиноят ҷалб намояд, сабуктар аст аз оне, ки ҷиноятро дар якҷоягӣ бо ноболиғи ба синни 14 расида ё аз он калонтар содир намояд. Маълум аст, ки манфиатҳои хурдсоли ба синни 14 нарасида ҳифз карда нашудаанд ва баръакс шароити мусоид барои ҷалби онҳо ба содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок фароҳам оварда шудааст. Дуздиро танҳо бо қасди бевосита содир кардан мумкин аст. Ҳангоми бо маслиҳати гурӯҳи шахсон бо ноболиғ, иштирокчии болиғи ҷиноят дарк мекунад, ки бо маслиҳати гурӯҳи шахсон бо ноболиғ дуздӣ карда истодааст ва мехоҳад ин ҷиноятро содир кунад. Маълум мешавад, ки қасди шахси болиғ ба дуздӣ бо маслиҳати гурӯҳи шахсон, ба дуздӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда нигаронида шудааст, вале дар асл вай танҳо барои дуздии «оддӣ» ҷавобгар хоҳад буд.

Ҳамин тавр, ба назари мо, субъекти ҷиноят яке аз унсури таркиби ҷиноят эътироф гардида, бе он умуман дар бораи ҷиноят тасаввур кардан номумкин аст, вале ин маънои инро надорад, ки бо ҷой доштани танҳо субъекти ҷиноят таркиби ҷиноят комил аст. Ҳамин тавр, номи м. 22 КҶ ҶТ «шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ» муқаррар гардидааст, ки мафҳуми «таркиби ҷиноят»-ро маҳдуд месозад. Шарти ҷавобгарии ҷиноятӣ мафҳуми васеъ буда, ба ақидаи мо, танҳо бо аломатҳои субъекти ҷиноят онҳоро маҳдуд сохтан нодуруст аст. Аломатҳои субъекти ҷиноят дар умум як шарти ҷавобгарии ҷиноятро таъмин карда метавонад. Илова бар ин, ба андешаи мо, ба зумраи шартҳои дигари ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ чунин ҳолатҳо мансубанд: расонидани зарар ё ба миён овардани таҳдиди расонидани зарар ба он ё ин муносибати ҷамъиятие, ки бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз мегардад (объекти ҷиноят); содир гардидани кирдори барои ҷамъият хавфнок дар шакли амал ё беамалӣ, ки бевосита ба объекти ҷиноят равона шудааст (тарафи объективии ҷиноят); инчунин мавҷуд будани гунаҳгории субъективӣ нисбат ба кирдори содиршуда (тарафи субъективии ҷиноят). Ҳамзамон, дар моддаи 11 КҶ ҶТ асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври қонунӣ муқаррар гардида, мутобиқи он, асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре эътироф мешавад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят — объекти ҷиноят, тарафи объективии ҷиноят, тарафи субъективии ҷиноят ва субъекти ҷиноят — мебошад, ки дар ҳамин Кодекс пешбинӣ гардидаанд. Агар номи м. 22 «Субъекти ҷиноят» мебуд, пас, аломатҳои дар матни он муқарраргардида ба номаш дақиқан мувофиқат мекард. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки номи м. 22 КҶ ҶТ «субъекти ҷиноят» ифода карда шавад. Ис-

тилоҳи «Субъекти ҷиноят» дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон (м. 24) [23] ва Украина (м. 18) [24] муқаррар гардидааст.

Яке аз аломати асосии субъекти ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятӣ «шахси воқеӣ» муқаррар гардидааст, ки бе он субъекти ҷиноятро тасаввур кардан ба назари мо ғайриимкон аст. Дар қонунгузории маданӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шаҳрванди ҶТ, шаҳрванди давлати хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд шахси воқеӣ эътироф мешавад. Дар КҶ ҶТ шахси воқеӣ шарҳ дода нашудааст.

Бояд қайд кард, ки А.А. Пионтковский [16], В.В. Сташис, В.Я. Татсий [6], В.А. Широков [28] дар мафҳуми «субъекти ҷиноят» аз истилоҳи «шахси хусусӣ» истифода мебаранд. Бо вуҷуди ин, ба назар мерасад, ки ин истилоҳ пурра ва дақиқ мазмуни воқеии субъекти ҷиноятро инъикос намекунад.

В. Пакутин бар он назар аст, ки дар мафҳуми субъекти ҷиноят аз истилоҳи «шаҳрвандон» истифода шавад [15, с. 40-42]. Вобаста ба ин назар, В.К. Матвийчук зикр менамояд, ки истифодаи истилоҳи «шаҳрвандон» ҳамчун аломати ифодакунандаи субъекти ҷиноят нодуруст аст [12, с. 63]. Дар асл, истифодаи «шаҳрванд» доираи субъекти ҷиноятро маҳдуд месозад, зеро шаҳрвандӣ ҳангоми таснифи субъекти махсуси ҷиноят танҳо як намуди он мебошад ва дар баробари ин шахсоне низ дар содир намудани ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, ки мавқеи «бешаҳрвандӣ»-ро доро ҳастанд.

А. Писарев низ иброз намудааст, ки барои муайян кардани субъект истилоҳи «ҳар гуна шахс» истифода мешавад [17, с. 7-10]. Мо бар ин боварем, ки чунин аломат дар субъекти ҷиноят доираи хеле васеи шахсро доро мебошад: ҳам шахси ҳуқуқӣ ва ҳам шахси воқеӣ. Зикр намудан бамаврид аст, ки дар замони муосир, дар баробари шахси воқеӣ, инчунин, нуқтаи назар оид ба эътирофи шахси ҳуқуқӣ бештар ба назар мерасад ва олимон онро гуногун шарҳ медиҳанд. Дар м. 48 Кодекси мадании ҶТ мафҳуми «шахси ҳуқуқӣ» шарҳ дода шудааст, ки тибқи он шахси ҳуқуқӣ – «ташкилот» мебошад. Новобаста аз он ки мамлакатҳои аврупоӣ ва англосаксонӣ институтҳои ҷавобгарии ҷиноятии ташкилотроҳамчун субъекти ҷавобгарии ҷиноятӣ қабул кардаанд, дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ он эътироф намешавад. Б.В. Абдуллозода дар рисолаи илмии худ аз қонунгузории ҷиноятии иёлоти Ню-Йорки Америка, Фаронса [1, с. 54], Ҷопон [5, с. 69] ва аз таърихи инкишофёбии баъзе давлатҳо дар самти эътирофи шахси ҳуқуқӣ [7, с. 40] мисолҳо оварда, сабабҳои асосии дар КҶ ҶТ муқаррар нагардидани шахси ҳуқуқиро дар инҳо мебинад: «Кодекси ҷиноятии моделӣ барои мамлакатҳои аъзои ИДМ ин ниҳодро муқаррар накардааст; қонунҳои ҷиноятии мамлакатҳои пасошуравӣ, ки пеш аз КҶ ҶТ қабул гардида буданд, ин ниҳодро дастгирӣ накарданд; дар замони муосир масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ барои давлатҳои ИДМ нав набошад ҳам, аммо ба дараҷаи кофӣ инкишоф наёфтааст».

Аз таҳқиқоти олимони ватанӣ, ки солҳои охир рисолаи илмӣ таълиф намудаанд, чунин бармеояд, ки аксар эътирофи шахси ҳуқуқиро ҳамчун субъекти ҷиноят инкор мекунанд. Ҳамин тавр, О.И. Сайдализода зикр намудааст, ки «шахсони ҳуқуқӣ худ аз худ ҳаракат карда ва ё кирдореро содир карда наметавонанд. Шахсони воқеие, ки аз номи шахси ҳуқуқӣ ҷиноят содир мекунанд, шахсан худашон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд» [18, с. 27]. Ба назари «М.М. Акилова дар КҶ ҶТ «принсипи ҷавобгарии фардӣ» амал мекунад ва он чунин маъно дорад, ки ҳеҷ кас таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор гирифта наметавонад, ба ҷуз аз кирдори ҳаракат ё беҳаракатии шахсии худ. Аз ин рӯ, дар ҳоли ҳозир барои эътирофи шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят асос вуҷуд надорад» [3, с. 146]. Б.В. Абдуллозода бар он ақида устувор аст, ки «муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ ба принсипҳои ҷавобгарии гунаҳгории шахсӣ мухолифат намуда, ба мақсадҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, аз қабили пешгирии ҷиноят, тарбияи ҷиноятқор, ислоҳи маҳкумшуда мувофиқ нест» [1, с. 141].

Аз натиҷаи пурсишномаи гузаронидашуда миёни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ маълум гардид, ки 76,5% пурсидашудаҳо мухолифи эътирофи шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят буда, 23,5% пурсидашудаҳо ҷонибдори эътрофи он ҳамчун субъекти ҷиноят мебошанд (замимаи №1).

Бо асосҳои зерин, эътироф карданро бамаврид меҳисобем, ки шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят ғайриимкон мебошад:

1. Принсипи ҷавобгарии фардӣ (қ. 1 м. 7 КҶ ҶТ) муқаррар менамояд, ки ҳеҷ кас таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор гирифта наметавонад ба ҷуз аз кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) шахсии худ [9; 5; 26], бинобар ин, одилона эътироф намешавад дар ҳоле ки шахси воқеӣ ин ё он ҷиноятро содир кунад ва ташкилот ҷавобгар бошад. Дар чунин сурат, шахс бо далели дур мондан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, кирдори дахлдорро содир мекунад. Агар онҳоро шарик эътироф кунем, пас, яқинан ба мафҳуми «шарикӣ» мухолифат мекунад;

2. Танҳо шахси мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад ва маҳз ба хотири татбиқи ин адолат, шахси номукаллаф, ки дар вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок аз доираи ин ҷавобгарӣ дур мондааст ва ҳатто барои муқаррар намудани номукаллафӣ ва мукаллафиву мукаллафии маҳдуд сохторҳои зиёд машғуланд ва миёни олимон баҳсҳо ҷой дорад. Мукаллафӣ аз рӯйи маҳакҳои тиббиву ҳуқуқӣ, ки марҳилаҳои мушкили тафтишотиро аз амалия тақозо мекунад, муқаррар карда мешавад, ки дар сурати эътирофи шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят, ҳамаи ин моҳияти худро гум мекунанд. Яъне, дар баробари шахси ҳуқуқӣ мебояд минбаъд шахси номукаллаф низ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад ва зарурати муқаррар кардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ мазмуни мантиқии худро аз байн мебарад.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ одатан муносибатҳои ҷамъиятиро танҳо аз кирдори барои ҷамъият хавфноки шахси воқеӣ ҳифз мекунад, ки дорои ҳамаи аломатҳои субъекти ҷиноятро бошад.

Бо дарназардошти таҳлили шахси воқеӣ ҳамчун аломати субъекти ҷиноят, бар он назар ҳастем, ки шахси ҳуқуқӣ ва зеҳни сунъӣ ба сифати субъекти ҷиноят баромад карда наметавонанд.

Ҳарчанд, ки шахси воқеӣ аломати субъекти ҷиноят эътироф шавад ҳам, аммо дар КҶ ҶТ мафҳуми он муқаррар нагардидааст. Аз муқаррароти КҶ ҶТ бармеояд, ки он шахси воқеиро бо истилоҳҳои шаҳрванди ҶТ (қ.қ. 1 ва 4 м. 15, қ. 1 м. 16, м. 305, қ.қ. 1 ва 2 м. 323(1), м. 401(1) КҶ ҶТ), шаҳрванди хориҷӣ (қ.қ. 2 ва 3 м. 15, қ. 2 м. 16, м. 308 КҶ ҶТ), шахси бешаҳрванд (қ. 2 м. 16, м. 308 КҶ ҶТ), шахси бешаҳрванди дар ҳудуди ҶТ доимо истиқоматкунанда (қ.қ. 1 ва 4 м. 15, м. 401(1) КҶ ҶТ), шахси бешаҳрванди дар ҳудуди ҶТ доимо истиқоматнакунанда (қ.қ. 2 ва 3 м. 15 КҶ ҶТ), шаҳрванди дигар давлат намебошад (эзоҳ ба м. 401 КҶ ҶТ) ифода намудааст. Дар баробари ин, гуногунифодаёбии шахси воқеӣ, шахсоне, ки шаҳрвандии ду давлатро доранд, муқаррар нагардидааст. Ба назари мо, зарурати эътирофи шахсе, ки шаҳрвандии ду давлатро доро аст, ҷой дорад. Масалан, шахс шаҳрвандии давлати «А» ва «Б»-ро доро буда, аз тарафи яке аз онҳо дар задухӯрдҳои мусаллаҳона ё амалиёти ҷангии давлати «Г» иштирок кунад, ӯро зархарид номидан мушкил аст. Агар шаҳрвандии яке аз давлатҳоро надошта, барои ҷалб гардидан ба шаҳрвандии он ноил гардида бошад ҳам, тибқи муқаррароти эзоҳ ба м. 401 КҶ ҶТ зархарид эътироф намешавад, зеро мавқеи шаҳрвандии ҳамон давлатро соҳиб гардидааст.

Гарчанде, шахси воқеӣ аломати субъекти ҷиноят эътироф шавад ҳам, аммо дар КҶ ҶТ мафҳуми он муқаррар нагардидааст. Аз муқаррароти КҶ ҶТ бармеояд, ки он шахси воқеиро бо истилоҳҳои шаҳрванди ҶТ (қ.қ. 1 ва 4 м. 15, қ. 1 м. 16, м. 305, қ.қ. 1 ва 2 м. 323(1), м. 401(1) КҶ ҶТ), шаҳрванди хориҷӣ (қ.қ. 2 ва 3 м. 15, қ. 2 м. 16, м. 308 КҶ ҶТ), шахси бешаҳрванд (қ. 2 м. 16, м. 308 КҶ ҶТ) шахси бешаҳрванди дар ҳудуди ҶТ доимо истиқоматкунанда (қ.қ. 1 ва 4 м. 15, м. 401(1) КҶ ҶТ), шахси бешаҳрванди дар ҳудуди ҶТ доимо истиқоматнакунанда (қ.қ. 2 ва 3 м. 15 КҶ ҶТ), шаҳрванди дигар давлат намебошад (эзоҳ ба м. 401 КҶ ҶТ) ифода намудааст. Дар баробари ин гуногунифодаёбии шахси воқеӣ, шахсоне, ки шаҳрвандии ду давлатро доранд, муқаррар нагардидааст. Ба назари мо зарурати эътирофи шахсе, ки шаҳрвандии ду давлатро доро аст, ҷой дорад. Масалан, шахс шаҳрвандии давлати «А» ва «Б»-ро доро буда, аз тарафи яке аз онҳо дар задухӯрдҳои мусаллаҳона ё амалиёти ҷангии давлати «Г» иштирок кунад, ӯро зархарид номидан мушкил аст. Агар шаҳрвандии яке аз давлатҳоро надошта, барои ҷалб гардидан ба шаҳрвандии он

ноил гардида бошад ҳам, тибқи муқаррароти эзоҳ ба м. 401 КҶ ҶТ зархарид эътироф намешавад, зеро мавқеи шаҳрвандии ҳамон давлатро соҳиб гардидааст.

Ҳамин тавр, пешниҳод карда мешавад, ки шахси воқеӣ дар КҶ ҶТ муқаррар карда шавад ва бо дарназардошти ин ба ин Кодекс м. 22(1) дар таҳрири зайл илова карда шавад:

«Моддаи 22(1). Шахси воқеӣ

Таҳти мафҳуми шахси воқеӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматкунанда, шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматнакунанда ва шахсе, ки шаҳрвандии ду давлатро доро мебошад, фаҳмида мешавад».

Зарурати ворид намудани ин модда ба КҶ ҶТ ба назари мо дар он аст, ки дар боби 4 ин Кодекс муқаррарот оид ба шахсе бошад, ки бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, яъне танҳо аломатҳои субъекти ҷиноят муқаррар карда шаванд, вале ғайр аз синни ҷавобгарии ҷиноятӣ аломатҳои дигари ин шахс ифода нагардидаанд: на шахси воқеӣ ва на мукаллафӣ. Бар замми ин гуфтаҳо, дар он ақида ҳастем, ки қ. 2 м. 24 ва м. 26 КҶ ҶТ барои эътирофи субъекти ҷиноят (аломатҳои он) аҳаммият надоранд ва бояд дар боби 15 КҶ ҶТ ба танзим дароварда шаванд.

Ҳамин тавр, вобаста ба таҳлили қонунгузории ҷиноятӣ, нуқтаи назари олимон ва хулосаҳои ироагардида вобаста ба мафҳуми субъекти ҷиноят, чунин пешниҳод карда мешавад:

1. Ҳамчун унсури таркиби ҷиноят, субъекти ҷиноят дорои аломатҳои ҳатмӣ ва иловагӣ мебошад. Аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят дар м. 22 КҶ ҶТ муқаррар гардидаанд. Аломатҳои иловагии (факултативии) субъекти ҷиноят: дорои аломатҳои иловагие, ки ба субъекти махсуси ҷиноят хос мебошанд.

2. Моддаи 22 КҶ ҶТ дар таҳрири зайл қабул карда шавад:

«Моддаи 22. Субъекти ҷиноят

Субъекти ҷиноят шахси воқеие мебошад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят мукаллаф аст ва ба синни муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс расидааст»;

3. Пешниҳодҳо дар бораи ба қатори аломатҳое, ки субъекти ҷиноятро муайян мекунанд, ворид намудани он аломатҳоеро, ки шахсияти ӯро дар ҷамъият муайян мекунанд, асоснок ҳисоб кардан мумкин нест, зеро таркиби ҷиноят хусусияти меъёрии ҳуқуқии кирдори мушаххаси шахс мебошад (таркиби ҷиноят маҷмӯи аломатҳои ҳатмии объективӣ ва субъективии бо қонунгузории ҷиноятӣ муқарраршудае мебошад, ки ҷиноят будани кирдорро муайян мекунад). Хавфи ҷамъиятии субъекти ҷиноят, хусусиятҳои иҷтимоию сиёсии ӯ тамоми маълумотро дар бораи ҷинояткор ҳамчун фард фаро мегирад ва ба як кирдори ҷиноятӣ нисбат додан мумкин нест ва ҳамчун яке аз асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат додан ғайриимкон аст;

4. Бо асосҳои зерин, эътироф карда мешавад, ки шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят ғайриимкон мебошад:

1) Принсипи ҷавобгарии фардӣ (қ. 1 м. 7 КҶ ҶТ) муқаррар менамояд, ки ҳеҷ кас таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор гирифта наметавонад ба ҷуз аз кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) шахсии худ, бинобар ин, одилона эътироф намешавад дар ҳоле, ки шахси воқеӣ ин ё он ҷиноятро содир кунад ва ташкилот ҷавобгар бошад. Дар чунин сурат, шахс бо далели дур мондан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, кирдори дахлдорро содир мекунад. Агар онҳоро шарик эътироф кунем, пас яқинан ба мафҳуми шарикӣ мухолифат мекунад;

2) Танҳо шахси мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад ва маҳз ба хотири татбиқи ин адолат, шахси номукаллаф, ки дар вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааст, аз доираи ин ҷавобгарӣ дур мондааст ва ҳатто барои муқаррар намудани номукаллафӣ ва мукаллафиву мукаллафии маҳдуд сохторҳои зиёд машғуланд ва миёни олимон баҳсҳо ҷой дорад. Мукаллафӣ аз рӯйи маҳакҳои тиббиву ҳуқуқӣ, ки марҳилаҳои мушкили тафтишотиро аз амалия тақозо мекунад, муқаррар карда мешавад, ки дар сурати эътирофи шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят, ҳамаи ин моҳияти худро гум мекунанд. Яъне, дар баробари шахси ҳуқуқӣ мебояд минбаъд шахси номукаллаф низ ба

ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад ва зарурати муқаррар кардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ мазмуни мантиқии худро аз байн мебарад;

5. Шахси воқеӣ дар КҶ ҶТ муқаррар карда шавад ва бо дарназардошти ин ба КҶ ҶТ м. 22(1) дар таҳрири зайл илова карда шавад:

«Моддаи 22(1). Шахси воқеӣ

Таҳти мафҳуми шахси воқеӣ дар ҳамин Кодекс шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматкунанда, шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматнакунанда ва шахсе, ки шаҳрвандии ду давлатро доро мебошад, фаҳмида мешавад».

Адабиёт

1. Абдуллозода Б.В. Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2024. – 191 с.
2. Абдухамитов, В.А. Борьба с религиозным экстремизмом: уголовно-правовые, криминологические проблемы (на материалах Республики Таджикистан): дис. ... док. юрид. наук. – Бишкек, 2016. – 312 с.
3. Акилова М.М. Таҳлили ҳуқуқӣ–ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – 209 с.
4. Ғаффорӣ, Н.А. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ / Н.А. Ғаффорӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2023. – 436 с.
5. Жуковский В.И. Субъект преступления в уголовном праве России: дисс. … канд. юрид. наук. Ставрополь, 2002. – 165 с.
6. Кримінальне право України. Загальна частина: підручник / за ред. В. В. Сташиса, В. Я. Тація. Харків: Право, 2010. 456 с.
7. Крылова, Н.Е. Основные черты нового уголовного кодекса Франции / Н.Е. Крылова. – М.: Изд-во СПАРК, 1996. –123 с.
8. Кудратов, Н. А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть / Н. А. Кудратов. – Душанбе: Таджикский государственный университет коммерции, 2012. – 366 с.
9. Кузнецова Н.Ф. Преступление, состав преступления уголовно-правовой нормы / Н.Ф. Кузнецова // Вестник МГУ. Право. – 1967. – №4. – С. 40;
10. Курс советского уголовного права. Общая часть. Л., 1968. Т.1. – С.355
11. Куц В. М. Теоретико-прикладні аспекти проблеми суб'єкта злочину. Вісник Університету внутрішніх справ. 1996. Вип. 1. С. 17–23.
12. Матвейчук В. К. Уточнение понятия субъекта экологических преступлений на современном этапе развития общества и государства. Проблеми боротьби зі злочинністю в Украйні: тези доп. і повідомл. респ. наук. конф. Київ, 1992. С. 63 (62–63).
13. Меркулова В. О. Зміст та функціональне значення поняття суб'єкта кримінальної відповідальності. Вісник Одеського інституту внутрішніх справ. 2004. № 4. С. 111–115.
14. Никифоров Б.С. Освобождение от уголовной ответственности и наказания // Социалистическая законность. 1960. №1. - С.12.
15. Пакутин В. Ответственность за незаконную порубку леса. Социалистическая законность. 1978. - № 11. - С. 40–42.
16. Пионтковский А.А. Уголовное право РСФСР: Общая часть. М.: Госиздат, 1925. 470 с.
17. Писарев А. Правовая охрана и защита лесов. Советская юстиция. 1982. № 7. С. 7–10.
18. Сайдализода, О.И. Субъекти махсуси ҷиноят: дис. ... док. фалс (PhD): 6D030301 / Сайдализода Орзу Илҳом. – Душанбе, 2025. – 188 с.
19. Солиев, К.Ҳ. Таркиби ҷиноят (Матн) / К.Ҳ. Солиев. – Душанбе: «Ирфон», 2014. – 40 с.
20. Уголовное право России. Общая часть. Казань: Изд. Казанского университета, 1994. – 468 с.
21. Уголовное право. Общая часть / Под ред. АВНаумова. М., 1996. – 412 с.

22. Уголовное право. Общая часть / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой. М.: МГУ, 1993. – 366 с.

23. Уголовный кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года, № 127 / https://cbd.minjust.gov.kg/3-38/edition/2087/ru

24. Уголовный кодекс Украины от 5 апреля 2001 года, № 2341-III / https://continent-online.com/Document/?doc_id=30418109#pos=6

25. Утевский Б.С. Некоторые вопросы дальнейшего развития теории уголовного права // Совет. государство и право. – 1963. – №6. – С. 42-45.

26. Цунэо Инако. Современное право Японии. – Перевод с японского В. В. Батуренко; под ред. В. Н. Еремина. - Москва: Прогресс, 1981. - 269 с.

27. Шарипов, Р.И. Понятие общего и специального субъекта мошенничества по уголовному законодательству Республики Таджикистан // Академический юридический журнал. – 2020. – №4 (36). – С. 135-140.

28. Широков В. А. Преступления в области охраны окружающей среды: учеб. пособ. Хабаровск: Хабар. высшая школа МВД СССР, 1985. 64 с.

29. Ялин, А. Субъект преступления как условие уголовной ответственности // Российская юстиция. – 2001. – №2. – С. 59.

Literature

1. Abdullozoda B.V. Criminal legal protection of water in the Republic of Tajikistan: dis. ... candidate of sciences. law. – Dushanbe, 2024. – 191 p.

2. Abdukhamitov, V.A. The fight against religious extremism: criminal-legal, criminological problems (based on the materials of the Republic of Tajikistan): dis. ... doc. of law. - Bishkek, 2016. - 312 p.

3. Akilova M.M. Legal-criminal analysis of encroachment on the life of a state or public figure of the Republic of Tajikistan: dis. ... candidate of legal sciences. law. – Dushanbe, 2022. – 209 p.

4. Ghaffori, N.A. Criminal law of the Republic of Tajikistan. General part: Textbook / N.A. Ghaffori. – Khujand: Publisher, 2023. – 436 p.

5. Zhukovsky V.I. Subject of a Crime in the Criminal Law of Russia: Diss. … Cand. of Law. Stavropol, 2002. – 165 p.

6. Criminal Law of Ukraine. General Part: Handbook / edited by V. V. Stashis, V. Ya. Tatsiya. Kharkov: Pravo, 2010. 456 p.

7. Krylova, N.E. Main Features of the New Criminal Code of France / N.E. Krylova. – Moscow: SPARK Publishing House, 1996. –123 p.

8. Kudratov, N. A. Criminal Law of the Republic of Tajikistan. General Part / N. A. Kudratov. – Dushanbe: Tajik State University of Commerce, 2012. – 366 p.

9. Kuznetsova N.F. Crime, the elements of a crime in a criminal-legal norm / N.F. Kuznetsova // Bulletin of Moscow State University. Law. - 1967. - No. 4. - P. 40

10. Course of Soviet criminal law. General part. Leningrad, 1968. Vol. 1. - P. 355

11. Kuts V. M. Theoretical and applied aspects of the problem of the subject of crime. Bulletin of the University of Internal Affairs. 1996. Issue 1. P. 17-23.

12. Matveychuk V.K. Clarification of the concept of the subject of environmental crimes at the current stage of development of society and the state. Problems of combating crime in Ukraine: additional studies and reports. rep. Sci. conf. Kiev, 1992. P. 63 (62–63).

13. Merkulova V. O. Place and functional significance of the concept of a criminal subject. Bulletin of the Odessa Institute of Internal Affairs. 2004. No. 4. pp. 111–115.

14. Nikiforov B.S. Exemption from criminal liability and punishment // Socialist legality. 1960. No. 1. P.12.

15. Pakutin V. Responsibility for illegal logging. Socialist legality. 1978. No. 11. pp. 40–42.

16. Piontkovsky A.A. Criminal Law of the RSFSR: General Part. Moscow: Gosizdat, 1925. 470 p.

17. Pisarev A. Legal Protection and Defense of Forests. Soviet Justice. 1982. No. 7. pp. 7–10.
18. Saidalizoda, O.I. Special subject of crime: dis. ... doc. fals (PhD). – Dushanbe, 2025. – 188 p.
19. Soliev, K.H. The structure of crime (Text) / K.H. Soliev. – Dushanbe: “Irfon”, 2014. – 40 p.
20. Criminal Law of Russia. General Part. Kazan: Kazan University Press, 1994. – 468 p.
21. Criminal Law. General Part / Ed. by A. V. Naumov. Moscow, 1996. – 412 p.
22. Criminal Law. General Part / Ed. by N. F. Kuznetsova. M.: Moscow State University, 1993. – 366 p.
23. Criminal Code of the Kyrgyz Republic of October 28, 2021, No. 127 / https://cbd.minjust.gov.kg/3-38/edition/2087/ru
24. Criminal Code of Ukraine of April 5, 2001, No. 2341-III / https://continent-online.com/Document/?doc_id=30418109#pos=6
25. Utevsky B.S. Some Issues of Further Development of the Theory of Criminal Law // Soviet State and Law. 1963. No. 6. P. 45.
26. Tsuneo Inako. Modern Law of Japan. – Translated from Japanese by V.V. Baturenko; edited by V.N. Eremin. - Moscow: Progress, 1981. - 269 p.
27. Sharipov, R.I. The Concept of a General and Special Subject of Fraud under the Criminal Legislation of the Republic of Tajikistan // Academic Law Journal. - 2020. - No. 4 (36). - P. 136.
28. Shirokov, V.A. Environmental Crimes: A Textbook. Khabarovsk: Khabarovsk Higher School of the USSR Ministry of Internal Affairs, 1985. 64 p.
29. Yalin, A. The Subject of a Crime as a Condition of Criminal Liability // Russian Justice. 2001. No. 2. 59 p.

УДК 340.12

МАТРОБОВ МАТРОБ ХУРРАМОВИЧ
ходими калони илмии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Email: matrob@mail.ru

КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – ЗАМИНАИ АСОСИИ МОНИТОРИНГИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аннотатасия. Дар мақолаи мазкур яке аз асосҳои муҳимтирани ташкили фаъолияти мониторинги қонунгузорӣ – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф дар такмилу тақвияти мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсияро заминаи муҳим, муқарраркунандаи самтҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ташаккулдиҳандаи субъектҳои фаъолияти мазкур меҳисобад. Бахусус, дигар заминаҳои ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва субъектҳои ваколатдори он таъсис дода мешванд.

Вожаҳои калидӣ: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мониторинги қонуншузорӣ, қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ, парламент, вазорату идораҳо, марказҳо, Маҷлиси Олӣ, Маркази миллии қонунгузорӣ.

МАТРОБОВ МАТРОБ ХУРРАМОВИЧ
старший научный сотрудник управления науки и инноваций Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Email: matrob@mail.ru

КОНСТИТУЦИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН — ОСНОВНАЯ ПРАВОВАЯ ОСНОВА МОНИТОРИНГА ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Аннотация. В статье анализируется одна из важнейших основ организации деятельности по мониторингу законодательства — Конституция Республики Таджикистан. Автор рассматривает Конституцию как ключевую правовую основу совершенствования и укрепления мониторинга законодательства в Республике Таджикистан, определяющую направления правотворческой деятельности и формирующую систему субъектов данной деятельности. Особо подчёркивается, что иные правовые основы мониторинга законодательства устанавливаются именно на базе Конституции Республики Таджикистан, а уполномоченные субъекты данной деятельности создаются в соответствии с её положениями.

Ключевые слова: Конституция Республики Таджикистан, мониторинг законодательства, законы, нормативные правовые акты, государственные органы, парламент, министерства и ведомства, центры, Маджлиси Оли, Национальный центр законодательства.

MATROBOV MATROB KHURRAMOVICH
Senior Research Fellow, Department of Science and Innovation International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Email: matrob@mail.ru

THE CONSTITUTION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AS THE FUNDAMENTAL BASIS FOR LEGISLATIVE MONITORING IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Abstract. This article analyzes one of the most important foundations for organizing legislative monitoring activities — the Constitution of the Republic of Tajikistan. The author considers the Constitution as the key legal basis for improving and strengthening legislative monitoring in the Republic of Tajikistan, as it determines the main directions of law-making activities and shapes the system of subjects involved in this process. Particular emphasis is placed on the fact that other legal foundations of legislative monitoring are established on the basis of the Constitution of the Republic of Tajikistan, and that the authorized subjects of this activity are formed in accordance with its provisions.

Keywords: Constitution of the Republic of Tajikistan, legislative monitoring, laws, normative legal acts, state authorities, parliament, ministries and agencies, centers, Majlisi Oli, National Center for Legislation.

Қонунгузорӣ фаъолияти алоҳидаи ҳуқуқиест, ки ба таҳияву коркард ва қабули санадҳои қонунгузорӣ равона шуда, асосан, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқиро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, солҳои охир дар аксар кишварҳо барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти қонунгузорӣ механизми нав, яъне «мониторинги қонунгузорӣ» ба вуҷуд омадааст. Масъалаи мазкур бештар аз ҷониби олимони хориҷӣ баррасӣ гардида, дар робита ба мафҳум, усулҳо, раванди амалигардонӣ ва дигар ҷанбаҳои он таҳқиқот анҷом дода шудааст.

Мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун фаъолияти мунтазами мақомоти ваколатдор вазифаҳои мушаххас дорад. Тавассути мониторинги қонунгузорӣ метавон таҳлил ва арзёбии самаранокии такмилу татбиқи қонунгузорӣ, инчунин дурнамои онро муайян кард.

Мақсадҳои мониторинги қонунгузориро муайян кардани самаранокии амали меъёрҳои ҳуқуқӣ, арзёбии натиҷабахшии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ошкор кардани такрорёбии меъёрҳо, камбудиҳо ва норасоиҳо санадҳои қонунгузорӣ, муайян намудани самтҳои рушди соҳаҳои қонунгузорӣ, таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи хориҷӣ ҳангоми таҳияи қонунҳои босифат ва умуман дар равандҳои қонунэҷодкунии кишвар ташкил медиҳанд.

Мақомоти давлативу ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон амалу фаъолиятҳои гуногунро дар асоси заминаҳои ҳуқуқӣ ба роҳ мемонанд. Дар назарияи ҳуқуқ заминаҳои ҳуқуқии фаъолият ё муносибатҳо бештар бо истилоҳи «асосҳои ҳуқуқӣ» корбурд мешавад. Вобаста ба асосҳои ҳуқуқӣ таснифҳои гуногун дода шудааст.

Асосҳои ҳуқуқӣ ҳамчун низоми санадҳои ҳуқуқӣ мебошанд, ки бо ёрии принсипу воситаҳои ҳуқуқӣ барои: 1) ташкил ё фаъолияти институтҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ (мас., ҳокимияти судӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғ.) замина эҷод мекунанд); 2) татбиқи фаъолияти қонунӣ бо мақсади таъмини шароит барои худшиносии комили шахсият, «қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсон, коллективии онҳо ва ҷомеа» қабул мегарданд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[1] муқарраркунандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, танзимкунандаи муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ буда, тавассути он низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ташаккул ва таҳким меёбад.

Ба андешаи А. Имомов ва Б. Гадоев «низом ва намудҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конститутсия ва қонунҳо муайян карда мешаванд. Пеш аз ҳама, худи Конститутсия асос ва сарчашмаи қонунгузории мамлакат мебошад» [4, с. 10].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкил ва такмили сиёсати нави ҳуқуқӣ ва низоми нави қонунгузорӣ заминаҳои боэътимод фароҳам оварда, давра ба давра дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа қонунҳои нав қабул гардида, минбаъд рушди онҳо таъмин карда шуд [6, с. 63-69]. Дар баробари муқаррар кардани раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ва танзими ҳуқуқӣ, ба мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун падидаи нав низ замина гузошта шуд.

Қобили зикр аст, ки дар муқоиса ба дигар намудҳои мониторинги ҳуқуқӣ мониторинги қонунгузорӣ васеъ буда, ҳамаи фаъолиятҳои марбут ба пайгирӣ, арзёбӣ ва баҳодиҳии раванди эҷоди меъёрҳои қонун, иттилоотонии ҷомеа аз вазъи қонунгузорӣ, сатҳи риоя ва татбиқи қонунҳоро фаро мегирад. Мониторинги қонунгузорӣ омӯзиши чунин

маҳак (параметр)-ҳо ба монанди ҳаҷми қонунгузорӣ, намудҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, миқдори тағйирот, иловаҳо ба санадҳои ҳуқуқӣ ва шумораи санадҳои ҳуқуқии аз эътибор соқитгардида ё аз эътибор соқит донисташуда иборат мебошад [5, с. 16, 8; 9; 10].

Мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун фаъолияти мунтазами мақомоти ваколатдор вазифаҳои мушаххас дорад. Тавассути мониторинги қонунгузорӣ метавон таҳлил ва арзёбии самаранокии такмилу татбиқи қонунгузорӣ, инчунин дурнамои онро муайян кард [3].

Аз ин рӯ, мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун падидаи муосир дар заминаи асосҳои муайяни ҳуқуқӣ ташаккул ёфтааст, ки ба муҳиматарини онҳо Конституция , қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ дохил мешаванд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама, дар моддаҳои алоҳида заминаҳо барои амалигардонии мониторинги қонунгузориро муқаррар кардааст. Чунончи, дар м. 9 амалигардонии ҳокимияти давлатӣ ба воситаи ҳокимияти қонунгузор, иҷроияи ва судӣ муқаррар шудааст. Қобили зикр аст, ки шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар раванди гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ иштироки фаъол доранд.

Дар боби 3 Маҷлиси Олӣ ҳамчун парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда, ба ваколати он қабули қонунҳо вогузор аст.

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми олии қонунгузор санадҳои қонунгузориро (ба истиснои Конститутсия ва қонунҳое, ки бо роҳи райъпурсӣ қабул мегарданд) қабул менамояд, ки онҳо дар ҳудуди Тоҷикистон амал мекунанд [7, с. 68]. Аз ин рӯ, дар баробари қабули қонунҳо, дар бархе аз кишварҳо паламент вазифаи мониторинги иҷрои онҳо ё назорати парламенитро анҷом медиҳад. Дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол дар сохтори Маҷлиси Олӣ чунин ваколат муқаррар нашудааст. Бинобар ин, барои такмили қонунгузорӣ ва қабули қонунҳои босифат дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки зерсохтори алоҳида ҳамчун «Маркази мониторинги қонунгузорӣ» созмон дода шавад [5, 8; 9; 10].

Ҳамчунин, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои алоҳидаро қабул менамояд, ки метавонанд ба сифати асоси ҳуқуқии фаъолияти мониторинги қонунгузорӣ амал намоянд. Ҳоло ба сифати чунин санад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» [2] амал мекунанд, ки дар м. 81 муайян карда шудааст. Рушду инкишофи фаъолияти мониторинги қонунгузорӣ дар оянда талаб менамояд, ки қонуни махсус дар бораи танзими мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардад.

Ҳамчунин, дар бобҳои алоҳидаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми мониторинги қонунгузорӣ дар шакли ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, суд ва прокуратура муқаррар шудааст. Зерсохторҳои мақомоти номбаршуда зимни татбиқи муқаррароти қонунгузорӣ бархе аз мухолифат ва норасоиҳоро дар қонунҳо метавонанд ошкор намоянд, ки ҳамчун яке аз унсурҳои фаъолияти мониторинги қонунгузорӣ маҳсуб меёбад. Қобили зикр аст, ки алҳол танҳо дар Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори алоҳидаи мониторинги татбиқи санадҳои меъёр ҳуқуқӣ таъсис дода шудааст.

Барои беҳтар намудани фаъолияти мониторинги қонунгузорӣ ҳамаи вазорату идора ва муассисаҳои соҳавӣ метавонанд қонунгузории самти фаъолияти худро мониторинг намуда, хулоса, таклифҳо ва натиҷаи онро ба мақомоти дахлдор ирсол намоянд.

Ҳамин тавр, нақш ва мақоми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси мониторинги қонунгузорӣ бо чунин аломатҳо инъикос меёбад:

– пеш аз ҳама, Конститутсия асосҳои дигари ҳуқуқии мониторинги қонунгузориро муайян мекунад;

– механизми амалигардонии мониторинги қонунгузорӣ бо роҳи таҳкими низоми ҳокимияти давлатӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ мегардад.

– дар асоси Конститутсия қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, роҳнамо ва барномаҳои муайян қабул мешаванд, ки дар онҳо вазифа, тартиб, технология ва роҳҳои самарабахши мониторинги қонунгузорӣ муқаррар мегарданд.

Адабиёт

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 271; ҚҶТ аз 19.07.2019 с., №1632; ҚҶТ аз 23.12.2021 с., №1820.
3. Зоир, Ҷ.М., Матробов М.Х. Субъектони мониторинги қонунгузорӣ / Ҷ.М. Зоир, М.Х. Матробов // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – № 4 (60). – С. 21-29. ISSN 2410-2903.
4. Имомов, А., Гадоев Б. Раванди қонунгузорӣ дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Имомов, Б. Гадоев // Такмили ҳуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолият. – Д.: Дониш, 2016. – С. 10-36.
5. Матробов, М.Х. Мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун шакли мониторинги ҳуқуқӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ / М.Х. Матробов // Қонунгузорӣ. – 2023. – № 1 (49).- С. 16-23.
6. Раҳматов, К.С. Мониторинги қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи он / К.С. Раҳматов // Қонуният. – Д.: Контраст, 2021. – С. 63-69.
7. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Д.: Шарқи Озод, 2009. – 520 с.
8. Матробов, М.Х. Асосҳои ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Х. Матробов // Масоили мубрами давлат, ҷомеа ва ҳуқуқ. – 2025. – №3(7). – С.139-153. ISSN 3105-8205.
9. Матробов, М.Х. Марказҳои илмӣ ва таҳлилӣ ҳамчун субъекти мониторинги қонунгузорӣ / М.Х. Матробов // Қонунгузорӣ. – 2024. – № 4 (49). – С. 42-46. ISSN 2410-2903.
10. Матробов, М.Х. Мониторинги ҳуқуқӣ ҳамчун шакли нави технологияи ҳуқуқӣ (масъалаҳои назариявӣ) / М.Х. Матробов // Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ: маводи V-умин конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон // Зери назари умумии д.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 148-152.

References

1. The Constitution of the Republic of Tajikistan of 6 November 1994, with amendments and additions of 26 September 1999, 22 June 2003 and 22 May 2016 (in Tajik and Russian). – Dushanbe: Ganj Publishing House, 2016. – 136 p.
2. Law of the Republic of Tajikistan “On Normative Legal Acts” // Bulletin of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. – 2017. – No. 5, Part 1, Art. 271; Law of the RT of 19 July 2019 No. 1632; Law of the RT of 23 December 2021 No. 1820.
3. Zoir, J.M., Matrobov, M.Kh. Subjects of Legislative Monitoring / J.M. Zoir, M.Kh. Matrobov // Proceedings of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan. – 2023. – No. 4 (60). – Pp. 21–29. ISSN 2410-2903.
4. Imomov, A., Gadoev, B. The Legislative Process in the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan / A. Imomov, B. Gadoev // Improvement of Law and Legislation of the Republic of Tajikistan during the Period of Independence. – Dushanbe: Donish, 2016. – Pp. 10–36.
5. Matrobov, M.Kh. Legislative Monitoring as a Form of Legal Monitoring: Theoretical and Practical Aspects / M.Kh. Matrobov // Legislation. – 2023. – No. 1 (49). – Pp. 16–23.

6. Rahmatov, K.S. Monitoring of Criminal Legislation and Its Enforcement Practice / K.S. Rahmatov // Legality. – Dushanbe: Contrast, 2021. – Pp. 63–69.

7. Scientific and Popular Commentary on the Constitution (Basic Law) of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe: Sharqi Ozod, 2009. – 520 p.

8. Matrobov, M.Kh. Legal Foundations of Legislative Monitoring in the Republic of Tajikistan] / M.Kh. Matrobov // Topical Issues of State, Society and Law. – 2025. – No. 3 (7). – Pp. 139–153. ISSN 3105-8205.

9. Matrobov, M.Kh. Scientific and Analytical Centers as Subjects of Legislative Monitoring / M.Kh. Matrobov // Legislation. – 2024. – No. 4 (49). – Pp. 42–46. ISSN 2410-2903.

10. Matrobov, M.Kh. Legal Monitoring as a New Form of Legal Technology (Theoretical Issues) / M.Kh. Matrobov // Human Rights and Globalization: Proceedings of the 5th International Scientific and Theoretical Conference Dedicated to Human Rights Day / ed. by F.R. Sharifzoda. – Dushanbe: Publishing House of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, 2023. – Pp. 148–152.

УДК 341.1

ОЗОДӢ АЗ ШИКАНҶА ҲАМЧУН ҲУҚУҚИ МУТЛАҚИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

Фирузи Талбак
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқ. E-mail: firuztalbak@mail.ru

Аннотатсия. Мақола ба таҳлили озодӣ аз шиканҷа ҳамчун ҳуқуқи мутлақи инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст. Дар он асосҳои ҳуқуқии манъи шиканҷа дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии ҳуқуқи башар ва қонунгузории миллӣ баррасӣ гардида, мафҳум, намудҳо ва шаклҳои шиканҷа аз нигоҳи ҳуқуқи байналмилалӣ ва доктринаи илмӣ таҳлил мешаванд. Ҳамчунин ӯҳдадориҳои давлат дар самти пешгирӣ, ошкорсозӣ ва манъи шиканҷа, мушкилоти амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва зарурати таҳкими назорат аз болои шахсони мансабдор асоснок карда мешаванд.

Калидвожаҳо: шиканҷа; ҳуқуқи мутлақи инсон; дахлнопазирии шахс; ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ; манъи муносибати ғайриинсонӣ; санадҳои байналмилалӣ; Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; қонунгузории ҷиноятӣ; ӯҳдадориҳои давлат; ҳифзи ҳуқуқи башар.

СВОБОДА ОТ ПЫТОК КАК АБСОЛЮТНОЕ ПРАВО ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА

Фирузи Талбак
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана
Старший преподаватель кафедры права. E-mail: firuztalbak@mail.ru

Аннотация. Статья посвящена анализу свободы от пыток как абсолютного права человека и гражданина. В ней рассматриваются правовые основы запрета пыток в Конституции Республики Таджикистан, международных актах по правам человека и национальном законодательстве, раскрываются понятие, виды и формы пыток с позиций международного права и уголовно-правовой доктрины. Особое внимание уделяется обязательствам государства по предупреждению, выявлению и недопущению пыток, а также проблемам правоприменительной практики и необходимости усиления контроля за деятельностью должностных лиц.

Ключевые слова: пытки; абсолютное право человека; неприкосновенность личности; гражданские и политические права; запрет бесчеловечного обращения; международные правовые акты; Конституция Республики Таджикистан; уголовное законодательство; обязанности государства; защита прав человека.

FREEDOM FROM TORTURE AS AN ABSOLUTE RIGHT OF THE INDIVIDUAL AND THE CITIZEN

Firouzi Talbak
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
Senior Lecturer, Department of Law
E-mail: firuztalbak@mail.ru

Annotation. The article analyzes freedom from torture as an absolute right of the individual and the citizen. It examines the legal foundations of the prohibition of torture in the Constitution of the Republic of Tajikistan, international human rights instruments, and national legislation, and

explores the concept, types, and forms of torture from the perspectives of international law and criminal law doctrine. Particular attention is paid to state obligations to prevent, detect, and eliminate torture, as well as to problems of law enforcement practice and the need to strengthen oversight of the activities of public officials.

Keywords: torture; absolute human right; personal inviolability; civil and political rights; prohibition of inhuman treatment; international legal instruments; Constitution of the Republic of Tajikistan; criminal legislation; state obligations; protection of human rights.

Озодӣ аз шиканҷа ва муносибат ё ҷазодиҳии бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунанда ба гурӯҳи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии ҳуқуқи башар дохил карда шудаанд. Яке аз проблемаҳои ҷаҳони муосир ва башарият ин манъи шиканҷа, ҷазо ва муносибаи ғайриинсонӣ нисбати инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналхалқӣ оиди шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайринсонӣ нисбат ба инсонҳо ва шаҳрвандон муқаррароти муайяне пешбинӣ карда шудааст.

Мувофиқи қисми 2 моддаи 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлнопазирии шахс кафолат дода шуда, дар баробари ин муқаррар карда шуда аст, ки нисбати ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Инчунин моддаи мазкур муайян намудааст, ки инсонро мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додан мумкин нест. Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои байналхалқӣ ба таври кул риоя карда шудаанд.

Аз нигоҳи ҳуқуқи байналхалқӣ, истифодаи шиканҷа нисбати инсонҳо яке аз нумдҳои дағалона вайрон кардани ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд башумор рафта, набояд дар ягон ҳолат роҳ дода шавад. Озодӣ аз шиканҷа ҳуқуқи мутлақи инсон буда набояд дар ягон ҳолат маҳдуд карда шавад. Ҳарчанд, ки моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баъзе ҳолатҳо маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳоро пешбинӣ намуда бошад ҳам истифодаи шиканҷа манъ аст. Ба ҳамин мақсад Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (минбаъд ЭУҲБ) дар моддаи 5 пешбинӣ менамояд, ки «Ҳеҷ кас набояд мавриди шиканҷа ва муносибат ё ҷазодиҳии бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунанда қарор гирад» [2, с. 127].

Ба ҳамин монандро Муоҳидаи байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (минбаъд МБҲШС), низ пешбинӣ кардааст, ки «Ҳеҷ кас набояд таҳти шиканҷа ё муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунанда қарор дода шавад. Аз ҷумла, ягон шахс набояд бидуни ризояти озодонаи ӯ таҳти таҷрибаҳои тиббӣ ё илмӣ қарор дода шавад». Дар баробари ҳамаи ин санадҳо 10 декабри соли 1984 аз тарафи СММ «Муоҳида бар зидди шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазодиҳии бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунанда (минбаъд МЗШ)» қабул карда шудааст, ки дар муқаррароти умумӣ дар бораи шиканҷа, манъи шиканҷа, ӯҳдадориҳои давлат оиди пешгирии шиканҷа, додани ҳисобот оиди истифодаи шиканҷа дар давлатҳои алоҳида ва монанди инҳо пешбинӣ карда шудааст. Қабули санади мазкур барои аз байн бурдани шиканҷа дар арсаи ҷаҳон нақши муҳимро бозид.

Дар асоси санадҳои боло ва фикру ақидаҳои олимон моро зарур аст, ки мафҳуми шиканҷаро ба таври муфассал баён кунем. Мувофиқи моддаи 1-и МЗШ шиканҷаро ҳамчун амале маънидод менамояд, ки аз ҷониби шахси расмӣ ё дигар шахси ба ҳайси шахси расмӣ амалкунанда, ё бо иғвогарӣ ё бо розигии чунин шахс содир карда мешавад, ки тавассути он ба ягон шахс бо мақсади мушаххас, ба монанди кашида гирифтани маълумот ё эътироф, ҷазодиҳӣ, тарсонидан ё табъиз озори сахти ҷисмонӣ ё рӯҳи расонида мешавад.

Инчунин, оиди мафҳуми шиканҷа ақидаҳои гуногуни илмӣ низ мавҷуданд. Ба ақидаи А. Кассесе шиканҷа ин нияти паст кардан, озурдан ва таҳқир намудани инсонро дошта, ӯро ба «ашё» табдил медиҳад [3]. Ба ақидаи Т.В. Бобен бошад, аоси ҳуқуқӣ ва ахлоқии манъи шиканҷа ва дигар муомила ё ҷазоҳои ғайриинсонӣ ё таҳқиркунанда мутлақ ва вазифадоркунанда буда, дар ягон шароит набояд дигар карда шаванд ё бо дигар манфиатҳо сиёсат ва амалияҳо тобеъ карда шавад [5].

Дар фарҳанг истилоҳоти ҳуқуқ бошад чунин мафҳуми шиканҷа пешкаш карда шудааст: ҳамагуна амале, ки ба воситаи он ба ягон шахс қасдан ё бо дигар сабаби ба табъизи дорои ҳама гунна хислат асосёфта дарду азоби сахт ё азоби ҷисмонӣ ё маънавӣ расонида мешавад, то ки ӯ ё аз шахси сеюм маълумот гиранд ё ӯро ба иқрор шудан маҷбур созанд, ӯро барои амалҳои содирнамудааш ё шахси сеюм ё барои гумонбар шуданаш дар содир намудани амали ҷиноӣ ҷазо диҳанд, инчунин ӯ ё шахси сеюмро тарсонанд ё маҷбур созанд, дар сурате, ки чунин дард ё азоб аз ҷониби шахси мансабдори давлатӣ ё шахси дигари расмӣ ё бо огоҳии онҳо ё розигии хомӯшонаи онон расонида мешавад [6].

Умуман шиканҷа яке аз ҷиддитарин поймолкуниҳои ҳуқуқи башар мебошад, чунки он ҳуҷуми мустақим ба шахсият ва шарафи инсониро дар назар дорад. Манъи шиканҷа ва дигар шаклҳои бадрафтории ҷисмонӣ ва ақлонӣ, ё худ ҳуқуқ ба дахолатнопазирӣ ва шарафи шахсӣ, ҳуқуқи мутлақи башарӣ мебошанд ва бинобар ин, набояд дар ягон шароит мавриди таҳқир қарор гиранд [4]. МЗШ муқаррар кардааст, ки ҳатто дар давраи ҷанг ва вазъияти фавқулода ҳам давлатҳо набояд ба маҳдуд ё таҳқир намудани ҳуқуқ ба дахолатнопазирӣ ва шарафи шахсӣ роҳ диҳанд. Инчунин дар мавриде, ки гумонбаршуда дар бораи ҳуҷумҳои хавфнок, ки ҳаёти аҳолиии осоиштаро зери хатар гузошта метавонанд, маълумот дошта бошад ҳам, давлат набояд методи пурсиши риоя накардани манъи шиканҷа ва муомилаи бад, ба монанди нигоҳ доштани шахс дар шароити дардовар, махкам кардан, ба муддати дароз зери мусиқии баланд нигоҳ доштан ё аз хоб маҳрум намудан, таҳдид, сахт ларзонидан ё бо истифода аз ҳавои сард хунук кардани боздоштшударо истифода баранд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки истифодаи шиканҷа дар давлатҳое, ки ба гуфти худ асосгузори демократияанд то ҳол мавриди истифода қарор дорад [1, с. 52].

Шиканҷа метавонад бо роҳу усулҳои гуногун содир карда шавад. Аз ҳама маъмултарин ва мавриди истифода қарордошта ин шиканҷаи ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва хусусияти шаҳвонӣ дошта ба шумор меравад. Ба шиканҷаи ҷисмони дохил мешавад: нафасгир намудан бо роҳи ба оби ифлос ғӯтонидани шахс; лату кӯб кардан; шиканҷа намудани шахс ба воситаи қувваи барқ; кандани нохунҳо; кашол намудан ва нишондани шахс дар ҳолати барои ӯ ногувор. Ба шиканҷаи рӯҳи бошад, дар зери мусиқии баланд доштани шахс; дар ҳуҷраи нороҳат нигоҳ доштан ва монанди инҳо дохил мешаванд. Ба шиканҷаи дорои хусусияти шаҳвонӣ асосан, таҷовуз ба номус, урён намудани шахс, содир кардани ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ дошта дохил карда мешаванд.

Аз намудҳои алоҳидаи шиканҷа бармеояд, ки бештари онҳо дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ ҶТ) ҳамчун ҷиноят эътироф карда шуда ва нисбати онҳо ҷазои мувофиқ пешбинӣ карда шудааст. Масалан моддаи 138 «Таҷовуз ба номус», моддаи 116 «Лату кӯб», моддаи 134 «маҷбуркунӣ» ва монанди инҳо. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар моддаҳои алоҳидаи КҶ ҶТ оиди шиканҷа сухан рафта бошад ҳам, лекин мафҳуми шиканҷа дар КҶ ҶТ пешбинӣ карда нашудааст [3]. Дар КҶ ҶТ истифодаи шиканҷа чи аз тарафи шахсони мансабдор, чи аз тарафи шахсони расмӣ ва чи аз тарафи инсонҳо ҳамчун ҷиноят ҳисоб крда шудааст. Бо истифодаи шиканҷа содир шудани ҷиноят ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунанда ба шумор мераванд. Барои пешгирӣ ва манъи шиканҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёде ба анҷом расонида шудааст.

Барои манъ намудани шиканҷа мувофиқи МЗШ давлатҳо дорои як қатор ӯҳдадориҳо мебошанд. Ин давлатҳо, яъне он давлатҳое дар назар дошта шудааст, ки иштироккунандаи МЗШ мебошанд, вазифадоранд, ки:

1. қонунгузорие пешниҳод намоянд, ки барои истифодаи шиканҷа ҷазо диҳад, ба мақомот имконият диҳад, ки ҷинояти шиканҷаро дар куҷое. Ки содир шуда боша два ҷиняткору ҷабрдида аз ҳар милате, ки бошанд, таҳқиқ намуда, ҷазо диҳанд ва ин аломатҳоро пешгирӣ намоянд;

2. боврӣ ҳосил намоянд, ки таълим ва иттилоот дар робита бо манъи шиканҷа пурра ба барномаи омӯзиши ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳарбӣ ва шаҳрвандӣ, кормандони тиб ва ходимони давлатӣ ва дигар ашхосе, ки ба дастгир намудан, пурсиш ва

муносибат бо ашхоси ба ҳабс гирифташуда, бозпурсшуда ё аз озодӣ маҳрум карда шуда сарукор доранд, дохил карда шудаанд;

3. боварӣ ҳосил намоянд, ки қоидаҳои пурсиш, дастурҳо, метод ва тартиботи муқарраршуда ва чорабиниҳо барои бозпурсшт ва муомила бо ашхосе, ки ба ягон шакли баҳабсгирӣ бозпурсшт ё аз озодӣ маҳрум шудаанд, аз ҷониби мақомоти мустақил пайваста назорат карда мешаванд;

4. Аз хориҷ намудан ё баргардонидан, истирдод (экстрадитсия) намудани шахс ба давлати дигар, ки эҳтимоли дар онҷо ба шиканҷа гирифтор карда шудани ӯ вуҷуд дорад, худдорӣ намоянд ва монанди инҳо.

Бештари ин вазифа ва ӯҳдадориҳо аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя карда шуда истодааст. Лекин камбудиҳо ва вайрон кардани ин қоидаҳо ба чашм мерасанд, ки дар оянда бояд ҳалли худро ёбанд.

Аннотатсия. Мақола ба таҳлили сиёсати давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, коррупсия ҳамчун монеаи ҷиддӣ ба рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон баррасӣ мегардад. Дар он марҳилаҳои ташаккули низоми миллии зиддикоррупсионӣ, нақши стратегияҳои давлатӣ, такмили қонунгузорӣ, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ва ҳамкории давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳлил мешаванд. Диққати асосӣ ба Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия барои давраи то соли 2030 равона гардида, ҳадафҳо, вазифаҳо ва тадбирҳои афзалиятноки он, аз ҷумла пешгирии коррупсия, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, таъмини шаффофияти идоракунии давлатӣ ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ асоснок мегарданд. Хулоса мешавад, ки татбиқи муназзами ин тадбирҳо ба рушди арзишҳои демократӣ, баланд бардоштани эътимоди ҷомеа ва беҳтар гардидани некуаҳволии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо. коррупсия, муқовимат ба коррупсия, сиёсати давлатӣ, Стратегияи зиддикоррупсионӣ, қонунгузории зиддикоррупсионӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, шаффофият, ҳамкории байналмилалӣ, рушди устувор.

МОДЕРНИЗАЦИЯ МЕХАНИЗМОВ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ КОРРУПЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН: ПРАВОВОЙ И ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЙ ПОДХОД

Комрони Абдурозик
соискатель кафедры права Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: komron-9999@mail.ru

Аннотация. Статья посвящена анализу государственной политики противодействия коррупции в Республике Таджикистан, в рамках которой коррупция рассматривается как серьезное препятствие на пути устойчивого социально-экономического развития и обеспечения прав и свобод человека. В работе анализируются этапы формирования национальной антикоррупционной системы, роль государственных стратегий, совершенствование законодательства, выполнение международных обязательств, а также взаимодействие государства с гражданским обществом. Основное внимание уделяется Государственной стратегии противодействия коррупции на период до 2030 года, обосновываются ее цели, задачи и приоритетные меры, включая профилактику коррупции, повышение уровня правовой культуры, обеспечение прозрачности государственного управления и укрепление международного сотрудничества. Делается вывод о том, что последовательная реализация указанных мер способствует развитию демократических ценностей, повышению доверия общества и улучшению благосостояния населения.

Ключевые слова: коррупция, противодействие коррупции, государственная политика, антикоррупционная стратегия, антикоррупционное законодательство, правовая культура, гражданское общество, прозрачность, международное сотрудничество, устойчивое развитие.

MODERNIZATION OF ANTI-CORRUPTION MECHANISMS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: A LEGAL AND INSTITUTIONAL APPROACH

Komroni Abduroziq
Doctoral applicant (Department of Law) of International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: komron-9999@mail.ru

Abstract. The article analyzes the state policy on combating corruption in the Republic of Tajikistan, considering corruption as a serious obstacle to sustainable socio-economic development and the protection of human rights and freedoms. It examines the stages of formation of the national anti-corruption system, the role of state strategies, improvement of legislation, fulfillment of international obligations, and cooperation between the state and civil society. Particular attention is paid to the State Anti-Corruption Strategy for the period up to 2030; its goals, objectives, and priority measures are substantiated, including corruption prevention, enhancement of legal awareness, ensuring transparency in public administration, and strengthening international cooperation. The article concludes that the consistent implementation of these measures contributes to the development of democratic values, increased public trust, and improvement of the population's welfare.

Keywords: corruption, anti-corruption, state policy, anti-corruption strategy, anti-corruption legislation, legal awareness, civil society, transparency, international cooperation, sustainable development.

Коррупсия ҳамчун монеаи ҷиддӣ ба рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон шинохта шуда, муқовимат ба он аз рӯзҳои аввали Истиқлоли давлатӣ ба самти муҳими сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Дар натиҷаи татбиқи стратегияҳо, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ва ташкили ниҳодҳои ҳамоҳангсоз, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи муосири зиддикоррупсионӣ ташаккул ёфта, шаффофияти идоракунии давлатӣ тақвият ёфт. Қабули Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия барои давраи то соли 2030 идомаи мантиқии ин раванд буда, ба таҳкими ҳамкории давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони байналмилалӣ ва баланд бардоштани имиҷи кишвар дар арсаи байналмилалӣ равона шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои Стратегия ба ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ, фароҳам овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия ва коҳиши сатҳи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо маҷмӯи чораҳои муосири пешгирию муқовимат, такмили мунтазами қонунгузории зиддикоррупсионӣ, таҳкими ҳамоҳангии мақомоти давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ пешбинӣ шудааст, ки дар маҷмӯъ ба рушди арзишҳои демократӣ ва беҳтар гардидани некуаҳволии мардум мусоидат менамояд [2;3].

Дар асоси банди 13 Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия барои давраи то соли 2030 барои амалӣ намудани мақсаду вазифаҳои болозикр бояд чунин тадбирҳо роҳандозӣ карда шаванд [5]:

- **муайян намудани роҳҳои муосири пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия.** Муайян намудани роҳҳои муосири пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия ҷараёни фарогир ва бисёрсамта мебошад, ки бояд ба тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ, рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва талаботи нави идоракунии давлатӣ мутобиқ карда шавад. Пеш аз ҳама, ин раванд татбиқи фаъолонаи рақамикунонии идоракунии давлатӣ, рушди ҳукумати электронӣ, хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли онлайн ва ҷорӣ намудани платформаҳои шаффофи қабули қарорҳоро дар бар мегирад, ки боиси коҳиш ёфтани тамоси мустақими мансабдорон бо шаҳрвандон ва маҳдуд намудани имкониятҳои коррупсионӣ мегардад. Дар баробари ин, истифодаи системаҳои электронии хариди давлатӣ, баҳисобгирии молу мулк ва даромади шахсони мансабдор, инчунин мониторинги

автоматиконидашудаи равандҳои молиявӣ ҳамчун василаи муассири пешгирии коррупсия аҳаммияти махсус касб мекунад. Муосир будани роҳҳои муқовимат ба коррупсия ҳамчунин тақвияти механизмҳои назорату ҳисоботдиҳӣ, таҳкими мустақилияти мақомоти назоратӣ, ворид намудани стандартҳои байналмилалии идоракунии шаффоф ва арзёбии таваккалҳои коррупсионӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва бахши хусусиро талаб менамояд [1]. Дар ин замина, таҳлили илмӣ ва омории зуҳуроти коррупсия, истифодаи тадқиқотҳои криминологӣ ва иҷтимоӣ барои муайян намудани сабабу омилҳои он, инчунин банақшагирии чораҳои пешгирикунанда дар асоси далелҳои воқеӣ нақши калидӣ мебозад. Ҳамзамон, роҳҳои муосири муқовимат ба коррупсия бе иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ, васоити ахбори омма ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ ғайриимконанд, зеро маҳз огоҳӣ, назорати ҷамъиятӣ ва мавқеи фаъоли шаҳрвандон метавонанд фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсияро дар ҷомеа тақвият бахшанд ва самаранокии сиёсати давлатии зиддикоррупсиониро таъмин намоянд;

- баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар самти муқовимат ба коррупсия ва дар ин замина фароҳам овардани шароити тоқатнопазирии ҷомеа бо падидаи коррупсия. Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар самти муқовимат ба коррупсия яке аз омилҳои калидии пешгирии ин падидаи хавфнок маҳсуб меёбад. Моҳияти ин тадбир дар он ифода меёбад, ки ҳар як шаҳрванд бояд моҳият, шаклҳо, оқибатҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии коррупсия, инчунин ҳуқуқу уҳдадориҳои худро дар ошкор, пешгирӣ ва хабар додани кирдорҳои коррупсионӣ ба таври возеҳ дарк намояд [4,с. 144]. Бо тақвияти маърифати ҳуқуқӣ, сатҳи худогоҳии шаҳрвандон баланд гардида, онҳо нисбат ба амалҳои коррупсионӣ мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ ишғол мекунанд ва аз ширкат дар чунин кирдорҳо худдорӣ менамоянд.

Дар ин замина, фароҳам овардани шароити тоқатнопазирии ҷомеа нисбат ба коррупсия маънои ташаккули арзишҳои устувори ахлоқиву ҳуқуқиро дорад, ки коррупсияро ҳамчун кирдори ношоиста, ғайриқонунӣ ва зараровар ба манфиатҳои ҷомеа рад менамоянд. Ин раванд тавассути густариши маърифати ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ, баргузории барномаҳои иттилоотиву тарғиботӣ, ҷалби васоити ахбори омма, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои динӣ, инчунин таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ амалӣ мегардад. Дар натиҷа, дар ҷомеа муҳити иҷтимоие ташаккул меёбад, ки дар он коррупсия на ҳамчун раванди «муқаррарӣ», балки ҳамчун падидаи қабулнопазир ва маҳкумшаванда шинохта шуда, барои коҳиши устувори сатҳи коррупсия заминаи боэътимод фароҳам меояд.

- бо дарназардошти пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ мунтазам такмил додани қонунгузории зиддикоррупсионӣ. Бо дарназардошти пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ мунтазам такмил додани қонунгузории зиддикоррупсионӣ зарурати объективӣ дошта, аз динамикаи рушди ҷомеа, иқтисод, технология ва шаклҳои нави фаъолияти коррупсионӣ бармеояд. Муносибатҳои ҷамъиятӣ пайваста тағйир меёбанд ва бо пайдоиши соҳаҳои нав, аз ҷумла иқтисоди рақамӣ, хизматрасониҳои электронӣ, сармоягузорӣ ва хариди давлатӣ, шаклҳо ва усулҳои навини коррупсия низ ба миён меоянд, ки ҷавоби муносиб ва саривақтии ҳуқуқиро талаб менамоянд.

Мунтазам такмил додани қонунгузории зиддикоррупсионӣ маънои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади бартараф намудани холигӣ ва номукаммалиҳои ҳуқуқӣ, дақиқ намудани мафҳумҳо, тавсеаи доираи ҷавобгарӣ, мукаммал кардани механизмҳои пешгирӣ ва пурзӯр намудани кафолатҳои ҳуқуқии ошкорсозӣ ва ҷавобгаркунӣ барои кирдорҳои коррупсиониро дорад. Ҳамзамон, қонунгузорӣ бояд ба меъёрҳо ва стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ карда шуда, уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсияро пурра инъикос намояд.

Дар ин раванд, истифодаи таҳлили илмӣ, арзёбии таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои пешрафта, натиҷаҳои мониторинг ва таҳлили вазъи коррупсия, инчунин ҷалби коршиносон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва намояндагони мақомоти амалӣ аҳаммияти муҳим дорад. Такмили

мунтазами қонунгузории зиддикоррупсионӣ имкон медиҳад, ки танзими ҳуқуқӣ ба воқеиятҳои муосир мутобиқ гардида, самаранокии сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ таҳким ёбад ва сатҳи эътимоди шаҳрвандон ба давлат ва қонуният баланд бардошта шавад.

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки муқовимат ба коррупсия. Муайян намудани самтҳои афзалиятноки муқовимат ба коррупсия ҷиҳати ба роҳ мондани сиёсати самараноки зиддикоррупсионӣ аҳаммияти калидӣ дорад, зеро имкониятҳо ва захираҳои давлатӣ маҳдуд буда, онҳо бояд пеш аз ҳама ба он соҳаҳо ва равандҳое равона карда шаванд, ки хатари коррупсия дар онҳо баланд мебошад. Ин раванд ба таҳлили амиқи вазъи воқеии коррупсия, арзёбии хавфҳо ва муайян намудани соҳаҳои осебпазир дар низоми идоракунии давлатӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ такя менамояд.

Самтҳои афзалиятнок одатан дар соҳаҳое муайян карда мешаванд, ки тамоси мустақими мансабдорон бо шаҳрвандон зиёд аст, гардиши маблағҳои калони давлатӣ ба назар мерасад ё қабули қарорҳо дорои хусусияти иҷозатдиҳанда ва тақсимотӣ мебошанд, аз ҷумла хизмати давлатӣ, хариди давлатӣ, соҳаҳои андозу гумрук, истифодаи замин ва захираҳои табиӣ, маориф, тандурустӣ, суд ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ. Муайян намудани чунин самтҳо имкон медиҳад, ки чораҳои пешгирикунанда ва назоратӣ ҳадафнок, мушаххас ва самаранок таҳия ва татбиқ гарданд.

Ҳамзамон, афзалиятгузорӣ дар муқовимат ба коррупсия бояд бо дарназардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, тағйирёбии шаклҳои коррупсия, вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад. Ин раванд ба таъмини пайдарҳамӣ ва мувофиқати чораҳои зиддикоррупсионӣ мусоидат намуда, дар маҷмӯъ ба коҳиши шиддати коррупсия ва таҳкими қонунияту адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа заминаи устувор фароҳам меорад.

- пешбинӣ кардани чорабиниҳои мушаххас ҷиҳати пешгирии коррупсия, инчунин муайян намудани иҷрокунандагон ва муҳлати он. Пешбинӣ кардани чорабиниҳои мушаххас ҷиҳати пешгирии коррупсия ва муайян намудани иҷрокунандагон ва муҳлати татбиқи онҳо яке аз унсурҳои асосии самаранокии сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ ба шумор меравад. Мазмуни ин тадбир дар он ифода меёбад, ки мубориза бо коррупсия набояд характери умумӣ ва декларативӣ дошта бошад, балки бояд дар шакли нақшаи дақиқи амал бо чораҳои мушаххас, механизмҳои татбиқ, масъулият ва муҳлатҳои аниқ амалӣ гардад [5].

Чорабиниҳои пешгирикунандаи коррупсия метавонанд ҷорӣ намудани механизмҳои шаффофияти идоракунии давлатӣ, такмили низоми қабули қарорҳо, маҳдуд намудани ихтиёроти мансабдорон, рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ, мустаҳкам намудани назорат ва ҳисоботдиҳӣ, инчунин тадбирҳои тарбиявию маърифатиро дар бар гиранд. Ҳамзамон, муайян намудани иҷрокунандагон — яъне мақомоти давлатӣ, сохторҳои соҳавӣ ё ниҳодҳои масъул — барои ҳар як чорабинӣ масъулияти шахсӣ ва ниҳоят равандиро таъмин намуда, аз такроршавӣ ё номуайянӣ дар иҷро пешгирӣ мекунад.

Муайян кардани муҳлатҳои дақиқи амалӣ намудани чорабиниҳо бошад, имконият медиҳад, ки сатҳи иҷрои онҳо мунтазам назорат ва арзёбӣ гардад, натиҷаҳои пешбинишуда саривақт ҷамъбаст карда шаванд ва дар ҳолати зарурат тадбирҳои иловагӣ ё ислоҳӣ андешида шаванд. Дар маҷмӯъ, чунин равиши ҳадафнок ва нақшавӣ ба баланд бардоштани интизом, самаранокии фаъолият ва масъулияти мақомоти дахлдор мусоидат намуда, заминаи боэътимодро барои пешгирии устувори коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад.

- муайян намудани тартиби назорати иҷрои чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ. Муайян намудани тартиби назорати иҷрои чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ шарти зарурии таъмини амалӣ ва самаранок будани сиёсати давлатии муқовимат ба коррупсия мебошад. Моҳияти ин тадбир дар ташкили низоми возеҳ, шаффоф ва муназзами мониторинг ва баҳодиҳии раванди татбиқи чорабиниҳои пешбинишуда ифода меёбад, то ки иҷрои онҳо танҳо дар сатҳи санадҳо маҳдуд нашуда, дар амал натиҷаи воқеӣ диҳанд.

Тартиби назорат пеш аз ҳама муайян намудани мақоми ваколатдор ё мақомоти ҳамоҳангсозро дар бар мегирад, ки масъули ҷамъоварӣ, таҳлил ва арзёбии иттилоот дар бораи ҷараёни иҷрои чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ мебошад. Дар ин раванд, муқаррар намудани шаклҳои ҳисоботдиҳӣ, нишондиҳандаҳои самаранокӣ, муҳлат ва тарзи пешниҳоди ҳисобот аҳаммияти калидӣ дорад. Ҳамзамон, истифодаи механизмҳои назорати дохилӣ ва беруна, аз ҷумла аудит, санҷишҳои мақсаднок, арзёбии мустақил ва назорати ҷамъиятӣ, шаффофият ва объективияти арзёбиро таъмин менамояд.

Илова бар ин, тартиби назорат бояд имкони вокуниши саривақтӣ ба камбудиҳо, қоидашиканиҳо ё иҷро нагардидани чорабиниҳоро пешбинӣ намояд, аз ҷумла татбиқи чораҳои таъсири интизомӣ ё ҳуқуқӣ нисбат ба шахсони масъул. Муайян намудани чунин низоми назорати самаранок дар маҷмӯъ ба баланд бардоштани масъулияти мақомоти иҷрокунанда, таҳкими интизоми хизматӣ ва таъмин намудани иҷрои пайдарпай ва босамари чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ мусоидат мекунад.

- тақвияти низоми ҳамоҳангсозии мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат ба коррупсия. Тақвияти низоми ҳамоҳангсозии мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат ба коррупсия аҳаммияти ҳалкунанда дорад, зеро мубориза бо ин падида танҳо бо кӯшишҳои мақомоти давлатӣ маҳдуд шуда наметавонад. Моҳияти ин тадбир дар ташкили ҳамкории устувор, муназзам ва баробарҳуқуқ байни давлат, созмонҳои ҷамъиятӣ, ниҳодҳои ғайридавлатӣ, васоити ахбори омма ва шаҳрвандони фаъол ифода меёбад, ки ҳамагӣ ҳамчун субъектҳои фаъоли пешгирӣ ва ошкорсозии коррупсия амал менамоянд.

Ҳамоҳангсозӣ пешбинӣ мекунад, ки механизмҳои муошират доимӣ, мубодилаи иттилоот, машварат ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳия, татбиқ ва мониторинги барномаҳои зиддикоррупсионӣ ба роҳ монда шаванд. Дар ин замина, таъсиси шӯроҳои машваратӣ, гурӯҳҳои корӣ муштарак, баргузории муҳокимаҳои ҷамъиятӣ ва ҷалби коршиносони мустақил имконият фароҳам меорад, ки мавқеи ҷомеа ба сиёсати зиддикоррупсионӣ ворид гардад ва сатҳи шаффофият боло равад.

Илова бар ин, тақвияти ҳамоҳангсозӣ ба густариши назорати ҷамъиятӣ, баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташаккули фарҳанги масъулияти муштарак мусоидат мекунад. Вақте ҷомеаи шаҳрвандӣ худро шарики давлат дар мубориза бо коррупсия эҳсос менамояд, фазои тоқатнопазирӣ ба ин падида дар ҷомеа мустаҳкам гардида, самаранокии умумии сиёсати давлатии муқовимат ба коррупсия ба таври назаррас афзоиш меёбад.

- муайян кардани шаклҳои баҳодиҳии вазъи коррупсия дар ҷумҳурӣ. Муайян кардани шаклҳои баҳодиҳии вазъи коррупсия дар ҷумҳурӣ шарти муҳими таҳияи сиёсати асоснок ва самараноки зиддикоррупсионӣ ба ҳисоб меравад. Моҳияти ин тадбир дар он ифода меёбад, ки сатҳ, динамика, шаклҳо ва соҳаҳои паҳншавии коррупсия бояд на танҳо тахминӣ, балки дар асоси маълумоти воқеӣ, нишондиҳандаҳои илмӣ ва таҳлилӣ арзёбӣ гарданд.

Шаклҳои баҳодиҳӣ метавонанд истифодаи усулҳои оморӣ ва криминологӣ, таҳлили маълумоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, натиҷаҳои санҷишҳо ва аудитҳо, пурсишҳои иҷтимоӣ, арзёбии дарки шаҳрвандон ва соҳибкорон нисбат ба коррупсия, инчунин мониторинги мустақили ҷомеаи шаҳрвандиро дар бар гиранд. Ҳамзамон, ҷалби нишондиҳандаҳои байналмилалӣ, муқоисаи мавқеи ҷумҳурӣ дар рейтингҳо ва ҳисоботҳои созмонҳои байналмилалӣ имкон медиҳад, ки вазъи коррупсия дар заминаи таҷрибаи ҷаҳонӣ низ баҳогузорӣ карда шавад.

Муайян намудани чунин шаклҳои баҳодиҳӣ имкон фароҳам меорад, ки тамоюлҳои воқеии рушди коррупсия саривақт ошкор карда шаванд, самтҳои осебпазир муайян гарданд ва чораҳои зиддикоррупсионӣ бо назардошти натиҷаҳои таҳлил мутобиқ ва такмил дода шаванд. Дар маҷмӯъ, баҳодиҳии мунтазам ва илмии вазъи коррупсия ба баланд бардоштани шаффофият, асоснокии қарорҳои давлатӣ ва эътимоди ҷомеа ба сиёсати зиддикоррупсионӣ мусоидат менамояд.

- баланд бардоштани самаранокии тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт. Баланд бардоштани самаранокии тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт ба ташаккули фарҳанги устувори зиддикоррупсионӣ дар ҷомеа равона мегардад. Мазмуни ин тадбир дар он ифода меёбад, ки фаъолияти тарғиботӣ бояд на шаклии расмӣ, балки ҳадафманд, системавӣ ва ба гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мутобиқ бошад, то ки таъсири воқеӣ ба шуур ва рафтори шаҳрвандон расонад.

Дар ин замина, мақомоти давлатӣ бояд усулҳо ва шаклҳои муосири иртиботро фаъолона истифода баранд, аз ҷумла платформаҳои рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ, маводи иттилоотии визуалӣ ва маърифатии соддафаҳм, ки моҳият, хатар ва оқибатҳои коррупсияро равшан шарҳ медиҳанд. Ҳамзамон, муҳим аст, ки тарғибу ташвиқ бо мисолҳои воқеӣ, натиҷаҳои мушаххаси мубориза бо коррупсия, афзоиши шаффофият ва ҷавобгарии мансабдорон мустаҳкам карда шавад, то ки эътимоди ҷомеа ба иқдомҳои давлатӣ боло равад.

Илова бар ин, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт талаб мекунад, ки корҳо миёни идораҳо ҳамоҳанг, пайдарпай ва муттасил анҷом дода шаванд, масъулияти мансабдорон аниқ муайян гардад ва натиҷаҳои фаъолият мавриди арзёбии доимӣ қарор гиранд. Тарғибу ташвиқи самараноки зиддикоррупсионӣ дар якҷоягӣ бо фаъолияти воқеии давлатӣ боис мегардад, ки дар ҷомеа муносибати оштинопазир нисбат ба коррупсия ташаккул ёфта, сатҳи иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар пешгирии ин падида ба таври назаррас афзоиш ёбад.

- ташаккули мавқеи ҳуқуқии шаҳрвандон барои ҳалли масъалаҳои коррупсия. Ташаккули мавқеи ҳуқуқии шаҳрвандон барои ҳалли масъалаҳои коррупсия ба рушди шуур ва рафтори ҳуқуқии фаъолонаи аҳолӣ равона гардида, яке аз пояҳои асосии пешгирии устувори коррупсия ба шумор меравад. Моҳияти ин тадбир дар он ифода меёбад, ки шаҳрвандон на танҳо донандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки ҳомилони мавқеи қатъӣ ва огоҳона нисбат ба кирдорҳои коррупсионӣ бошанд ва дар доираи қонун барои ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани чунин ҳолатҳо фаъолона иштирок намоянд.

Ташаккули мавқеи ҳуқуқӣ пеш аз ҳама тавассути баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, фаҳмондани ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон, роҳҳои қонунии муроҷиат ба мақомоти ваколатдор, механизмҳои ҳифзи шахсони хабардиҳанда ва кафолатҳои амнияти онҳо амалӣ мегардад [7]. Дар ин раванд, таъмини дастрасии озод ба иттилоот, шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва рушди назорати ҷамъиятӣ аҳаммияти хос доранд, зеро онҳо ба шаҳрвандон имконият медиҳанд, ки кирдорҳои коррупсиониро бе тарс аз фишор ё таъқиб ошкор созанд.

Илова бар ин, ташаккули мавқеи ҳуқуқии шаҳрвандон маънои эҷоди муҳити иҷтимоиест, ки дар он фаъолият ва бетарафӣ нисбат ба коррупсия ҳамчун мавқеи нодуруст арзёбӣ гардида, иштироки шаҳрвандон дар мубориза бо ин падида ҳамчун масъулияти шаҳрвандӣ ва арзиши иҷтимоӣ пазируфта мешавад. Дар маҷмӯъ, чунин мавқеи ҳуқуқии шаҳрвандон ба таҳкими қонуният, баланд бардоштани эътимод ба давлат ва ҷомеа ва самаранокии умумии сиёсати давлатии муқовимат ба коррупсия мусоидат менамояд.

- муайян, ошкор ва кофтукови даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва мусодираи он, тақвият бахшидани ҳамкории байналмилалӣ дар ин самт. Муайян, ошкор ва кофтукови даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва мусодираи он яке аз самтҳои калидии муқовимати муассир ба коррупсия ба ҳисоб меравад, зеро маҳз манфиати молиявӣ ангезандаи асосии кирдорҳои коррупсионӣ мебошад. Мазмуни ин тадбир дар таъсиси низоми фарогири «пайгирии дороиҳо» ифода меёбад, ки ба ошкор кардани манбаъҳои ғайриқонунии даромад, ҳаракати маблағҳо, дороиҳои пинҳоншуда ва барқарор намудани онҳо ба манфиати давлат равона шудааст.

Дар ин раванд, истифодаи воситаҳои муосири молиявию ҳуқуқӣ, аз ҷумла таҳлили ҷараёнҳои молиявӣ, эъломияи дороиҳо ва манбаъҳои даромади шахсони мансабдор, таҳкими назорати бонкӣ ва механизмҳои зидди «пулшӯӣ», ҳамкории муассир бо мақомоти

андозу гумрук ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аҳаммияти ҳалкунанда доранд. Мусодираи дороиҳои ғайриқонунӣ, новобаста аз мақоми шахс, на танҳо ҷазои воқеии иқтисодӣ барои кирдорҳои коррупсионӣ мебошад, балки омили боздорандаи қавӣ низ маҳсуб меёбад.

Ҳамзамон, бо назардошти хусусияти фаромиллии ҷиноятҳои коррупсионӣ, тақвият бахшидани ҳамкории байналмилалӣ дар ин самт зарур аст. Ин ҳамкорӣ табодули иттилоот, расонидани кӯмаки ҳуқуқии мутақобила, ҷустуҷӯ ва бозпас гардондани дороиҳои дар хориҷ пинҳоншуда, инчунин татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро дар доираи уҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Дар маҷмӯъ, чунин равиши комплексӣ ба коҳиши ҷиддии ҷиноятҳои коррупсионӣ, барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ва таҳкими эътимоди ҷомеа ба сиёсати давлатии муқовимат ба коррупсия мусоидат менамояд.

- такмили низоми қонунгузории зиддикоррупсионӣ ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ. Такмили низоми қонунгузории зиддикоррупсионӣ ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ ба он равона мегардад, ки мубориза бо коррупсия дар ҷумҳурӣ дар асоси меъёрҳои муосир, ҳамоҳанг ва умумиэътирофшудаи ҳуқуқӣ амалӣ гардад. Моҳияти ин тадбир дар мутобиқсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ба стандартҳо ва уҳдадориҳои байналмилалӣ, аз ҷумла принсипҳои шаффофият, ҷавобгарӣ, пешгирӣ ва ҷазонопазир набудани кирдорҳои коррупсионӣ ифода меёбад [6, с.125].

Дар ин замина, зарур аст, ки қонунгузории зиддикоррупсионӣ бо дарназардошти Конвенсияҳои байналмилалӣ, тавсияҳои созмонҳои соҳавӣ ва таҷрибаи беҳтарини кишварҳои пешрафта мунтазам бознигарӣ ва такмил дода шавад. Ҳамзамон, меъёрҳои миллӣ бояд ба хусусиятҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсиву иқтисодии ҷумҳурӣ мутобиқ бошанд, то ки татбиқи онҳо дар амал самаранок ва қобили иҷро гардад.

Такмили чунин низом ворид намудани мафҳумҳои дақиқи ҳуқуқӣ, мустаҳкам намудани механизмҳои пешгирӣ ва ошкорсозии коррупсия, ҳамчунин такмили низоми ҷавобгарии ҳуқуқиро дар бар мегирад. Дар маҷмӯъ, мутобиқати қонунгузории зиддикоррупсионӣ ба талаботи санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ ба таҳкими қонуният, баланд бардоштани эътимоди ҷомеа ва шарикони байналмилалӣ ва баланд шудани самаранокии сиёсати давлатии муқовимат ба коррупсия мусоидат менамояд.

- татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҷиҳати муқовимат ба коррупсия дар доираи уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҷиҳати муқовимат ба коррупсия дар доираи уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини мувофиқати сиёсати давлатӣ бо стандартҳо ва талаботи умумиэътирофшудаи ҷаҳонӣ равона шудааст. Моҳияти ин тадбир дар он ифода меёбад, ки меъёрҳо ва принсипҳои дар санадҳои байналмилалӣ пешбинишуда бояд на танҳо дар сатҳи эътироф, балки дар амал тавассути қонунгузории миллӣ ва фаъолияти мақомоти ваколатдор татбиқ гарданд.

Дар ин раванд, аҳаммияти асосӣ ба иҷрои уҳдадориҳое дода мешавад, ки аз иштирок дар конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ бармеоянд, аз ҷумла чораҳои пешгирикунандаи коррупсия, ҷиноятқунии кирдорҳои коррупсионӣ, ҳифзи шахсони хабардиҳанда, мубориза бо пулшӯӣ ва бозгардонидани дороиҳои ғайриқонунӣ. Татбиқи ин меъёрҳо тақвияти ҳамкории байналмилалӣ, табодули иттилоот, расонидани кӯмаки ҳуқуқии мутақобила ва иштироки фаъол дар арзёбиҳо ва механизмҳои мониторинги байналмилалиро низ дар бар мегирад.

Ҳамзамон, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бояд бо мутобиқсозии онҳо ба низоми ҳуқуқии миллӣ анҷом дода шавад, то ки иҷрои уҳдадориҳо воқеӣ, самаранок ва устувор бошад. Дар маҷмӯъ, иҷрои пайгиронаи уҳдадориҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба коррупсия ба баланд бардоштани эътимоди ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими имиҷи байналмилалии кишвар ва самаранок гардидани мубориза бо коррупсия дар сатҳи миллӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, таҳлил нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқовимат ба коррупсия ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба таври пайгирона рушд ёфта, дар

асоси стратегияҳои давлатӣ, такмили қонунгузорӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ заминаи муосири зиддикоррупсионӣ ташаккул ёфтааст. Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия барои давраи то соли 2030 идомаи мантиқии ислоҳоти қаблӣ буда, ба пешгирии коррупсия, ташаккули фарҳанги ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ, таъмини шаффофияти идоракунии давлатӣ ва таҳкими ҳамкории давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони байналмилалӣ равона шудааст. Иҷрои босамар ва ҳамоҳангшудаи тадбирҳои пешбинишуда имкон медиҳад сатҳи коррупсия коҳиш ёфта, қонуният, арзишҳои демократӣ, эътимоди ҷомеа ба давлат ва некуаҳволии аҳолӣ ба таври устувор таҳким ёбанд.

Адабиёт

1. Бободжонзода, И. Х. Некоторые вопросы совершенствования общей части нового проекта Уголовного кодекса Республики Таджикистан / И. Х. Бободжонзода, Н. А. Кудратов // Вестник Академии Следственного комитета Российской Федерации. – 2023. – № 4(38). – С. 50-58. – DOI 10.54217/2588-0136.2023.38.4.005.
2. Қудратов, Н. А. Нақши Паёми Пешвои миллат дар коҳиш додани сабаб ва шароитҳои ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.А. Қудратов, А.А. Қурбонова, С.И. Ҳабибов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. – No. 3(55). – P. 70-78.
3. Нидоев, Ш. Н. Мониторинг ва баҳогузорӣ ба тамоюли муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба амнияти иқтисодӣ / Ш. Н. Нидоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – No. 1(56).
4. Раҳимзода, Р.Р. Сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р.Р. Раҳимзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – No. 2. – P. 143-155.
5. Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmih.tj/Search/DocumentView?DocumentId=140069 (санаи мурочиат: 04.05.2025).
6. Уголовная политика: основные направления на современном этапе / Н. Ю. Лебедев, П. В. Яковинов, Е. Н. Петухов [и др.]. – Новосибирск: Сибирский университет потребительской кооперации, 2023. – 169 с. – ISBN 978-5-334-00282-1.
7. Шарифзода, Ш. Сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба кирдорҳои коррупсионӣ ва раванди танзими онҳо / Ш. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 7. – P. 203-210.

Literature

1. Bobojonzoda, I. Kh. Some issues of improving the general part of the new draft Criminal Code of the Republic of Tajikistan / I. Kh. Bobojonzoda, N. A. Kudratov // Bulletin of the Academy of the Investigative Committee of the Russian Federation. - 2023. - No. 4 (38). - P. 50-58. - DOI 10.54217/2588-0136.2023.38.4.005.
2. Kudratov, N. A. The role of the Message of the Leader of the Nation in reducing the causes and conditions of crime in the Republic of Tajikistan / N.A. Kudratov, A.A. Kurbonova, S.I. Habibov // Academic Journal of Law. – 2025. – No. 3(55). – P. 70-78.
3. Nidoev, Sh. N. Monitoring and assessment of the trend of combating corruption in the Republic of Tajikistan and its impact on economic security / Sh. N. Nidoev // Message of the Tajik State University of Commerce. – 2025. – No. 1(56).
4. Rahimzoda, R.R. Anti-corruption legal policy in the Republic of Tajikistan / R.R. Rahimzoda // State Studies and Human Rights. – 2025. – No. 2. – P. 143-155. – EDN XRTTEQ.
5. State Strategy for Combating Corruption in the Republic of Tajikistan for the Period Until 2030 [Electronic Resource]. – Source of Access: https://mmih.tj/Search/DocumentView?DocumentId=140069 (access date: 04.05.2025).
6. Criminal policy: main directions at the present stage / N. Yu. Lebedev, P. V. Yakovin, E. N. Petukhov [et al.]. - Novosibirsk: Siberian University of Consumer Cooperatives, 2023. - 169 p. - ISBN 978-5-334-00282-1.

7. Sharifzoda, Sh. Criminal Law Policy on Corruption Acts and the Process of Their Regulation / Sh. Sharifzoda // Bulletin of the National University of Tajikistan. Department of Socio-Economic and Public Sciences. – 2024. – No. 7. – P. 203-210.

ПЕДАГОГИКА

УДК: 37.01

ДАСТОВАРДҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ НАШРИ КИТОБҲОИ ДАРСӢ ВА РУШДИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

Шарифзода Абдуфаттоҳ Абдуваҳҳоб,
котиби матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2003-2024), доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Email: abdufattoh@yahoo.co.uk

Шарҳи мухтасар: Мақола ба пажуҳиши раванди мураттаби сиёсати давлату Ҳукумати Тоҷикистон зери роҳбарии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таҳия, нашр ва таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо китобҳои дарсӣ ва маводди зарурии таълимӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф чораҳои мушаххаси Ҳукумат ва мақомоти дахлдори кишварро дар самти беҳтарсозии сифати таълим, таълиф, тарҷума, чоп ва муомилоти китобҳои дарсӣ, аз ҷумла китобҳои дарсии насли нав, ба талаботи замон ва стандартҳои нав мутобиқ гардонидани онҳо, риояи инъикоси ғояҳои давлату муқаддасоти миллӣ дар маводди таълимӣ, бахусус тариқи татбиқи стратегия ва нақшаву барномаҳои соҳавӣ, таҳлил намудааст. Дар мақола ҳамчунин дар бораи шумораи китобҳои дарсии чопшуда ва ба нақша гирифташуда, ҷараёни такмил, арзёбӣ ва бознигарии онҳо, мисолҳои аёнӣ аз номгӯйи китобҳои бознигаришавандаи фанҳои гуногун, татбиқи навгониҳои илм ва назардошти тарҷумаву чопи китобҳо барои ақаллиятҳои миллӣ, эроду тавсияҳои соҳавӣ маълумот дода шудааст.

Калидвожаҳо: маориф, Тоҷикистон, Пешвои миллат, китобҳои дарсӣ, сифати таҳсилот, мактабҳои миёна, маводди таълимӣ, китобҳои дарсии насли нав, таҳия, нашр ва гардиши китобҳои дарсӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ, стандартҳои нав.

ДОСТИЖЕНИЯ ТАДЖИКИСТАНА В ОБЛАСТИ ИЗДАНИЯ УЧЕБНИКОВ И ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ

Шарифзода Абдуфаттох Абдуваххоб,
пресс-секретарь Президента Республики Таджикистан (2003-2024 гг.), доктор исторических наук, профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана. Email: abdufattoh@yahoo.co.uk

Аннотация: Статья посвящена изучению системного процесса политики государства и Правительства Таджикистана под руководством Президента страны Эмомали Рахмона по разработке, изданию и обеспечению общеобразовательных учреждений учебниками и необходимыми учебными материалами в период государственной независимости Республики Таджикистан. Автором проанализированы конкретные меры Правительства и соответствующих органов страны по повышению качества образования, составлению, переводу, печати и распространению учебников, в том числе учебников нового поколения, адаптации их к требованиям времени и новым стандартам, соблюдению национальных идей и ценностей в учебно-методических материалах, в частности посредством реализации стратегий, отраслевых планов и программ. В статье также приведены сведения о количестве изданных и запланированных учебников, процессе их совершенствования, оценки и доработки, конкретные примеры из списка доработанных учебников по различным предметам, внедрении научных инноваций и учитывания вопроса перевода и издания книг для национальных меньшинств, а также отраслевые замечания и рекомендации.

Ключевые слова: образование, Таджикистан, Лидер нации, учебники, качество образования, средние школы, учебные материалы, учебники нового поколения, разработка, издание и распространение учебников, нормативно-правовые акты, государственные программы, новые стандарты.

TAJIKISTAN'S ACHIEVEMENTS IN TEXTBOOKS PUBLISHING AND IMPROVING THE QUALITY OF EDUCATION

Sharifzoda Abdufattoh Abduvahkhob,
press secretary of the President of the Republic of Tajikistan (2003-2024), Doctor of Historical Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Email: abdufattoh@yahoo.co.uk

Abstract: This article examines the systemic policy of the state and government of Tajikistan under the leadership of President Emomali Rahmon on the development, publication, and provision of general education institutions with textbooks and necessary educational materials during the period of Tajikistan's independence. The author analyzes specific measures taken by the government and relevant bodies to improve the quality of education, compile, translate, print, and distribute textbooks, including new-generation textbooks, adapt them to the demands of the times and new standards, and adhere to national ideas and values in educational and methodological materials, particularly through the implementation of strategies, sectoral plans, and programs. The article also provides information on the number of published and planned textbooks, the process of their improvement, evaluation, and revision, specific examples from the list of revised textbooks on various subjects, the implementation of scientific innovations, and consideration of the issue of translation and publication of books for national minorities, as well as industry comments and recommendations.

Keywords: education, Tajikistan, Leader of the Nation, textbooks, education quality, secondary schools, teaching materials, new generation textbooks, textbook development, publication, and distribution, regulations, state programs, new standards.

Таҳия, нашр ва таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо китобҳои дарсӣ ва маводи зарурии таълимӣ дар замони Истиқлоли давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маорифи кишвар эътироф гардида, дар ин самт сол аз сол дастовардҳои назаррас ба миён меояд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо мақсади беҳтар намудани ҳолати таълимгоҳҳо, таълифи барномаву китобҳои дарсӣ, мураттабу омодасозии дастуру воситаҳои таълимӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо афзоиш додани маблағгузорӣ тадбирҳои мушаххас амалӣ гардидааст.

Аз соли 1999 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи таваҷҷуҳ ба такмили сохтори соҳаи маорифи Тоҷикистон масъалаи таъмини хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо китобҳои дарсиро, ки яке аз масоили душвор ба шумор мерафт, ҳаллу фасл намуд. Дар ин сол 9 номгӯй китобҳои дарсӣ бо теъдоди 780 000 нусха чоп шуданд.

Ҳамчунин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чопи китобҳои дарсӣ 16,5 миллион сомонӣ маблағҳои инвеститсиониро равона карда, тартиб, таҳия ва таълифи китобҳои дарсӣ зина ба зина вусъат дода шуд ва аз соли 2001 низоми иҷораи китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар роҳандозӣ гардид. Дар асоси низоми мазкур китобҳои дарсӣ, бадеӣ ва методӣ барои муассисаҳои номбурда аз ҷониби Вазорати маориф ва илм то маркази ноҳияҳо дастрас карда мешавад.

Маблағи дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз иҷораи китобҳои дарсӣ, бадеӣ ва маводи таълимӣ ҷамъгардида барои чопи такрории китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ истифода мегардад.

Ҷиҳати ба низом даровардани таълиф, тарҷума, чоп ва таъмин намудани хонандагон бо китобҳои дарсӣ аз соли 2002 дар Вазорати маориф шуъбаи таҳия, нашр ва гардиши китобҳои дарсӣ таъсис ва бо васеъ гардидани доираи фаъолияташ соли 2005 ба раёсат табдил дода шуд.

Дар ин замина, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2006, №594 Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ таъсис ёфта, тибқи замимаи 4-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2014, №145 ба номгӯйи системаи муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст. Вазифаи Марказ ба амал баровардани назорати мақсаднок дар татбиқи сиёсати ягонаи давлатии соҳаи маориф, иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф вобаста ба таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсиву маводди таълимӣ мебошад. Марказ ҳолати бо маводди таълим ва китобҳои дарсӣ, бадеӣ, илмию методӣ, барнома ва маводди ёрирасони таълимӣ таъмин будани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар ҳолати зарурӣ мувофиқи имконият муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ)-ро ҳамаҷониба таҳлил намуда, масъалаҳои дахлдорро бо назардошти хусусиятҳои пешрафти ҷомеа ва ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар дар соҳаи маориф амалӣ месозад. Яке аз салоҳиятҳои асосии Марказ ҳамкорӣ бо муаллифон, мураттибон, тақризгарон ва тарҷумонҳои адабиёти таълимӣ буда, ташкили экспертизаи адабиёти таълимӣ аз самти дигари фаъолияти он ба шумор меравад [5].

Агар ба ҷузъиёти фаъолияти Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ нигарем, дар соли 2024 дар самти арзёбии адабиёти таълимӣ ба марказ 225 дастхати адабиёти таълимӣ ва методӣ, аз ҷумла, 5 номгӯй дастури таълимиву методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, 67 номгӯй китоби дарсӣ, 22 номгӯй харита ва атласҳои таълимӣ, 2 барномаи таълимӣ, 6 номгӯй дастури таълимию методӣ, 2 номгӯй дафтари хонанда (аз фанҳои забони тоҷикӣ ва математика) барои синфи 5-ум, 2 номгӯй журнали синф барои синфҳои 1-4 ва 5-11 барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, 112 номгӯй китоби дарсӣ ва 9 номгӯй дастури таълимиву методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ворид шуд. Дар ин давра 240 дастхати адабиёти таълимӣ ба мутахассисони соҳаҳои марбута барои тақриз ва арзёбии касбӣ фиристода шуд. Нуктаи муҳиме, ки зимни суханрониҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарҷ мешавад ва марказ ба он аҳамияти хоса медиҳад, он аст, ки китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ бояд ҷавобгӯи талаботи замони нав буда, мазмуну мундариҷаи онҳо баёнгари ҳувияти миллӣ, расму анъанаҳои таърихӣ ва талқинкунандаи ғояҳои давлати соҳибистиқлоламон бошад [4].

Бо мақсади таъмини мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо китобҳои дарсӣ 3 августи соли 2007 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 391 дар бораи “Барномаи давлатии таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ барои солҳои 2007-2010” [2] қабул ва дар доираи он нашри китобҳои дарсӣ барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии таълимашон бо забони тоҷикӣ пурра ба анҷом расонида шуда, нашри такрории қисми зиёди китобҳои дарсии солҳои 2001-2005 низ роҳандозӣ гардид.

Дар суханронии худ бахшида ба Рӯзи дониш дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб аз 1 сентябри соли 2015, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур дода буданд, ки «Замони муосир ва ҳазораи нав тақозо мекунад, ки вобаста ба ворид гардидани принсипи салоҳиятнокии касбӣ дар раванди таҳсилот стандартҳои нави давлатии таълим такмил дода, вобаста ба ин, барои ҳамаи зинаҳои таълим насли нави китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ таҳия карда шаванд. Яъне корро тавре ба роҳ бояд монд, ки омӯзгор ва хонанда доир ба ин, ки чаро бояд хонад, донад ва иҷро карда тавонад, тасаввур ва маълумоти амиқ дошта бошад» [1].

Агар давоми солҳои 2000-2012 зиёда аз 160 номгӯй китобҳои дарсӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нашр ва дастрас гардонида шуда бошад, пас ин нишондиҳанда то нимсолаи якуми соли 2021, 702 номгӯй китоби дарсиро дар бар мегирад.

Миқдори китобҳои дарсӣ бошад, 46 миллиону 618 ҳазору 432 нусха буда, маблағи барои ин иқдом харҷгардида 377 миллиону 206 ҳазор сомониро ташкил додааст [2].

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо такя ба ғамхорию таваҷҷуҳи доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф ва муқаррароти барномаву стратегияҳои Ҳукумати кишвар ҷиҳати бо назардошти ғояҳои давлатдории миллӣ таҳия намудани китобҳои дарсӣ, ҳамзамон ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй гардонидани мазмуну мундариҷаи онҳо тадбирҳои муайянро рӯи кор мегирад. Таҳияи стандартҳои нави фаннӣ, барномаҳои муосири таълимӣ ва китобҳои дарсии насли нав, ки тибқи нақшаҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 роҳандозӣ шуда истодааст, далелҳои возеҳи ислоҳоти соҳа мебошанд. Муаллифону таҳиягарони китобҳои дарсӣ, гурӯҳҳои экспертии адабиёти таълимӣ, ки бо ҷалби олимону мутахассисони соҳа ва омӯзгорони соҳибтаҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ таъсис шудааст, ҳамзамон хизмати муассисаҳои зерсохтори Вазорати маориф ва илм – Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ ва Муассисаи нашриявии «Маориф» дар ин раванд назаррас арзёбӣ мегардад [8].

Дар тӯли ду даҳсола аз 163 номгӯйи асосии китобҳои дарсии мактабҳои миёна ҳар кадоме чаҳор ва панҷ маротибагӣ бознигарӣ шудаву табъу нашр гардидаанд. Айни замон аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон 54 номгӯй китоби дарсии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ такмил ва бознигарӣ шуда истодааст. Миёни онҳо китобҳои дарсии забони тоҷикӣ, математика (аз синфи 1 то 9), китобҳои дарсии фанни забони русӣ (аз синфи 2 то 11), забони англисӣ (аз синфи 5 то 11), китобҳои дарсии фанҳои биологӣ (ботаника, зоология, биология аз синфи 5 то 22), китобҳои дарсии фанни физика (аз синфи 7 то 11), китобҳои дарсии фанни химия (аз синфи 8 то 11) қарор доранд. Аммо ислоҳоти рӯзафзуни соҳаи маориф тақозо мекунад, ки дигар на ин ки нашри такрории китобҳои дарсиро ба роҳ монда шавад, балки дар натиҷаи омӯзиши ҳамаҷонибаи таҷрибаи давлатҳои пешрафта ва бо назардошти арзишҳо ва идеологияи миллӣ насли нави китобҳои дарсӣ таҳия карда шаванд. Дар шароити мураккаби ҷаҳони имрӯз руҷуи насли наврас, ҳамзамон бо таълиму омӯзиш, ба тарбияи маънавӣ, худогоҳӣ, шинохти асолати миллӣ ва гузаштаи пуршарафи таърихӣ, арзишҳои ниёгон ва умумибашарӣ фавқулода муҳим аст [8].

Чун сухан дар бораи китобҳои дарсии насли нав рафт, бояд гуфт, ки ин китобҳо хонандамеҳваранд ва дар онҳо бештар аз матнҳои дидактикӣ истифода мешавад. Ин китобҳо, ки алҳол барои хонандагони синфи 2 (китоби забони русӣ) ва синфи 5 (китоби забони тоҷикӣ ва математика) омода шудаанд, ба шогирдон имкон медиҳанд, ки донишу малакаи худро мустақилона такмил дода, бевосита худашон донишандӯзӣ намоянд. Ҳаҷми китобҳои насли нав каме бузургтар буда, дар онҳо рамзҳои зудёб ё худ QR-рамз ҷой дода шудааст, ки тавассути онҳо талабагон метавонанд ҳам навор бинанду ҳам садо шунаванд. Бино ба иттилои коршиносони ватанӣ, дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд, дар маҷмуъ, 18 номгӯй китоби дарсии насли нав таҳия ва ба миқдори 1 миллиону 556 ҳазор нусха нашр гардида, мунтазам ба муассисаҳои таълимӣ дастрас гардида истодаанд. Айни ҳол 34 номгӯй китоби дарсии насли нав дар рафти таҳия қарор дорад. Таълим аз рӯйи китобҳои мазкур аз соли таҳсили 2025-2026 оғоз хоҳад ёфт [4].

Натиҷаҳои семинари илмиву машваратӣ ва таҳлиливу методӣ дар мавзуи «Такмили мазмуну мундариҷа ва муҳтавои китобҳои дарсӣ дар ҳошияи роҳнамоиҳои Пешвои миллат», ки 20 ноябри соли 2020 бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки роҳбарон ва шахсони масъули ин вазорат ва муассисаҳои дахлдори тобеи он, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва ниҳодҳои он, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази исломшиносӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми муаллифону муҳаррирони китобҳои дарсии фанҳои гуманитарӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбии ҷумҳурӣ баргузор карда шуд, қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Пас аз баррасии

масъалаҳо вобаста ба такмил додани мазмуну мундариҷа ва муҳтавои адабиёти таълимӣ дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он иҷрои вазифаҳои зерин гузошта шуданд, ки солҳои охир корҳо дар ин самт бомаром ҷараён доштанд:

а) ҷиҳати мутобиқ сохтани мазмуну муҳтавои китобҳои дарсӣ бо ислоҳоти соҳа (бахусус муносибати босалоҳият ба таълим) ва навгониҳои илм бо мақсади рушд додани низоми таҳсилоти мамлакат ва ҳамқадами замон гардонидани он тадбирҳои судманд андешанд;

б) ҷиҳати тарҷума ва чопи теъдоди боқимондаи китобҳои дарсӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимоташон бо забонҳои ақаллиятҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (русӣ, ӯзбекӣ, қирғизӣ, туркманӣ) тадбирҳои судманд андешанд;

в) доир ба сатҳу сифати китобҳои дарсӣ, ворид кардани ғояҳои давлатдории миллӣ ва арзишҳои ҳувиятсози халқамон дар китобҳои дарсии фанҳои гуманитарӣ пешниҳодҳои мушаххас манзур намоянд;

г) вазъи амалишавии ислоҳоти соҳаи маорифро ҳамаҷониба омӯхта, ҷиҳати ҷорӣ кардани таҷрибаи наву пешқадам, баланд бардоштани сатҳу сифати китобҳои дарсӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот чорабиниҳо намоянд;

д) консепсияи таҳияи китобҳои дарсиро вобаста ба ҳар як фанни таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия ва пешниҳод намоянд;

е) вобаста ба таълифи китоби дарсӣ дастурамал таҳия намоянд;

ж) ҷиҳати таҳияи дастурамалҳои арзёбии китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ аз рӯйи фанҳои алоҳида бо муайян кардани мушаххасоти арзёбӣ (нишондиҳандаҳо ва тарзҳои баҳодиҳӣ) тадбирҳои судманд андешанд;

з) барои аз ҷониби мутахассисони муассисаҳо ҷиддан тақриз шудани адабиёти таълимӣ тадбир андешанд;

и) вобаста ба ислоҳоти соҳаи маориф (муносибати босалоҳият ба таълим ва ғайраҳо) бо муаллифони китобҳои дарсӣ семинарҳои омӯзишӣ баргузор намоянд;

к) тамоми барномаҳои таълими фанҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумиро бо назардошти эродҳои гурӯҳҳои экспертӣ, инчунин навгониҳои илм ва зиёд шудани муҳлати таҳсил бознигарӣ намоянд;

л) баробари ба чоп омода шудани барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ шакли электронии онҳоро дар сомонаҳои интернетиашон ҷой диҳанд;

м) ҷиҳати дар мадди аввал омода кардани китобҳои дарсие, ки эҳтиёҷ ба онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ зиёд аст, тадбирҳои судманд андешанд;

н) дар таҳриру тасҳеҳи адабиёти таълимӣ риояи қатъии қоидаҳои имлои забони тоҷикиро назорат намоянд;

о) китобҳои дарсиро қабл аз пешниҳод шудан ба чоп аз назари муҳаррирони сиёсӣ ва идеологӣ гузаронанд;

п) ҷиҳати пешниҳод шудан (ё тавсия додан)-и матнҳои беҳтарин барои китобҳои дарсӣ, ки хонандагонро ба дӯст доштани Ватан ва баланд бардоштани ифтихори миллӣ водор мекунанд, тадбир андешанд ва ғ. [6]

Дар марҳилаи кунунӣ бо мақсади бартараф намудани норасоии адабиёти таълимӣ дар асоси эҳтиёҷоти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ «Нақшаи чопи китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар соли 2025» таҳия шуд, ки тибқи он нашри 120 номгӯй китоби дарсӣ бо теъдоди 9 миллиону 154 ҳазор нусха ба нақша гирифта шудааст. Тавре аз изҳороти вазири маориф ва илми кишвар зимни нишасти матбуотии моҳи январи соли 2025 бармеояд, дар қаринаи тадбирҳои муфид аз ҷумла «Барномаи амалкунандаи таълими фанни адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11»-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ куллан бознигарӣ карда шуд. Дар доираи лоиҳаи STEM то охири соли 2025 бознигарӣ ва таҳияи 14 номгӯй китоби дарсӣ аз фанҳои химия, биология ва физика идома дорад. Ҳамагӣ то соли 2026 таҳияи қариб 60 номгӯй китоби дарсии насли нав дар назар дошта шудааст. Дастовардҳои соҳа бозгӯйи онанд, ки дар соли 2024 яксаду дувоздаҳ (112) номгӯй адабиёти таълимию

методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ бо теъдоди умумии 4 миллиону 674 ҳазор нусха нашр гардид, ки нисбат ба соли 2023 сесаду чил (340) ҳазор нусха зиёд мебошад. Соли 2024 ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 5 миллиону 14 ҳазору 464 нусха китоби дарсӣ, бадеӣ ва маводи таълимӣ дастрас гардид. Аз ин теъдод 4 миллиону 617 ҳазору 946 нусхааш танҳо китоби дарсӣ буда, нисбат ба соли 2023 яксаду ҳабдаҳ (117) ҳазору 965 нусха зиёд аст. Соли 2024 ҳафтод (70) номгӯй китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимашон бо забонҳои русӣ, туркманӣ, узбекӣ ва қирғизии ҷумҳурӣ таҳия шуда, омодаи чоп аст [7].

Яке аз василаҳои муассири таъмини ақаллиятҳои маскуни кишвари мо бо китобҳои дарсӣ ҳамкорӣ бо кишварҳои дигар мебошад. Ҳамин тавр, дар доираи созишномаи байниҳукуматӣ бо Федератсияи Россия барои хонандагоне, ки забони таҳсилашон русист, баъзе китобҳо дастрас шудаанд. Китобҳои дарсии «Забони русӣ» барои синфҳои 2-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин номгӯй китобҳои дарсӣ барои синфҳои 1-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимашон бо забони русии Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидаанд. Ба туфайли ҳамкорӣ бо Сафорати Туркманистон 21 номгӯй китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимашон бо забони туркманӣ таҳия ва тарҷума карда шуд. Аз ин шумора 16 номгӯй бо теъдоди 6 ҳазору 100 нусха нашр гардида, 5 номгӯйи дигар бо теъдоди 2000 нусха дар ҳоли чоп қарор дорад. Барои муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимашон бо забони ӯзбекӣ таҳия ва тарҷумаи 6 номгӯй китоби дарсӣ (ба теъдоди 136 ҳазор нусха) ва барои муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимашон бо забони қирғизӣ бошад, 9 номгӯй (ба теъдоди 1500 нусха) анҷом ёфта, айни замон омодагӣ ба чоп идома дорад [9].

Бояд тазаккур дод, ки ба қавли коршиносон, рушди илму техника барои хонандагон имконоти нав фароҳам овард, то дастрасии баробар ба маълумот дошта бошанд. Интернет ва технологияву платформаҳои таълимии электронӣ (мисли Moodle, Google Classroom, Coursera, Khan Academy, YouTube ва ғайра) ба раванди инкишофи зеҳну маърифат ва донишу ҷаҳонбинии насли наврас ва ҷавон суръат мебахшад. Ҳамчунин, бо ёрии тахтаҳои электронӣ, дастгоҳу воситаҳои гуногуни аккосиву наворбардорӣ, омӯзгорон метавонанд мавзуъҳои таълимиро возеҳ ва ҷолиб ба хонандагон шарҳ диҳанд. Дар асоси ин ҳама таҳаввулот, имрӯз дар давлатҳои мутараққӣ дар рафти машғулиятҳо ба воситаи дастгоҳҳои технологӣ: планшету ноутбук ва компютер аз китобҳои электронӣ хонандагон васеъ истифода мебаранд. Дар баробари бунёди мактабҳои нав, таҷдиди инфрасохтори таълим, гузаштан ба низоми ҷадид, ҳамчунин, муҷаҳҳазгардонӣ бо технологияҳои муосири таълим, рақамикунонии соҳаи маориф бомаром идома дорад. Шуруъ аз соли 2019 бо иқдоми Вазорати маориф ва илм ҳамаи китобҳои дарсии синфҳои аз 1 то 11 барои муассисаҳои таълимӣ дар шакли электронӣ (PDF) таҳия ва дар сомонаи вазорат барои дастрасӣ ва истифодаи омӯзгорону хонандагон ҷой дода шуданд. Айни замон дар сомонаи интернетии Вазорати маориф ва илм замимаҳои платформаҳои «Китобхонаи электронӣ», «Мактаб мобайл» ва «Китобдӯст» барои хонандагон, омӯзгорон ва волидон фаъол аст. Дар бахши «Адабиёти мактабӣ»-и замимаи «Китобхонаи электронӣ» тақрибан 135 номгӯй китоби дарсӣ ва дар бахши «Дарс ва сенарияҳои видеоӣ» 1761 намунаи дарс аз фанҳои гуногун мавҷуд аст [3].

Ҳамаи дастовардҳои зикршудаи соҳа, ки заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ ва мутобиқгардонӣ ба стандартҳои баланд, афзунгардонии теъдоди китобҳои дарсӣ, такмилу тасҳеҳи мазмуну мундариҷаи онҳо, ҷорисозии китобҳои дарсии насли нав ва китобҳои электронӣ, дастгирии нашри адабиёти таълимӣ барои ақаллиятҳо ва дигар тадбирҳои мушаххаси дарҷшударо дар бар мегиранд, аз таваҷҷуҳу ғамхории доимии давлату Ҳукумати Тоҷикистон зери роҳбарии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тӯли солҳои истиқлоли давлатӣ ба пешрафти соҳаи маориф гувоҳӣ медиҳанд.

Дар маҷмуъ, таҳия, нашр ва бознигарии мазмуну муҳтавои китобҳои дарсӣ бо сатҳу сифати баланд, аз ҷумла инъикос кардани ғояҳои давлатдории миллӣ ва арзишҳои

ҳувиятсози халқи тоҷик дар онҳо дар асоси ҳидоятҳои дурандешонаи Пешвои миллат имкон додааст, ки сифати таҳсилот ба марҳилаи нав ворид гардад.

АДАБИЁТ ВА ДИГАР САРЧАШМАҲО

1. Суханронӣ бахшида ба Рӯзи дониш ва 70-солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. 1 сентябри соли 2015 // Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди понздаҳум. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С. 446
2. Истиқлол ва нашри китобҳои дарсӣ // Омӯзгор, 8 сентябри соли 2021. - №36
3. Истифодаи самарабахши китобҳои дарсии электронӣ [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://www.maorif.tj/news/other/istifodai-samarabaxsi-kitoboi-darsii-elektron (Санаи нашр: 14.08.2025)
4. Китобҳои дарсии насли нав бо технологияҳои иттилоотии муосир пайванди қавӣ доранд [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://maorif.tj/news/other/kitoboi-darsii-nasli-nav-bo-texnologiiaoi-ittilootii-muosir-paivandi-qav-dorand (Санаи нашр: 11.04.2025)
5. Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://www.maorif.tj/subordinate-institutions/markazi-taiia-nasr-va-muomiloti-kitoboi-dars-ilmiiu-metod
6. Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ба мақолаи дар АМИТ «Ховар» нашршуда посух гуфтааст [Манбаи электронӣ] // Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон “Ховар”. URL: https://khovar.tj/2021/01/markazi-ta-iya-nashr-va-muomiloti-kitob-oi-dars-ilmiyu-metodii-vazorati-maorif-va-ilmi-to-ikiston-ba-ma-olai-dar-amit-hovar-nashrshuda-posuh-guftaast/ (Санаи нашр: 06.01.2021)
7. Нишасти матбуотӣ. Соли 2025 120 номгӯй китоби дарсӣ бо теъдоди 9 миллиону 154 ҳазор нусха нашр мешавад [Манбаи электронӣ] // АМИТ «Ховар». URL: https://khovar.tj/2025/01/nishasti-matbuot-soli-2025-120-nomg-j-kitobi-dars-bo-tedodi-9-millionu-154-azor-nusha-nashr-meshavad (Санаи нашр: 31.01.2025)
8. Таҳия ва такмили китобҳои дарсӣ дар даврони Истиқлоли давлатӣ [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://www.maorif.tj/news/other/taiia-va-takmili-kitoboi-dars-dar-davroni-istiqloli-davlat
9. Таъмини хонандагон бо китобҳои дарсӣ [Манбаи электронӣ] // Рӯзномаи “Омӯзгор”. https://omuzgor-gazeta.tj/?p=8356 (Санаи нашр: 11.07.2025)

LITERATURE AND OTHER SOURCES

1. Speech dedicated to the Day of Knowledge and the 70th anniversary of the establishment of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. September 1, 2015 // Emomali Rahmon. Independence of Tajikistan and the revival of the nation. Volume fifteen. – Dushanbe: Irfon, 2017. – P. 446
2. Independence and the publication of textbooks // Omoozgor, September 8, 2021. - No. 36
3. Effective use of electronic textbooks [Electronic resource] // Official website of the Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan. URL: https://www.maorif.tj/news/other/istifodai-samarabaxsi-kitoboi-darsii-elektron (Publication date: 14.08.2025)
4. New generation textbooks have a strong connection with modern information technologies [Electronic resource] // Official website of the Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan. URL: https://maorif.tj/news/other/kitoboi-darsii-nasli-nav-bo-texnologiiaoi-ittilootii-muosir-paivandi-qav-dorand (Publication date: 11.04.2025)

5. Center for the development, publication and circulation of textbooks, scientific and methodological books [Electronic resource] // Official website of the Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan. URL: https://www.maorif.tj/subordinate-institutions/markazi-taiia-nasr-va-muomiloti-kitoboi-dars-ilmiiu-metod

6. The Center for the Development, Publication and Circulation of Textbooks, Scientific and Methodical Books of the Ministry of Education and Science of Tajikistan responded to the article published in NIAT "Khovar" [Electronic resource] // National Information Agency of Tajikistan "Khovar". URL: https://khovar.tj/2021/01/markazi-ta-iya-nashr-va-muomiloti-kitob-oi-dars-ilmiyu-metodii-vazorati-maorif-va-ilmi-to-ikiston-ba-ma-olai-dar-amit-hovar-nashrshuda-posuh-guftaast/ (Date of publication: 06.01.2021)

7. Press conference. In 2025, 120 textbooks will be published in a circulation of 9 million 154 thousand copies [Electronic resource] // NIAT "Khovar". URL: https://khovar.tj/2025/01/nishasti-matbuot-soli-2025-120-nomg-j-kitobi-dars-bo-tedodi-9-millionu-154-azor-nusha-nashr-meshavad (Publication date: 31.01.2025)

8. Development and improvement of textbooks during the period of state independence [Electronic resource] // Official website of the Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan. URL: https://www.maorif.tj/news/other/taiia-va-takmili-kitoboi-dars-dar-davroni-istiqloli-davlat

9. Providing students with textbooks [Electronic resource] // Newspaper "Omuzgor". https://omuzgor-gazeta.tj/?p=8356 (Publication date: 11.07.2025)

УДК: 37

ТАКМИЛИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТ: НАҚШ ВА МОҲИЯТИ ТАҲСИЛОТИ МУОСИР ДАР ЗАМИНАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИНОВАТСИОНӢ

Акрамова Моҳрухсор Ҳомидҷоновна
номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Институти сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тел.: (+992) 009.09.11.26. E-mail: mohakramova@mail.ru

Аннотатсия. Мақолаи мазкур ба масъалаи такмили низоми таҳсилоти муосир дар марҳалаи ҷаҳонишавӣ дар заминаи истифодаи технологияҳои муосир ва инноватсионии педагогӣ бахшида шудааст. Дар он роҳҳо ва ҳадафҳои ноил гардидан ба талаботи низоми таҳсилоти ҷаҳони муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, шароит ва имкониятҳои фароҳам овардани дастрасӣ ба омӯзиш, рушди ҳамкориҳои таълимӣ ва табодули таҷриба бо муассисаҳои таҳсилотии кишварҳои хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Боиси таъкид аст, ки нақш ва моҳияти таҳсилоти ба технологияҳои инноватсионӣ нигаронидашуда ҳамчун омили асосии ташаккули неруи зеҳнӣ, тафаккури интиқодӣ ва эҷодии хонандагон ва донишҷӯён баррасӣ мегардад. Дар робита ба ин, таъсири технологияҳои рақамӣ, платформаҳои таълимии электронӣ, таҳсилоти фосилавӣ ва усулҳои интерактивӣ ба сифати таълим ва самаранокии раванди омӯзиш таҳлил шудааст. Дар фароварди сухан таъкид мегардад, ки дар шароити имрӯза технология ва муносибатҳои нави таълимӣ шарти асосии ҷавобгӯ будан ба талаботи омӯзиши ҷаҳони муосир маҳсуб меёбанд. Истифодаи оқилона ва мақсадноки онҳо ба баланд бардоштани сатҳи азхудкунии маводи таълимӣ, беҳтар шудани сифати таҳсил, бедор намудани шавқу ҳаваси маърифатии донишҷӯён, фаҳмо ва шавқовар гардидани ҷараёни омӯзиш мусоидат менамояд. Инчунин, чунин равиш ба рушди мустақилият, ташаккули тафаккури мантиқӣ ва амалҳои фикрӣ, такмили донишҳои соҳавӣ, эҷодкорӣ ва маҳорату малакаҳои касбӣ мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: таҳсилоти муосир, ҷаҳонишавӣ, технологияҳои педагогӣ, таҳсилоти инноватсионӣ, технологияҳои рақамӣ, таҳсилоти фосилавӣ, усулҳои интерактивӣ, сифати таҳсил, самаранокии омӯзиш, тафаккури интиқодӣ, тафаккури эҷодӣ, неруи зеҳнӣ, рақобатпазирии мутахассисон.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ: РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ СОВРЕМЕННОГО ОБРАЗОВАНИЯ В ОБЛАСТИ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

Акрамова Мохрухсор Хомиджоновна
кандидат педагогических наук, зав кафедрой гуманитарных и естественно - математических наук, Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана. Тел.: (+992) 009 09 11. 26. E-mail: mohakramova@mail.ru

Аннотация. Данная статья посвящена совершенствованию современной системы образования в условиях глобализации на основе использования современных и инновационных педагогических технологий. В работе рассматриваются пути и цели достижения соответствия образовательной системы требованиям современного мирового образовательного пространства. Особое внимание уделяется созданию условий и возможностей для расширения доступа к обучению, развитию международного сотрудничества и обмену педагогическим опытом с зарубежными образовательными учреждениями.

Отмечается, что роль и сущность образования, ориентированного на инновационные технологии, выступают в качестве одного из ключевых факторов формирования интеллектуального потенциала, критического и творческого мышления учащихся и студентов. В

связи с этим анализируется влияние цифровых технологий, электронных образовательных платформ, дистанционного обучения и интерактивных методов на качество образования и эффективность учебного процесса.

В заключение подчеркивается, что в современных условиях технологии и новые подходы к обучению являются необходимым условием соответствия требованиям глобального образования. Их рациональное и целенаправленное использование способствует повышению уровня усвоения учебного материала, улучшению качества образования, развитию познавательной мотивации обучающихся, а также формированию самостоятельности, логического мышления, профессиональных знаний, творческих способностей и практических навыков.

Ключевые слова: современное образование, глобализация, педагогические технологии, инновационное обучение, цифровые технологии, дистанционное обучение, интерактивные методы, качество образования, эффективность обучения, критическое мышление, творческое мышление, интеллектуальный потенциал, конкурентоспособность специалистов

IMPROVING THE EDUCATION SYSTEM: THE ROLE AND ESSENCE OF MODERN EDUCATION IN THE FIELD OF INNOVATIVE TECHNOLOGIES

Akramova Mohrukhsor Homidjonovna

candidate of pedagogical sciences, head of the department of humanities and natural sciences, International university of tourism and entrepreneurship of Tajikistan. Tel.: (+992) 009 09 11. 26. E-mail: mohakramova@mail.ru

Abstract. This article is devoted to the improvement of the modern education system in the context of globalization through the use of contemporary and innovative pedagogical technologies. It examines the ways and objectives of aligning educational systems with the requirements of the global educational environment. The study also explores the conditions and opportunities for expanding access to education, developing international cooperation, and exchanging educational experience with foreign institutions.

The article emphasizes that education oriented toward innovative technologies plays a crucial role in shaping students' intellectual potential, critical thinking, and creative abilities. In this regard, the impact of digital technologies, electronic learning platforms, distance education, and interactive teaching methods on the quality of education and the effectiveness of the learning process is analyzed.

In conclusion, it is stated that under modern conditions, technologies and new educational approaches are essential for meeting the demands of global education. Their rational and purposeful application enhances learning outcomes, improves the quality of education, increases students' cognitive motivation, and contributes to the development of independence, logical thinking, professional knowledge, creativity, and practical skills, thereby increasing the competitiveness of future specialists.

Keywords: modern education, globalization, pedagogical technologies, innovative learning, digital technologies, distance education, interactive methods, quality of education, learning effectiveness, critical thinking, creative thinking, intellectual potential, professional competitiveness

"Дар замоне, ки илму технология бо суръати кайҳонӣ пеш меравад, дар илми тоҷик навгонӣ ва ташаббусҳои илмӣ кам ба мушоҳида мерасанд, афроди лаёқатманд, ихтироъкор ва навҷӯ ба ҷодаи илмҳои дақиқ ҷалб карда намешаванд ва мавзӯъҳои фармоишӣ барои талаботи давлат равона намегарданд»

(Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон)

Бо дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, на танҳо мазмуни таҳсилот ба куллӣ тағйир ёфт, балки муассисаҳои таълимӣ ба худ шакл ва мазмуни нав пайдо карда, давра ба давра ба талаботи имрӯза мутобиқ гардонида шуданд. Барои ба сатҳи байналмилалӣ мувофиқ намудани таҳсилот омӯзишгоҳҳо ва техникумҳо тадриҷан ба коллеҷҳои мустақил табдил дода, бо сохтории муассисаҳои таҳсилоти олӣ наздик карда шуданд.

Айни замон дар муассисаҳои марбут ба низоми муосири таҳсилоти олӣ роҳҳои ҳалли инноватсионии технологӣ ба таври васеъ татбиқ карда мешаванд. Рушди Тоҷикистон имрӯз бояд дар чаҳорчӯби ҳамгироии давлатҳои тараққикарда бо таъкид ба арзишҳои бунёди умумихалқӣ ва маориф дар ҳама сатҳҳо, ки бояд ҳамчун як хусусияти муҳими ҷомеаи шаҳрвандии демократӣ ҳисобида шаванд, муайян карда шавад.

Татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии муосир ва таъсири онҳо ба рушди салоҳиятҳои касбии донишҷӯён ва муҳаққиқон дар муасиссаҳои олии кишвар хизмат мекунад.

Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои васеъ намудани заминаи – таълимӣ оид ба ҳар як муассисаи таълимӣ ва раванди фаъолияти таълим имкониятҳои зиёд фароҳам меоранд.

Масъалаи ба миён гузошташуда, ҷараёни нави таълимӣ-фаъолро тақозо мекунад, ки дар навбати худ бо пайдо гардидани тағйироти куллӣ дар фаъолияти омӯзгорӣ ва талаботҳои бозори меҳнати ҷаҳони муосир мусоидат мекунад.

Тақозои талаботи замони имрӯза технология ва муномсибатҳои нав ба таълимро талаб мекунад, ки истифодаи бомавриди онҳо ба он боис мегардад, ки ваҷҳои таълимгиро бедор намуда, шавқу ҳаваси донишгирии хонандагон бедор гардад ва онҳоро барои мустақилона фаъолият намудан водор сохта, муҳаббати илму донишро дар дили онҳо зиёд мегардонад.

Вобаста ба масъалаи мазкур ҳамасола аз тарафи ҳукумату роҳбарияти мамлакат тадбирҳои махсус андешида шуда, ба вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди соҳавӣ ба хотири боз ҳам баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳли ҷомеа ма махсусан наврасону ҷавонон роҳандозӣ карда мешавад, ки имконият ва шароитҳои омӯзишро васеъ намуда, шароитҳоро барои омӯзиши шавқовару фаъол ва мавқеи шахсиятсозии онҳо фароҳам меорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ чунин таъкид карда буданд: «*Ҳадафи ниҳоии мо бо истифода аз дастовардҳои илму техникаи муосир ва технологияи пешрафта, инчунин аз расму оин ва арзишҳои миллӣ- маънавӣ ва ахлоқӣ тарбия кардану ба камол расонидани наслҳои закиву донишманд ва соҳибмаърифату соҳибмаълумот мебошад, то дар оянда тақдири давлату миллати худро ба даст гирифта тавонанд*».

Инчунин перомуни ин масъалаи муҳим тадқиқотҳои солҳои охири олимони соҳаи психология собит месозанд, ки истифодаи воситаҳо ва усулҳои гуногуни педагогӣ дар раванди таълим ба инкишофи психикии хонандагон таъсири мусбӣ расонида, раванди донишгири онҳоро осон мегардонад.

Дар натиҷаи чунин муносибат таваҷҷуҳи хонандагон ба омӯзиш равона гардида, протсесҳои маърифатиии онҳо ташаккул мёбад, дониши хонандагон ба андозаи зарурӣ васеъ мегардад.

Психологи машҳури рус Л.Д.Столяренко марҳалаҳои қабул ва коркарди ахбороти муҳити иҳотакардаро дар майнаи сар ҷудо намуда, дар шакли схемаи зерин ифода кардааст: А – УЭ – ИА – МС – ЭА – И – НХ – Ш – ФФ – ФМ – Д. Шарҳи схемаи мазкур чунин аст: ангеза (А) ба узвҳои эҳсос (УЭ) таъсир расонида, импулсҳои асабиро (ИА) ба вуҷуд меоварад, ки тавассути наҳҳои асабии марказшитоб ба мағзи сар (МС) интиқол дода мешаванд, дар он ҷо ахборот коркард карда шуда, аввал эҳсосҳои алоҳида (ЭА) сипас образҳои яклухти ашё ва ё ҳодиса, яъне идрок (И) ба вуҷуд меоянд, ки бо намунаҳои дар хотир (НХ) ҳифзшуда муқоиса шуда, дар натиҷа образи ашё ва ё ҳодиса шинохта (Ш)

мешавад ва сипас тавассути фаъолияти фикрӣ (ФФ) ахбороти воридшуда бо таҷрибаи гузашта муқоиса карда шуда, фаҳмиши моҳияти он ба амал меояд. Диққат (Д) дар ин раванд нақши меҳварро иҷро намуда, ба қабул ва дарки ахборот равона мегардад [1. С 89].

Дар ин шароит ҳозира талабот ба таълим ва ташакили корҳои таълимию тарбиявӣ, ки аз таъсири муносибатҳо, истифодаи метод, роҳҳо ва тарзҳои истифодабарии технологияҳои навини омӯзишӣ, ки барои заминаҳои асосии таълими босифат ва тарбия намудани таваҷҷуҳи маърифатии хонандагон заминаи асосӣ мегузонард диққати махсус дода мешавад.

Бомаврид ва сари вахт истифода аз технологияҳои нав дар раванди таълим якрангии муҳити таълим ва якрангии раванди таълимро бартараф намуда, барои тағйири додани намудҳои гуногуни фаъолияти хонандагон шароит фароҳам меорад ва имкон медиҳад, ки принсипҳои фаъолияти якҷояи омӯзиш иҷро гарданд. Омӯзиш дар он маврид самаранок мегардад, ки технологияҳои раванди онро вобаста ба мундариҷаи фан, ҳадафҳои дарс, сатҳи омодагии хонандагон, қобилияти қонеъ кардани ниёзҳои таълимии онҳо ва категорияи синну соли хонандагон интихоб гардад.

Маҷмӯи усулҳо соҳаи донишҳои педагогӣ ва психологӣ, ки хусусияти равандҳои амиқи фаъолияти педагогӣ, хусусиятҳои таъсири мутақобилаи онҳоро инъикос намуда, идоракунӣ ва самаранокии зарурии раванди таълиму тарбияро таъмин менамояд метавон дар шакли зерин пешниҳод намуд:

- ✓ Маҷмӯи шаклҳо, усулҳо, усулҳо ва воситаҳои интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ, инчунин таҷҳизоти техникии ин раванд;
- ✓ Маҷмӯи роҳҳои ташкили ҷараёни тарбиявию маърифатӣ ё пайдарпаии амалҳои муайян, амалиётҳои вобаста ба фаъолияти мушаххаси омӯзгор ва барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда (занҷири технологӣ).

Вобвста ба мазмуни амалигардии фикрҳои дар боло зикргардида метавон ҷараёни амалишавии якчанд технологияҳои раванди фаъолияти таълимии хонандгонро пешниҳод намуд:

1. Технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ
2. Технологияи рушди тафаккури интиқодӣ
3. Технологияи лоиҳа
4. Технологияи таълими инкишофёбанда
5. Технологияи таълими проблемавӣ
6. Технологияҳои бозӣ
7. Технологияи модулӣ
8. Технологияи таълими интегратсионӣ
9. Технологияҳои гурӯҳӣ.
10. Технологияҳои анъанавӣ (системаи синф-дарсӣ)
Технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ
2. Технологияи рушди тафаккури интиқодӣ

Технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ

Истифодаи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба ноил шудан ба ҳадафи асосии модернизатсияи маориф – баланд бардоштани сифати таълим, таъмини рушди мутаносиби шахсе, ки дар фазои иттилоотӣ фаъолият мекунад, бо имкониятҳои иттилоотию коммуникатсионии технологияҳои муосир ошноӣ дорад ва фарҳанги иттилоотӣ дорад, мусоидат мекунад.

Техналогияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ метавонанд вазифаҳои зеринро дар раванди фаъолият амалӣ созанд:

✓ дар хонандагон шавқу рағбат ва хоҳиши устувори худомӯзӣ ба вуҷуд оварад;

✓ салоҳияти коммуникатсионӣ (мубодилаи ахбор, афкор) ташаккул ва инкишоф диҳад;

✓ саъю кӯшиши мустақим барои фароҳам овардани шароит ва ташаккули ҳавасмандии мусбӣ барои омӯзиш фароҳам шавад;

✓ ба хонандагон донишҳое пешниҳод намояд, ки интихоби озод ва пурмазмуни роҳи ҳаётро муайян карда тавонад.

Дар шароити талаботи замони муосир оид ба масъалаи истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ дар таълим бештар ба миён гузошта мешавад. Онҳо на танҳо воситаҳои нави техникӣ, балки шаклу усулҳои нави омӯзишӣ, муносибати нав ба ҷараёни фаъолияти таълим мебошанд. Ҷорӣ намудан ва самаранок истифода карда тавонистани онҳо дар раванди фаъолияти педагогӣ аз як ҷиҳат нуфуз ва мақоми омӯзгорро дар коллектив зиёд мекунад, зеро таълим дар сатҳи замонавӣ ва равшан сурат мегирад. Ба гайр аз ин, дар баробари инкишоф додани салоҳиятҳои касбии худ ва худтакмилдиҳии худи муаллим меафзояд.

Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ қулайтарин воситаи асосии сарчашмаҳои гуногуни маълумот гирифта тавонистан ва роҳҳи мустақилона эҷод карданро барои хонандагон мекушояд. Инчунин имкониятҳои нави шароити таълимгириро фароҳам оварда, кори онҳоро хеле осон мекунад, самаранокии таълимро афзун ва сифати таълимро беҳтар мекунанд. **[13. С. 2-4].**

Боиси тазаккур аст, ки истифодаи тамоми технологияҳои педагогӣ омили ташаккули таваҷҷӯҳи маърифатии хонандагон ба шумор рафта, инкишофи тафаккури таҳлилию танқидӣ ва васегии нутқи хонандагонро таъмин менамоянд. “Зеҳн аз тафаккур бо маънии муайян фарқ дорад. Зеҳн қобилияти фаҳмида тавонистан мебошад. Зеҳн на танҳо натиҷаи фаъолияти маърифатӣ, балки тарзҳои ин фаъолиятро фаро мегирад, яъне зеҳн ба фаъолияти маърифатӣ ба во баста аст. Дониш асоси зеҳн мебошад ва миёни онҳо равобити диалектикӣ ҳамчун самараи раванд вуҷуд дорад, яъне, аз як сӯ, дониш натиҷаи фаъолияти маърифатӣ аст, аз сӯи дигар, дониши ба фаъолияти инсон воридгашта ҳамчун унсури зеҳн зоҳир мегардад. Дар раванди аз худ намудани як навъ низоми оддии донишҳо, ки дорои мантиқи муайян мебошанд, дар инсон тафаккури мавзун ташаккул меёбад, ки ҳамчун асоси аз худкунии донишҳои нисбатан мураккаб хизмат хоҳад кард”.

Чунин хусусиятҳои хоси инкишофи психикии хонандагонро ба инобат гирифта, дар муассисаҳои таълимӣ пайваста ташкил ва гузаронидани дарсҳои интерактивӣ барои хонандагон ташкил намудан зарур аст. Ташкил намудани чунин дарсҳо тибқи талаботи замони муосир ба амалигардии ҳадафҳои барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои соҳаи маориф мусоидат мекунад. Инчунин раванди таълими фаъол имкониятҳои васеъро барои ташаккули сифатҳои қобилияти муошират дуруст кардан ва рафтори мувофиқ дар ҳолатҳои муноқишавӣ, фаъолият дар раванди таълим, ташаккули муносибати эҷодӣ барои ба даст овардани дониш ва қобилияти худтарбиякунии хонандагон низ мусоидат мекунад.

Технологияи тафаккури интиқодӣ.

Тафаккури интиқодӣ як навъи тафаккурест, ки барои интиқод кардани ҳама гуна изҳорот кӯмак мекунад, чизеро бидуни далел қабул накунад, балки дар айни замон ба ақидаҳо ва усулҳои нав кушода бошад. Тафаккури интиқодӣ шарти зарурии озодии интихоб, сифати пешгӯӣ ва масъулият барои қарорҳои худ мебошад. Аз ин рӯ, тафаккури интиқодӣ аслан як синоними тафаккури сифатӣ мебошад. Ин бештар аз як ном аст, на мафҳум, аммо маҳз зери ҳамин ном буд, ки бо як қатор лоиҳаҳои байналмилалӣ, усулҳои технологӣ, ки мо дар зер пешниҳод мегардад ба ҳаёти мо ворид шудаанд.

Асоси сохтори «технологияи тафаккури интиқодӣ» метавонад тавассути се мадели асосии марҳилаи ташкили раванди таълим бошад:

1. Марҳилаи ба ёд овардани дониш ва андешаҳои мавҷуда дар бораи он чизе, ки омӯхта мешавад, аз хотира «ба ёд оварда мешавад», аз нав барқарор карда мешавад, шавқу

завқи шахсӣ ташаккул меёбад, мақсад ва моҳияти мавзӯи баррасишаванда муайян карда мешавад;

2. Марҳилаи дарк кардан (ё дарк намудани маъно), чун қоида, хонанда бо иттилооти нав рӯ ба рӯ мешавад, баъд ба система дароварда мешавад. Хонанда имконият пайдо мекунад, ки дар бораи ҳақиқати реалии табиати омӯхташаванда фикр кунад, таҳияи саволҳоро ҳангоми муқоисаи маълумоти кӯҳна ва нав ҷудо карданро ёд мегирад. Дар ин маврид мавқеи шахсии онҳо ташаккул меёбад. Ба омӯзгор хеле муҳим аст, ки дар ин марҳила бо истифода аз як қатор усулҳо, раванди мустақилонаи фаҳмидани маводро назорат кунад.

3. Марҳилаи рефлексия бо он тавсиф дода мешавад, ки хонандагон фаҳмиши худро аз бардошти маводи омӯхташуда ба хотир оварда, донишҳои навро мустаҳкам мекунанд ва барои қабул кардани мафҳумҳои нав фаъолона фаҳмиши ибтидоии худро асоснок мекунанд.

Психологи тоҷик Атахонов Р., дар тадқиқотҳои худ ошкор кардааст, ки дар синну соли бачагӣ типи эмпирикии (таҷрибавӣ) фаъолияти фикрӣ хеле пештар аз тафаккури назариявӣ зоҳир мешавад ва фаъолияти фикрии шахс зина ба зина инкишоф ёфта метавонад. Дар сурати дуруст ба роҳ мондани ҷараёни таълиму тарбияи насли наврас фаъолияти фикрии онҳо метавонад аз зинаи пасти эмпирикӣ то ба зинаҳои баланди аналитикӣ, банақшадарорӣ ва рефлексивӣ инкишоф ёбад [2.С.130].

Дар ҷараёни кор дар доираи ин модел хонандагон роҳҳои гуногуни ҳамгироии иттилоотро дар асоси дарки таҷрибаҳо азхуд мекунанд, ташаккул додани идеяҳо ва ақидаҳои гуногуни фикрии мустақили худро меомӯзанд, хулосаҳо ва занҷирҳои мантиқии далелҳоро месозанд ва фикру ақидаи худро дилпурона, возеҳ, дуруст оид ба муносибати атрофиён баён карда метавонанд.

Барои рушди технологияи тафаккури интиқодӣ марҳилаи асосии зерин мусоитад мекунанд.

Ҳавасмандӣ (ангеза барои кор бо маълумоти нав, бедор кардани таваҷҷӯҳ ба мавзӯъ);

Иттилоотӣ (ба даст овардани маълумоти нав оид ба мавзӯъ);

Коммуникатсионӣ (мубодилаи солими афкору ахбор);

Фаҳмидани мундариҷа (мақсаду мазмунро дарк кардан);

Ба система дароварашуда (таснифи иттилооти категорияҳои дониши гирифта);

Мулоҳиза (фикру ақидаҳои худро мусақилона ва асоснок баён намуда тавонистан). **[16.С 91]**.

Технологикунонии раванди омӯзиш яке аз самтҳои илми педагогика ва психология буда, қонуният, принсип, восита ва роҳҳои самараноки ноилшавӣ ба мақсадҳои таълимӣ таввассути ба роҳ мондани муносибати технологӣ ва ташаккули таваҷҷуҳи маърифатии хонандагонро инкишоф ва таҳқиқ мекунад.

Масъалаи мазкурро ба асос гирифта, раванди фаъолияти таълимиро бо истифодаи усулҳои инноватсионии педагогӣ ташкил намудан имконияти хубест барои фаъологардонӣ, бедор кардани шақу ҳавас ва мустақилияти хонандагон. Онҳоро водор месозад, ки супоришҳои таълимӣро бо хоҳиши худ иҷро кунанд. Мустақилона иҷро кардани фаъолиятҳо сабаби он мегардад, ки хонандагон соҳиби донишҳои илмӣ гашта, ҷаҳонбинии илмӣ васеъ мегардад ва дар рафтори онҳо сифатҳои ахлоқи ҳамида, фаъолиятнокии гуногунҷабҳа, зӯдкорӣ, устувор будан дар ақидаи худ, ҳақиқатпарасту росткор будан ва дигар сифатҳои неки инсонӣ низ ташаккул меёбад.

Моҳияти фаъолияти таълимиро азхуд кардани дониш, маҳорату малакаҳо ва ташаккули қобилият ташкил медиҳад, ки барои он интихоби дурусти методҳо ва ба инобат гирифтани хусусиятҳои фардӣ психологии хонандагон нақши асосиро мебозад. Аз ин ҷиҳат нозукиҳои зиёде дорад, ки омӯзгоро зарур аст, ки ин ҷиҳатҳоро ба инобат гирад. Хонандагон дар раванди фаъолияти мусоиди таълимӣ тавассути амалҳои фикрӣ, мушоҳидакорӣ, қобилияти дарккунӣ соҳиби дониш мешаванд, ки ҳамаи ин метавонад ба ташаккули таваҷҷуҳи маърифатии онҳо мусоидат кунад.

Инчунин технологияи бозӣ низ яке аз омили асосии самаранокии таълимро таъмин мекунад. Бозӣ дар баробари кор ва таҳсил яке аз намудҳои асосии фаъолияти асосии инсон буда, як ҷузъи ачиби ҳаёти мост.

Бозӣ як намуди фаъолият буда, дар ҳолатҳои хастагии асабӣ ва ба азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ нигаронида шуда, дар он худидоракунии рафтор инкишоф ва такмил меёбад. Ба воситаи бозӣ майлу хоҳиш, талабот, саъю кӯшиш ва шавқу завқи хонандагон баланд бардошта мешавад. Инчунин ҳангоми бозӣ баъзе ҷиҳатҳои масъалаҳоро меомӯзанд, тарзи муомила ва муносибатро аз калонсолон ёд мегирад, дар бораи қонуниятҳои табиту ҷамъият маълумот мегирад.

Агар ба таснифоти намудҳои технологияи бозиҳои педагогӣ назар кунем метаонем онҳоро чунин гуруҳбандӣ кунем:

1. Аз рӯи соҳаи татбиқ: ҷисмонӣ, меҳнатӣ, ичтимоӣ, психологӣ;
2. Аз рӯи (хусусиятҳо) хусусияти раванди педагогӣ: тарбиявӣ, таълимӣ, назорат кардан, умумӣ, маърифатӣ, эҷодӣ;
3. Мувофиқи технологияи бозӣ: мавзӯ, сужети нақшдор, драмасозӣ;
4. Аз рӯи мавзӯ: риёзӣ, химиявӣ, биологӣ, физикӣ, экологӣ, мусикӣ, мехнатӣ, варзишӣ;
5. Аз рӯи муҳити бозӣ: бидуни ашё, ба воситаи ашё, мизи корӣ, ҳуҷра, кӯча, компютерӣ, телевизионӣ, даврӣ.

Боиси тазаккур аст, ки дар раванди фаъолияити таълимӣ тамоми хусусиятҳои бозиҳоро ба инобат гирифта, бомаврид ва самаранок истифода намудани онҳо, вобаста ба хусусияти ҷоришавии раванди фаъолияти таълимӣ аз манфиат холи нест.

Истифодаи технологияи бозӣ дар раванди таълим метавонад мушкилиҳои зеринро ҳал кунад:

- хастагии равонии хонандагонро бартараф карда, барои фаъолияти озод водор созад ва назорати доишро таъмин намояд;
- вокуниши реаксияҳои манфии хонандагонро ба ҷавобҳои номуваффақи якдигар аз байн барад;
- муносибат ба хонандагон дар таълим хассостар ва иттифоқу мутаҳидди зиёд мегардад.

Инчунин омӯзиш дар асоси бозӣ ба хонандагон имконит медиҳад, ки эътироф, муқоиса, тавсиф, ошкор кардани мафҳумҳо, асоснок кардан, татбиқ ва дар амал бароварда карданро меомӯзанд.

Дар натиҷаи истифодаи технологияи омӯзиш тавассути бозӣ ба ташакулёбии протсесҳои маърифатии хонанагон мусоидат намуда, имконияти онҳоро васеъ мегардонад, онҳо метавонанд дар оянда ба ҳадафҳои зерин ноил гарданд:
1. фаъолияти маърифатӣ ҳавасманд мегардад;
2. руҳияи хонандагон баланд мегардад;
3. маълумот ба таври механики ба хотир оварда мешавад;
4. хотираи ассотсиативӣ ташаккул меёбад;
5. ҳавасмандӣ ба омӯзиши мавзӯъ меафзояд.

Ҳама ин ҷиҳатҳои зикргардида дар бораи самарабахшии омӯзиш тавассути бозӣ сухан меравад, ки ин фаъолияти касбӣ буда, хусусиятҳои ҳам омӯзиш ва ҳам меҳнатро дар худ таҷассум мекунад.

Технологияҳои бозӣ дар таълим ҳамчун воситаи муассири интиқоли иттилоот бо мақсади таълиму тарбияи хонандагон ва муддати тӯлонӣ истифода мешуд ва мегардад. Технологияҳои бозӣ дар педагогика ба хонанда имкон медиҳанд, ки ба омӯзиш шавқ дошта бошанд, малакаҳои кори дастаҷамъонаро машқ кунад ва ба ин васила масъулиятнокиро инкишоф диҳанд. Яке аз вазифаҳои омӯзгор дар ин раванд ташаккул додани ҳавасмандкунӣ мебошад. [14.С.56].

Технологияҳои муосири педагогӣ ин маҷмӯи муносибатҳои психологӣ ва педагогиеро ифода мекунанд, ки ҷобаҷогузории махсуси шакл, метод ва воситаҳои таълимиро муайян мекунанд ва инчунин роҳҳои ташкилӣ ва методии ҷараёни педагогиро мефаҳмонад. Инчунин яке аз омили ташаккули таваҷҷӯҳи маърифатии хонандагон ба ҳисоб рафта, ба фаъолсозӣ ва сермаҳсулии раванди таълим бештар афзалият медиҳанд. Бозиҳо танҳо дар ҳолатҳои муайян истифода мешаванд.

Дар фароварди сухан бояд қад намуд, ки имрӯз технология ва муносибатҳои нав ба таълим шарти асосии талаботи омӯзиши ҷаҳони муосир буда, тарзи истифода ва бомавридии он ба баланд бардоштани сатҳи азхудкнӣ мусоидат намуда, сифати таҳсилотро баланд мебардорад. Шакү ҳавасҳои маърифатии донишҷӯёнро бедор намуда, ҷараёни омӯзишро фаҳмо ва шавқовар мегардонад. Инҷунин ба мустақилият, ташаккули сифатҳои тафаккур ва амалҳои фикрии тафаккур мусоидат намуда, донишҳои соҳавӣ, эҷодкорӣ ва маҳорату малакаҳои махсусро баланд мебардорад.

Дар ин росто зарурати мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ ба талаботи бозори меҳнат, рушди салоҳиятҳои касбии мутахассисон ва истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионӣ дар низоми таҳсилот ба миён омадааст. Мутаҳидӣ, мувофиқат ва мутобиқати байнисоҳавии татбиқи васеи инноватсияҳо дар соҳаи маориф омили муҳимми рушди устувори ҷомеа ва иқтисоди донишбунёд ба ҳисоб меравад.

Адабиёт

1. Абрамова, Г. С. Возрастная психология: учебное пособие/Г. С. Абрамова. - М.: Юрайт, 2010. - 811 с.
2. Атаханов Р. Математическое мышление и методики определения уровня его развития. – Москва: Рига, 2000. - 341с.
3. Гараев, И. Д. Современные технологии образования / И. Д. Гараев. - Казань : Спутник, 2009. - 157 с.
4. Давлатов, М.Т. Психологияи мактаби олӣ. Китоби дарсӣ. М.Т.Давлатов, С.Х.Расулов. -Душанбе: ЭР-Граф, 2019.- 288с.
5. Зимняя, И.А. Педагогическая психология: учеб.для вузов. И.А. Зимняя - 3-е изд., пересмотр. - М.: МПСИ; Воронеж: МОДЭК, 2010 - 448 с.
6. Маҷидова Б. Эҳиёгари ананаҳои миллии тоҷик // Пешвои миллат-меъмори ваҳдат (аз силсилакитоби Ваҳдат, Давлат, Президент) ҷилди XXI Б. Маҷидова “Дониш”,- 2016.- С. 273
7. Матушанский Г.У., Завада Г.В. Моделирование повышения квалификации преподавателя высшей школы на траекторрии ассистент -ст. Преподаватель - доцент //Alma mater.2011. С. 40-42.
8. Педагогикаи мактаб. Дастури таълимӣ барои студентони институтхои педагогӣ .Зери тахрири аъзо-корреспонтенти АФП СССР Г.И.Щукина. -М.: "Просвещение"1977с. Тарчума ба забони тоҷикӣ нашриёти "Маориф", 1988 - 390 С.
9. Психологический энциклопедический словарь: справочное издание.М. И. Еникеев. - М.: Проспект, 2012. - 560 с.
10. Поташник М.М., Хомерики О.Г. Структуры инновацинного процесса в образовательном учреждении //М.: Магистр.- 1994.- №5. - С.27-32.
11. Романова Л.М., Фролов А.Г. Компоненты профессиональной деятельности преподавателя вуза на должностных уровнях ассистента, и старшего преподавателя // Вестник Казан.гос. Энергет. Ун-та. 2009. №1. С 136-142.
12. Томашевская, О. А. Формирование познавательной мотивации студентов. О.А.Томашевская//Педагогика: традиции и инновации: материалы IV Междунар. Науч. Конф. (г. Челябинск, декабрь 2013 г.). - Челябинск: Два комсомольца, 2013.-С. 169-171. — URL https://moluch.ru/conf/ped/archive/98/4618/.
13. Химматалиев Д.О. Инновация как педагогическая категория / Д.О. Химматалиев, Р.Х. Файзуллаев, Ю.У.Сайфиева // Образование и воспитание.- 2016.- №3 (8).-С. 2-4.

14. Шарифзода, Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ/ Ф.Шарифзода, А.М.Миралиев. - Душанбе: Ирфон, 2012.- С.160.

15. Ю.В., Махотин Д.А. Компетентностная модель как основа качества подготовки специалистов //Высшее образование сегодня. 2010. № 12. С. 34-41.

16. Юсуфбекова Н.Р. Общие основы педагогической инноватики: опыт разработки теории инновационных процессов в образовании /Н.Р.Юсуфбекова. - Москва, 1991. -91с.

17. Юсупова Дилфуза Муминовна. Акилова Махбуба Рауфовна. Педагогических инноваций в процессе образования. [Электронный ресурс]/https://cyberleninka.ru/article/n/pedagogicheskih-innovatsiy-v-protsesse-obrazovaniya. (Дата обращение. 09.01.2026).

Literature

1. Abramova, G. S. Age Psychology: Textbook / G. S. Abramova. – Moscow: Yurayt, 2010. – 811 p.

2. Atakhanov, R. Mathematical Thinking and Methods for Determining Its Development Level – Moscow: Riga, 2000. – 341 p.

3. Garaev, I. D. Modern Educational Technologies / I. D. Garaev. – Kazan: Sputnik, 2009. – 157 p.

4. Davlatov, M. T. School Psychology. Textbook / M. T. Davlatov, S. Kh. Rasulov. – Dushanbe: ER-Graf, 2019. – 288 p.

5. Zimnya, I. A. Pedagogical Psychology: Textbook for Universities / I. A. Zimnya – 3rd edition, revised. – Moscow: MPSI; Voronezh: MODEK, 2010. – 448 p.

6. Majidova, B. Revival of Tajik National Traditions // Leader of the Nation – Architect of Unity (from the series Unity, State, President), Vol. XXI. B. Majidova. “Donish”, 2016. – p. 273

7. Matushansky, G. U., Zavada, G. V. Modeling the Professional Development of a University Teacher along the Trajectory: Assistant – Senior Lecturer – Associate Professor // Alma Mater, 2011. – pp. 40–42

8. School Pedagogy. Educational Guide for Students of Pedagogical Institutes. Edited by member-correspondent of the USSR Academy of Pedagogical Sciences G. I. Shchukina. – Moscow: Prosveshchenie, 1977. Translated into Tajik: “Maorif”, 1988. – 390 p.

9. Psychological Encyclopedic Dictionary: Reference Edition / M. I. Yenikeev. – Moscow: Prospekt, 2012. – 560 p.

10. Potashnik, M. M., Khomeriki, O. G. Structures of the Innovation Process in an Educational Institution // Moscow: Magistr, 1994, No. 5. – pp. 27–32

11. Romanova, L. M., Frolov, A. G. Components of Professional Activity of a University Teacher at the Job Levels of Assistant and Senior Lecturer // Bulletin of Kazan State Energy University, 2009, No. 1. – pp. 136–142

12. Tomashevskaya, O. A. Formation of Students’ Cognitive Motivation // Pedagogy: Traditions and Innovations: Materials of the IV International Scientific Conference (Chelyabinsk, December 2013). – Chelyabinsk: Dva Komsomoltsa, 2013. – pp. 169–171. — URL: https://moluch.ru/conf/ped/archive/98/4618/

13. Khimmataliyev, D. O., Faizullaev, R. Kh., Saifieva, Y. U. Innovation as a Pedagogical Category // Education and Upbringing, 2016, No. 3 (8). – pp. 2–4

14. Sharifzoda, F., Miraliev, A. M. General and Vocational Pedagogy – Dushanbe: Irfon, 2012. – 160 p.

15. Mahotin, D. A. Yu. V. Competence Model as the Basis for the Quality of Specialist Training // Higher Education Today, 2010, No. 12. – pp. 34–41

16. Yusufbekova, N. R. General Foundations of Pedagogical Innovation: Experience in Developing the Theory of Innovation Processes in Education – Moscow, 1991. – 91 p.

17. Yusupova, Dilfuza Muminovna; Akilova, Makhbuba Raufovna. Pedagogical Innovations in the Education Process [Electronic resource] /

https://cyberleninka.ru/article/n/pedagogicheskih-innovatsiy-v-protsesse-obrazovaniya. (Accessed: 09.01.2026)

УДК 37.02; 372.893

МУҚОИСАИ МЕТОДҲОИ ГУНОГУНИ ТАЪЛИМ ДАР ДАРСҲОИ ТАЪРИХ: САМАРАНОКИИ СУПОРИШҲОИ ЭҶОДӢ ДАР РУШДИ ТАФАККУРИ ТАҲЛИЛӢ

Раҳимов Шуҳрат Саймаҳмудович
н.и.п. дотсенти кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055, шаҳри Душанбе,Ҷумҳурии Тоҷикистон,хиёбони Борбад, 48\5. Телефон: (+992) 985 80 41 00. E-mail: rakhimov84_84@mail.ru

Аннотатсия. Таҳқиқоти мазкур аз таҳлили самаранокии истифодаи супоришҳои эҷодӣ дар раванди таълим аз фанни таърих ва таъсири онҳо ба рушди тафаккури таҳлилӣ дар хонандагон, муқоисаи онҳо бо дигар усулҳои таълимии ин фан иборат аст. Дар таҳқиқот равиши ҳамаҷонибаи таҳлилӣ ва инчунин баррасии адабиёт ва таҳқиқотҳои қабли дар ин соҳа истифода бурда,тавассути баррасии систематикӣ ва таҳлили маълумот аз манбаъҳои мавҷуда, арзёбии муқоисавии самаранокии усулҳои гуногуни таълими фанни таърих бо таваҷҷӯҳ ба истифодаи супоришҳои эҷодӣ ва таъсири онҳо ба рушди тафаккури таҳлилӣ дар байни хонандагон гузаронида шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки истифодаи супоришҳои эҷодӣ дар таълими дарси таърих ба рушди тафаккури таҳлилӣ дар хонандагон ва муқоиса бо усулҳои анъанавии таълим мусоидат мекунад. Муҳокима нишон дод, ки вазифаҳои эҷодӣ фаҳмиши амиқи рӯйдодҳои таърихиро ҳавасманд мекунанд ва инчунин қобилияти таҳлил ва синтези иттилоотро инкишоф медиҳанд, ки раванди таълимро ғанӣ мегардонад ва ба ташаккули тафаккури интиқодӣ дар хонандагон мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқот аҳамияти ҷорӣ кардани супоришҳои эҷодӣ дар раванди таълими дарси таърихро барои ҳавасманд кардани тафаккури таҳлилии хонандагон дастгирӣ мекунанд. Ин равиш на танҳо таҷрибаи таълимиро ғанӣ мегардонад, балки ба азхудкунии амиқтар ва пурмазмуни донишҳои таърихӣ мусоидат мекунад.

Калимаҳои калидӣ: усулҳои таълими фанни таърих, супоришҳои эҷодӣ, тафаккури таҳлилӣ, самаранокии таълим, муқоисаи усулҳо, таълими усулҳои таърихӣ.

СРАВНЕНИЕ РАЗЛИЧНЫХ МЕТОДОВ ПРЕПОДАВАНИЯ ИСТОРИИ: ЭФФЕКТИВНОСТЬ ТВОРЧЕСКИХ ЗАДАНИЙ В РАЗВИТИИ АНАЛИТИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ

Рахимов Шухрат Саймахмудович
к. п. н., доцент кафедры истории и философии. Международный университет туризма и предпринимательство Таджикистана. Адрес:734055,город Душанбе,Республика Таджикистан,улица Борбад, 48/5. Телефон: (+992) 985 80 41 00. E-mail: rakhimov84_84@mail.ru.

Аннотация. Цель данного исследования состоит в анализе эффективности применения творческих заданий в преподавании истории и их влияния на развитие аналитического мышления у учащихся, сравнивая их с другими методами обучения данному предмету. В исследовании был использован комплексный аналитический подход, а также обзор литературы и предыдущих исследований в данной области. Посредством систематического обзора и анализа данных из доступных источников была проведена сравнительная оценка эффективности различных методов преподавания истории, с упором на использование творческих заданий и их влияние на развитие аналитического мышления у студентов. Результаты исследования показали, что использование творческих заданий в преподавании истории значительно способствует развитию аналитического мышления у студентов в сравнении с традиционными методами обучения. Обсуждение выявило, что творческие задания стимулируют более глубокое понимание исторических событий, а также развивают умение ана-

лизировать и синтезировать информацию, что обогащает учебный процесс и способствует формированию критического мышления у студентов. В заключение, результаты исследования подтверждают важность внедрения творческих заданий в учебный процесс по истории для стимулирования аналитического мышления студентов. Этот подход не только обогащает образовательный опыт, но и способствует более глубокому и осмысленному усвоению исторических знаний.

Ключевые слова. Методы преподавания истории, творческие задания, аналитическое мышление, эффективность обучения, сравнения методов, историческое образование.

COMPARISON OF DIFFERENT METHODS OF TEACHING HISTORY: THE EFFECTIVENESS OF CREATIVE TASKS IN THE DEVELOPMENT OF ANALYTICAL THINKING

Rakhimov Shukhrat Saimahmudovich
c.p.s., associate Professor of the Department of History and Philosophy International University tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: 734055,Dushanbe,Republic of Tajikistan. Borbad Street,48/5.Phone:(+992)985804100.
E-mail: rakhimov84_84@mail.ru.

Abstract. The purpose of this study is to analyze the effectiveness of the use of creative tasks in teaching history and their impact on the development of analytical thinking in students, comparing them with other methods of teaching this subject. The study used a comprehensive analytical approach, as well as a review of the literature and previous research in the field. Through a systematic review and analysis of data from available sources, a comparative assessment of the effectiveness of various methods of teaching history was carried out, with an emphasis on the use of creative tasks and their impact on the development of analytical thinking among students. The results of the study showed that the use of creative tasks in teaching history significantly contributes to the development of analytical thinking among students in comparison with traditional teaching methods. The discussion revealed that creative tasks stimulate a deeper understanding of historical events, as well as develop the ability to analyze and synthesize information, which enriches the learning process and contributes to the formation of critical thinking among students. The results of the study confirm the importance of introducing creative tasks into the educational process of history to stimulate students' analytical thinking. This approach not only enriches the educational experience, but also contributes to a deeper and more meaningful assimilation of historical knowledge.

Keywords: Methods of teaching history, creative tasks, analytical thinking, learning effectiveness, comparison of methods, historical education.

Омӯзиши таърих дар ташаккули шахси бомаърифат нақши калидӣ дорад. Аммо, масъалаи он, ки ин фан бояд чӣ гуна таълим дода шавад, мавзӯи баҳс дар байни омӯзгорон ва муҳаққиқон боқӣ мемонад. Дар ин мақола самаранокии вазифаҳои эҷодӣ дар муқоиса бо дигар усулҳои таълими таърих дар заминаи рушди тафаккури таҳлилии хонандагон баррасӣ карда мешавад.

Таърих на танҳо маҷмӯи рӯйдодҳои гузашта, балки воситаи муҳим барои фаҳмидани замони муосир ва пешгӯии оянда мебошад. Ин мавзӯъ фаҳмиши моро дар бораи фарҳангҳо, ҷомеаҳо ва системаҳои сиёсӣ ғанӣ мегардонад ва ба мо имкон медиҳад, ки аз гузашта барои қабули қарорҳои бошуурона дар айни замон дарс гирем. Дар робита ба ин, усулҳои таълими фанни таърих барои ташаккули тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои таҳлилии хонандагон аҳамияти ҳалкунанда доранд.

Аммо, равишҳо дар таълими фанни таърих вобаста ба мактаб, донишгоҳ ё ҳатто омӯзгори алоҳида метавонанд ба таври назаррас фарқ кунанд. Баъзеҳо усулҳои анъанавиро ба монанди лексияҳо ва хондани матнҳо бартарӣ медиҳанд, дар ҳоле ки дигарон усулҳои

интерактивӣ, аз ҷумла супоришҳои эҷодиро фаъолона истифода мебаранд. Саволе ба миён меояд: кадоме аз ин равишҳо аз ҷиҳати рушди тафаккури таҳлилии хонандагон самараноктар аст?

Мақсади мақолаи мазкур аз гузаронидани таҳлили муқоисавии усулҳои гуногуни таълими фанни таърих бо таваҷҷӯҳи махсус ба самаранокии вазифаҳои эҷодӣ дар заминаи рушди тафаккури таҳлилӣ иборат мебошад. Бо омӯзиши таҳқиқоти мавҷуда ва таҳлили таҷрибаи амалӣ, кӯшиш ба харҷ дода шудааст,ки муайян намоем, то кадом усулҳо самараноктар ва ба талаботи муосири таълимӣ бештар ҷавобгу мебошанд.

Саволе ба миён меояд, ки омӯзгорони амалӣ чӣ гуна ба кӯдакон таълим медиҳанд? Ин саволи дидактикӣ моро ба категорияи усулҳои таълим мебарад. Усулҳои таълим ба ноил шудан ба ҳадаф, татбиқи мундариҷаи пешбинишуда, пур кардани омӯзиш бо фаъолияти маърифатӣ кӯмак мерасонанд. Метод - ин пайванди байни ҳадафи пешбинишуда ва натиҷаи ниҳоӣ мебошад. Нақши он дар системаи "мақсад-мундариҷа-усулҳо-шаклҳо-воситаҳои таълим" муайянкунанда аст. Таърифҳои зиёде мавҷуданд, ки мафҳуми "метод" - ро инъикос мекунанд. Метод (калимаи юнонӣ буда маънояш methodos- роҳи таҳқиқот ё дониш мебошад) маҷмӯи усулҳои нисбатан якхела, амалиёти азхудкунии амалӣ ё назариявии воқеият, ки ба ҳалли масъалаи мушаххас тобеъанд, мебошад" [1].

Дар зери мафҳуми методҳо бояд роҳҳои фаъолияти ба ҳам алоқаманди омӯзгор ва хонандагонро дар раванди таълим, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои ӯ нигаронида шудаанд, фаҳмида шавад [2].

Пеш аз гузаштан ба муҳокимаи самаранокии супоришҳои эҷодӣ, методҳои гуногуни таълими фанни таърих бояд баррасӣ карда шаванд. Дар байни онҳо метавон лексияҳо, хондан ва муҳокимаи матнҳо, гузаронидани таҳқиқоти таърихӣ, истифодаи манбаъҳои таърихӣ ва ғайраро ҷудо кард. Ҳар яке аз ин методҳо афзалиятҳо ва нуқсонҳо ва нақши худро дар ташаккули тафаккури таҳлилии хонандагон доранд.

Лексияҳо яке аз методҳои маъмултарини таълими фаннӣ таърих мебошанд. Онҳо ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки дар муддати кӯтоҳ ба хонандагон миқдори зиёди маълумотро интиқол диҳанд. Лексияҳо метавонанд махсусан барои ҷорӣ кардани мавзӯъҳо ва мафҳумҳои нав, инчунин муҳокимаи тамоюлҳо ва даврaҳои умумии таърих муфид бошанд. Аммо, истифодаи аз ҳад зиёди лексияҳо метавонад ба пассивии хонандагон оварда расонад ва имконияти онҳоро барои рушди тафаккури таҳлилӣ маҳдуд кунад.

Лексияҳо, бешубҳа, дар таълими фанни таърих бартариҳои худро доранд, алахусус дар интиқоли иттилооти васеъ дар муддати кӯтоҳ. Аммо, бояд дар хотир дошт, ки истифодаи аз ҳад зиёди ин усул метавонад ба баъзе камбудиҳо оварда расонад.

Аввалан, пассивии хонандагон ҳангоми истифодаи аз ҳад зиёди лексияҳо метавонад ба мушкилоти ҷиддӣ табдил ёбад. Пешниҳоди мавод танҳо аз ҷониби омӯзгор метавонад таваҷҷӯҳи хонандагонро ба таҳқиқот ва таҳлили мустақилона бозdорад. Ба ҷои он ки дар дарс фаъолона иштирок кунанд,хонандагон метавонанд танҳо гӯш кунанд ва кӯшиш кунанд, ки маълумотро ба ёд оранд, ки ин ба азхудкунии амиқи мавод мусоидат намекунад.

Дуюм, истифодаи лексияҳо бе ҷузъи фаъоли интерактивӣ метавонад гуногунии методҳои таълимӣ ва ниёзҳои хонандагонро ба назар нагирад. Баъзе хонандагон метавонанд маводро тавассути супоришҳои амалӣ, муҳокимаҳои гурӯҳӣ ё презентатсияҳои визуалӣ беҳтар аз худ кунанд. Набудани методҳои гуногуни таълим метавонад боиси аз даст додани таваҷҷӯҳи баъзе хонандагон ва кам шудани самаранокии раванди таълим гардад.

Барои беҳтар кардани вазъ, шумо метавонед методи якҷоянамоиро истифода баред, ки методҳои гуногуни омӯзишро дар якҷоягӣ бо лексияҳо дар бар мегирад. Масалан, пас аз як лексияи кӯтоҳ, муҳокимаи гурӯҳӣ, супоришҳо барои омӯзиши мустақилона ё истифодаи технологияҳои интерактивӣ барои ҷалби хонандагон ба раванди таълим имконпазир аст. Ин равиш ба ҳавасмандгардонии иштироки фаъоли хонандагон, рушди тафаккури таҳлилии онҳо ва таъмини фаҳмиши амиқи мавод мусоидат мекунад.

Хондан ва муҳокимаи матнҳо – ин усули дигари маъмули таълими фанни таърих аст. Ин усул ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки манбаъҳои таърихиро мустақилона омӯзанд ва

мундариҷаи онҳоро таҳлил кунанд. Муҳокимаҳои синфӣ ба хонандагон имкон медиҳанд, ки мубодилаи афкор ва ғояҳоро ба роҳ монанд ва малакаҳои далел ва тафаккури интиқодӣ инкишоф диҳанд. Аммо, баъзе хонандагон метавонанд дар фаҳмидани матнҳои мураккаб ё баён кардани фикрҳои худ дар дарс душворӣ кашанд.

Хондан ва муҳокимаи матнҳо дар дарси таърих методҳои пуразриши омӯзиш мебошанд, ки ба рушди мустақилият ва тафаккури интиқодӣ дар хонандагон мусоидат мекунанд. Аммо, сарфи назар аз бартариҳои зиёди ин равиш, мушкилоти муайяне ба миён меояд, ки хонандагон метавонанд бо онҳо рӯ ба рӯ шаванд.

Аввалан, фаҳмидани матнҳои мураккаби таърихӣ метавонад барои баъзе хонандагон душвор бошад. Баъзе ҳуҷҷатҳои таърихӣ метавонанд забони мураккаб, истилоҳҳои кӯҳна ё мафҳумҳои мушаххасро дар бар гиранд, ки фаҳмиши матнро душвор мегардонанд. Барои рафъи ин мушкилот, муҳим аст, ки омӯзгор ба хонандагон тавассути шарҳи истилоҳҳои асосӣ, фароҳам овардани заминаи рӯйдодҳои таърихӣ ва кӯмак ба хонандагон дар фаҳмидани мундариҷаи матн дастгирии зарурӣ диҳад.

Маҳз ҳамин бетафовутии амирони бегонаи манғит нисбати ин марз ва бераҳмии онҳо нисбат ба мардуми бумии ин сарзамин, тоҷикон буд, ки ҳангоми сар задании ҷанги байни Русия ва Бухоро (1866-1868) мутафаккир ақидаи пешгирии ҷанги нобаробарро пешниҳод менамояд. Ақидаи пешгирии ҷанги нобаробари Аҳмади Дониш як ҷузъи ақидаҳои тарбияи ватандӯстонаи ӯ мебошад. Дониш нек медонист, ки харобии ин мулк ва қашшоқии мардуми Бухоро аз дасти ин ҳуккоми ҷоҳили турк аст ва мутмаин буд, ки дар ин ҷанг Русия пирӯз хоҳад шуд. Инчунин медонист, ки дар сурати шикаст ёфтани Бухоро дар ҷанг ба ҷони ҳокимони турк хатари ҷонӣ таҳдид нахоҳад кард.

Ин андешаҳои адибро ҳодисаҳои ҷангии солҳои 1866-1868 байни Русия ва Бухоро пурра исбот намуданд, ки лашкари нимбараҳнаву машқнадида ва аз зулми фармондеҳони сипоҳу амир баҷономада ҳаргиз намехоҳад ва наметавонад бар алайҳи лашкари бо силоҳ муғаррақи Русия муқовимат намояд. Аҳмад Махдуми Дониш чун ватандӯсти дилсӯз, ки аз бартарияти асокири Русия огоҳии нек дошт, ба шуруъ кардани ҷанг муқобил буд, вале амир аз бефаросатӣ ба ӯ гӯш надод ва то ба шикасти шармандавор дучор шудан ба ӯ бовар накард.

Баъди шикасти пурра (20-уми майи соли 1868), тибқи шартномаи сулҳ амири Бухоро бояд ба Русия 500 ҳазор тилло товони ҷанг медод[6,182]. Ин хама азобу кулфат боз ҳам ба сари халқи мазлум бор мешуд.

Вале қабл аз ҷанг, ба гуфтаи писхандомези Аҳмади Дониш, амир Музаффар аз бефаросатӣ ва нодониву ноогоҳи хеш бо манманиву такаббур ба амири тӯпхона ва амири аскари хеш таъйин мекардааст, ки хазинаи Русия ба дасти навкария талаф нашавад ва бисёри мардуми Русияро нокушта, барои хидмат биёранд[4,26].

Дар ҳошияи лашкар Яҳёхоҷаи туркман, ки мансаби охундӣ дошт, халқро ба ҷиҳод даъват мекард. Баъди ҳамлаи русҳо аввал касе, ки бигрехт ва аммомаро аз сар бияндохт,

Яҳёхоҷаи охунд буд. Амир низ фурсати нуқси ҳоҷат наёфта, ҳам ба болои зини асб бавл карда, эзорро мулаввас гардонида, наздики ишо ба қишлоқе Ховос ном расида фаромад[4,27].

Агар ба гуфтаи Дониш амал мекарданд, шояд на амир эзори худро тар мекарду на аморат 50 ҳазор тилло барои товони ҷанг қарздор мегардид.

Мутафаккири ватандӯст ҷонибдори ҳифзи сипоҳи беҳимоя ва халқи мазлуми сарзамини худ буд. Аз ин рӯ, дар рисолаи таърихии хеш менависад: «ғалабаи Рус дар кутуби илҳом ба тамомати маъмура пеш аз ин ба чандин сол навишта шудааст… пас мувосою мадоро бо давлати Рус зарур бошад, ки (байт):

Ҳар ки бо пӯлодбозу панҷа кард,
Соиди симини худро ранҷа кард.[4,89].

Аҳмади Дониш, ки тараққиёту пешрафти мамолики ҳамҷаворро, махсусан Русияро ба чашми худ дида буд, мехост, ки Бухорои Шариф ва харобгаштаи ӯ низ ба мисли дували дигар аз ҷиҳати иқтисодӣ ва сиёсӣ пешрафта ва обод гардад.

Агар гӯем, ки мағзи тамоми андешаҳои ӯ, рисолаҳои ӯ ва пешниҳодҳои ӯро фикри ободии ватан ташкил медиҳад, муҳобо нахоҳем кард.

Адиб ривоҷи мулк ва равнақи онро ба адолати амир вобаста медонад. Ӯ чунин менигорад: «Пас, подшоҳ, ки мушфиқи дарвеш аст, нигаҳбони мулк ва давлати хеш аст, адлу рафъати султон муҷиби оину истиқомат аст мар-раиятро, то иморату зироат беш иттифоқ афтад. Ва чун иморату зироат ва адлу рафъати султон ва арзонӣ баландовоза шавад, бозаргону мусофирон дар ин шаҳр рағбат оранд ва ғаллаву қумош ва дигар матоъ биёваранд, пас мулк ободон шавад ва хазоин маъмур гардад. Ва бад-ин сабаб лашкариён серу фарохдаст гарданд. Ва чун аскар қавӣ бошад, ҳавзаи миллат маҳфуз монад ва шариат ривоҷ ёбад»[3,154].

Аҳмад Махдуми Дониш, ки борҳо ба таври шифоҳӣ аз амир талаби ислоҳоти аморатро барои ободонии ватани хеш мекард, баъдан рисолае низ таълиф намуд, ки ба қавли адиб ба назми узбекиву форангӣ иншо гардида буд. Ӯ дар рисолаи ислоҳотталабонаи хеш бо забони соддаву фаҳмо роҳҳои инкишофи аморати Бухороро нишон дода, тарзи ҳукуматдорӣ ва низоми хоҷагии халқро низ дарҷ намуда буд. Мутафаккир дар фасли дуюми рисолаи «Рисола дар назми тамаддун ва таовун»-и хеш қайд мекунад, ки дар шаҳре, ки панҷ чиз мавҷуд набувад, марди оқил дар онҷо зиндагӣ ихтиёр накунад. Ин панҷ чиз, ё ин ки панҷ шарти асосии пешрафти аморат, ки дар рисола пешниҳод гардида буд, инҳоянд:

«Аввал, подшоҳи одили қоҳири зӯр, ки агар подшоҳ золиму заифҳол бувад, хамсоягон дар мулки вай тамаъ кунанд ва он шаҳрро поймол гардонанд;

Дувум-уммолу мутасаррифони мутадайин, ки агар уммолу ҳокимон ҷобир бошанд, агарчӣ подшоҳ золим набувад, ин шаҳр хароб шавад ва раоё нуфур кунанд ва деҳаҳо вайрон шавад….

Сеюм, табиби ҳозиқ, ки агар дар шаҳре табиби донишманд набувад, мардуми бисёр ба аворизи дохилӣ ва хориҷӣ мариз шаванд ва ба ҳалокат расанд… ва мардум камтар омадшуд кунанд аз бими беморию марг;

Чаҳорум, мардумони ҷаводу карим, ки ҷиҳати ғурабо манзилу маош мураттаб медоранд, то мусофиронро осоишу ҷамъият бошад…

Панҷум, обҳои ҷорӣ, чун дарё ва наҳрҳо ва чашмасорҳо зироатро, ки агар шаҳре чунин набошад…. анқариб хароб гардад»[3, 132].

Ба андешаи Дониш танҳо дар ҳолати мавҷуд будани ин панҷ асос ё шароит инсон метавонад инсонвор дар ватани хеш истиқомат кунад. Тамоми салтанат бар чаҳор чиз қоим аст, яъне бар сипоҳ ва раоё ва зару об ва аз инҳо агар дар яке нуқсон афтад, сеи дигар пойдор намонад ва ҳатто пояи салтанат мутазалзил гардад.

Шарти панҷум, яъне обёрӣ намудани заминҳои Бухоро яке аз рӯзмарратарин масоиле дар ҳалли ободонии ин мамлакат буд.

Аҳмади Дониш аз набудани об танқисӣ кашидани мардуми Бухорои шарифи хешро дида, чандин маротиба амирро даъват карда буд, ки барои аз Амударё баровардани об ризоият ва фармон диҳад. Ҳатто нақшаҳо кашида, маслиҳат ва роҳ низ нишон дода буд.

Зеро халқи тоҷик дар қатори дигар ориётаборон обро дар радифи се унсури дигар- боду хоку оташ муқаддас медонист ва ба яке аз он халқиятҳое мансуб мебошад, ки дар сарзамини Осиёи Марказӣ аввалин шуда, ба киштукор машғул шуда буданд.

Гузаштагони мо чи дар замони Ҳахоманишиҳо ва чӣ Сосониёну Сомониён ва ғайра низ барои обод кардану обёрӣ кардани сарзамини хеш аз дарёҳо, наҳру ҷӯйҳо ва корезҳо меканданду об мебароваранд[5, 98-99]. Далелҳои раднопазири ин ақидаҳоро дар маъхазҳои хаттии гузаштагон ва китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров метавон дарёфт. Бухоро ҳам асрҳо ба қадри имкон аз об таъмин карда мешуд.

Таназзул дар ободии Бухоро ва харобӣ дар мазраъҳои он, ба қавли Дониш, он вақт ба вуҷуд омад, ки оби Бухоро ба дасти русҳо даромад ва бисёри фуқаро аз туманҳо кӯчида ба хоки Рус (сарзаминҳои ба итоати Русия даромада) рафтанд. Таъминоти оби Бухоро, асосан аз Самарқанд буд, чун он шаҳр ба дасти русҳо гузашт, дигар барои оби ба Бухоро омада касе аҳамият намедод, ҳатто қасдан онро кам мекарданд. Яке аз шоҳидони ин вазъияти ногувор Александр Борнс дар китоби худ «Путешествие в Бухару» чунин навишта буд: «Гуфтан мумкин нест, ки Бухоро аз оби нағз фаровон таъмин аст, зеро дарёе, ки аз шаҳр даҳ мил дуртар гузашта меравад ва ҷуе, ки аз он меояд, фақат дар ҳар ду ҳафта як бор кушода мешавад, бинобар ин, тобистон аҳли шаҳр дар муддати як моҳи дароз баъзан оби тоза ёфта наметавонанд»[6,118].

Аз сабаби норасоии об ва истеъмоли оби бадбӯю ифлоси баъзе ҷӯю ҳавзҳо дар Бухоро ва туманоти он касалиҳои зиёди сирояткунанда паҳн мешуданд. Баъзе аз қарияҳо қариб беодам монда буд. Сурати ин фоҷиаро дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ метавон дарёфт, зеро ӯ дар ин вабои даҳшатнок чанде аз пайвандон ва волидайни хешро аз даст дода, сағир монда буд. Барои муайян кардани сабабҳои сар задани вабои марговари соли 1893, касалии ришта ва санҷидани ҳолати санитарии шаҳри Бухоро ва пешгирии он ба гуфтаи устод Айнӣ аз Петербург ҳатто комиссияи тиббие омада буд[2, 543].

Аҳмад Махдуми Дониш ҳамчун мутафаккири меҳанпарасту инсонпарвар сабабҳои асосии сар задании ин ваборо аз аввал медонист. Аз ин рӯ, бо ҷидду ҷаҳд аз тамоми он имкониятҳое, ки дошт, истифода мекард, то ки барои ободонии Бухоро ва сиҳатии мардум оби зарурӣ ва тозаро ҷорӣ созад. Вале дар тамоми мавридҳо ба ин ташаббус амирони бефарҳангу нисбати халқу ватан бепарвои ба айшу тараб додашуда монеъ мешуданд.

Баҳори камбороне, ки танқисии обро адиб пешбинӣ мекард, бо арзае аз амир хоҳиш намуд, ки бо умеди оби Самарқанд нашуда, аз ҳисоби ба заминҳои ҳафт тумони Бухоро ба ҳар замине 2 танга ҷуъл гузоштан, танҳо бо ду лак тангаи он метавон аз Ому обро ба Бухоро овард. Лек амир дар ҷавоб навишт, ки аз Омӯ об овардан хатарнок аст, агар обхезӣ шавад, шаҳр вайрон мешавад ва Русия ҳам агар розӣ нашавад, чи мегӯем?

Чун иҷрои ин амрро ба ҳукумати Русия ҳавола намуданд, Дониш аз нав мактубе, ки дар он чор хоҳиш дарҷ гардида буд, навишт ва гуфт, ки амир зимни вохӯрӣ бо вузарову умарои рус мактубро ба онҳо диҳад, ё ин ки бо почта фиристад.

Дар ин мактуб низ, ки аз беҳавсалагии амир ба ҷои зарурӣ супорида нашуд, адиб чор хоҳишеро аз ҳукумати Русия барои ободонии Бухоро карда буд, ки яке аз он илтимосҳо танзими оби Бухоро аз Самарқанд буд. Мутафаккир аз ҳукумати Русия чунин хоҳиш карда буд: якум, барои ба Бухоро расонидани об аз Аму ё Сир мутахассиси варзидаеро бифиристад; хоҳиши дуюм, фабрики набот ё қанд сохта шавад; сеюм, дар Бухоро фабрикаи мовут сохта шавад; чорум, уламои маъданшиносро бифиристанд, то дар кашф ва кушодани конҳо кумак расонанд.

Чуноне ки аз ин хоҳишҳо бармеояд, ҳамаи онҳо он масъалаҳое буданд, ки ҳалли онҳо ба дарди онрӯзаи Бухоро мехӯрд.

Дониш медонист, ки бо овардани оби зарурӣ Бухоро сабзу хуррам шуда, заминҳо серҳосил мешаванд; бо сохтани фабрикҳо мардум бо кор таъмин мешаванд; бо кушодани

конҳо маъданҳо мавриди истифода қарор мегиранд ва барои давлат даромад мешавад. Ин ҳама, ба андешаи адиб, барои пешрафти зиндагии мардуми Бухоро мусоидат хоҳад кард.

Адиб элчиро низ маҷбур месохт, ки аз губернатор Кауфман барои Бухоро оби Самарқандро биталабад, зеро дар Самарқанд оби чашмаву корез фаровон аст ва дар Бухоро як машки об ба ним дирам ҳам пайдо намешавад[4, 83].

Лекин аз ин радду бадали суханҳо бо умарову вузаро ва элчиҳои бухорой натиҷае дар ин самт ҳосил нагардид.

Аз ин рӯ, Дониши ватанпараст, чун дид, ки аз эшон ҳеҷ суде нест, худ ба иҷрои ин кор бевосита камар баст ва то андозае ҳам муваффақ гардид, ки сурати ин воқеаро дар «Рисолаи таърихӣ»-и хеш чунин менигорад:

«Дар Фитирбурх ҳар ҷо ки бо губирнот дучор мешудем, элчиро намонда суханро ба оби Бухоро меовардем. Мегуфт: Филвоқеъ оби дарё ба Самарқанд ба сарф хоҳад рафт, азбаски иморату зироати бисёр фармудаам ва ман оби Бухоро андешидаам. Дар вақташ аз Сир ба Бухоро об хоҳам бурд…

Ман пурсидам, ки об аз Омуя чаро наорӣ? Гуфт: Аксарии мазореи Бухоро аз Омуя иртифоъ дорад, магар тавобиоти Қаршӣ ва Қарокӯл. Гуфтам: Мадхали об аз куҷои Сайҳун мулоҳиза кардӣ? Гуфт: Аз Динос ва шимолии ҷиболи Аштихон ба ҳамаи туманоти Бухоро об тавон расонид. Чун иброми мо дар об муқаррар шуд, безор шуда, вақти видоъ аз Фитирбурх маро миннатдор карда гуфт: дилхӯш бошед, ки баъд аз мушоварат дар машваратхонаи давлатӣ, маъзун шудам, ки оби Бухоро ва Самарқандро мунқасим гардонам. Ба Абрамув, ҳокими Самарқанд фармудам, ки чун ба шумо мулоқот кунад, оби Самарқандро чунончи шумо гӯеду хоҳед, тақсим кунад»[4, 83]. Дар ҳақиқат, ҳамон сол бо заҳматҳои Дониш Бухоро аз оби фаровон таъмин гардида буд.

Чунин муҳокимарониҳоро дар он давраи пуристибдоду пурҷаҳолат танҳо мутафаккири ҷасур, ватандӯсти ҳақиқӣ, билохира қаҳрамони миллие чун Аҳмади Дониш метавонист, наҳаросида ба миён гузорад.

Адабиёт:

1. Айнӣ С. Куллиёт, ҷилди 6.[Матн] -Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1962.- 415 с.
2. Айнӣ С. Куллиёт, ҷилди 7.[Матн] -Душанбе: Ирфон, 1962.- 646 с.
3. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2[Матн].- Душанбе: Дониш, 1989. - 339 с.
4. Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития [Матн] - Душанбе: Сарват, 1992.- 98 с.
5. Ғафуров Бобоҷон. Тоҷикон. Китоби якум.[Матн]- Душанбе: Ирфон,1983. - 694 с.
6. Раҷабов З. Ш. Маорифпарвар Аҳмади Дониш.[Матн]- Душанбе: Ирфон, 1964.-306 с.
7. Саъдии Шерозӣ. Гулистон.[Матн]- Душанбе: Дониш, 1988. - 214 с.
8. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон[Матн]/Ҷомӣ А.- Душанбе: Адиб, 1987.-158 с.
9. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн]. – Душанбе, 2006. -24 с.
10. Субҳон Амир. Фирдавсӣ ва Дониш [Матн]/ А.Субҳон//Адиб.№ 5-6. – Душанбе, 1994, с. 38-50.
11. Маъсумӣ Н. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба забон ва услуби Аҳмади Дониш[Матн] Н. Маъсумӣ// Шарқи Сурх, 1960, №12, с.67-76.
12. Ҳайдаров А.А. Масъалаи шахсият ва ташаккули инсон дар таълимоти педагогии Аҳмад Махдуми Дониш(монография) [Матн].-Душанбе, 2025.-144 с.

Literature:

1. Aini S. Collection, volume 6.[Text] -Dushanbe: Nashrdavtoj, 1962.- 415 p.
2. Aini S. Collection, volume 7.[Text] -Dushanbe: Irfon, 1962.- 646 p.
3. Ahmadi Donish. Navodir-ul-vaqo'e. Book 2[Text].- Dushanbe: Donish, 1989.- 339 p.

4. Ahmadi Donish. Treatise or a summary of the history of the Manghit dynasty [Text] - Dushanbe: Sarvat, 1992.- 98 p.

5. Gafurov Bobojon. Tajiks. Book one.[Text]- Dushanbe: Irfon, 1983.- 694 p.

6. Rajabov Z. Sh. Educator Ahmadi Donish.[Text]- Dushanbe: Irfon, 1964.-306 p.

7. Saadi Shirazi. Guliston.[Text]- Dushanbe: Donish, 1988. - 214 p.

8. Abdurahmoni Jomi. Bahoriston[Text]/Jomi A.- Dushanbe: Adib, 1987.-158 p.

9. National Concept of Education in the Republic of Tajikistan[Text]. – Dushanbe, 2006. -24 p.

10. Subhon Amir. Firdavsi and Donish [Text]/ A.Subhon//Adib.№ 5-6. – Dushanbe, 1994, p. 38-50.

11. Masumi N. Some Reflections on the Language and Style of Ahmadi Donish[Text] N. Masumi// Sharqi Surkh, 1960, No. 12, pp. 67-76.

12. Khaidarov A.A. The problem of personality and human development in the pedagogical teachings of Ahmad Makhdumi Donish (monograph) [Text].-Dushanbe, 2025.-144 p.

УДК 81-139

ВИЖАГИҲОИ ФАРОҲАМОРИИ АНГЕЗАИ ДОНИШҶӮЁНИ ИХТИСОСҲОИ САЙЁҲӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Эмомов Исматулло Боронович
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ ва робитаҳои байнифарҳангии факултети гуманитарию педагогии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, E-mail: iemomov@mail.ru

Очилова Мехринисо Илҳомовна
доктори илмҳои филологӣ, и.в. профессори кафедраи забонҳои хориҷӣ ва робитаҳои байнифарҳангии факултети гуманитарию педагогии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: ilhomzodaniso@gmail.com

Аннотатсия. Дар мақола масъалаи вижагиҳои фароҳамории ангезаи донишҷӯёни ихтисосҳои сайёҳӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ баррасӣ мешавад. Дар мақола роҳҳои интихоб ва ташкили маводи луғавӣ бо назардошти хусусиятҳои муайяншуда ва ҳадафҳои таълим пешниҳод карда мешаванд. Интихоби луғат дар асоси принсипҳои илмии педагогию методика ва қонунгузории давлатӣ дар соҳаи маориф ба роҳ монда мешавад. Дар мақола мисолҳои гуногуни истилоҳоти интихобшудаи забони англисӣ бо тарҷума ба забони тоҷикӣ ва баъзе аз онҳо ба забони русӣ аз мавзуъҳое, ки донишҷӯён дар доираи фанҳои касбӣ омӯхтаанд, оварда шудааст. Инчунин, истилоҳоте, ки ба мавзуъҳои ихтисосҳои соҳаи сайёҳӣ алоқаманданд, алоҳида қайд карда мешаванд. Ин луғат барои омода намудани мутахассисоне зарур аст, ки метавонанд дар мавзуъҳои муайян муошират ва фаъолият кунанд ва фаъолияти байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин самт амалӣ намоянд.

Калидвожаҳо: ангеза, фароҳамории ангеза, инкишофи ангеза, забони хориҷӣ, забони англисӣ, таълими забони хориҷӣ, истилоҳот, сайёҳ, шиноснома, парвоз, пешхизмат, фурудгоҳ, таҳсилоти олӣ, сохтори ҷумла, хусусиятҳои лексикӣ, хусусиятҳои грамматикӣ, бағоч, бағочи дастӣ, мавзеи сайёҳӣ, тютор, дискҳои аудиоӣ, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ.

ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ МОТИВАЦИИ СТУДЕНТОВ ТУРИСТИЧЕКИХ СПЕЦИАЛЬНОСТЕЙ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

Эмомов Исматулло Боронович
кандидат педагогических наук, доцент, заведующий кафедрой иностранных языков и межкультурных отношений гуманитарно-педагогического факультета Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: iemomov@mail.ru

Очилова Мехринисо Илхомовна
доктор филологических наук, и.о. профессор кафедры иностранных языков и межкультурных отношений гуманитарно-педагогического факультета Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: ilhomzodaniso@gmail.com

Аннотация. В статье рассмотрен вопрос определения особенности формирования мотивации студентов туристичеких специальностей в процессе изучения английского языка. В работе проанализированы условия обучения и предложены методы выбора и

организации лексического материала с учётом выявленных особенностей и целей образовательного процесса. Отбор лексики выполнен с опорой на научные принципы педагогики и методики и государственную программу в области образования. В статье приведены разнообразные примеры отобранной терминологической лексики на английском языке с переводом на таджикский и, для некоторых слов, также и на русский языки из тематических разделов, изучаемых студентами в рамках профессиональных дисциплин. Отдельно отмечены термины, относящиеся к темам туристического направления в формировании мотивации студентов к изучению английского языка. Эта лексика необходима для подготовки специалистов, которые способны к профессиональному общению на английском языке по указанным темам и смогут поддержать международную деятельность и инициативы вузов Республики Таджикистан в данной области.

Ключевые слова: мотивация, формирование мотиваций, развитие мотиваций, иностранный язык, английский язык, преподавание иностранного языка, терминология, лексика, высшее образование, турист, паспорт, полёт, официант, аэропорт, структура преложений, лексические особенности, грамматические особенности, багаж, ручной багаж, туристическое место, тютор, аудио диски, современные информационные и коммуникативные технологии.

THE FEATURES OF THE FORMATION OF STUDENTS MOTIVATION OF TOURISTIC SPECIALTIES IN THE PROCESS OF LEARNING ENGLISH

Ismatullo Boronovich Emomov
candidate of sciences in education, associate professor, the head of the chair of Foreign languages and intercultural relationships of the Faculty of Humanitarian and Pedagogy of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: iemomov@mail.ru
Mehriniso Ilhomovna Ochilova
doctor of Sciences in Philology, professor of the chair of Foreign languages and intercultural relationships of the Faculty of Humanitarian and Pedagogy of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: ilhomzodaniso@gmail.com

Abstract. This paper addresses the features of the formation of students motivation of touristic specialties in the process of learning English language. Conditions of education are analyzed and ways of selecting and organizing lexical material are proposed, taking into account the identified features and objectives of the education. Vocabulary is selected based on the scientific principles of pedagogy and methodology and the state program in the field of education. This paper presents various examples of the selected vocabulary in English with translation into Tajik and for some words also into Russian languages from thematic sections, which are studied by students as professional disciplines. The terminology related to the touristic specialties in formation of students motivation for the learning languages, is considered. This vocabulary is necessary for training specialists who are capable of professional communication in English on the given topics and are able to support international activities and initiatives of the universities of the Republic of Tajikistan in this area.

***Key words*:** motivation, forming of motivation, development of motivation, foreign language, English, teaching a foreign language, language for specific purposes, terminology, vocabulary, higher education, tourist, passport, flight, waitress, airport, the structure of the sentence, lexical characteristics, grammatical characteristics, luggage, hand and carry-on luggage, touristic places, tutor, audio discs, modern informational and communicative technologies.

Забони англисӣ дар байни забонҳои дунё дар муошрати байналмилалӣ мавқеи калидиро ишғол менамояд. Он дар зиёда аз 50 давлати ҷаҳон ба ҳайси забони расмӣ эътироф гардидааст ва қариб ним млрд. одамон онро ҳамчун забони модарӣ истифода бурда, боз наздики як млрд. нафар онро ба ҳайси забони дуюм меомӯзанд. Дар маҷмӯъ,

имрӯз забони англисӣ аз ҷониби беш аз панҷ як ҳиссаи аҳолии сайёра мавриди истифодаи васеъ қарор дорад. Забони англисӣ ба ҳайси яке аз забонҳои асосии кории аксари кулли ташкилоту созмонҳои бонуфӯзтарини ҷаҳон, конфронсу форумҳо ва ҳамоишу машваратҳои байналмилалӣ, сомонаву барномаҳои компутерӣ ва мукотибаи байналмилалӣ ба шумор меравад. Ҳатто аксари маводи тарғиботии бисёр ширкатҳо, ки ба соҳаи туризм робита доранд, низ бо ҳамин забон чоп мешаванд [1, с. 13].

Ногуфта намонад, ки дар замони ҳозира туризм муҳимтарин асоси иқтисодиёти бисёр кишварҳои мутараққӣ ва тараққикунандаи ҷаҳон маҳсуб меёбад. Аз рӯи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, саноати туристӣ аз рӯи даромаднокӣ ҷои сеюмро ишғол намуда, танҳо баъд аз саноати истеҳсоли нафт ва мошинсозӣ мавқеъ дорад [2, с.189].

Ҳар як ҷои кори ҳафтум ба саноати туристӣ рост меояд. Мувофиқи пешгӯии СУТ (Созмони Умумиҷаҳонии Туризм), то соли 2020 теъдоди сайёҳони байналмилалӣ ба 1,6 млрд, расида, аз нишондиҳандаҳои соли 2000-ум се маротиба меафзояд. Сарфи ҳаррӯзаи сайёҳон ҳангоми сафар, бар истиснои маблағи парвозҳои ҳавоӣ, дар як рӯз то 5 млрд. доллар мерасад. Саноати туристӣ бо забонҳои хориҷӣ пайвасти ногусастанӣ дорад. Табиист, ки бе донистани забонҳои хориҷӣ сайри олам намудан ғайриимкон аст [3, с. 157].

Барои дуруст фаҳмидан, тарҷума кардан ва истифода бурдани забони англисии соҳаи сайёҳӣ моҳият ва хусусияҳои онро муайян кардан хеле муҳим аст. Бешубҳа, забони англисии соҳаи сайёҳӣ вижагиҳои ба худ хос дошта, аз забони англисии соҳаи технология, ҳуқуқ, бизнес ва ғайра фарқ дорад, ки ба баъзе аз онҳо таваққуф хоҳем кард;

1. Хусусияти лингвистикӣ(лексикӣ-грамматикӣ);

1.1. Хусусиятҳои лексикӣ: Лексикология як шохаи забоншиносӣ буда, ба омӯзиши захираи луғавии ин ё он забон сару кор дорад. Аз ин ҷо, забони англисии соҳаи туризм, бар иловаи истифодаи умумии вожаҳои забони англисӣ, дорои хусусиятҳои хоси худ низ мебошад. Масалан, пеш аз оғози парвоз барои мусофирон чунин эълон садо медиҳад:" Please *stow* all *hand or carry-on luggage* under the seat in front of you or in the *overhead compartments*." Дар ин ҷумла якчанд истилоҳи соҳаи туризм мавҷуд аст, ки шояд барои нафари бори аввал тавассути тайёра парвозкунанда нофаҳмо бошанд. Ашёҳое, ки мусофирон бо худ дар тайёра мегиранд, *"hand or carry-on luggage"* номида мешаванд. "To stow them" маънои "to put them away"-ро дорад. Ҳамин тавр, тамоми ҷумларо ба таври зайл дигар хел гуфтан мумкин аст: *"Carry-on luggage can fit either under the seat or in a special compartment (enclosed space) above the seat over the heads of the passengers".* Дигар истилоҳот, ба монанди "*package tour" (the travel agency combining tours and packaging them along with the necessary transportation and accommodations), "bed-board house" (the hotel providing a continental breakfast of coffee as well as sleeping accommodation to the guests), or "off season" (a time of the year when most of tourists do not take vacations or holidays)* ҳангоми парвоз тез-тез вомехӯранд. Хусусияти дигари лексикии забони англисии соҳаи туризм бо номҳо, яъне исмҳои хос алоқаманд мебошад. Исмҳои хосро дар туризм бисёр вохӯрдан мумкин аст, ки онҳо як қисми калони вожаҳои соҳаи мазкурро ташкил менамоянд. Ин вожаҳо аз номҳои мавзеъҳои сайёҳӣ, ба монанди номи кишвар, шаҳр, меҳмонхона, тарабхона, ҳатто истгоҳи роҳи оҳан иборат мебошанд, ки ба соҳаи туризм дахл доранд. Чунин номҳо одатан тағйирнопазир буда, одамон онҳоро бо талаффуз ва навишти аслиашон қабул мекунанд, ҳатто баъзан агарчӣ онҳо аз забонҳои дигар ҳам тарҷума шуда бошанд.

1.2. Вожаҳои иқтибосӣ. Бо мурури гузаштани вақт забони англисии соҳаи туризм тавассути вожаҳои иқтибосии дигар забонҳо ғанӣ мегардад. Азбаски туризм маънои саёҳат ба ҷойҳои гуногун, гузаштан аз фарҳангҳои гуногун ва муошират кардан бо одамонеро дорад, ки бо забонҳои дигар гап мезананд, эҳтимолияти иқтибос шудани вожаҳои нав ба ин соҳа хеле зиёд аст. Масалан, дар ҷумлаи "Mapodoufu" is a special food in Sichuan province and it was created by an old woman, вожаи "Mapodoufu" аз забони чинӣ иқтибос шудааст, ки он ба ихтироъкунандаи хӯрок алоқаманд мебошад. Ба ҳамин монанд, дар ҷумлаи, "The large airplane is ***en route*** to a country which most of its passengers have never visited before," ибораи "en route" аз забони франсавӣ ба забони англисӣ ба маънои "on the way" иқтибос

шудааст. Бо сабаби ривоҷ ёфтани туризми байналмилалӣ муошират байни забони англисӣ бо дигар забонҳо бештар мешавад ва бисёр вожа ё ибораҳо аз дигар забонҳо, ки аз забони англисӣ хеле дуранд, ба захираи луғавии ин забон ворид мешаванд ва ибораҳои истеъмолии забони англисӣ мегарданд. Ба ин чунин вожаҳо, ба монанди "yangtze", "cheongsam" аз забони чинӣ ва "kimono" аз забони ҷопонӣ мисол шуда метавонанд [6, с.47].

1.3. Хусусиятҳои грамматикӣ. Забони англисии соҳаи туризм чунин хусуиятҳои фарқкунандаи грамматикиро доро мебошад:

1.3.1. Сохтори ҷумла: Ҳангоми сафар ба сайёҳон зарурати муошират кардан бо онҳое, ки барояшон маълумоти даркорӣ ва хадамотро таъмин менамояд, ба монанди пешхизматҳо ва ё роҳбаладу тарҷумонҳо пеш меояд. Ба мақсади саҳеҳ ва самаранок гардонидани чунин муошират асосан ба ҷои ҷумлаҳои мураккаб ҷумлаҳои содда корбаст мешаванд. Инро дар мисоли суҳбати зерин байни сайёҳ ва пешхизмати тарабхона бараъло эҳсос кардан мумкин аст:

- *Waitress: Anything to drink, sir?*
- *Tourist: Yes. I'd like some coffee, please.*
- *Waitress: Do you want cream and sugar?*
- *Tourist: No. I'd like black coffee.*
- *Waitress: Can I get you anything else?*
- *Tourist: What do you have for dissert?*
- *Waitress: We have fruit pies, chocolate cake, custard pudding and chocolate, vanilla, or strawberry ice cream.*

-Tourist: I'd like a dish of strawberry ice cream please [мисолҳо аз WANG Fengxiang. College of Foreign Studies, Henan Polytechnic University, R.P. China, 454000 гирифта шудаанд*]*.

Аз ин ҷо бармеояд, ки ҷумлаи забони англисии соҳаи туризм нисбат ба дигар соҳаҳо, масалан соҳаи технология ва ғ. хеле кӯтоҳ мебошад. Сохтори ҷумла дар забони англисии соҳаи технология хеле дароз ва мушкил аст. Масалан: *It was understood that atoms were the smallest elements. It is known now those atoms are further divided into nuclear and electrons, neutrons and such as atoms, nuclear, electrons, neutrons, protons are included in it.*

1.3.2. Хусусияти замони феъл (The Tenses). Азбаски вазифаи асосии забони англисии соҳаи туризм интиқоли маълумот ба шумор меравад ва ин маълумот аксаран воқеиятро ифода менамояд, асосан замони ҳозира корбаст мегардад. Масалан: *Mount Huangshan has 72 distinct peaks, among which the Lotus peaks, Brightness Top and Celestial capital peaks rise over 1,800 meters above sea level. Every peak has countless rocks of interesting contours. The three Yangtzi River Gorges refer to Qutang Gorge, Wu Xia Gorge and Xiling Gorge on the upper reaches. This 193 kilometer-long stretch of the Yangzte River starts from Baidi Town in Chongqing.*

Баъзан замони гузашта бо мақсади маънидоди воқеаҳои таърихӣ, хусусиятҳои фарҳангии гузаштаи мавзеи сайёҳӣ ва амсоли ин истифода мегардад. *Мисол*: *Two thousand years ago, the threads of commerce were established that connected Xi'an to the Middle East and Europe, opening China for the first time to the Western Word. It was in 138 B.C that the Han emperor Wudi sent an emissary that time until the 14th century, Caravans carrying spices, fruits, and all kinds of goods China's frontier towns into cosmopolitan trading centers.* Баръакси ин, дар забони англисии соҳаи технология замони гузашта ҳамеша ба тартиби дигари вақт ишора менамояд. Масалан, *when steam* ***is condensed*** *again to water, the same amount of heat* ***is given out*** *as* ***was taken*** *in when it* ***was formed***. Дар ин ҷо "was taken in" пештар аз "is given out" ба вуқӯъ пайвастааст. Бинобар ин, дар ин ҷо замони гузашта истифода карда шудааст.

1.3.3. Тарз (Voice). Бар хилофи забони англисии дигар соҳаҳо, дар **забони англисии соҳаи туризм** ба ҷои тарзи мафъул асосан тарзи фаъол истифода карда мешавад. Умуман тарзи мафъул айнӣ буда, барои ифодаи возеҳ ва ба хотири пешгирӣ аз духӯрагии маъно истифода карда мешавад. Ин шакли ифода нисбатан хушк буда, бо эҳсосоти инсонӣ кам алоқаманд мебошад. Дар навбати худ, тарзи фаъол бештар зеҳнӣ (субъективӣ) ва дар муошират чандир буда, эҳсосоти гӯянда ва нависандаро хуб ифода менамояд. Масалан, *To-*

day's Beijing is not only famous for its long history, but also for its rapid economic and social development. Tian'anmen Square, the Forbidden City, Jingshan Mountain and Beihai Park situated in its center symbolize a profound traditional Culture, whereas modern skyscrapers represent the openness and fast tempo of the modem lifestyle. Visitors to Beijing should learn about its past and its present, so let's have a look at modem Beijing [7, с. 186].

Ин матн бо мақсади, бар иловаи паҳлӯҳои таърихӣ, шинос намудани зебогиҳои Пекини имрӯза пешниҳод гардидааст. Нависанда барои тасвир намудани манзараҳои Пекин дар тамоми матн тарзи фаъолро истифода мебарад, ки ба сайёҳон таассуроти амиқ ва чуқур мебахшад.

1.3.4. Хусусиятҳои истифодаи сиғаҳо: Дар забони англисии соҳаи туризм сиғаи амрӣ-хоҳишмандӣ аксаран бо мақсади амру супориш ва баъзан барои ифодаи эҳсосот ва хоҳишҳои гӯянда истифода карда мешавад. Масалан, *Your passport, please?*
Please gather in the lobby at 2 this afternoon. Let's have a look at the Forbidden City at first. Enjoy your flight. Welcome to China.

Чунин ҷумлаҳо одатан аз тарафи афсарони гумрук, стюардессаҳо, хизматчиёни меҳмонхонаҳо ё роҳбаладҳои сайёҳӣ ба хизматрасонӣ ва иҷрои дигар ҷузъиёти корҳо дар алоқамандӣ бо сайёҳон бандбуда истифода бурда мешаванд. Дар хотир бояд дошт, ки дар ин гуна ҷумлаҳо истифодаи вожаи марҳамат (“please”) зарур аст, ки ҳамеша бо мақсади нишон додани меҳрубонӣ ва эҳтиром аз ҷониби корманди саноати туристӣ нисбат ба сайёҳон истифода мегарданд.

2. Хусусияти эҳтиромии забони англисии соҳаи туризм: Табиист, ки ҳангоми муошират одамон бояд боэҳтиром бошанд. Ин ба саноати туристӣ бевосита дахл дорад, чунки барқарор намудани робитаи хуб байни сайёҳон ва ташкилотҳои туристӣ барои ривоҷи фаъолият дар соҳаи туризм хеле муҳим аст. Дар умум дар забони англисии соҳаи туризм се роҳ ё воситаи ифодаи эҳтиром мавҷуд аст. Роҳи якум тавассути истифодаи вожаи “please”, бо мақсади ба шунаванда иброз намудани эҳтироми гӯянда ба шумор меравад. Роҳи дуюм истифодаи ибораи “thank ... for...” мебошад, ки миннатдории гӯяндагонро нишон медиҳад. Масалан: (1) Bellhop: Is there anything else you need or that I can do for you? Tourist: No, thank you. You've been very helpful. (2) Security officer: Please empty you pockets into this tray and walk through the metal detector again. It's all right now. Thank you. Tourist: You are welcome. Thank you for your courtesy. Восита ё роҳи сеюми ифодаи эҳтиром тез -тез истифода бурдани ҷумлаҳои саволӣ бо феълҳои модалӣ, ба монанди can, could, may, might, would ва ғайра мебошад. Ин роҳ дар муқоиса бо ду роҳи аввала бавосита буда, аз ҷониби шунаванда фаҳмиши пурраи ҷумла ҳатто матнро тақозо менамояд. Масалан:

1) Намояндаи ширкати саёҳӣ: What would you like to do? Would you like to see different places? Would you prefer to stay at a resort and just relax in the sun?
Сайёҳ: I think I'd like a resort where I could go swimming.

2) Пешхизмат: May I take you order?
Tourist: Yes, please [9, с. 158].

Агарчанде ки меҳрубон будан хоси инсоният асту метавонад ба осонӣ ба даст биёяд, дар соҳаи сайёҳӣ меҳрубонӣ ва илтифоту эҳтиром яке аз хусусиятҳои хосу барҷастаи забони англисии соҳаи туризм аст.

3. Хусусиятҳои услубии Tourism English: Агарчӣ Tourism English аз "вожаҳои умумии" (воҳидҳои асосии забони англисӣ) таркиб ёфта бошад ҳам, он ба ҳар ҳол хусусиятҳои хоси услубии худро доро мебошад. Дар маҷмӯъ, Tourism English содда ва табиӣ мебошад. Баръакси асарҳои бадеӣ, дар Tourism English асосан мақсад бо тасвир ё қайд намудани ашёҳои мушаххас ва далелҳо, айнан ба монанди аксбардорӣ ифода мегардад. Инро бо мисоли зерин нишон додан мумкин аст:

On the road leading from central Europe to Adriatic coast lays a small Slovenian town of Postojna. Its subterranean world holds some of Europe's most magnificent underground galleries. Time loses all meanings in the formation of these underground wonders. The dripstone-stalactites, columns, pillars and translucent curtains, conjure up unforgettable images... [1, с. 122].

Ин матн қисмати асосии шинос намудани ғори Постоҷна дар Словения мебошад. Ғор дар Аврупо бо манзараҳои ҷозиби сангҳое, ки болои онҳо обшорҳо ҷорианд, машҳур аст, вале нависандаи ин мисраҳо барои тасвири он калимаҳои оддиро бе муболиға истифода бурдааст. Ҷонишини шахсии “you” аксаран барои тасвири услуби содда дар Tourism English истифода мебаранд, ки дар чунин муҳит сайёҳон метавонанд, ҳамчунин худро бароҳат эҳсос намоянд ва хоҳиши дидани ин мавзеъ дар онҳо боло гирад. Матни зерин беҳтарин исботи гуфтаҳои болост.

Масалан: *Cornwall is one of Britain's most spectacular destinations offering a unique holiday experience based on a strong and vibrant Culture and distinctive traditions. With over 300 miles of coastline you can enjoy walking, beaches, water sports; a range of visitor attractions from Neolithic stone circles, castles built by Henry VIII, family fun parks to state-of-the-art satellite telecommunications centers.* Бо мақсади барои сайёҳон мушахасстар ва ҷолибтар намудани манзараҳодар маводи сайёҳӣ рақамҳо бо мақсади ифодаи ҳаҷм, андоза, ҳатто вазни мавзеъҳои сайёҳӣ истифода мегардад. Масалан: The 34.7-meter-high Tian'anmen Gate is composed of a base, arch and tower. The base is 1.59 meters high and the arch, made from stone blocks, with each weighing 420 kg, is 14.6 meters in height. There are six small yellow-tiled rooms with red walls and windows at the eastern and western sides of the gate tower, for soldiers guarding Tian'anmen Gate.

Баъзан, агарчӣ дар tourism English услуби оддӣ афзалтар аст, воситаҳои суханпардозӣ бо мақсади илова намудани таъсири эстетикӣ истифода мешаванд. Масалан,: Tiny islands are strung around the edge of the Peninsula a pearl necklace. Hunks of coral reef, coconut palms and fine white sand... [8, с. 231].

4. Хусусиятҳои фарҳангии Tourism English: Ҳангоми таълими забон, бешубҳа, фарҳанг низ дар маркази таваҷҷӯҳ бояд қарор дошта бошад.Чунки ин ду мафҳум бо ҳамдигар пайвасти ногусастанӣ доранд. Фарҳанг рукнест, ки дар ҳаёти ҳар як инсон ҷой дораду, забон як ҷузъи фарҳанг ба шумор меравад. Он мазмуну моҳияти фарҳангро ифода менамояд. Аз ин ҷо, забонҳо, аз ҷумла забони англисии соҳаи туризм ҳамеша ин ё он тарафи омилҳои фарҳангиро таъкид менамоянд. Воқеан, маълумоти заминаи фарҳангидошта дар аксари мавридҳо омили муҳимтарини ҷалбкунандаи сайёҳон ба шумор мераванд. Бисёр мавзеъҳои машҳури сайёҳӣ бо иншоотҳои таърихӣ, воқеаву саргузаштҳои дар он ҷо рухдода ё анъанаи хоси дар тӯли таърихи тӯлони дар шаклгирифта ҷолиб мебошанд. Акнун одамон аз соири гӯшаҳои олам ин мавзеъҳро дида, ба зебогии онҳо арҷ мегузоранд. аз таърихи онҳо дониш мегиранд ва аз урфу одатҳои мухталифи онҳа ҳаловат мебаранд.

Ҳамчун воситаи муҳими муошират дар соҳаи туризми байналмилалӣ забони англисии соҳаи туризм низ маълумоти заминавии таърихӣ, мавзеъҳои ҷуғрофӣ, ва анъанаҳои зисту зиндагӣ, хӯрокхӯрӣ либоспӯшӣ ва дигар ҷанбаъҳои ҳаёти иҷтимоии одамонро ифода менамояд. Ин хусусияти забони англисии соҳаи туризмро тавассути матни зерин, ки мавзеи машҳури сайёҳии Лондон, яъне House of Parliament -ро ба саёҳон шинос менамояд, метавон бараъло намоиш дод.

Маслан: *Now more commonly known as the Houses of Parliament, the Palace of Westminster life in 1042 as a royal residence under Edward the Confessor. The major structure to survive various fires, Westminster Hall was built 1087 and 1100 and is one of the largest medieval halls in Europe with an unsupported hammer beam roof. During the 14th century the Hall housed shops and stalls selling wigs, pens and other legal equipment.*

Ин хусусиятро метавон дар матни англисии зерин, ки мавзеъҳои сайёҳии Чинро, ки бо таърихи тӯлонӣ ва фарҳанги ҷозиби шарқӣ машҳур буда, тӯли ҳазорсолаҳои рушди тамаддуни инсонӣ ташаккул ёфтааст, мушоҳида намуд.

Масалан: *It is said that the northern Song Dynasty poet Su Dongpo, when he served as governor of Hangzhou, used to go to the temple with his friends and subordinates for a visit. And he is said to have handled a court case in the cold spring for the owner of a fan shop, for Su was a famous painter, calligrapher as well as a poet* [3, с. 157].

During the Dragon Boat Festival (which falls on the fifth day of the lunar month in May), it is a common practice to eat Zongzi, which is a rice pudding wrapped up with weed leaves.

Адабиёт

1. Гостиничная деятельность и понятие «гостиничного продукта»// Материалы, подготовленные группой консультантов-методологов ЗАО «Интерком-Аудит».

2. Ляпоров В.Н. Франчайзинг: модель для сборки // Бизнес журнал. 2011.

3. Зорин И.В., Квартальнов В.А. Туризм как вид деятельности. М.: Финансы и статистика, 2001.

4.Пассов, Е.И. Цель обучения иностранному языку на современном этапе развития общества /Е.И. Пассов, В.П. Кузовлев, В.С. Коростелев // ИЯШ. — 1987. — №6 — С.48—56.

5.Преподавание в сети Интернет: Учебное пособие / Отв. редактор В. И. Солдаткин. - М.: Высшая школа, 2003.- 792 С.

6.Потапова Р.К. Новые информационные технологии и лингвистика: Учебное пособие. М., 2004.

7. Эмомов И.Б.Методҳои муосири таълими забони англисӣ//Дастури таълимӣ-методӣ.Матбааи Донишгоҳи омӯзгорӣ.2023.150 с.

8.WANG Fengxiang. College of Foreign Studies, Henan Polytechnic University, R.P. China, 454000

9.http://www.ou-link.ru.

10.http://ru.wikipedia.org.

Literature

1. Hotel activities and the term of «hotel product»// Materials prepared by the group of advisers-methodologists of «Intercom-Audit».

2. Lyaparov V.N. Franchising: Model // Business magazine. 2011.

3. Zorin I.V., Kvartalnov V.A. Tourism as the kind of job. M.: Finance and statistics, 2001.

4.Passov E.I. The goal of teaching a foreign language at current stage of the society / E.I Passov., V.P. Kuzovlev, V.S. Korostelev // FLS. — 1987. — №6 — P.48—56.

5.Teaching in the Internet: Manuscript / responsible editor V.I. Soldatkin. - M.: Vishaya shkola, 2003.- 792 P.

6.Potapova P.K. New informational technologies and linguistics: Manuscript. M., 2004.

7. Emomov I.B. Modern methods of teaching English //Manuscript. Donishgohi omuzgori publisher.2023.150 p.

8.WANG Fengxiang. College of Foreign Studies, Henan Polytechnic University, R.P. China, 454000

9.http://www.ou-link.ru.

10.http://ru.wikipedia.org.

УДК: 372.851

ИСТИФОДАИ ФУНКСИЯҲОИ КОМПЮТЕРӢ (БАРНОМАИ MICROSOFT EXCEL) ДАР ДАРСҲОИ АЛГЕБРАИ МАКТАБӢ ҲАНГОМИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАЗМУНИ ИҚТИСОДИДОШТА

Назарова Заррина Сулаймоновна

муаллими калони кафедраи фанхои гуманитарӣ ва табии риёзии Институти технологияи ракамӣ ва зехни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/50. Тел.: +992 555 556 681. Email: mtmu4972@mail.ru

Аннотатсия. Дар мақола оид ба истифодаи функсияҳои компютерӣ (барномаи *Microsoft Excel) дар* дарсҳои алгебраи мактабӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта ва баъзе масъалаҳое, ки ба ин мавзуъ тааллуқ доранд, сухан меравад. Муаллиф қайд мекунанд, ки бо назардошти хусусиятҳои хоси масъалаҳои амалии мундариҷаашон иқтисодӣ, аз қабили моделсозӣ, анҷом додани ҳисобҳои мураккаби математикӣ ва ғайра истифодаи компютер на танҳо ба мақсад мувофиқ аст, балки тавсия дода мешавад, ки дар дарсҳо васеъ истифода шавад. Онҳо оид ба тарзи татбиқи барномаи компютерии *Microsoft Excel дар ҳалли масъалаҳои алгебравии синфҳои 7–8 дахл намуда, истифодаи функсияҳои компютериро ҳаматара шарҳ дода, барои самаранок гузаштани дарс тартиби таҳияи нақшаи дарсро бо истифода аз* барномаи компютерии *Microsoft Excel нишон додаанд. Дар мақола ба самтҳои асосии истифодаи компютер, татбиқи барномаи Microsoft Excel дар сохтани модели математикии* масъалаҳо вобаста ба фоизи сода, истифодаи бастаҳои барномавии тайёри нармафзори касбӣ, тадқиқи динамикаи тағйирёбии бузургиҳои молиявӣ ҳангоми иваз намудани параметрҳои маълум ва ғаайра баҳо дода шудааст.

Калидвожаҳо: математика, алгебра, компютер, барномаи *Microsoft Excel, ячейка, муҳаррири ҷадвалӣ, масъалаи алгебравӣ, фоизи сода, файл, функсияи компютерӣ, динамика,формула.*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ФУНКЦИЙ КОМПЬЮТЕРА (ПРОГРАММА MICROSOFT EXCEL) НА ШКОЛЬНЫХ УРОКАХ АЛГЕБРЫ ПРИ РЕШЕНИИ ЗАДАЧ ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОДЕРЖАНИЯ

Назарова Заррина Сулаймоновна

старший преподаватель кафедры гуманитарных и естественных наук Института цифровых технологий и искусственного интеллекта Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, ш. Душанбе, проспект Борбад, 48/50.E-mail: mtmu4972@mail.ru

Аннотация. В статье рассматривается использование функций компьютера (программа Microsoft Excel) на школьных уроках алгебры при решении задач экономического содержания и некоторые вопросы, связанные с этой темой. Автор отмечает, что учитывая специфику практических вопросов экономического содержания, таких как моделирование, выполнение сложных математических расчетов и т. д., использование компьютера не только подходит для этой цели, но и рекомендуется широко его использовать. на занятиях. Рассказали о том, как использовать компьютерную программу Microsoft Excel при решении алгебраических задач 7-8 классов, объяснили использование функций компьютера, а также объяснили порядок разработки плана урока с использованием компьютерной программы Microsoft Excel для эффективного прохождения

урока. . В статье оцениваются основные области использования компьютера, применение Microsoft Excel при создании математической модели задач, связанных с простыми процентами, использование готовых профессиональных пакетов программ, исследование динамики изменения финансовых величин при изменение известных параметров и т.д.

Ключевые слова: математика, алгебра, компьютер, программа Microsoft Excel, ячейка, табличный редактор, алгебраическая задача, простой процент, файл, функция компьютера, динамика, формула.

USING COMPUTER FUNCTIONS (MICROSOFT EXCEL PROGRAM) IN SCHOOL ALGEBRA LESSONS WHEN SOLVING ECONOMIC PROBLEMS

Nazarova Zarrina Sulaimonovna,
senior lecturer, department of humanities and natural sciences, institute of digital technologies and artificial intelligence, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Borbad Avenue, 48/50. E-mail: mtmu4972@mail.ru

Annotation. The article discusses the use of computer functions (Microsoft Excel program) in school algebra lessons when solving economic problems and some issues related to this topic. The author note that given the specificity of practical issues of economic content, such as modeling, performing complex mathematical calculations, etc., the use of a computer is not only suitable for this purpose, but it is also recommended to use it widely. in class. They talked about how to use the Microsoft Excel computer program when solving algebraic problems in grades 7-8, explained the use of computer functions, and also explained the procedure for developing a lesson plan using the Microsoft Excel computer program to effectively complete the lesson. . The article evaluates the main areas of computer use, the use of Microsoft Excel when creating a mathematical model of problems related to simple interest, the use of ready-made professional software packages, the study of the dynamics of changes in financial values when known parameters change, etc.

Keywords: mathematics, algebra, computer, Microsoft Excel program, cell, spreadsheet editor, algebraic problem, simple interest, file, computer function, dynamics, formula.

Маълум аст, ки дар мактаби миёна компютерҳои фардӣ бештар дар дарсҳои математика истифода мешаванд. Дар раванди дарс онҳоро ба сифати воситаи самарабахши таълими математика истифода бурдан мумкин аст. Бо назардошти хусусиятҳои хоси масъалаҳои амалӣ бо мундариҷаи иқтисодӣ, аз қабили моделсозӣ, анҷом додани ҳисобҳои мураккаби математикӣ ва ғайра истифодаи компютер на танҳо ба мақсад мувофиқ аст, балки тавсия дода мешавад [1].

Пас аз омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои мухталифи масъалаи истифодаи компютер дар дарсҳо (ба хусус дар дарсҳои математика) тартиби зерини таҳияи нақшаҳои дарс бо истифодаи компютер тавсия дода мешавад:

1) тартиб додани сенарияи дарс бо истифодаи компютер;
2) коркарди намунаи модели таълимӣ;
3) санҷиши техникии намуна;
4) возеҳ намудани сенарияи ҷараёни таълим;
5) татбиқ дар ҷараёни таълим.

Дар таҳқиқоти рисолавӣ ин марҳиларо мо дар мисоли истифодаи имкониятҳои функсионалии барномаи *Microsoft Excel* татбиқ намудем. Истифодаи компютерро метавон дар ду самт амалӣ кард: барномасозӣ ва истифодаи бастаҳои барномавии тайёри нармафзори касбӣ, масалан, *Microsoft Excel.* Мо бори дигар таъкид менамоем, ки барномасозӣ математика набуда, балки информатикаи имтиёзнок мебошад; имкониятҳои

барномаро, ки дар дарси информатика омӯхта мешавад, бешак, дар дарсҳои математика самаранок истифода бурдан мумкин аст.

Дар таҳқиқоти худ мо дар бораи истифодаи *Microsoft Excel* дар дарсҳои математика ҳангоми ҳалли масъалаҳои аниқи амалӣ бо мазмуни иқтисодидошта андешаҳои худро баён намудем. Имкониятҳои ин барнома ба мо имкон медиҳанд, ки онро дар марҳилаҳои гуногуни ҳалли масъалаи математикӣ бо мундариҷаи иқтисодӣ истифода кунем: ҳам дар марҳилаи моделсозӣ ва ҳам дар марҳилаи ҳисоб кардани қиматҳо ҳангоми сохтани моделҳо ва бахусус дар марҳилаи муаррифии ҳалли тайёр[12].

Номи амонатгузорӣ	Андозаи фоизӣ	
	то 6 моҳ	Баъд аз 6
Афзуншаванда	12,5	19
Универсалӣ	13,9	
Дарозмуддат	10,5	21

Истифодаи технологияи компютериро дар масъалаҳои гуногуни дарсҳои математика баррасӣ кардан зарур аст. Инчунин ба хонандагон як қатор тавсияҳоро барои истифодаи технологияи компютерӣ дар ҳалли масъалаҳои мазмунашон иқтисодӣ, ки дар марҳилаи таҳқиқоти таҷрибавӣ коркард шудаанд, пешниҳод кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳангоми ҳалли масъалаҳо вобаста ба фоизи сода сохтани модели математикии он дар *Microsoft Excel* бо осонӣ барномасозӣ карда мешавад, яъне сохтани тафсири компютерии модели математикӣ барои хонандагоне, ки бо ин барнома шиносанд, душворӣ намеорад. Масалан, формулаи суммаи афзуншавӣ бо фоизи сода

$$S_C = S_0 \cdot \left(1 + \frac{p \cdot i}{100}\right)$$

(S_C - суммаи афзуншавӣ, S_0 - қарзи ибтидоӣ (кредит), p – мӯҳлати қарз, i – андозаи фоизи солонаи сода) дар барномаи *Microsoft Excel* чунин навишта мешавад: | = $ A $ 1 * (1 + $ A $ 2 * C4 / 100) |, бо назардошти он, ки ячейкаи A1 - иттилоот дар бораи суммаи ибтидоӣ, ячейкаи A2 – иттилоот дар бораи мӯҳлати пурраи қарзӣ бо фоизи сода, ячейкаи A3 - андозаи фоизиро ифода мекунанд. Аломати $ нишон медиҳад, ки ячейкаҳои боло ба таври қатъӣ собит шудаанд.

Бо истифода аз компютер ва модели аллакай сохташудаи ҳисобкунии фоизи сода, мумкин аст, ки қиматҳоро дар бузургиҳои формула иваз намуда, ба тағйироти қиматҳои ниҳоии бузургиҳо назорат кунем ва ба ин васила ҷараёни ҳисобкунии фоизҳои содаро дар ягон муддати вақт (динамика) тадқиқ намоем.

Акнун кори таҳияшудаи тасдиқотро дар амалия, дар ҳалли масъалаи мушаххас дида мебароем. Бояд қайд кард, ки аксарияти барномаҳоро хонандагони синфҳои VIII - IX, ки дар озмоишҳои педагогӣ ширкат варзида буданд, тартиб додаанд ва дар ин ҷо омӯзгор ҳамчун машваратӣ иштирок менамояд.

М а с ъ а л а и 1. Муштарӣ тасмим гирифт, ки ба бонк 15000 рубли русиро амонат гузорад. Барои ин бонк ба ӯ якчанд намуди амонатгузориро ба мӯҳлатҳои гуногун ва бо мӯҳлатҳои гуногуни нигоҳдорӣ ва фоизҳои мухталиф пешниҳод кард. Кадом амонатгузорӣ барои амонатгузор муфидтар аст, агар ӯ пасандозашро ба мӯҳлати 6, 8 ё 14 моҳ гузорад? (Шартҳои пасандозҳо дар ҷадвал оварда шудаанд).

Масъаларо бе марҳилаҳои сохтани модели математикии он ҳал мекунем.

Ҳал. Азбаски дар ин масъала усули ҳисоби фоизҳои сода истифода мешавад, бинобар ин истифодаи формулаи ҳисоб кардани суммаи амонат бо истифода аз фоизи сода қулай мебошад.

Пардохти сумма аз рӯйи навъи амонатгузории “Универсалӣ” дар давраи 6 моҳи пардохткунӣ чунин менамояд: [= $B$3*(1+$B$8*B4/100) | . Барои ҳисоб намудани суммаи ғуншуда аз рӯйи навъи амонатгузории “Дарозмуддат” дар давраи 8 моҳи нигоҳдории амонат бонк формулаи зеринро истифода мекунад: =$B$3*(1+$B$9*6/100)+$B$3*(1+$C$9*($C$4-6)/100)]. Албатта, бо формулаҳои додашуда танҳо як қимат ҳисоб карда мешавад, аммо онҳо универсалӣ мебошанд, яъне танҳо суроғаи ячейкаҳо, ки аз онҳо ин ё он қимат гирифта мешаванд, тағир меёбад. Азбаски самти равонасозӣ ба таври худкор (автоматӣ) рӯй медиҳад ва танҳо пайдарҳам аниқ пурра кардани ячейкаҳо талаб карда мешавад, бинобар ин ба истифодабаранда танҳо як маротиба навишти формулаи ҳисобкунӣ лозим меояд ва дар оянда танҳо қимати параметрҳо иваз карда мешавад.

Истифодаи компютер ба мо имкон медиҳад, ки дар як вақт 3 варианти масъаларо ҳал намуда, натиҷаҳои гирифташударо бо параметрҳои гуногун муқоиса кунем. Танҳо дар модели компютерӣ тағйир додани қимати параметрҳо бе қайди сарфи вақт ва ҳисоб намудани қиматҳои нави суммаи афзунефҷпшуда имконпазир аст.

Аз ин мебарояд, ки барои ҳалли ин масъала хонандагон бояд танҳо дар варақаи кории ҷадвали электронӣ ду формулаи гуногун ворид кунанд (ҳарду вариантҳои формулаи ҳисоб кардани фоизи сода мебошанд), параметрҳоро муқаррар карда, фазои экранро ба тартиб дароранд.

Экрани компютер баъди табдилдиҳии на он қадар мушкил ва барои ҳама

хонандагони синфҳои VIII – IX дастрас, ки бо барномаи *Microsoft Excel* шиносанд, шакли зеринро мегирад:



Расми 1

Дар расми 1 равзанаи муҳаррири ҷадвалӣ тасвир ёфтааст. Аз он маълум аст, ки чӣ тавр суммаи ҳисобшуда ҳангоми тағйирёбии андозаи фоизӣ, мӯҳлати нигоҳдории маблағ ва

суммаи ибтидои пасандоз, тағйир меёбад. Масъалаи 1 – ро мо тартиб додем ва танҳо як масъалаи намунавӣ аст. Хонандагон метавонанд аз варақаҳои файли компютерӣ, ки имконияти шартҳои нигоҳ доштани пасандоз дар ягон бонки мушаххаси кишварро дарбар мегирад, истифода намуда, бо назардошти шартҳои пешниҳодкардаи ин бонк, масъалаи тадқиқотиро оид ба интихоби нақшаи беҳтарини нигаҳдории амонат, бо назардошти имкониятҳои худ ва шартҳои пешниҳодкаардаи бонк, ҳал намоянд.

Дар ин ҳолат, истифодаи компютер ба хонандагон имкон медиҳад, ки натиҷаҳоро босифат ва самаранок муқоиса карда, хулосаҳои дуруст бароранд. Дар марҳилаи тавсифи натиҷаҳо дар масъалаи дадашуда истодан мақсаднок аст, зеро компютер ба мо имкон медиҳад, ки ҳангоми тағйири шартҳои ибтидоӣ натиҷаҳои интиҳоӣ тағир меёбанд. Маҳз дар ҳалли чунин навъи масъалаҳо хонандагон метавонанд интихоби муфидтаринро омӯзанд, интихоби мустақили ҳалли оптималиро анҷом диҳанд.

Кор бо *Microsoft Excel* барои хонандагон мушкилот эҷод намекунад ва мисоли мушаххас на танҳо аҳамияти амалии математикаро, инчунин имконияти истифодаи компютерро дар ҳалли масъалаҳои амалӣ нишон медиҳад. Инчунин компютерро дар ҳолате низ истифода бурдан мумкин аст, ки агар мо ҳаҷми зиёди маълумотро муқоиса кунем ва ё масалан, дар ҳолате, ки натиҷаҳои ҳасоббарории бадастомада аёнӣ пешниҳод карда шавад. Ҳамаи инро бо истифода аз компютер графикӣ дар шакли диаграмма пешниҳод кардан мумкин аст[5].

Масъалаи дигарро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем..

М а с ъ а л а и 2. Соҳибкор аз мағоза дастгоҳи ҳарротиро ба маблағи 42 ҳазор сомонӣ харид намуд. Ӯ фавран 15% - и нархи дастгоҳро пардохт кард ва барои пардохти суммаи боқимондаи қарзӣ аз бонк ба мӯҳлати 8 моҳ бо фоизи содаи 10% - и солона қарз гирифт. Кредит ҳармоҳ пардохт карда мешавад. Схемаи пардохтро тартиб дода, график (диаграмма) - и пардохти қарзиро

созед.

Ҳ а л. Маълум аст, ки харидор фавран $42 \cdot 0{,}15 = 6.3$ ҳазор сомониро пардохт кард. Пас, ӯ аз бонк $42 - 6.3 = 35{,}7$ ҳазор сомонӣ қарздор аст. Ҳар моҳ як қисми қарзи асосӣ пардохта мешавад. Суммаи фоизҳо барои ҳар як моҳ бо назардошти коҳиши тадриҷии ҳаҷми қарз тибқи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$R_m = S_m \cdot \frac{i}{100},$$

ки дар ин ҷо R_m - суммаи фоизии ҳар як моҳ, S_m - суммаи қарзи ҷорӣ, i – андозаи фоизи солонаи сода.

Ҷадвали пардохти қарзиро дар муҳаррири ҷадвалӣ сохта, формулаҳои заруриро дар ячейкаҳои мувофиқ дохил мекунем, дар баробари ин сохтани диаграммаи сутунӣ хеле қулай мешавад, ки он тағйироти пардохти ҳармоҳа барои хизматрасонии қарзҳоро нишон медиҳад (расми 2).



Расми 2

Дар расми 2 нишон дода шудааст, ки пас аз ворид кардани ҳама формулаҳои мувофиқ ва сабт дар экрани компютер, на танҳо ҷадвали пардохти қарз, инчунин тафсири графикии он – диаграммаи пардохти қарз пайдо мешавад.

Ин масъала танҳо як намунаест, ки имконияти муҳити интихобшудаи нармафзорро нишон медиҳад. Ҳама додашудаҳои масъаларо озодона иваз кардан мумкин аст ва ҳамзамон додашудаҳо дар ҷадвал ва диаграмма низ тағйир меёбанд. Ин ба мо имкон медиҳад, ки динамикаи таъсири параметрҳоро, ки ба натиҷаи ниҳоӣ таъсир мерасонанд, пайгирӣ кунем. Ба тағирёбии натиҷа бештар кадом параметрҳо таъсири калон ва ё камтар мерасонанд? Ҳалли масъала, ки дар назари аввал на он қадар мушкил менамояд, бо истифода аз компютер он ба кори тадқиқотӣ табдил меёбад.

Истифодаи самарабахши компютерро барои ҳалли ин масъала низ баҳо додан мумкин аст, агар дар худ чунин ҳолатро тасаввур кунем: харидор, ки барои ҳашт моҳ қарз гирифта буд, дар моҳи панҷум қарор додааст, ки қарзи худро ду баробар зиёд пардохт кунад. Барои ин, мо бояд дар сутуни "Маблағи қарз" тағирот ворид кунем ва формулаи ҳисоби маблағи қарзиро барои се моҳи охир тағйир диҳем, ки он ба тариқи зайл ҳисоб карда мешавад: | = ($ C $ 10-SUM ($ E $ 10: $ E $ 14)) / 3. | Дарҳол пас аз ворид намудани тағйирот дар ҷадвали пардохт ва тасвири диаграммаи он муҳаррири ҷадвалӣ шакли зеринро мегирад (расми 3).

Задача 3.2.

Первоначальная сумма	42 000р.
Первый взнос	6 300р.
Сумма кредита	35 700р.
Процент кредита	10%

Таблица погашения кредита

номер месяца	остаток	% платеж	сумма долга	сумма платежа
1	35 700р.	298р.	4 463р.	4 760р.
2	30 940р.	258р.	4 463р.	4 720р.
3	26 220р.	218р.	4 463р.	4 681р.
4	21 539р.	179р.	4 463р.	4 642р.
5	16 897р.	141р.	8 925р.	9 066р.
6	7 831р.	65р.	2 975р.	3 040р.
7	4 791р.	40р.	2 975р.	3 015р.
8	1 776р.	15р.	2 975р.	2 990р.
ИТОГО		1 214р.	35 700р.	36 914р.

Расми 3

Дар марҳилаи мустаҳкамкунии додашудаҳои бадастомада такя ба фаҳмиши моҳияти объекти омӯхташуда карда мешавад ва саҳви ҳисоббарорие, ки хонандагон онро содир мекунанд, танҳо раванди азхудкунӣ ва коркарди амалии маълумотҳои асосиро мушкилтар мекунанд. Иҷрои ҳисобҳо тавассути компютер имконият медиҳад, ки вақт дар дарс сарфа карда шавад ва дар натиҷа хонандагон бештар масъалаҳо оид ба ин мавзуъ ҳал карда метавонанд, яъне маводҳои мавзуъ беҳтар аз худ карда мешавад.

Барои кор бо шаш функсияи фоизи мураккаб барномае истифода мешавад, ки дар *Microsoft Excel* тартиб дода шудааст. Вориди якмаротибагии формулаҳо имкон медиҳанд, ки қимати параметрҳоро, ки ба ин ё он формула дохил мебошанд, тағйир дода, натиҷаи ҳисобкунӣ ба даст оварда шавад.

Бояд қайд кард, ки истифодаи компютер дар ин ҳолат кори хусусияти ҳисоббарориро осон мекунад, зеро раванди интихоби функсияи дилхоҳи фоизи мураккаб, яъне сохтани модели математикии ҷараёни иқтисодӣ ва шарҳи натиҷаҳои бадастомада, ҳамаи инҳо дар назди хонанда мемонанд.

Экрани компютер ҳангоми истифодаи *Microsoft Excel* чунин менамояд:

Задача.

Шесть функций сложного процента

	Первоначальная сумма S_0	Процентная ставка p	Срок вложения n	Накопленная сумма S_n
1 функция	50,00р.	12%	2	62,72р.
2 функция	100,00р.	1,167%	192	70 905,64р.
3 функция	100,00р.	1,167%	192	70 905,64р.
4 функция	50,00р.	12%	2	62,72р.
5 функция	250,00р.	1%	24	5 310,85р.
6 функция	250,00р.	1%	24	5 310,85р.

Примечание: На желтом фоне информация вводится пользователем, а на синем вычисляется по формуле

Расми 4

Ҳангоми истифодаи ин ҷадвал, ки дар *Microsoft Excel* таҳия шудааст, мо метавонем дар як вақт бо шаш функсияи мураккаб кор кунем. Дар расми 4 ячейкаҳое, ки бо ранги кабуд ҷудо карда шудаанд, формулаҳоеро дарбар мегиранд, ки тавассути онҳо қимати функсияи мувофиқи фоизи мураккаб ҳисоб карда мешавад ва ячейкаҳое, ки бо ранги зард дода шудаанд, иттилоотеро дарбар мегирад, ки истифодабаранда ворид намудааст. Истифодаи ин ҷадвал ба мо имкон медиҳад, ки қимати ҳар кадоме аз шаш функсияи фоизи мураккабро зуд ва дақиқ ҳисоб кунем, яъне барои ҳалли ин ё он масъалаи додашуда, кифоя аст, ки параметрҳои асосӣ интихоб карда, муайян намоем, ки кадоме аз ин шаш модели қаблан сохташуда ба саволи масъалаи гузошта ҷавоб мегуяд.

Дар дигар варақҳои худи ҳамон файл баррасии функсияҳои фоизҳои мураккаб, ки аз рӯйи принсипи рост ва баръакс ба ҷуфтҳо тақсим карда шудааст, пешниҳод карда мешавад. Ин дар он асос ёфтааст, ки барои кор кардан бо ин шаш функсияҳои фоизи мураккаб кифоя аст, ки 3 функсия (маҳз: 1, 2 ва 5 функсия) - ро донем, зеро функсияҳои боқимонда ба функсияҳои дар боло овардашуда баръакс мебошанд.



Расми 6

Дар расми 6 нишон дода шудааст, ки ҳангоми кор бо функсияи якуми фоизҳои мураккаб, бояд параметрҳои зерин ворид карда шаванд: андозаи фоизӣ, мӯҳлати нигаҳдорӣ ва маблағи ибтидоӣ, дар натиҷа суммаи пардохтшуда дар заминаи кабуд пайдо мешавад; ҳангоми кор бо функсияи чоруми фоизи мураккаб, ба ҷои суммаи ибтидоӣ, мо бояд суммаи афзуншударо ба ячейкаи E14 ворид мекунем ва дар натиҷа мо арзиши маблағи ибтидоиро дар заминаи бунафш ба даст меорем.

Дар ин муддат, ҳангоми ҳисобкунии суммаи афзуншуда, қимати S_n, ҳамчун параметр маълум нест, бинобар ин, қимати S_0 ҳисоб карда намешавад. Айнан ҳамин чиз ҳангоми ҳисобкунии S_0 рӯй медиҳад. Ҳамаи инро мо метавонем дар як варақи ҷадвали *Excel* бо истифода аз функсияи дохилии IF (ЕСЛИ) иҷро кунем. Масалан, формулаи ҳисоб кардани арзиши ҷории маблағгузорӣ (маблағи ибтидоӣ) чунин хоҳад буд: IF ($ E $ 13 = 0; II; $ E $ 13 * DEGREE (1 + $ E $ 11/12) ; $ E $ 12) 1, яъне дар сурати набудани қимати ибтидоӣ, ки дар ячейка бо сурӯаи E13 нигоҳ дошта шудааст, қимати афзуншудаи арзиш ҳисоб карда

намешавад ва дар граф рамзи "-" нишон дода мешавад. Варақаҳои ба он монанд барои дигар функсияҳои фоизи мураккаб низ омода карда шудаанд.

Параграфи тадқиқшуда танҳо як қисми масъаларо дар бар мегирад, ки хонандагон дар дарсҳои алгебра бо истифодаи технологияи компютерӣ ҳал кардаанд. Қариб ҳама гуна масъалаҳои математикии мазмунашон иқтисодиро тавассути компютер ҳал кардан мумкин аст. Ҳалли масъалаҳои тадқиқотиро дар он ҳолат истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст, ки агар дар модели математикии параметрҳо якчанд маротиба қимати воридшудаҳоро иваз кардан лозим бошад ва тағйирёбии натиҷаи охирнок назорат карда шавад.

Ҳамин тавр, истифодаи компютер дар ҳалли масъалаҳои мазмунашон иқтисодӣ дар дарси алгебраи мактаби асосӣ:

– вақти сарфшударо барои ҳисоб кам мекунад;

– барои аниқтар пешниҳод кардани натиҷаҳо имконият фароҳам меорад;

– барои пайгирӣ кардани динамикаи таъсири параметрҳо дар модели математикӣ барои қимати натиҷаи охирнок кӯмак мекунад;

– хонандагон масъалаҳои шабеҳро, бе ташкили барномаи нав, ҳал карда метавонанд.

Адабиёт

1. Абдуразаков М.М., Матросов В.Л. Новые направления использования компьютерных и телекоммуникационных технологий в обучении. // Научные труды МПГУ. Серия: естественные науки. / - М.: МПГУ, 1999. - с. 109-116.

2. Александров Р.А. Информатика плюс математика. Проблемы взаимопроникновения // Математика в школе. — 1987. - № 3. - с. 31-32.

3. Апанасов П.Т., Апанасов Н.П. Сборник математических задач с практическим содержанием: Книга для учителя. /— М.: Просвещение, 1987. — 110 с.

4. Афанасьев М.Ю. Компьютеризация обучения экономистов / - М.: Изд-во Моек, ун-та, 1993. - 181 с.

5. Афанасьев М.Ю. Проблемы компьютеризации экономического образования. // Экономика и математические методы. - 1989. - Т. 25, № 3, с. 565-569.

6. Бальцюк Н.Б., Буняев М.М., Матросов В.Л.Некоторые возможности использования электронно-вычислительной техники в учебном процессе: Учебное пособие. / - М.: Прометей, 1989. - 136 с.

7. Башарин Г.П. Начала финансовой математики. /— М.: ИНФРА-М, 1998. - 160 с.

8. Былков В.С. Отражение понятия математической модели и связанных с нею компонент моделирования в курсе алгебры и начал анализа. // Проблемы совершенствования преподавания математики в средней школе: Межвузовский сборник научных трудов. — М.: МГПИ им. В.И. Ленина, 1986. - с. 56-62.

9. Винокуров Е.Ф. Школьное экономическое образование и учитель математики. // Математика в школе. — 2001. - № 2. - с. 75-76.

10. Горстко А.Б. Познакомьтесь с математическим моделированием. / - М.: Знание, 1991. - 160 с.

11. Еленкин А.Г. Экономико-прикладная направленность обучения школьников математике / Дисс. канд. пед. наук. - М.; 2000. - 162 с.

12. Лукасевич И.Я. Финансовые вычисления в программной среде *EXCEL* 5.0/7.0 // Финансы. -1996. - № 11.-е. 60-64.

13. Монахов В.М., Любичева В.Ф., Малкова Т.В. Преподавание математики и экономическая подготовка учащихся профтехучилищ. /— М.: Высш. шк., 1989. - 104 с.

14. Николь Н., Альбрехт Р. Электронные таблицы Excel 5.0, Практ. пособ. / Пер. с нем. - М.: ЭКОМ, 1996. - 352 с.

15. Равичев С.А., Григорьев С.Э., Протасевич Т.А., Свахин А.С. Сборник задач по экономике. (8-11 классы). - М.: МЦЭБО - Вита-Пресс, 2001. - 64 с.

16. Шаг за шагом. *Microsoft Excel* 97 / - М.: ЭКОМ, - 1998, - 384 с.

Literature

1. Abdurazakov M.M., Matrosov V.L. New Directions for the Use of Computer and Telecommunication Technologies in Education. // Scientific Works of Moscow State Pedagogical University. Series: Natural Sciences. / - Moscow: Moscow State Pedagogical University, 1999. - pp. 109-116.

2. Aleksandrov R.A. Computer Science Plus Mathematics. Problems of Interpenetration // Mathematics at School. - 1987. - No. 3. - pp. 31-32.

3. Apanasov P.T., Apanasov N.P. Collection of mathematical problems with practical content: A teacher's book. /— M.: Education, 1987. — 110 p.

4. Afanasyev M.Yu. Computerization of teaching economists / - M.: Publishing house of Moek, University, 1993. — 181 p.

5. Afanasyev M.Yu. Problems of computerization of economic education. // Economics and mathematical methods. - 1989. - Vol. 25, No. 3, pp. 565-569.

6. Baltsyuk N.B., Bunyaev M.M., Matrosov V.L. Some possibilities of using electronic computing equipment in the educational process: A tutorial. / - M.: Prometey, 1989. - 136 p.

7. Basharin G.P. Principles of Financial Mathematics. /— M.: INFRA-M, 1998. - 160 p.

8. Bylkov V.S. Reflection of the Concept of a Mathematical Model and Related Components of Modeling in the Course of Algebra and Principles of Analysis. // Problems of Improving the Teaching of Mathematics in Secondary School: Interuniversity Collection of Scientific Papers. — M.: Moscow State Pedagogical Institute named after V.I. Lenin, 1986. - pp. 56-62.

9. Vinokurov E.F. School economic education and the mathematics teacher. // Mathematics at school. - 2001. - No. 2. - pp. 75-76.

10. Gorstko A.B. Get acquainted with mathematical modeling. / - Moscow: Knowledge, 1991. - 160 p.

11. Elenkin A.G. Economic and applied focus of teaching schoolchildren mathematics / Diss. Cand. of Pedagogical Sciences. - Moscow; 2000. - 162 p.

12. Lukasevich I. Ya. Financial calculations in the EXCEL 5.0/7.0 software environment // Finance. - 1996. - No. 11.-e. 60-64.

13. Monakhov V. M., Lyubicheva V. F., Malkova T. V. Teaching mathematics and economic training of students of vocational schools. / - Moscow: Higher. school, 1989. - 104 p.

4. Nicole N., Albrecht R. Excel 5.0 Spreadsheets, Practical Manual / Translated from German. - Moscow: EKOM, 1996. - 352 p.

15. Ravichev S.A., Grigoriev S.E., Protasevich T.A., Svakhin A.S. Collection of Problems in Economics. (Grades 8-11). - Moscow: MCEB - Vita-Press, 2001. - 64 p.

16. Step by Step. Microsoft Excel 97 / - Moscow: EKOM, - 1998, - 384 p.

УДК: 378

ТАҚВИЯТИ ҲАМКОРИИ ПАДАРУ МОДАР БО МУАССИСАҲОИ ОЛӢ ВОСИТАИ АСОСИИ ПЕШРАФТИ КОРИ ТАЪЛИМ ТАРБИЯ

Шарипов Икром Иброновч

муаллимаи калони кафедраи «Таърих ва фалсафа»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055 Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5. Email: ikromsharif@mail.ru

Мардуми ориётабори тоҷик ба тарбияи фарзанд аз қадим боз таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, диққати асосиро дар оила ва ҷомеа ба тарбияи фарзанд, дар баробари таълим равона мекарданд. Табиист, ки мардуми ин сарзамин худ соҳиби тарбияи хуби ахлоқӣ буда, саъю талош бар он меварзиданд, ки фарзандони худро тавре тарбия намоянд, то ки намунаи ибрати тамоми мардум бошанд. Ҳар як оила кӯшиш мекард, ки фарзандонаш аз ҳар оилаи дигар хубтар тарбиятёфта бошанд ва дар ин самт муваффақиятҳои калонро ба даст меоварданд. Яке аз самтҳои асосии тарбия, ки мардуми тоҷик ба он диққати асосӣ медоданд, ҳамкории падару модар ба раванди таълим мебошад.

Бо суръат пеш рафтани ҳаёт, рушди бемайлони техникаи муосир ва дигар омилҳо ба тарбияи фарзанд, ҳам таъсири мусбӣ ва ҳам манфӣ мерасонанд. Тарбия дар оилаҳои сокинони мамлакатҳои Ғарб куллан дигар аст ва он ҳатман ба тарбияи фарзандони дигар кишварҳо таъсири худро мерасонад. Аз ин лиҳоз, дар ин мақола тасмим бар он гирифтем, ки зарурият ва муҳимияти ҳамкории падару модарро ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ мавриди тадқиқ ва таҳлил қарор диҳем. Мо дар ин мақола оид ба ташкили ассотсиасияи падару модар ва омӯзгорон таҳлилҳо овардем, то мақола мо дар пешрафти ҳамкории падару модар ва аҳли ҷомеа ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ мусоидат карда тавонад.

Калидвожа: ассотсиасия, ҳамкорӣ, тарбия, падару модар, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, олӣ, омӯзгор, сарпарастон, курсу семинар.

УКРЕПЛЕНИЕ СОТРУДНИЧЕСТВА МЕЖДУ РОДИТЕЛЯМИ И ВЫСШИМИ УЧЕБНЫМИ ЗАВЕДЕНИЯМИ ЯВЛЯЕТСЯ ВАЖНЕЙШИМ ИНСТРУМЕНТОМ РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ

Шарипов Икром Иброновч

старший преподаватель кафедры истории и философии, Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: 734055 Таджикистан, г. Душанбе, улица Борбад 48/5/ Email: ikromsharif@mail.ru

Таджики по своему проихождению арийцы, люди с давных пор в семьях наряду с обучением уделяли особое внимание воспитанию подростающему поколению. Ясно, что сами таджики хорошо воспитаны, стараются воспитывать своих детей так, чтобы они были примерными. Каждая семья стараается достичь успехов в воспитании пред другими семьями, тем самими достигают больших успехов в этом святом деле.. Одним из основных направлений образования, которому таджики уделяли большое внимание, было вовлечение родителей в образовательный процесс

Так как жизнь протекает быстрыми темпами, новейшая технология развивается. Это развитие и отрицательно и положительно влияют на подрсотающее поколение. Запад в этом деле имеет свои особенности и ясно, что он будет влиять и на других частях света.

В данной статье мы проанализировали и исследовали организацию родительско-учительских объединений, чтобы наша статья могла способствовать развитию сотрудничества родителей с общественностью в целом и высшими учебными заведениями.

Ключевые слова: ассоциация, сотрудничество, образование, родители, общеобразовательные учреждения, высшее образование, преподаватели, спонсоры, семинарский курс.

STRENGTHENING COOPERATION BETWEEN PARENTS AND HIGHER EDUCATION INSTITUTIONS IS A VITAL TOOL FOR EDUCATIONAL DEVELOPMENT

Sharipov Ikrom Ibronovich

the senior lecturer, department of history and philosophy International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan Home address: 48/5 Borbad Street, Dushanbe, Tajikistan, 734055 Email: ikromsharif@mail.ru .

Tajiks are Aryan by origin, and since ancient times, families have paid special attention to the upbringing of the younger generation, alongside education. Clearly, Tajiks themselves are well-mannered and strive to raise their children to be exemplary. Each family strives to achieve success in raising children before other families, thereby achieving greater success in this sacred cause. One of the main areas of education, to which the Tajiks paid great attention, was the involvement of parents in the educational process.

As life moves at a rapid pace, new technologies are advancing. This development has both a negative and positive impact on the younger generation.The West has its own unique approach to this issue, and it's clear that it will influence other parts of the world as well.

In this article, we analyzed and researched the organization of parent-teacher associations to help foster collaboration between parents, the general public, and higher education institutions.

Key words: association, cooperation, education, parents, educational institutions, higher education, teachers, sponsors, seminar course.

Рушду такомули ҷомеаи имрӯзаро бе пешрафти ҳамаҷонибаи соҳаи маориф тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро амалӣ сохтани мақсадҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа бевосита ба рушди босуботи ин соҳаи афзалиятнок вобаста аст.

Таърих гувоҳ аст, ки аз аввали солҳои соҳибистиқлол гардидани кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалӣ гардондани ислоҳоти соҳаи маориф як қатор қонуну қарорҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул намуд, ки барои баланд бардоштани сифату мазмун ва мундариҷаи таҳсилот, дигаргунсозиҳои сохтори идоракунӣ, самтҳои рушди пояҳои қонунӣ, худидоракунӣ-соҳибихтиёрии истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ шароити мусоид фароҳам оварда: «Ба соҳаҳои илму маориф афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад, зеро онҳо дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши калидӣ мебозанд» [5, С. - 8]. Афзалияти аввалиндараҷа додан ба соҳаи маориф боиси пешрафт ва инкишофи он гардида, дар муддати начандон калон маорифи кишвар ба дараҷаи баланд инкишоф ёфт.

Яке аз роҳҳои асосӣ, ки боиси рушди соҳаи маориф гардид, тибқи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ барои ҳалли мушкилоту пешомадҳои соҳа афзалият ба таъмини соҳибихтиёрӣ ва худидоракунии муассисаҳои таълимӣ дода шуд, ки ин мафҳум дар моддаи 41-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» инъикос ёфтааст: «Ба мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ шӯрои муассисаи таълимӣ, шӯроҳои омӯзгорон ва олимон, шӯроҳои истеҳсолию педагогӣ, илмию методӣ, шӯроҳои ҷамъиятӣ, директорон, ректорон, донишҷӯён, аспирантон, сарпарастон, нозирон, ташкилотҳои хонандагон, сохторҳои кумитаҳои кор бо ҷавонон ва занон, кумитаҳои падару модарон, ассотсиатсияҳои падару модарон, омӯзгорон ва ғайра дохил мешаванд, ки номгӯй ва вазифаҳои онҳо бо назардошти низомномаҳои дахлдори намунавии муассисаҳои таълимӣ дар оинномаи муассисаи таълимӣ пешбинӣ мегарданд».

Дар асоси чунин афзалиятҳо муассисаҳои таълимӣ дар интихоби дурнамои рушди муассиса фаъолиятҳои зиёдро иҷро карда метавонанд. Ин принсип дар моддаи 38-и Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки «Вазифаҳои муассисаҳои таълимӣ» ном дорад, дарҷ шуда аст.

Имрӯз маорифи кишвар маорифи солҳои 90-уми асри гузашта нест, он ҳамқадами Истиқлолият аст ва пешрафти бузургро соҳиб гардид. Бо рӯи кор омадани дастовардҳои бузург дар назди низоми таҳсилоти умумии маорифи кишвар мушкилоти зиёди солҳои гузашта, аз қабили фарогирии оммавии писарону духтарон ба таҳсил, баланд бардоштани давомоти хонандагон ба дарсҳо, бартарафсозии монеаҳо дар хусуси гирифтани таҳсилоти асосию миёнаи умумӣ барои ҳамаи кӯдакон, таъмини базаи моддию техникӣ, таъмини мактабҳо аз китобҳои дарсӣ, барқарорсозӣ ва сохтани мактабҳои замонавӣ, баланд бардоштани маҳорати касбӣ ва такмили ихтисоси муаллимони мактабҳои маълумоти миёнаи умумӣ, таъмини мактабҳо бо мизу курсӣ, беҳтар кардани шароити санитарию гигиении мактабҳо, ҷалби ҷомеа, соҳибкорон, волидон, муаллимон, талабагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ба идоракунии мактаб ҳаллу фасл гардида, аз байн рафтанд. Имрӯз муассисаҳои таҳсилоти умумиву олӣ шароити хуби кориро соҳиб гардиданд. Аммо имрӯз масъалаҳои дигарро низ ҳал намудан муҳим аст. Таҳқиқотҳо ва таҷрибаҳо нишон доданд, ки яке аз масъалаҳои асосие, ки имрӯз ҳам аз тадбирҳои муҳими ҳалли мушкилоту пешомадҳои мавҷудаи солҳои охир мебошад, ҷалб намудани иштироки падару модарон, аҳли ҷомеа, соҳибкорон, ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ ба ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ мебошад. Зеро муассисаи таълимӣ ягона маконест, ки метавонад маркази маънавиёти маҳал гашта, ба таҳсилоти муттасили одамон замина гузорад. Аз ин рӯ, ҷалб намудани тамоми аҳли ҷомеа ба шабакаи маориф яке аз талаботҳои замони муосир аст. Ин ҳамкорӣ ҳам боиси пешрафти таълим ва тақвияти тарбия мегардад. Дар ин бора дар Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат 20-уми марти соли 2007 омадааст: «Аслан, афрӯхтани шуълаи ифтихори миллӣ, парвариши эҳсосоти худшиносиву ватандӯстӣ ва дигар фазилатҳои неки инсонӣ аз синни кӯдакӣ дар оида ва таҳсил дар мактаб оғоз меёбад» [7, С. - 28]. Ин иқтибос боз ҳам муҳимияти ҳамкории зичи падару модарро ба муассисаҳои таҳсилоти умумиву олӣ инъикос менамояд. Ба ақидаи мо муҳим аст, ки ҷиҳати ҷалби падару модар ба муассисаҳои умумиву олӣ ташкил кардани ассотсиасияҳои муассисаи таълимӣ ва падару модар ва ташкилотҳои ба ин мазмун муҳим аст. Мисол овардан ба мавқеъ аст, ки чанд сол пеш дар мактабҳои кишвар “Ассотсиатсияи волидон ва омӯзгорон” (АВО) дар ҳамкории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази Лоиҳаи таҷдиди маорифи Бонки Умумиҷаҳонӣ, Маркази идораи Лоиҳаи ислоҳоти системаи маорифи Бонки Рушди Осиё, Барномаи маорифи Хазинаи Оғохони Тоҷикистон дар мактабҳои озмоишии ҷумҳурӣ ташкил карда шуда, фаъолият дошт. Дар рафти таҳқиқот дар солҳои 2012-2013 фаъолият доштани ин ассотсиасияро дар мактабҳои озмоишии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон муайян намудем: “Хушбахтона, мувофиқи Барномаи стратегияи ДТМК-и ВМКБ бо мақсади ҷалби волидон, аҳли ҷомеа, истифодаи захираҳои ҷомеа барои рушди мактаб ва дар ҳамин асос беҳтар намудани сифати таҳсилот аз моҳи марти соли 2013 дар 15 мактаби шаҳри Хоруғу ноҳияҳои алоҳидаи вилоят АВО (Ассотсиатсияи волидону омӯзгорон) ташкил карда шуд. Ташкил додани АВО дар мактабҳои № 9 ва 11-и шаҳри Хоруғ, мактабҳои № 3, 4, 8 ва 22-и ноҳияи Шуғнон, мактабҳои № 4, 5 ва 6-и ноҳияи Рӯшон, мактабҳои № 3, 4 ва 15-и ноҳияи Ванҷ, мактабҳои №1,10 ва 40-и ноҳияи Дарвоз оғоз гардид.» [4, С. - 18]. Таҳқиқот нишон дод, ки мақсади асосии ташкил кардани ин ассотсиасия аз ҷалб намудани волидон, сарпарастону соҳибкорон, ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ ва аҳли ҷомеа, пеш аз ҳама ба баланд бардоштани масъулиятнокии волидону омӯзгорон дар таъмини таълиму тарбияи босифати насли наврас, ҷавонон, дастгирии моддӣ ва маънавии хонандагону омӯзгорони мактабҳо иборат будааст. Аммо бо сабабҳои номаълум ассотсиасияи мазкур дар дигар мактабҳо ташкил карда нашудааст.

Раванди таҳқиқот нишон дод ва собит намуд, ки агар барои тақвияти ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти умумиву олӣ ва дигар муассисаҳо чунин ассотсиасияҳо ташкил карда шуда, фаъолона амал намоянд масъалаи косташавии ҳамкории падару модар ва аҳли

ҷомеа ба раванди таълим аз байн меравад ва ҳамкориҳои падару модар бо муассаҳои умумиву олӣ тақвият меёбад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки агар ассотсиасияи падару модар ва омӯзгорон дар заминаи донишгоҳҳо ташкил карда шавад ва ё чун ташкилоти ҷамъиятӣ фаъолият намояд, ҳамкории зичи падару модарро бо муассисаҳои олӣ таъмин мекунад ва дар натиҷа дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар замони ҳар дам тағйирпазир дастовардҳои назаррасро ба даст меоянд, аз ҷумла:

- усули таълими донишҷӯён ва омодагии касбии онҳо такмил дода мешавад;

- дар омӯзиши таҷрибаи соҳаи маорифи давлатҳои мухталиф оид ба таълими технологияи информатсионӣ барои донишҷӯён, ҷалби бештари донишҷӯён ба омӯзиши технологияи иттилоотию комуникатсионӣ мусоидат карда метавонад;

- маҳфилҳо ва машғулиятҳои иловагӣ барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои донишҷӯён, ҷавонон ва дигар хоҳишмандон ташкили карда мешаванд;

- дар ташкили омӯзиши масъалаҳои иқтисодӣ - бозоргонӣ, соҳибкорӣ, расондани ёрии моддӣ ба донишҷӯёни қобилиятнок дар омӯзиши асосҳои касбӣ, техникаи компютерӣ ва дигар самтҳои муҳими таълим мусоидат мекунад;

- ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ, омӯзгорон, мақомотҳои худфаъолиятии ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои тарғиби тарзи ҳаёти солим байни насли наврас ва ҷавон, ҷалб намудани онҳо ба иштирок дар чорабиниҳо баҳри баланд бардоштани масъулиятнокии шаҳрвандон дар тарбияи насли наврас ва ҷавон, ҷалби онҳо ба касбҳои эҷодӣ бо мақсади пешгирии майзадагӣ, нашъамандӣ ва дигар кирдорҳои зидди ҷамъиятӣ тақвият меёбад;

- нақшаи дурнамо барои такмил додани донишҳои педагогии волидон ба воситаи ташкили семинарҳо, конфронсҳо, мизҳои мудаввар, клубҳои волидон, баровардани китобча, бюллетенҳо, асбобҳои аёнӣ ва амсоли инҳо таҳия карда шуда, амалӣ мегардад;

- ба роҳ мондани табодули таҷриба байни падару модар, чоп кардани мақолаҳо аз таҷрибаи омӯзгорон ва волидони пешқадам бо мақсади омӯхтани таҷрибаи ҳамдигар, тарғиби донишҳои педагогӣ байни омӯзгорон, волидон, ҷалб намудани онҳо ба гузаронидани чорабиниҳое, ки ба баланд бардоштани сатҳи дониш, таълиму тарбияи донишҷӯён равона шудаанд, равнақ меёбад;

- ҳамкорӣ бо ташкилотҳои давлатии расмии дар давлат фаъолияткунанда ва ҳамзамон тақвияти ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, шарикони рушд, доир ба масъалаҳои таълиму тарбия тақвият меёбад;

- расондани кӯмак ба омӯзгорон дар кори таълиму тарбия, ҷалб намудани волидон барои иштирок ба дарсҳо, расондани ёрӣ ба сарпарастони гурӯҳҳои таълимии муассисаҳои олии кишвар дар корҳои тарбиявӣ, гузаронидани ҳама намудҳои чорабиниҳои донишгоҳӣ зиёд мегардад;

- аз тарафи омӯзгорон ва мутахассисон расондани ёрӣ ба падару модард вобаста ба ташкили чорабиниҳои тарбиявӣ дар ҷои истиқомати донишҷӯён, хобгоҳҳо, бо роҳи ташкил намудани чорабиниҳои маърифатӣ, шабҳои саволу ҷавоб, чорабиниҳои варзишӣ, озмунҳои гуногуни донишҷӯён ба роҳ монда мешавад;

- ҳавасманд намудани омӯзгорони пешқадам, оилаҳои намунавӣ, ҳавасманд намудани донишҷӯёни соҳибистеъдод ба таҳсил аз тарафи роҳбарияти донишгоҳҳо ва роҳбарои боломақоми соҳаи маориф тақвият меёбад;

- ҷалби сарпарастон, ташкили хайрияҳо, эҳсонкорӣ ба муассисаҳои олӣ ва ташкили фонди ғайрибуҷавӣ бо мақсади баланд бардоштаи сифати таълим ва мустаҳкам кардани базаи моддӣ-техникии донишгоҳҳо, таъмири ҷории аудуторияҳо имконпазир мегардад;

- падару модар ва омӯзгорони муассисаҳои олӣ дар ташкил кардани шароит баҳри ҷалб намудани ҷавонон ба соҳаи сайёҳӣ ва соҳибкорӣ, ташкил намудани марказҳо барои омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ мусоидат менамоянд;

- ҷалб намудани падару модарон ба корҳое, ки бо ободгардонии муҳити зист равона карда шудаанд, беҳтар намудани шароити экологӣ, санитарӣ бо роҳи ободгардонӣ, кабудизоркунии маҳалли аҳолинишин осон мегардад;

- ташкили заминаи устувори молиявӣ ва моддии ассосиатсияҳо бо мақсади ташкил кардани бозиҳои пулию молӣ (лотерея) музоядаҳо, консертҳо, чорабиниҳои варзишӣ ва саҳнавӣ, намоишгоҳҳо – фурӯшгоҳҳои асарҳои бадеӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва маҳсулоти истеҳсолшуда, гузаронидани марафонҳо, ҷалби инвеститсияҳо, гирифтани грантҳо ва ғайра бо мақсади дарёфти сарчашмаҳои маблағӣ барои амалигардонии фаъолиятҳо роҳи ҳалли худро меёбад.

Таҳқиқот муайян намуд, ки сссотсиатсияи падару модар ва омӯзгорон шакли фаъол ва замонавии ҷалби ҷомеа ба донишгоҳҳо ва худидоракунии муассисаи олӣ ба ҳисоб меравад. Вай метавонд ташкилоти худидоракунӣ буда, дар мақомоти адлия ба қайд гирифта шавад, оиннома ва суратҳисоби худро дар асоси аснодҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ташкил намояд. Ҳар як падару модар, омӯзгор метавонад ба он аъзо шуда, дар таҳкими сифати дониши донишҷӯён ва тарбияи онҳо саҳм гузоранд. Ин ассотсиасия ё ташкилот ҷомеа мактаб, муассисаҳои олӣ, ташкилоту муассисаҳо, идораҳо ва соҳибкоронро баҳри расонидани кӯмаки моддӣ ва маънавӣ ба донишгоҳ ба ҳам муттаҳид месозад.

Ташкил кардани семинарҳо ва курсҳои кӯтоҳмуддат барои падару модар мақсаднок аст. Онҳо дар семинарҳо роҳҳои асосии пешниҳод намудани проблемаро мавриди баҳс қарор дода, роҳҳои бо мақомотҳои гуногуни ҷомеа баррасӣ намудани масъалаҳои ҳалталаби донишгоҳро ҷустуҷӯ менамоянд. Ин шакли ташвиқот дар мамолики аврупо васеъ паҳн шудааст, онҳо ҳамкории падару модарро ба муассисаҳои таълимӣ бо роҳи кӯмакрасонӣ мақсаднок ба роҳ мемонанд. Ин таҷрибаҳоро омӯхтан муҳим аст, зеро аъзоёни ассотсиасия ё ташкилот бояд тарзи тарғиб намудани проблемаро донанд, сарпарастону маблағгузорони ватаниву байналмилалиро ба ташкилот ҷалб намоянд ва бо ин роҳ ҳамкории падару модарро бо донишгоҳҳо тақвият бахшанд. Ташвиқот ба монанди савдои бозор нозук аст. Фарз кардем барои харид намудани картошка ба назди фурӯшандаҳо меоем. Масалан, чор нафар савдогари картошка, ки нарху сифати маҳсулоташон якхела аст, қатор нишастаанд. Мо аз кадоме аз он савдогарон картошка мехарем? Ҷавобҳо гуногунанд, баъзеҳо муносибати хуб ва баъзеҳо чеҳраи дилкаши фурӯшандаҳоро тарҷеҳ медиҳанд. Беҳтарин ҷавоб ин дуруст муаррифӣ ва тарғиб намудани маҳсулот аст. Пас, проблема бояд тавре пешниҳод гардад, ки ҳаваси кас барои ҳал намудани он бедор гардад.

Бояд қайд кард, ки мақсади ташкил намудани ассотсиасия ё ташкилот танҳо ҷалб намудани маблағ набуда, балки дастгирӣ намудани донишҷӯёну омӯзгорон аст. Кори ифтихорӣ ва вақти сарфнамудаи падару модар барои беҳбудии кори муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ равона мегардад. Кӯмаки падару модар ба раванди таълим ва иштироки онҳо дар дарсҳои фарзандонашон, ки яке аз мақсадҳои ассотсиасия мегардад ва бояд ба ҳукми одат дарояд.

Бо боварии комил қайд менамоем, агар ассотсиасияи падару модар ташкил карда шаванд дар муҳлати кӯтоҳ донишгоҳҳо ва ассотсиасия дар ҷодаи ҷалби ҷомеа ба раванди таълим ба пешравиҳои назаррас ноил мегарданд. Мувофиқи нақшаи корӣ мунтазам маҷлисҳои умумӣ ва маҷлисҳои алоҳидаи аъзоёни ассотсиасия доир мегарданд, ки дар онҳо масъалаҳои ҳавасмандкунӣ ва дастгирии омӯзгорону донишҷӯён, таъмини иштироки падару модарон ба дарси фарзандон, назорати давомоти донишҷӯён ба дарсҳо, таълиму тарбияи онҳо, беҳдошти саломатии донишҷӯён, таъмири бинои муассиса, дастраскунии таҷҳизоти хониш, дарёфти сарчашмаҳои моддӣ, ҷустуҷӯи сарпарастон, сарфи оқилонаи маблағҳои молиявӣ ва ғайра баррасӣ карда шуда, назорат аз болои иҷрои қарори маҷлисҳо пурзӯр карда мешавад.

Натиҷаи амалҳои якҷояи ассотсиасия ва донишгоҳ боис мегардад, ки сатҳи сифати таълиму тарбия баланд бардошта мешавад ва дар ҷодаи таълиму тарбия муваффақиятҳои нав ба даст меоянд.

Адабиёт

1. Истифодаи усулҳои «Педагогикаи иртиботӣ» дар дарс // Дастури таълимӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. - Хоруғ, Логос, 2015. - 58 с.

2. Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Масъалаҳои маориф №3, 2010.

3. Майер Б. Техника ва таҳсилот. Дидактикаи тахасусӣ / Б. Майер, С. Мануков, Н. Сангов, С. Раҳимов, А. Азизов. - Душанбе, 2011. – 387 с.

4. Н. Мамадюсуфов. Ассотсиатсияҳои волидону омӯзгорон – шакли умедбахши худидоракунии мактаб аст // Раҳнамои омӯзгор №3, 2024.

5. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2019.

6. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2022.

7. Пешвои миллат - абармарди арсаи сиёсат / Зери назари ададемик Фарҳод Раҳимӣ. Мураттиб ва муаллифи охирсухан Давлатҷон Муҳиддинов. - Душанбе: Ирфон, 2018. – 376 с.

8. Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «1» августи соли 2015 №494 тасдиқ шудааст).

9. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2011 № 334).

10. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар. 30.05.2024, шаҳри Душанбе.

11. Шарифзода Файзулло - Ҷаҳонишавии ҳаёти муосир, геополитика ва маориф», // Масъалаҳои маориф, 2009, №3.

12. Шукри он, ки Пешво дорем // Маҷмӯаи мақолаҳо. Ба 25-солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида мешавад / Мураттиб: профессор, Ш. Исмоилов. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 169 с.

13. Эмомали Раҳмон - бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон / (Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ) / Ҳайати таълиф: Ҳ. Зарифӣ, Н. Зоҳидов, Д. Назриев, Х. Сафаров. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 272 с.

14. Эмомалӣ Раҳмон ва “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ”. Китоби 19 / Зери назари академик, Президенти АМИТ Ф. Раҳимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 373 с.

15. Делор Ж. Образование: сокрытое сокровище / Ж. Делор. - UNESCO, 1996.

16. Шишов С.Е., Кальней В.А. - Школа: мониторинг качества образования / С.Е. Шишов, В.А. Кальней. - Москва, 2000. – 287 с.

17. Равен Дж. Компетентность в современном обществе. Выявление, развитие и реализация / Дж. Равен. - М., 2002. – 198 с.

18. Hutmacher Walo. Key competencies for Europe // Reportof the Symposium Berne, Switzerland 27-30 March, 1996.Council for Cultural Co-operation (CDCC) a Secondary Education for Europe. Strasburg, 1997.

19. Хуторской А.В. Ключевые компетенции и образовательные стандарты: Доклад на отделении философии об разования и теории педагогики РАО 23 апреля 2002. Центр «Эйдос» // WWW/eidos.ru/news/compet/htm.

20. Хуторской Андрей Викторович.. Ключевые компетенции и образовательные стандарт // http://www.eidos.ru/journal/2002/0423.htm).

21. Шадриков В.Д. Философия образования и образовательные политики, 1993.- С.105

Literature

1. The use of "Communication Pedagogy" methods in the classroom // Training manual for teachers of general education institutions. - Khorog, Logos, 2015. - 58 p.

2. The concept of transition to a new system of general secondary education in the Republic of Tajikistan // Education Issues No. 3, 2010.

3. Mayer B. Technology and education. Specialized didactics / B. Mayer, S. Manukov, N. Sangov, S. Rahimov, A. Azizov. - Dushanbe, 2011. - 387 p.

4. N. Mamadyusufov. Parent-teacher associations are a promising form of school self-government // Teacher's Guide No. 3, 2024.

5. Message of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon "On the main directions of the domestic and foreign policy of the republic" to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2019.

6. Message of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon "On the main directions of the domestic and foreign policy of the republic" to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2022.

7. The Leader of the Nation - a great man of the political arena / Under the gaze of academician Farhod Rahimi. Compiled and author of the afterword Davlatjon Muhiddinov. - Dushanbe: Irfon, 2018. - 376 p.

8. State Standard of General Education in the Republic of Tajikistan (Approved by the Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated August 1, 2015 No. 494).

9. National Strategy for the Development of Education of the Republic of Tajikistan until 2020 (Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 30, 2011 No. 334).

10. Speech of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon at a meeting with scientists and educators of the country. 05/30/2024, Dushanbe city.

11. Sharifzoda Fayzullo - Globalization of Modern Life, Geopolitics and Education», // Education Issues, 2009, No. 3.

12. Thank you for having a Leader // Collection of articles. Dedicated to the 25th anniversary of the State Independence of the Republic of Tajikistan / Compiled by: professor, Sh. Ismoilov. – Dushanbe: Er-graf, 2016. – 169 p.

13. Emomali Rahmon - the founder of Tajikistan's foreign policy / (Under the supervision of Hamrokhon Zarifi) / Editorial team: H. Zarifi, N. Zohidov, D. Nazriev, Kh. Safarov. - Dushanbe: Irfan, 2012. - 272 p.

14. Emomali Rahmon and "Year of rural development, tourism, folk crafts". Book 19 / Under the supervision of academician, President of AMIT F. Rahimi. - Dushanbe: Irfan, 2020. - 373 p.

15. Delor J. Education: sokrytoe sokrovishche / Zh. Delor. - UNESCO, 1996.

16. Shishov S.E., Kalney V.A. - School: monitoring quality of education / S.E. Shishov, V.A. Calney. - Moscow, 2000. - 287 p.

17. Raven J. Competence in modern society. Identification, development and realization / Dzh. Raven. - M., 2002. - 198 p.

18. Hutmacher Walo. Key competencies for Europe // Report of the Symposium Berne, Switzerland March 27-30, 1996. Council for Cultural Co-operation (CDCC) a Secondary Education for Europe. Strasbourg, 1997.

19. Khutorskoy A.V. Key competences and educational standards: Report of the department of philosophy of water management and pedagogical theory of RAO April 23, 2002. Center "Eidos" // WWW/eidos.ru/news/compet/htm.

20. Andrey Viktorovich Khutorskoy.. Key competences and educational standards // http://www.eidos.ru/journal/2002/0423.htm).

21. Shadrikov V.D. Philosophy of education and educational policy, 1993.- P.105

УДК: 37.01.3:373.3(575.2)

АҚИДАҲОИ ПЕДАГОГИИ УСТОД АЙНӢ

Зиякова Зулайхо Амонуллоевна
ассистенти кафедраи молия, ҳуқуқ, гумрук ва забонҳои хориҷии, Донишкадаи байналмилалии Данғараи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Email: zzulaykho@mail.ru

Аннотатсия. Устод Садриддин Айнӣ ҳамчун яке аз нахустин мутафаккирони тоҷик дар соҳаи маориф ва педагогика нақши муҳим дошт. Ақидаҳои педагогии ӯ ба рушди маънавиёти наврасон, тарбияи ахлоқӣ ва ватандӯстона нигаронида шудаанд. Айнӣ таъкид дошт, ки омӯзгор бояд на танҳо донишро интиқол диҳад, балки ба тарбияи шахсияти комил ва аҳли ҷомеа низ диққат диҳад. Дар фаъолияти педагогӣ ва адабӣ ӯ методҳои интерактивӣ ва омезиши назария бо амалияро истифода мебурд. Ақидаҳои Айнӣ то имрӯз барои педагогҳои тоҷик намунаи ибрат ва роҳнамои фаъолият мебошанд**.**

Калидвожаҳо: Садриддин Айнӣ, педагогика, тарбияи ахлоқӣ, маорифи миллӣ, усулҳои таълим.

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ИДЕИ ПРОФЕССОРА АЙНИ

Зиякова Зулайхо Амонуллоевна
ассистент кафедры финансов, права, таможенного дела и иностранных языков Международного института Дангара Таджикского международного университета туризма и предпринимательства. Email: zzulaykho@mail.ru

Аннотатия. Садриддин Айни, один из первых мыслителей Таджикистана в области образования и педагогики, сыграл важную роль в развитии национального воспитания. Его педагогические идеи были направлены на формирование нравственных качеств у детей и молодежи, а также воспитание патриотизма. Айни подчеркивал, что учитель должен не только передавать знания, но и способствовать воспитанию полноценной личности и активного гражданина. В своей педагогической и литературной деятельности он применял интерактивные методы и сочетал теорию с практикой. Сегодня идеи Айни являются важным ориентиром для таджикских педагогов.

Ключевые слова: Садриддин Айни, педагогика, нравственное воспитание, национальное образование, методы обучения

PEDAGOGICAL IDEAS OF PROFESSOR AYNI

Ziyakova Zulaykho Amonulloyevna
assistant of the Department of Finance, Law, Customs Affairs, and Foreign Languages at the Dangara International Institute of the Tajik International University of Tourism and Entrepreneurship. Email: zzulaykho@mail.ru

Abstarct. Sadriddin Ayni, one of the first thinkers in the field of education and pedagogy in Tajikistan, played a significant role in the development of national education. His pedagogical ideas focused on the moral development of children, youth, and fostering patriotism. Ayni emphasized that a teacher should not only impart knowledge but also contribute to shaping a complete personality and responsible citizen. In his educational and literary work, he used interactive methods and combined theory with practice. Today, Ayni’s ideas continue to serve as a model and guidance for Tajik educators.

Keywords: Sadriddin Ayni, pedagogy, moral education, national education, teaching methods

Дар аввали қарни XX дар шаҳрҳои калонтарини сарзамини Осиёи Миёна ҳаракати пешқадами ҷадидия ба амал омад, ки намояндагони он бо тамоми ҳастӣ дар роҳи пешрафту беҳбудии ҷомеа рушду нумуи кишвар, ривоҷи илму фарҳанг равнақи мактабу маориф, таҳаввули бедории фикрии мардум ва камолоти маънавии халқу миллат корнамоиҳои ибратбахш анҷом додаанд. Ҷадидон аз ғафлат наҷот ёфтан ва ба шоҳроҳи тамаддуни умумибашарӣ дохил шуданро, пеш ҳама, дар ислоҳи мактабу маориф ва ба ташкил намудани таълиму тадрис медиданд. Дар таърихи тамаддуни тоҷик бошад, ин навъи мактабҳо нақши беандоза гузоштанд.

Ходимони илму фарҳанги тоҷик дар қарни пеш аз инқилоби Октябр дар таъсиси ин таълимгоҳҳо нақши беандоза гузоштанд. Бо ибтикори ҷадидон дар як муддати кӯтоҳ бошад, дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Фарғона, Тошканд, Андиҷон, Қӯқанд, Хуҷанд ва ғайра мактабҳои навусул созмон ёфтанд, ки дар ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии мардум инқилоби фикрӣ ба вуҷуд оварданд. Асосгузорони ин мактабҳо Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдулқодири Шакурӣ, Садриддин Айнӣ, Абдурауфи Фитрат ва дигарон буданд ва бо ин навъ усули таҳсил ба бедор ва равшанфикрӣ тарғиб намудан ин пешаи корро ривоҷ доданд. Ногуфта намонад, ки бештарини соҳибони мактабҳои усули нав ва умуман тарғибгарони ҷадидия шоирону нависандагон буданд. Устод Айнӣ бошад, дар фаъолияти пеш аз инқилобиаш, аз мударрис буданаш дар мадраса боз дар эҷоди шеъру шоирӣ низ қалам кашидааст.

Муаллифони китоби «Таърихи адабиёти советии тоҷик» (1984) дар хусуси зарурат ва моҳияти мактабҳои усули нав навиштаанд: «Пайдоиши макотиби усули ҷадидия як ҳодисаи нави замон буда, низоми суннатӣ ва анъанавии маорифи кишварро тағйир дод, вале проблемаҳои ҳалноталаби мактаби миллӣ дар Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд ва маҳалҳои тоҷикнишин ҳамоно вуҷуд доштанд. Нахустин мактабҳои навусулӣ, ки ғолибан тоторию ӯзбекӣ буданд, талаботи талабагони тоҷикро қонеъ карда натавонистанд. Бахусус, забони таҳсил ва китобу воситаҳои таълимӣ, ки аксарият туркӣ буданд, барои толибилмони тоҷик душвориҳои зиёдро пеш меовард. Аз ин рӯ, дар назди равшанфикрони тоҷик зарурати таъсиси мактабҳои миллӣ ва нашри китобҳои таълимӣ ба забони тоҷикӣ ба пеш омад» [1. с. 16].

Барои он ки диққати хонандагон ба мактабҳои ҷадидӣ ҷалб карда шавад, устод Айнӣ идеяи асосии қарор гирифтани порчаҳои шеърӣ ва мақсаду мазмуни ҳикояҳоро барои хонандагон рӯшан сохтан ҳам порчаҳои насрӣ ва ҳам шеъриро меоварад, ки аз анъанаи гузаштаи адабиёти классикӣ шакл гирифтааст. Садриддин Айнӣ бошад мактабро ҳамчун манбаъ ва сабаби осоиши рӯзгор таърифу тавсиф менамояд. Мақоми боргоҳи маърифат, яъне мактабро дар рушду инкишофи маънавии инсон ва васеъ намудани ҷаҳонбинии ӯ дар радифи талаботи масъалаи мактабҳои ҷадидия, ки ҳам дарсҳои динӣ ва ҳам дунявиро дарбар мегирифтанд, баръало зикр намудааст. Ин порчаи шеърӣ бошад дар бораи мактаб характернок мебошад:

Бечӯн ҷасадро қадре набошад,
Ҷисм аст мактаб, ҷон аст мактаб. [14. с. 12]

Садриддин Айнӣ мактабро манбаи ақлу идрок ва ба камолрасии бачаҳо шуморидааст.

Дар рубоии зерин мактаб ҳамчун ҷойи хушбахтӣ ва дуркунандаи ғаму андӯҳ, сарчашмаи тараққиёти маънавии хонанда тасвир карда шудааст. Хислати характерноки рубоӣ дар он аст, ки махсусан барои хонадагони наврас нигаронида шудааст, ки бо ақлу дониш таъсир расонида, онҳоро ба сӯйи мактаб даъват кунад:

Мактаб ба ту медиҳад илму адаб,
Мактаб зи ту мебарад ғаму ранҷу тааб. [14. с. 11]

Баъд аз он рубоӣ оид ба мактаб саволу ҷавоби мароқангез оварда шудааст, ки он ба синну сол ва фаҳмиши хондагони хурдсол хеле мувофиқ буда, дар байни бачагон ҳиссиёти дӯстӣ ва рафоқатро тарбия менамояд. Дар ин ҷо устод Айнӣ хонандагони олиҳиммателро, ки дар равиши берун аз дарс ва берун аз он ашёи худро барои истифода берун аз дарс барои

шариконашон медиҳанд, одамони хуб мешуморад. Масалан, Собир ном бача дар рафти дарс қалами худро нохост мешиканад. Рафиқи ӯ Аҳмадҷон ба вай қалам ва коғаз дода мегӯяд: «Ману ту шарик ҳастем, ҳар чизе, ки ман дошта бошам, мисли чизи худ гирифта сарф намо» [23. с. 13]. Яке аз роҳҳои дигаре, ки инсон метавонад дар зиндагии хеш доимо сарфароз гардад, ин аст, ки дар зиндагӣ бояд дар соҳаи меҳнат тарбия дида бошад. Садриддин Айнӣ бошад фикри худро бо як рубоии пурҳикмати халқӣ ҷамъбаст кардааст:

Нобурда ранҷ ганҷ муяссар намешавад,
Музд он ки гирифт, ҷони бародар, ки кор кард [14. с. 15].

Як роҳи дигари омӯхтан ва аз бар намудани донишро, ки устод Айнӣ дар осори худ нишон додааст, машғулияти коллективона мебошад. Вай таъкид менамояд, ки хонандагон машғулияти коллективонаро бояд дар ҷойҳои кушод ва хушбоду ҳаво гузаронанд. Аз ҳамин ҷост, ки пас аз тасвирҳои фасли баҳор ба хонандагон муроҷиат намуда, онҳоро ба хониши коллективона даъват менамояд:

Хуш он кас, к-ӯ дар ин фаслу сол,
Равад бар бӯстон бо дӯстдорон [14. с. 14].

Садриддин Айнӣ аҳамияти калони донишандӯзӣ доштани саёҳати фаннӣ ба машғулияти коллективиро таъкид намуда, онро ба тартиби дарсхонии мактаби куҳна муқобил гузоштааст.

Устод Айнӣ дар ин ҷо соҳибмарҳаматиро бо хислатҳои бади худбинӣ ва бахилӣ муқобил мегузорад. Садриддин Айнӣ қайд менамояд, ки мактаб маданӣ ва боэътибор буда, хонандагонро аз расвоиҳои олами феодалӣ эмин медорад, ба ӯ илму адаб бахшида, шахси соҳибмаърифат ва азиз мегардонад. Инак, «Маснавӣ дар васфи мактаб» моҳияти ҳақиқии ин масъаларо равшан менамояд:

Эй монда қадам ба роҳи мактаб,
Олист мақому ҷои мактаб. [14. с. 11]

Аз ин сатрҳо маълум мегардад, ки С. Айнӣ мактабро ҳамчун ибтидои тараққиёти маданияти хонандагон ва манбаи рӯҳии онҳо ҳисоб менамояд. Ба фикри устод Айнӣ маҳз дар ҳамин гуна мактабҳо илму дониш омӯхта, шахси бомаънӣ ва бофаросат шудан мумкин аст. Садриддин Айнӣ аз ҷавонон, ки ояндаи миллат ва пешбарандаи давр мебошанд, дар мактаб таҳсил намудан ва ҳарҷониба инкишоф ёфтани онҳоро талаб менамояд, зеро насли наврас ояндаи тамаддуни ӯро таъмин менамояд.

Мақом ва нақши устод С. Айнӣ дар таърихи адаб, илм ва маданияти тоҷик на фақат ҳамчун нависанда ва шоир публитсист ва олими номдор шинохта шудааст, балки ӯ мутафакири соҳаи педагогика низ мебошад.

Садриддин Айнӣ ҳаёти худро бо мактаб, ба таълиму тарбияи насли наврас бахшида буд. Китобҳои машҳури ӯ «Таҳзиб-ус-сибён», “Духтарбача ё Холида”, “Мактаби куҳна” ва “Ёддоштҳо”, ба масъалаҳои гуногуни таълим бахшида шудаанд. Албата ӯ ҳам дар китобҳои дарсӣ, ҳам дар мақолаҳои публисистӣ ва ҳам дар асарҳои илмию бадеии хеш дар ҷараёни баррасӣ ва таҳлилии низоми таълиму тарбия дар мадрасаҳои аморати Бухоро, мактабҳои усули нав ва муассисаҳои таълими замони Шӯравӣ ақидаҳои басе ҷолиби педагогӣ баён кардааст. Ин мулоҳизаҳо ба таълим ва навъҳои гуногуни тарбия, чун тарбияи ахлоқӣ, тарбияи гуманистӣ (инсондӯстӣ), тарбияи ватанхоҳӣ, беҳдошти тандурустӣ, тарбияи эстетикӣ (зебоишиносӣ) ва тарбияи ҷисмонӣ равона шуда, зиёда аз як аср боз дар рӯшду нумуи маорифи тоҷик хизмат карда истодааст.

Устод Айнӣ дар ҳаёти инсон мавқеи тарбияро басо муҳим арзёбӣ карда, қишрҳои гуногуни ҷомеаро ба тарбияи бонизоми насли наврас роҳнмоӣ кардааст

Дар асарҳои С. Айнӣ инсони меҳнаткаш, инсоне ки аз хурдӣ дар рӯҳи меҳандӯстӣ ва накӯкорӣ тарбия ёфта, ба падару модар омӯзгорон ва дигар қишрҳои ҷомеа фоида мерасонад, васфу ситоиш мешавад. Асоси хушбахтии насли наврасро дар назарбаландӣ, меҳнатдӯстӣ ва саховатмандӣ донистааст. Масалан дар фасли “Бачаи боақл”-и «Таҳзиб-ус-сибён» омадааст, ки: “Бачаи боақл падару модараш ҳар таом диҳад, мехӯрад ва ҳар либос

диҳад, мепӯшад. Зиёда талаб намекунад. Ба чизи касе ҳавасаш намеравад... чашм сер ва назарбаланд мебошад”.

Ҳар каски назарбаланд бошад,
Фархундаву арҷманд бошад. [3. с. 17]

Назарбаландиву саховатмандӣ, яке аз сифатҳои муҳимми ахлоқи ҳамида ба ҳисоб рафта, ба таълиму тарбияи насли наврас иртиботи комил дорад ва устод Айнӣ ин мафҳумро ба мафҳуми булҳавасӣ муқобил гузошта, бо ҳамин дар тарбияи фарзанд эҳтиёткор будани падару модарро таъкид мекунад. Масалан дар “Духтарбача ё Холида» овардааст, ки Холидаи шаш сола фарзанди ягонаи хонадон буда ва ҳар хоҳиши ӯ аз тарафи волидайн ба ҷо оварда мешуд, ба дараҷае, ки Холида пойбанди ҳавову ҳавас гардида буд: “Холида қабат-қабат либосҳо пушида нигину гӯшвораҳоро овехта, худро меорост, духтарони дигарро назараш намегирифт. Чунки ӯ қадру қиммати одамонро дар либос медид” [7. с. 20].

Рӯзе ба Фотима ки бо либосҳои оддӣ дар даст китоб аз мактаб меомад, вохӯрда, ӯро “магар ту чунин либосҳои нав надорӣ?”- гӯён шарм доронданӣ мешавад. Фотима ба Холида китобашро дароз карда, нодонии ӯро исбот мекунад ва дар айни ҳол боиси ба китоб рӯ овардани дугонааш мешавад, Устод Айнӣ чунин мешуморад, ки хислатҳои бади фарзандонро дар хурдсолӣ аз байн бояд бурд, зеро андак беэътиборӣ дар тарбияи фарзанд метавонад меваҳои талх ба бор орад.

Дар муассисаҳои таълимии асримиёнагӣ чӣ тавре ки аз ҳикояи “Мактаби кӯҳна» бар меояд, усули золимонаи таълим - ҷазои ҷисмонии мактаббача бо чӯб ҷорӣ буд ва устод ин усули таълимро тамоман маҳкум мекунад, зеро ин усул ба пешравии дарсхонии талабагон ёри намерасонад, балкӣ, боиси қафо монӣ ва дарсгурезии талаба мегардад.

Бояд зикр кард, ки ҷараёни таълими атфол басо мураккаб ва заҳматталаб мебошад ва хислату табиати талабагон дар як поя қарор надорад. Барои ин заҳмати муаллим ва падару модар лозим аст. Бинобар ин С. Айнӣ ба муқобили ҷазои ҷисмонӣ баромада, дар айни ҳол усули умумии ҷазоро инкор намекунад. Ба ақидаи ӯ сахтгирии насли наврас бояд хусусияти тарбиявӣ дошта бошад ва ба ақлу шуури атфол таъсир карда, онҳоро ба масъулиятшиносӣ роҳнамоӣ намояд, яке аз шогирдони устод Айнӣ - Раҳим Ҳошим чунин ёдовар шудааст, ки: “Ба фикри С. Айнӣ, падару модар ва инчунин муаллим бояд ба тамоми ҷиҳатҳои ҳаёти бача диққат намоянд ва ӯро ҳама вақт дар таҳти мушоҳидаи худ нигоҳ доранд. Муаллим бояд нисбат ба ҳар як талаба ҳассос ва бодиққат буда, ҳеҷ як рафтор ва кирдори ӯро аз назар нагурезонад» [6. с. 48].

Устод Айнӣ дар осори педагогии худ ба тарбияи гуманистии насли наврас таваҷҷуҳи зиёд намуда, тарбияи атфолро дар рӯҳияи инсондӯстӣ, раҳму шавқат ба муҳтоҷону дармондагон дониста, ин навъи тарбиро тарбияи комили инсонӣ мешуморад. “Одами боақл,- ба қавли Айнӣ,- ба ҷамъи мардум ҳатто ба ҳайвонҳо некӣ мекунад. Ҳеҷ касро озор намедиҳад, ба мардум зарар ва заҳмат намерасонад, ба ҳоли бева ва бечора дилаш месӯзад, ба онҳо тараҳҳум мекунад. Ба қадри имкон некӣ мерасонад» [5. с. 15].

Ақидаҳои омӯзгории С. Айнӣ дар масъалаи тарбияи гуманистии насли наврас пайваста инкишоф меёбад. Дар китоби қироати “Духтарбача ё ки Холида» омадааст, ки тарбияи муаллима Холидаро дар роҳи муҳаббат бо волидайну ҳамсолон таъкид шудааст, ки сар то по ақидаҳои гуманистист. Масалан рӯзе духтарчаи ҳамсоя Қундуз ба об ғарқ мешавад, “дар ин ҳол Холида...худро ба ҳавз ҳаво дода, Қундузро бардошта аз об бароварда ва ҳамроҳи холааш як- ду соат ба Қундуз нигоҳу бин намуда, ӯро аз ҳолати марг наҷот доданд» [2. с. 34].

Андешаҳои устод Айнӣ вобаста ба тарбтяи инсондӯстӣ ва мулоҳизаҳояш оид ба тарбияи ватандӯстӣ пайваст мебошанд. Аз осори то давраи инқилоби Октиябр навиштаи устод маълум мешавад, ки ӯро ноободии Ватан, дар торикиву нооромии мондани сокинони аморати Бухоро дар ташвиш овардааст ва барои аз ин вартаи ҳалокат раҳонидани Бухоро ва сокинони он талош меварзад то ки ғояи ободӣ ва рушду нумуи онро дар осори омӯзгориаш низ ба насли наврас талқин мекунад. Дар «Таҳзиб-ус-сибён» овардааст, ки модар ба писари хурдиаш, ки дар шаҳри Бухоро мехонд, мактуб навишта, аз ҷумла мегуяд: “Нури дидаи ман,

аз ту танҳо як хоҳиш дорам, ки ин аст: дар роҳи хондан саъй кун, ғайрат кун! Одам шав! Баъд аз он ба қадре, ки метавонӣ дар ватан ва аҳли ватани худ ва ҳам миллати худ хидмат намой! Ба ман ҳамин шараф бас аст, ки ходими донишманди миллат ёдгор гузорам» [4. с. 34]

Махсусан асарҳое, ки устод дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ навиштааст, рӯҳи ватандӯстӣ ва ҳимояи Ватан аз ғоратгарони аҷнабӣ басо қавӣ мебошад ва ин осор, аз ҷумла “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» ва “Исёни Муқанаъ», дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ дар тарбияи ҷавонону наврасони тоҷик басо бузург аст. Вақте, ки насли наврас аз охири китоби “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» навиштаҷоти варақеро, ки аз миёнбанди Темурмалики шаҳид дарёфт шудааст, мехонад, арзиши Ватанро ҳар як ватандор бо тамоми ҳастӣ эҳсос мекунад: “Эй он ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва одамдӯст бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ин ёдгории Ватани азизи ман аст!» ва ин байтҳам зикр шудааст:

Атри кафан зи хоки Ватан кардам орзу,
Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок! [5. с. 64].

С. Айни чун омӯзгори соҳибтаҷриба хислату табиати насли наврасро хуб медонист ва аз хурдӣ, ба зебоӣ майл доштани насли наврас устодро водор кардааст, ки дар китобҳои дарсӣ ва осорҳои бадеии ба атфол бахшидааш ба тарбияи эстетикии талабагон эътибори ҷиддӣ диҳад.

Ба қавли С. Айнӣ тарбияи эстетикии хонандагон аз хондан оғоз мегардад ва устод яке аз вазифаҳои муҳиммӣ падару модар ва муаллимро дар рӯҳи зебопарастӣ, дарки мусиқӣ ва муҳаббат ба табиату мусиқӣ тарбия намудани насли наврас медонад [8. с. 120].

Вақте ки талаба аз асарҳои бадеии Айнӣ, махсусан аз қиссаи “Одина» ва романи “Дохунда», рангорангии манзараҳои табиати куҳистони тоҷикро мутолиа мекунад, рӯҳаш болида гардида, меҳраш ба ин макони зебову дилрабо дучанд мешавад. Он ташбеҳҳо, он тавсифҳо ва он тасвирҳои басо рағбатнок талабаи хурдсолро ба созандагӣ ва дӯстдории табиат ҳидоят мекунад, масалан: “Партави офтобе, ки ба сари девори ин дара афтодааст, аз даруни ин оби соф ва ҷӯйи шаффоф акси худро намоён карда, шаъшаапошӣ мекунад, сангҳои деворӣ дара аз даруни ин оби оташтоб ба тарзе намоён мешавад, ки гуё сангтарошони ҳунарманд сангҳои рахдорро бо як тартиби ҳандасагӣ болои ҳам чида бошанд» [9. с. 8].

Манзараҳои табиат дар асарҳои С. Айнӣ вобаста ба рафтору кирдор ва ҳолатҳои рӯҳии образҳо, таъғир меёбад ва хеле ҷолиб мебошад, ки дар ин ҳолатҳо талабаи хурдсол худро чун як узви ҷудонашавандаи табиат эҳсос карда, ба сарватҳои табии меҳр мебандад. “Тасвири беҳамтои манзараҳои табиат, - қайд кардааст табиатшинос Ҳ. Очилов,- зебоии он, омилҳои табиат, дунёи органикии он ва ғайра дар асарҳои устод аҳмияти ниҳоят калони тарбиявию эстетикӣ дорад. Дуруст аст, ки мо табиатро аввалин мураббии эстетикии ҳар шахс шуморидем” [12. с. 99].

С. Айни таввасути асарҳои бадеи худ ба қалбу рӯҳи талабагон таъсир расонида, бо ҳамин дар тарбияи эстетикии онҳо саҳми босазо гузошт. Албата дуруст аст, ки рӯҳи солим тани солимро тақозо мекунад. Бинобар ин устод, бо такя ба ақидаҳои омӯзгорони барҷаста, дар мактаб чун фанни таълимӣ ҷорӣ кардани тарбияи чисмониро зарур мешуморид ва боз таъкид мекард, ки дар ҳар мактаб барои тарбияи ҷисмонии талабагон шароити зарурӣ муҳаё бошад. Ҳамчунин, барои ҷисману рӯҳан солим ба воя расиданӣ насли наврас риояи тартиби рӯзро зарур мешуморид. Дар «Таҳзиб-ус-сибён», меоварад, ки Муҳаммадфарид на танҳо дар рӯзҳои дарс, ҳатто дар рӯзҳои таътил низ тартиби рӯзро риоя мекард, то ки ҷисми ӯ ҳамеша фаъолу руҳаш болида бошад. “Муҳаммадфарид дар моҳи шарифи рамазон як дарс мехонд. Баъд аз дарс як- ду соат хобида, баъд аз он ба сайру гашт мебаромад. Тамошогаҳаш ҳамеша китобхонаҳо буд» [10. с. 28].

Тандурустӣ ва беҳдошти саломатии насли наврас ба вазъи санитарии муҳити зист низ вобастагӣ дорад ва ин масъала низ аз назари борикбинии устод Айнӣ дур намондааст. Бинои мактаби деҳаи Соктарей, ки Садриддин дар он таҳсил мекард, ба одитарини талаботи

муассисаи таълимӣ ҷавобгӯ набуд. Рӯшноӣ намерасид, ҳаво намерасид, таҳсили ягонаи бачагони синусолашон гуногун ба занозанӣ ва хусумати онҳо боис мегардид. Ин аст, ки устод сохти номуносиби таълимиро дар мактаби куҳна мавриди накӯҳиши шаддид қарор дода, дар қаламрави Бухоро, шояд бори аввал усули ба синфҳо ҷудо кардани мактаб - бачагонро пешниҳод мекунад [11. с. 122]. “Мактаб бояд ки ба ҷойи васеъи хушҳаво бино ёфта бошад. Фазояш софу покиза бошад. Заминаш берутубату бетааффун бошад. Шогирдони мактаб ба чор қисм тақсим шаванд. Ҳар синф бо шарикони худ ба ҷойи худ нишинанд» [13. с. 12].

Садриддини Айнӣ дар тарбияи меҳнати фарзанд мавқеи волидонро баланд арзёбӣ мекунад ва ин ақидаро дар мисоли падари худ-Сайидмуродхоҷа (дар ҳикояҳои “Мактаби кӯҳна», “Аҳмади девбанд” ва “Ёддоштҳо” овардааст, ки Саидмуродхоҷа барои таъмини рӯзгори оила ҳамеша машғули кору меҳнат буд боз дар фурсатҳои муносиб аз бузургони сухан мисолҳо оварда фарзандонро дар рӯҳи меҳнати ҳалол тарбия менамуд. Рӯзе падар аз шоир Исо ин байтро қироат карда:

То ба кай зи бекорӣ фарсудагӣ мурдан?
Нусхае ба каф дорӣ, ҷамъ созу аҷзо кун!

оварда шарҳ медиҳад ва илова мекунад, ки: “Дидӣ, ин одам чи қадар доност: бекориро баробари мурдан мешуморад, ҳар чӣ бошад, ягон кор кун мегуяд”. Ва писар аз ин суҳбат панд гирифта мегуяд, ки: “Ин суҳбат барои ҳайёт ва фикри ман таъсири бузург кард, чунонки саллаҳои калони олимтарошонро бад медидагӣ шудаам, инчунин аз бекорӣ ҳам нафрат мекардагӣ гардидам» [9. с. 110].

Масъалаи оила ва тарбияи хонаводагӣ дар фаъолияти омӯзгории С. Айнӣ мавқеъи марказӣ дорад ва ин падида дар тамоми осори дарсӣ ва публитсистиву бадеии нависанда зикр шудааст.

Падари Айнӣ Сайидмуродхоҷа то охири умр ягон лаҳза ва андешаи ояндаи фарзандаш- Садриддин фориғ набуд. Қайд мекунад адабиётшинос Соиб Табаров “Ҳатто Сайидмуродхоҷа дар ин вазъияти ниҳоят сангину мушкили аҳволаш (яъне ба бемории вабо гирифтор буд) дар соату дақиқаҳои вопасини ҳаёташ фикру андешаи ояндаи фарзандаш Садриддинро мекунад ва ба ӯ муроҷиаткунон чунин васияти таърихӣ мекунад: “Хон! Дар чӣ гуна душворӣ бошад ҳам, хон! Лекин қозӣ нашав, раис нашав, имом нашав! Агар муддарис шавӣ, майлат» [10. с. 143-144].

Албатта, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар ягон даврai таърих кам намешавад ва имрӯз, дар замони авҷи тараққиёту нуфузи бесобиқаи техника ва техналогияи нави ҷаҳонӣ, масъулияти волидон дар таълиму тарбияи фарзанд боз ҳам баланд мегардад.

Садриддин Айнӣ яке аз абармардони адабиёти муосир буда, тавонист дар фарҳанги милливу адабии тоҷик мақоми шоистаро сазовор гардад. С. Айнӣ бо вуҷуди он ки нависандаи ҷаҳонист, дар роҳи таълиму тарбияи насли наврас ва махсусан ба навиштани китобҳои дарсӣ ва тарбиявӣ хизмати бағоят бузург анҷом додааст.

Ҳамин тариқ, афкори педагогии Садриддин Айнӣ дар натиҷаи андӯхтани таҷрибаи зиёд ҳангоми таҳсил дар мадрасаҳои Бухорои амирӣ ва фаъолияти омӯзгорӣ дар мактабҳои ҷадидӣ ва шӯроӣ ташаккул ёфта, арзишҳои баланди илмӣ ва иҷтимоӣ касб намуд, боиси боз ҳам ғанию пурмазмун шудани андешаҳои ахлоқии мутафаккирони барҷастаи форсу тоҷик дар мавриди таълиму тарбияи насли наврас гардид. Ин аст, ки устод чун шахсияти бузурги таърих бо назарияи педагогика дар таърихи мактабу маорифи Тоҷикистон ҷойгоҳи арзанда дорад.

Адабиёт

1. Абдуманнонов А., Сайфуллоев А., Мирзозода Х. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: Дониш, – 1984. – С. 253

2. Аслонова Н. Баъзе андешаҳои адабӣ –эстетикии Садриддин Айнӣ// Маҷмӯаи илмии ДМТ. – 2010. №5 (61). – С. 259-262.

3. Аслонова Н. Шахсияти Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Деваштич, – 2003. – 48 с.

4. Асозода Х. Адабиёти садаи ХХ. Ҷилди сеюм. – Душанбе: Маориф, – 1999. – 147 с.
5. Асозода Х. Иловаҳо ба шарҳи ҳоли устод Айнӣ. – Душанбе, – 2004. – 90с.
6. Бақозода Ҷ. Устод Айнӣ ва афкори адабию эстетики тоҷик дар солҳои 20-ум//Ахбороти Академияи фанҳои ҷамъиятӣ (Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ). – 1976. №2. – С. 59-63.
7. Бобоназаров А. Айнӣ-педагог//Бадахшони советӣ. – 1958. 14 апрел. – С. 5-6.
8. Брагинский И. С. Очерки из истории таджикской литературы. –Сталинабад: Таджикгосиздат 2 изд. – 1956. – С. 21-30.
9. Брагинский И. С. Проблемы творчество Садриддина Айни. – Душанбе: Ирфон, – 1974. – 176 с.
10. Ғаниев А. Айнӣ дар бораи роли падару модар оид ба тарбияи бачагон // Мактаби советӣ. – 1960. № 10. – С. 46- 49.
11. Ғаниев А. Айнӣ дар бораи тарбияи эстетикӣ // Маориф ва маданият, – 1959. – 16 апрел. – С. 25-29.
12. Ғаниев А. Устод Айнӣ ва баъзе масъалаҳои таълими ибтидоӣ// Мактаби советӣ. – 1959. № 2. – С. 43- 45.
13. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. – Душанбе: Ирфон, – 1979. – 265 с.
14. Садриддин Айнӣ. Таҳсиб-ус-сибён (Ба чоп ҳозиркунанда С. Табаров). – Душанбе: Маориф, 1994. 100 с.

Literature

1. Abdumannonov A., Sayfulloev A., Mirzozoda H. History of Soviet Tajik Literature. Volume 1. – Dushanbe: Donish, – 1984. – P. 253
2. Aslonova N. Some literary and aesthetic ideas of Sadriddin Aini// Scientific collection of the State Library of Tajikistan. – 2010. No. 5 (61). – P. 259-262.
3. Aslonova N. The personality of Sadriddin Aini. – Dushanbe: Devashtich, – 2003. – 48 p.
4. Asozoda H. Literature of the 20th century. Volume three. – Dushanbe: Maarif, – 1999. – 147 p.
5. Asozoda H. Additions to the biography of master Aini. – Dushanbe, – 2004. – 90 p.
6. Bakozoda J. Master Aini and Tajik literary and aesthetic thought in the 20s//Newspapers of the Academy of Social Sciences (Department of Social Sciences). – 1976. No. 2. – P. 59-63.
7. Bobonazarov A. Aini-teacher//Soviet Badakhshan. – 1958. April 14. – P. 5-6.
8. Braginsky I. S. Essays from the history of Tajik literature. – Stalinabad: Tajik State Publishing House 2nd ed. – 1956. – P. 21-30.
9. Braginsky I. S. Problems of Sadriddin Aini's creativity. – Dushanbe: Irfon, – 1974. – 176 p.
10. Ganiev A. Aini on the role of parents in raising children // Soviet school. – 1960. No. 10. – P. 46- 49.
11. Ganiev A. Aini on aesthetic education // Education and culture, – 1959. – April 16. – P. 25-29.
12. Ganiev A. Teacher Aini and some issues of primary education // Soviet school. – 1959. No. 2. – P. 43- 45.
13. Zehnii T. The art of speech. – Dushanbe: Irfon, – 1979. – 265 p.
14. Sadriddin Aini. Tahsib-us-sibyon (Published by S. Tabarov). – Dushanbe: Education, 1994. 100 p.

ТАЪРИХ / ФАЛСАФА

УДК: 32.019.5.

НАҚШ ВА МАҚОМИ ИДЕОЛОГИЯИ ЛИБЕРАЛИЗМ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

Илчибекова Маина Отамбековна
н.и.ф., дотсенти кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилаии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Email: mahinailchibekova@ mail.com

Мавзуъи барасишавндаи мо, мақом ва нақши идеологияи либерализм дар ҷомеаи муосир мебошад. Дар мақолаи мазкур таҳлилҳои гуногуни идеологияи либерализм дар давру замонҳои гуногун шарҳи эҳзо дода шудааст. идеологияи либерализ аз давраи пайдоиш диққати муҳақиқони мамалакатҳои гунгунро ба худ ҷалб намудааст. аз ҷумла Ҷон Локк, Волтер, Д. Юм, И.Кант, Ш. Монтескиё, В. Франклин, Т.Ҷефферсон, Ҷ. Медисон, Б. Констан, А.Смит, Д. Дидро ва дигарон дар ҳар давру замонҳои таърихи мафҳуми “либерализмро” ба таврҳои гуногун шарҳ додаанд. Худи шарҳи либерализ маънии озодӣ ва одами озод марбут буданро дошта, озодии инсонро кафолат медиҳанд. ногуфта намонад дар замони муосир яке аз идеалогияи машҳур, ки аксарияти давлатҳои абарқудрат ва пешрафта истода аз ин идеология истифода менамоянд.

Калидвожаҳо: *идеология, либерализм, неолиберализм, озодии инсон,* неоплатонизм, *одами озод, ҳокимияти шафоф, демократия.*

РОЛЬ И СТАТУС ИДЕОЛОГИИ ЛИБЕРАЛИЗМА В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ

Ильчибекова Маина Отамбековна
к.и.ф., доцент кафедры дисциплин истории и философии Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Email: mahinailchibekova@ mail.com

Тема нашего исследования – статус и роль идеологии либерализма в современном обществе. В данной статье представлен краткий обзор различных исследований идеологии либерализма в разные эпохи. С момента своего зарождения идеология либерализма привлекала внимание исследователей из разных стран. В частности, Джон Локк, Вольтер, Д. Юм, И. Кант, С. Монтескье, У. Франклин, Т. Джефферсон, Дж. Мэдисон, Б. Констан, А. Смит, Д. Дидро и другие на протяжении истории по-разному трактовали понятие «либерализм». Само определение либерализма подразумевает, что свобода и свободный человек взаимосвязаны и гарантируют свободу человека. Само собой разумеется, что в современную эпоху это одна из самых популярных идеологий, которой следует большинство сверхдержав и развитых стран.

Ключевые слова: идеология, либерализм, неолиберализм, свобода человека, неоплатонизм, свободный человек, прозрачное правительство, демократия.

THE ROLE AND STATUS OF LIBERAL IDEOLOGY IN MODERN SOCIETY

Ilchibekova Maina Otambekovna
c.p.s., associate professor of the department of the International University of tourism and entrepreneurship Tajikistan Email: mahinailchibekova@ mail.com

The topic of our research is the status and role of liberal ideology in modern society. This article provides a brief overview of various studies of liberal ideology across eras. Since its inception, liberal ideology has attracted the attention of scholars from around the world. In particular, John Locke, Voltaire, David Hume, Immanuel Kant, Señor Montesquieu, William Franklin,

Thomas Jefferson, John Madison, Bernard Constant, Arthur Smith, Daniel Diderot, and others have interpreted the concept of "liberalism" in various ways throughout history. The very definition of liberalism implies that freedom and a free individual are interconnected and guarantee human freedom. It goes without saying that in the modern era, this is one of the most popular ideologies, followed by most superpowers and developed countries.

Keywords: ideology, liberalism, neoliberalism, human freedom, Neoplatonism, free man, transparent government, democracy.

Мафҳуми «Либерализм» аз забони лотинӣ (Liberalis) гирифта шуда, маънои озодӣ ба одами озод марбут буданро дорад [2, 239]. Яъне идеологияи либерализм интихоби озоди инсонҳоро дар соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ дорад. Маънои эҳтимологии мафҳум бошад ба Худои Рими қадим – Либер, ки номуфовиқ ба Худои Юнони қадим Дионис буд, пайваст мегардад. Худои мазкур ифодаи экстаз (яке аз мафҳумҳои неоплатонизм, ки маънои омехташавӣ, гузаришро ифода менамояд), нерӯи барзиёди чунин нерӯ ва ғайраҳоо ба ҳисоб мерафт [3, 34]. Таърихи инкишофи идеологияи либерализм дар Англя дар муҳити протестантию масонии ҷонибдорони фалсафаи Эмперикӣ ташаккул ёфтааст. Он аз заминаҳои номиналӣ эмперикӣ бар меояд. Формулаи асоси онро «Инсон» - андозаи ҳама чизҳо ташкил медиҳад [9, 404]. Яъне, инсон, индувид бо андешаҳо ва манфиатҳои мушахаси воқеияти охирин ва олӣ буда, ҳамчунин системаи комил ва мустақил ифода мегардад. Инсон ягона аст ва он тақсимнопазир мебошад.

Дар раванди тадқиқи идеологияи либерализм се тарзи муносибат дар шакли асосиаш зоҳир мегардад:

- якум, либерализм ҳамчун ҷараёни идеологӣ дар давраҳои гуногун аз ҷониби қуввахои гуногуни сиёсӣ муаррифи гардидааст, ки дар ҳар сурат ба рукнҳои асосии он содиқ мондааст;

- дуюм, либерализм ҳамчун ҳаракатҳои иҷтимоию сиёсӣ;

- сеюм, либерализм маҷмӯи институтҳои муайян, таркиб ва принсипҳои идоракунӣ, ки имконияти ба амал баровардани сиёсати либералиро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ муҳайё месозад;

Соли 1812 дар Испания гурӯҳи сиёсатмадорон конститутсияи пешниҳодшудаи худро ҳамчун конститутсияи либералӣ маънидод намудаанд. Дар Кортеси Испания «либералҳо» гурӯҳи вакилони миллатгаро ба ҳисоб мерафт [5, 640].

Решаҳои наздикшавӣ либерализмро идеологияи буржуазии асри XVII даврае, ки буржуазия бевосита ба арсаи таърихӣ баромада, дар бораи ҳуқуқҳои хеш даъвоҳо пешниҳод менамояд, ташкил медиҳад. Иделогияи либерализм классикию фалсафаи гуманисти ва ҷараёни маорифпарварӣ дар охири асри XVII ва ибтидои асри XVIII ибтидо гузоштааст. Ҷараёни мазкур пеш аз ҳама бо номи Ҷон Локк, Волтер, Д. Юм, И.Кант, Ш. Монтескиё, В. Франклин, Т.Ҷефферсон, Ҷ. Медисон, Б. Констан, А.Смит, Д. Дидро ва дигарон пайваста ногусастани дорад. Бахусус таълимоти сиёсию ҳуқуқии Ҷ. Локк (1632-1704) дар ташаккули он саҳми бештар гирифтааст. Ғояҳои либерализмро И.Бентам, Т.Х. Грин, Л. Хобхауз, Б. Бозанкет ва намояндагони афкори сиёсию ҷамъиятии Ғарб инкишоф додаанд.

Дар ҳар як давраи таърихи дар назди пайравони либерализм саволе ба мийн меояд, ки дар олам тағйирпазир либерал будан чи маъно дорад? Ҷавоб ба чунин савол додан чандон осон ва сода намебошад. Зеро фақат дарки моҳият ва хусусиятҳои асосии раванд имконияти ҷавобро медиҳад. Агар чунин амал воқеи набошад, либерализм низ ҷавоби васеъ ва саҳеҳро пайдо намекунад.

Либерализм тарзи хосаи афкор аст, ки аз равандҳо ва падидаҳои дигари ба он монанд тавофутҳои ҷидди дорад. Пеш аз ҳама аз догматизм, схематизм, якхелпарастӣ ва тоқатпазирӣ орӣ мебошад. Таҳлил ва омӯзиши ҳамаҷонибаи осори намояндагони барҷастаи либерализм нишон медиҳад, ки онҳо доимо тағйирёбанда ва ба он мувофиқ гардонии принсипҳо ғояҳо ва доктринаҳои либералӣ буданд.

Имрӯзҳо либерализм яке аз идеалогияҳои барҷастатарину маъмултарини олам ба шумор меравад. Назарияҳои озодии шахсӣ, ҳисси афзалиятҳои хеш, озодии сухан, тоқатпазирии динӣ, дахолатпазирии ҳаёти шахсӣ, моликияти шахсӣ, бозори озод, баробарӣ, кишварҳои ҳуқуқӣ, ҳокимияти шафоф, маҳдудият дар нисбати ҳокимияти давлатӣ, оли будани ҳокимияти халқ, худмуайяннамоии миллат, сиёсати асоснокшуда ва ғайра маънидод карда мешвад.

Дар марҳилаҳои баъди ҷанги дуюми ҷаҳони қисми назарраси коргардҳои назарявӣ дар самти идеологияи либерализм ба вуҷуд омаданд, ки ин барои ба вуҷуд овардани «ҷомеаи либералӣ» равона гаштанд. Дар ин баҳс яке аз мавқеъи асосиро назарияи классикии озодӣ мебошад. Назарияи классики озодӣ яке аз мафҳумҳои асосии калидии либерализм ба ҳисоб меравад. Озодии иқтисодӣ низ яке аз мафҳумҳои муҳим буда, иқтиосодии бозори на танҳо кафили рушдӣ, балки шароити муҳим барои озодии шахсии ҳар як нафар мебошад.

Дар аввалҳои асри ХХ мисолҳои зиёде вуҷуд доранд, ки даст кашидан аз принсипи моликияти шахсӣ ва иваз намудани рақобати озодро бо танзимномаи давлати ба хотири ҳимояи иҷтимоӣ ва устувори ба маҳдуд гаштани озодиҳои шахсӣ оварда расонидааст. (СССР –и Сталини, Германияи миллатгаро Куба ва ғайра) шаҳрванд дар баробари аз даст додани моликият дар ҳол ҳуқуқҳои дигаро аз даст медиҳад [6, 160]. Ҳуқуқи интихоби озодӣ, ҷойи истиқомат, ҷойи кор. Имрӯз ҳизбҳои либерали дар тамоми дунё амал намуда, мақсади асосии сиёсати худро аз чунин ҷиҳатҳо иборат медонанд:

-таҳкими демокративӣ, либералӣ ва давлатӣ, ҳуқуқӣ;

- мустақилияти системаи судӣ;

- назорат аз болои шафофияти ҳукумат;

- дифоъ аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ;

-рақобати озод;

Дар ин пайвастагӣ мавҷудияти калимаи либерали худ ба худ имконият намедиҳад, ки аз номи ҳизбҳо муайян созанд, ки тарафдорони он ҷонибдори либералҳои рост ва сотсиал – либералҳо мебоашд, ё ин ки либертарианҳо. Ҳаракатҳои либералию ҷамъияти инчунин бо гуногун навъии худ фарқ менамоянд. Либералҳои иқтисоди аксар вақт баҳри меъёри ягона андоз аз рӯи даромад ё ҳатто баҳри иваз намудани он баромад менамояд. Дар бисёри кишварҳо либералҳо барои бекор кардани ҳукми қатл, яроқпартоӣ, даст кашидан аз технологияи ядроӣ ҳимояи муҳити атроф ва ғайра баромад менамояд. Дар солҳоии охир баҳсҳо дар хусуси мултикултурализм шидад мегирад. Аммо ҳама тарафҳо ба он мувофиқ меоянд, ки аҳамиятҳои этникӣ бояд арзишҳои фундаментии ҷомеаро тақсим намоянд.

Дар марҳалаи муосири инкишофи идеологияи либерализм метавон гуфт, ки вай ба инкишофи хеле баланд ва таъсир ба равандҳои сиёсӣ муясар гаштааст. Ин ба он вобастааст, ки абаркудрати бузурги имрӯз аксаран дар Ғарб ҷой гирифтаанд. Имрӯзҳо Иттифоқи Аврупо ва ИМА, Канада, инчунин Австралия ва дигар кишварҳое, ки онҳо дар маҷмӯъ мардуми олами Ғарбро пешниҳод месозанд. Ин олам ба идеологияи либерализм дар рафти равандҳои доимии сиёсию иқтисодӣ асос ёфта буд. Аз марҳилаи ревалютсияи буржуазию саноати оғоз карда Аврупо ва баъдан ИМА аз ҳама бештар ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам азҳати сиёсӣ ва ҳарбӣ қудратманд мешуданд. Маҳз ихлосманди ба идеология либерализм дар кишварҳои мазкур, ки дар демократия ифода ёфт, идеяи арзишноки индивид ва масъулияти дар нисбати амалҳои худ ба миён овард. Масъалаи оиди зарурати коркарди Низомномаи СММ дар солҳои 1943 – 1945 руйи кор омадааст. Маҷмӯи арзишҳои либералӣ дар «Декларатсия оиди ҳуқуқи инсон» ва аҳамиятнокии ин ҳуҷҷат гуфта мешавад, ки идеологияи либерализм ба ин ҳуҷҷат таъсири кам нарасонидаст ва ҳар касс ки онро фаҳмидааст, ба он маълум мегардад.

Инчунин метавон гуфт, ки аксарияти давлатҳои имрӯза дар конститутсияҳои хеле мазмунии ҳуқуқии инсон ва арзишҳои дигари либералиро фаро мегиранд. Новабаста аз он, ки дар қисми зиёди ин кишварҳо принсипҳои мазкур вайрон ва риоя намегарданд. Аммо мавҷудияти худи принсипҳо ин алаккай аз аҳамиятнокии либерализм дар ҷаҳони муосир дарак медиҳад.

Либерализм ба равандҳое, ки дар асри XX ба амал омаданд ва дар асри XXI давом дорад, таъсири назарас расондааст. Ва аз он хотир вай ба таври ҷидди ба фазои ҷаҳони таъсир мерасонад ва инкишофи минбаъдаи олам низ аз он вобастагии калон дорад. Тартиботи ҷаҳонии демократияи либералӣ имрӯзҳо бо ду проблема рӯ ба рӯ мешавад [14,санаи мурочиат 22.08.2025]:

1-ум исломи радикал, ки яке аз ҷиддитарин проблемаҳо мебошад, лекин оиди исломи канори аксар вақт ҳамчун таҳдидҳои фашистони нав адешарони намуда, тарафдори вай чунин мешуморанд, ки демократияи либералӣ ҷомеаи номақбулест, ки дар он ҳаракат тавлид меёбад ва ҳамчун ҳолати қашоқию ақибмондагӣ тавсиф мекунад.

- Маъалаи дуюм, ки хеле аҳамиятнок мебошад, ки рақибони деринаи Ғарб др давраи ҷанги Сард – Хитой ва Россия, ки асосан дар он ҷо режими «авторитарӣ» ҳукумрони менамояд. Абарқудратони авторитарии капиталистӣ дар системаи муносибати давлатӣ то соли 1945, яъне то замоне, ки ба мавҷудияти худ хотима бахшидаанд нақши барҷастаи худро бозиданд.

Аммо имрӯз эҳтимолияту такрорёбии ҳолати ба он давра монанд ба вуҷуд меояд. Либерализм ҳамчун идеологияи капитализм пеш аз беш таъсири худро афзун намуда онро аз замони пайдоиши худ то имрӯз тамдид мебахшад. Либерализм ба симои имрӯзаи ҷаҳон таъсири арзишманд гузошт. Вай ба дунё имконият дод то тезтар ва суръатноктар инкишоф ёбад. Ба ҳама мувафақият ва мағлубиятҳои худ нигоҳ накарда, либерализм дар замони муосир аз ҳама идеологияи беҳтару пешбар боқи мемонад.

Ба таври расмӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ эътирофи либерализм ба охири солҳои 80 – ум ва ибтидои солҳои 90 – уми асри XX рост меояд. 11-уми апрели соли 1991 қонуни СССР «дар бораи хосиятҳои умумии соҳибкории шаҳрвандон дар СССР» қабул гардид. Дар қонуни мазкур бори аввал принсипҳои либерализм ҷой гирифта буданд. дар назар буд, ки манфиатҳои тамоми ҷомеа ва коргари кироя ба эътироф гирифта мешавад. Соҳибкорон ба давлат андоз супорида аҳамияти экологиро риоя менамоянд, ҳуқуқи меҳнаткашонро вайрон накарда ба фаъолияти Иттифоқҳои касаба халал намерасонанд. Чунин буданд: ҷиҳатҳои асосие, ки қонуни мазкурро пурра менамуданд.

Вобаста ба вазъияти ба амал омада дар ҷумҳуриҳои иттифоқи низ ҳамрадифи қонуни мазкур қонун қабул намуданд. Аз ҷумла дар Тоҷикистон низ аз таърихи 23 – декабри соли 1991 ва тағйироту илова аз 13-декабри соли 1996 қонун «дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ» таҳия гардида, мавриди амал қарор дода шудааст. Аммо дар вазъияти мазкур сухан аз боби рӯовари аз таълимоти либералӣ намеравад. Як навъ муносибати қонуни эҷод кунандагон буд, ки аз рӯи зарурат чунин амалро ба харҷ дода буданд ва ҳеҷ гоҳ рӯовариҳои арзишӣ ва идеологияи хосияти муайянкунандагӣ надоштанд.

Дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи баъди шӯравӣ ҷараёнҳои либералӣ чандон зиёд ташаккул наёфтаанд. Ҳолати мазкур ифодаи дар сатҳи лозими қарор надоштани анъанаи либералӣ дар Русия мебошад.

Ҳатто ҳизбҳои холиси либералиро пайдо намудан мушкил аст. Ба андешаи муҳақиққон дар заминаи либерализми Ғарбӣ фақат ҳизби сиёсии «Выбор России», ки ба он Е. Гайдер роҳбари менамояд, қарор дорад. Инчунин мавқеъи либералиро дар ҳолатҳои гуногуни ҳизби «Яблоко», ки роҳбараш Г. Явлинский сосиал – демократҳо (Г. Попов, В. Липтский) ва баъзе ҳизбҳои сиёсии дигар соҳиб гардидаанд.

Дар шароити Тоҷикистони кунини бошад нерӯи сиёсиро пайдо кардан ғайри имкон аст, ки онҳоро ҳамчун равияи либералӣ маънидод намудан мумкин бошад. То ба ҳоло ҳизби сиёсӣ ва ё ташкилоти дигари сиёсӣ, ки мафҳум ва хусиятҳои либералиро дар хеш ифода созанд, ташаккул ёфтаанд. Аммо дар назарияи сиёсӣ ҳолати дигар мушоҳида мегардад.

Таълимоти либерализм дар тадқиқотҳои илмию назарявӣ мақоми худро ҳамчун муносибат ва асосҳои методологи мустаҳкам менамояд. Донишмандон дар қатори таълимот ва андешаҳои дигар рӯ ҷониби он низ меоранд. Андешаҳои либералӣ дар сатҳи гуногун ҷонибдории худро пайдо намудаанд. Ва он муҳақиқон ва сиёсатмадорони касбӣ пайрави менамоянд. Таҷзияи аксари ҳуҷҷатҳои расмӣ ба хусус ҳуҷҷатҳои сиёсӣ дар чорчӯбаи доктринаи

либералӣ сурат мегиранд. зеро дар ҳуҷҷатҳои сиёсӣ байналмиллалӣ низ либерализм мақоми барҷаста дорад.

Тоҷикистон ҳамчун узви ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳони санадҳои хешро дар заминаи ҳуҷҷатҳои байналмиллалӣ таҳия ва қабул менамояд.

Муроҷиат дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаи мазкуро тақвият мебахшад.

Либерализм – системаи индивидуалӣ мебошад, ки шахсияти инсонро олӣ дониста ҳуқуқҳои онро аз ҳама боло медонад. Аммо индивидуализми либералӣ мутлақ набуда нисбӣ мебошад [15, санаи муроҷиат 22.08.2025]. Либерализм ҳаргиз чунин намешуморад, ки одам доимо озод аст ва иродаи ӯ ҳамеша баҳри мақсадҳо равона шудааст. Баръакс ба либерализм нағз аён аст, ки инсон ба андозаи кам ё зиёд шуури мустақил дорад ва иродаи нисбатан озодро соҳиб мебошад, ки метавон ба сӯи бадӣ майл намояд ва инчунин метавон ба сӯи некӣ майл кунад. Бинобар вай муасиса ва шаклҳои ҷамъиятиро маҳқул медонад, ки дар ин ҷо одамони алоҳида тартибу низоми муайянро итоат менамоянд. Маълумоте, ки либерализм ин маҷмӯи принсипҳо ва муқараротест, ки дар асоси барномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ, стратегияҳои ин ё он ҳукумат ё коолитсияи ҳукуматҳои рӯ оварии либералӣ дошта, ҷойгир мебошад. Ба ҳама гуногуни вариантии худ нигоҳ накарда либерализм решаи умими ва маҷмӯи муайяни консепсия, идеяҳо, сипҳо ва идеалҳо мебошад, ки дар маҷмӯъ либерализмро ба навъи махсуси афкори ҷамъиятию сиёсӣ табдил медиҳанд. Ҳамин тариқ либерализм ва неолиберализм дар адабиётҳои илмӣ ба таври хело васеъ ва аз ҷонибҳои мухталиф мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Албатта дар масъалаи ба ҳам алоқамандии давлату индивиди алоҳида ва ҷомеа яке аз ҷойҳои маркази ба таҷдиди нақши давлат дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ҷудо карда мешавад. Дар ин масъала либерализми имрӯза ҷонибдории хешро дар нисбати як қатор пастулатҳои муҳими баъди ҷанги, аз он ҷумла барномаи кӯмак ба табақаҳои аҳолии камбизоат дахолатнамоии давлат дар соҳаи иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва ғайра. Ғайр аз ин қисме аз ҷонибдорони либерализм махсусан амрикоҳо эътиқоди худро ба ин принсипҳо нигоҳ дошта, чунин мепиндоранд, ки танҳо дахолати давлати ва барномаҳои махсуси ҳифззи иҷтимоӣ имкон фароҳам меорад, ки низоҳои синфию иҷтимоиро бартараф ва ҷомеаи капиталистии асри XX – ро аз парешони инқилобӣ наҷот дод. Ба андешаи либералҳои англис «либери имрӯза мебояд ба ҳукумат ҳамчун ба сифати узви нозир ва қувватбахши такя намояд». Ҳоло мавқеи аниқтарро дар ин масъала либералҳоро амрикоҳо ишғол менамояд. Таҳқуб оваряст, ки ногузири ва ҳатто зарурати дахолати давлатиро либералҳо эътироф намуда боз онҳо ба он нигаронида то, ки доираи ин дахолатро маҳдуд созад. Дар конститутсияҳои навтарини либералҳо шиори машҳури Ғарбӣ «камтар – ин беҳтар аст» ин инъикоси худро пайдо намуд, ки зери он заифшавии функсияҳои танзимнамоии давлат дар назар дошта мешавад, ҳавасманднамоии ташабуссҳои шахсӣ ва муносибатҳои озоди бозоргони. Чи тавре, ки Р. Дарендорф қайд менаояд: тамоми навҳои сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ боядишора «на бештар, балки хубтар» роҳбари намояд. Ба андешаи либералҳо дар шароити муосир зарурат пеш меояд, ки омезиши ҳамкории озодонаро бо баҳамалоқамандии одамони алоҳида, обшинаҳо, ташкилотҳо ва давлатро ба даст оварда дар ин замина некӯаҳолии ҷомеаро таъмин намояд. [11, 188]. Ҳамин тариқ мисли соҳаи иқтисодӣ дар соҳаи иҷтимоӣ либералҳои принсипи омехтагиро таълим медиҳанд.

Ғалабаи либерализм аз болои сотсиализм пеш аз ҳама бо ғалабаи иқтисодии бозори аз болои иқтисодӣ марказонидашудаи нақшавӣ алоқаманд карда мешавад. Аз мавҷудияти бозори озод агар гирем характери озодии системаи сиёсӣ ва фарҳангӣ вобастагӣ дорад. Бешубҳа бозори озод ва идеаяҳои он ядрои иҷтимоию сиёсии либерализмро ташкил медиҳад.

Таҷрибаи васеъ дар самти аз нав созӣ дар кишварҳои «ҷаҳони сеюм» имконият дод, то баъзе тамоюлҳои устувор ва марҳалаҳоро дар таҳавулоти ҷомеаи гузариши ҷудо ном намуд. Ҳамин тариқ С. Блек марҳалаи зеринро ҷудо намудааст: «Дарк намудани мақсадҳо»; «консопидатсияи элитаҳои модернизатсияшаванда» ва «интегратсияи ҷомеа дар асосҳои нав» ва ғайра [7, 210].

Аллакай дар солҳои сиюми асри гузашта барои муқовимат намудан бо идеяҳои кейнсиясҳо танзимнамоии давлатии иқтисодиёт, маҳдуднамоии системаи рақобат дар як зумра кишварҳо марказҳои либералӣ оид ба коргарди чораҳои алтернативии танзимнамоии давлатӣ дар иқтисодиёт таъсис дода шуда буданд, ки он ба тавлид ва таҷассуми амалӣ пайдо намудани либерлизми иқтисодӣ мусоидати фаъол намудаанд. Аз ҳама марказҳои бузургтарин дар ИМА ва Британия Кабир мувофиқа ба худ номи мактабҳои Фрайбурскиро гирифтаанд. Намояндагони назараси идеяҳои неолиберализм дар Фаронса иқтисодиёт Ж. Рюэфф, М. Алле ва дигарон буданд [4, 216]. Тавсифи кӯтоҳи масусиятҳои идеяи мактабҳои неолиберализро баён намуда, бояд қайд кард, ки намояндагони ҳаракати либералӣ ҳоло дар оғози солҳои 30-юми асри гузашта кӯшиши коргарди платформаи ягонаи илмию амалиро намуданд. Умуман дар алоқамандии мазкур принсипҳои неолиберализм дар миқиёси байналхалқӣ соли 1938 дар конфронсияи Париж изҳор гардида буданд. Ин форумро имрӯз неолиберализ инчунин аз хотири дар он садо додани принсипҳои неолиберализм ва мавқеи дар худи ҳамон сол нашри китоби иқтисодчии амрикоӣ А. Уолтер Липпман зери унвони «шаҳри озод» форуми «коллоквиум липпана» меноманд [10, 292]

Баъди ҷанги дуюми ҷаҳон ташаккул ва инкишофи версияҳои аз нав бунёдшудаи либерализми иҷтимоӣ – неолиберализ бо таҳавули назарияҳои барҷастаи иқтисоди дар алоқаи ногусастани гиифтанд. Худи мафҳуми «неолиберализм» пеш аз ҳама тасрифкунандаи як қатор равия ва мактабҳои иқтисодӣ мебошад. Хосияти фарқкунандаи тамоми конспепсияҳои неолиберализ кӯшиши пайдо намудани компромисс байни давлат ва идеяҳои зерин – озодӣ, баробарӣ, манфиатҳои ҷамъиятию инфиродӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ гардид. Бо эътирофи давлат ҳамчун моликиятдорӣ баробарҳуқуқ идеяи пюрализми гуногун шаклии моликият низ рӯи кор омад. Дар охир вазифаи муҳимтарини давлатро неолиберализ ду самти ҳифзи иҷтимоӣ эътироф намуданд.

Таҳкими либерализм ҳаргиз қатъ нагардидааст. Махсусан он замон шадидтар садо дод, ки ин идеология дар он уклади сохти ҷамъият он уклади иҷтимоӣ иқтисодиёт таҷассуми худро пайдо намудани онро капитализм номиданд [12, 188]. Капитализм рушди иқтисодии беназиро дар он кишварҳоро таъмин намуд, ки идеяҳои либералиро ба амал баровардан.

Дар Россия баъзаи иҷтимоии либерализм ба мисли идеология ва баъзе ҳамчун ҷараёни сиёсӣ аз тарафи моликиятдорони ва тарзи хоҷагидорӣ капиталистӣ, дварянӣ ва интелегатсияи буржуазӣ тартиб дода шудааст Ташаккули либерализм як қатор марҳалаҳоро гузашта дар инқилоби октябр қатъ гардида буд. Аз солҳои 1992 сар карда дар либерализми Расия тағйиротҳои сифатан муҳим ба амал омад – қувват гирифтани мавқеъи сотсиал – либерализм ҳамчун алтернативӣ демократии радикал – либерализм. Дар муҳити сиёсии Россия ду ҳизби сиёсии либералӣ амал мекунад. «Правое дело», «Яблоко». Онҳо тарафдори рӯоварии иҷтимоии хоҷагии бозорӣ ва дар сатҳи минимум расонидани дахолати давлат дар соҳаи иқтисодӣ мебошанд [1, 35].

Барои он ҷонибдори ва принсипҳои умуми инсонии демократияи сиёсии тақсимоти ҳокимият, бисёрҳизбӣ, таъмини ҳуқуқҳои шахс, мустақилияи ВАО, ва ғайра хос мебошад. Ҳизбҳои мазкуро ҷудо намудан либералҳо боварии комил доранд, ки паҳнгардии минбаъдаи онҳо ва таҳкими онро дар Русия танҳо дар ҳоле имконпазир аст, ки а таҷрибаи либерализми ватани асос ёфта бошанд. Дар сиёсати хориҷи либералҳои муосири Русия ба муқобили анъанаҳои имперявӣ, изалясионизм ва ҳаргуна мухолифатҳое, ки дар пайваста шудани Русия ба ҷомеи мутамаддин монеа мегарданд, баромад менамоянд.

Сиёсати андозбандӣ дар сиёсати либерализми муосир ба он равона шудааст, ки инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ худидоранамоии маҳалӣ ҷонок намудани рушди иқтисодӣ ва пешниҳоди имкониятҳо ба одамонро таъмин созад. Маҳз ҳалли масъалаҳо зикр ёфта, яке аз вазифаҳои пешбар дар соҳаи буҷа дар ҷомеаи демократии муосир мебошад. Барои либерализм мафҳуми патриотизм, ишқ ба ватан, омода будан баҳри ҳимояи он бегона нест.

Читавре, ки мебинем сотсиали либерализм ба ҳама саволҳое, ки дар назди ҷомеа истодаанд ҷавобҳои аниқ ва фаҳмо дорад. Муносибатҳои либералӣ самарабахшии худро дар ми-

соли тамоми кишварҳои аз ҳама пешрафтаи ҷаҳонӣ нишон дод. Дар худи ҳамин ҳол дар контексти глобалӣ давлатҳое вуҷуд дорад, ки тоҳол қарори қаноатбахш кунанди худро наёфтаанд. Яке аз чунин масъалаҳо ва таҳдидҳо имкониятпазирии таъмини захираҳои замини дар натиҷаи инкишофи сатҳи илм ва технология, боло рафтани талаботҳои аҳоли дар кишварҳои инкишофёфта, аз он ҷумла дар соҳаи энергетика. Бешубҳа либералҳо ба хатогиҳо роҳ медиҳанд ва боз роҳ медиҳанд. Бешубҳа аст, ки ҳоло либерализм комилан инкишоф меёбад. Қарорҳои дирӯза имрӯз ба таври дигар мавриди назар қарор мегирад. Ба момнанди картаи почта дар марҳалаи алоқаи мобилӣ. Назарияҳои либералӣ дар нисбат одами озод бетағйир боқӣ мемонанд ва ба либералҳои муосир ҷомеаи озодро образи беҳтарин дониста бовар доранд, ки танҳо одамони озод қодиранд аз ҳама давлат хатарҳое, ки дар назди ҷомеаи инсони истодаанд, раҳои ёбанд. Зеро мафҳуми либерализми муосир фарҳангии мавқеи либерализм дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои вай фаҳмида мешавад, ки принсипҳои асоси он аст ҷиҳатҳои зерин иборатанд [8, 204]:

- озодии комил ба эъҷодиёти нависандагон, рижисорҳо, журналистҳо ва расомҳо;
- мавҷуд набудани (ё двар шакли минимали) будани сензураи давлатӣ;
- мавҷуд набудани танзимномаи давлатӣ дар соҳаи саноат ва адабиёт;
- толериантнокӣ;
- културализм (баробарии ҳамаи фарҳангҳо новобаста аз мазмун);
- баробарии ҳама динҳо;
- танҳо худи инсон ҳуқуқ дорад масъалаи оиди эвтаназияро ҳал намояд;

Ҳамин тариқ идеологияи либерализм дар таърихи инсоният нақши муҳимро бозида, имрӯз низ оз ҷониби аксар нерӯҳои ҷаҳони эътирофи калон пайдо намудааст [13, санаи мурочиат 9.08.2025].

Адабиёт

1. Алберто Алесина, Франҷеско. Ҷ. Либерализм –это левая идея. – М., 2011. –С.25.
2. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. -Душанбе, 2007. -С. 239.
3. Зокиров Г.Н. Иделогияи сиёсӣ. -Душанбе, 2008. -С. 34.
4. Зеленков М.Ю. Политология. – М., 2012. –С.216.
5. Мухиев Р.Т. Политалогия. – М., 2010. – С.640.
6. Мовсесян А.Г. Либерализм и экономика. - М., 2003. –С.160.
7. Михаил Л. Либерализм и демократия. –М., 2007. –С.210.
8. Мизес Л.Ф. Либерализм. –М., 2001. –С.204.
9. Гаджиев Н.С. Политалогия. –М., 2003.-С.404.
10. Грязновой А.Г. Политалогия. -М., 2008. –С. 292.
11. Исаев Б.А., Турчаев А.С. Политалогия хрестамотия. М-2006.-С.216
12. Шилобод М.И. Основы Политалогия.-М., 2001.-С.188
13. http://www.grandars.ru/college/sociologiya/liberalizm.html
14. www. axisoflogic.com.
15. ru.wikipedia.org/wiki/Либерализм

Literatura

1. Alberto Alesina, Franco. Liberalism is a leftist idea. – Moscow, 2011. – Page 25.
2. 1. Zokirov G.N. Political Encyclopedia. -Dushanbe, 2007. -P. 239.
2. Zokirov G.N. Political Ideology. -Dushanbe, 2008. -P. 34.
4. Zelenkov M. Yu. Political Science. – Moscow, 2012. – Page 216.
5. Mukhiev R. T. Political Science. – Moscow, 2010. – Page 640.
6. Movsesyan A. G. Liberalism and Economics. – Moscow, 2003. – Page 160.
7. Mikhail L. Liberalism and Democracy. Moscow, 2007, p. 210.
8. Mises L.F. Liberalism. Moscow, 2001, p. 204.
9. Gadzhiev N.S. Political Science. Moscow, 2003, p. 404.
10. Gryaznovoy A.G. Political Science. Moscow, 2008, p. 292.
11. Isaev B.A., Turchaev A.S. Political Science Reader. Moscow, 2006, p. 216.

12. Shilobod M.I. Fundamentals of Political Science. Moscow, 2001, p. 188
13. http://www.grandars.ru/college/sociologiya/liberalizm.html
14. www. axisoflogic.com.
15. ru.wikipedia.org/wiki/Либерализм

УДК: 93

ТАҲАВВУЛОТИ МУСИҚӢ ВА ТАКМИЛДИҲИИ СОЗҲОИ МУСИҚИИ ТОҶИК ДАР СОЛҲОИ 30 – 40 УМИ АСРИ ХХ ВА ОҚИБАТҲОИ МАНФИИ ОН

Нурматзода Ҳасан

номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Институти сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон / Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Борбад 48/5. Email: farhangsolor@gmail.com

Аннотатсия. Дар мақола масоили таҳаввулоти мусиқӣ, такмилдиҳии созҳои мусиқии миллӣ дар солҳои 30 – ум ва 40 – уми асри ХХ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Дар рафти баррасии мавзӯи мазкур муаллиф дар такя ба сарчашмаҳои илмии фонди осорхонаҳо (созҳои мусиқӣ) , асноди бойгонӣ ва адабиёти илмӣ раванди воридшавии фарҳанги мусиқии аврупоиасосро ба фазои фарҳанги мусиқии миллӣ дар асоси таҳаввулотҳои мусиқӣ таҳлилу омӯзиш намуда, оқибатҳои мусбат ва манфии ин равандро муайян намудааст. Дар ин бобат қайд мегардад, ки бо ворид шудани фарҳанги аврупоиасос тавассути русҳо ба фарҳанги мусиқии миллӣ боиси коста гардидани ҳунари мусиқии миллӣ ва аз байн рафтани созҳои мусиқӣ гардидааст. Яке аз омилҳои аз байн рафтани бархе аз созҳои мусиқии муаллиро муаллиф дар такмилдиҳии созҳои мусиқии миллӣ ва ба ҷои онҳо ворид шудани созҳои мусиқии такмилии аврупоиасос медонад. Муаллиф натиҷа ва ҳолатҳои аз истифода берун шудани созҳои мусиқиро раванди сиёсии солҳои сиюми қарни ХХ баҳри мутобиқсозии мусиқии анъанавӣ ба замона маънидод намуда, иброз медорад, ки он зарбаи сахт ба рушди фарҳанги мусиқии суннатӣ зада, боиси ба вуҷуд омадани созҳои такмилӣ гардид, ки ҳеҷ ба ҳунари иҷрокунандагии мусиқии милӣ мутобиқ набуданд.

Дар рафти таҳқиқ муаллиф дарки баъзан донишмандони тоҷикро аз қабили Ҳайдарӣ Н., Исмотӣ О., Айнӣ С. ва дигарон дар беэътибор гардидани мусиқии суннатӣ баён намуда, хизмати онҳоро дар ҳифзи асолати мусиқии миллӣ ва рушди минбаъдаи он тавассути гузоришоти боэътимодашон басо назаррас арзёбӣ кардааст. Муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоташро бо хулосаи илмӣ анҷом дода, барои минбаъд дар асоси маводи боарзиши осорхонаҳо эҳё ва ба истифода ворид намудани созҳои мусиқии миллӣ тавсияҳои касбӣ манзур намудааст.

Калидвожаҳо: мусиқии суннатӣ, мерос, созҳои мусиқӣ, фарҳанги миллӣ, таҳаввулот, такмилдиҳӣ, фаҳанги аврупоиасос, таҳқиқ, касбикунонӣ, омӯзишгоҳ, усто, устохона.

TAJIK MUSICAL DEVELOPMENT AND ACCOMPLISHMENT IN THE 30S - 40S OF THE 20TH CENTURY AND ITS NEGATIVE CONSEQUENCES

Nurmatzoda Hasan

candidate of historical sciences, Associate professor of the department of humanities and natural and mathematical sciences of the Institute of tourism of the IUTET. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Firdavsi district, Borbad street 48/5. Email: farhangsolor@gmail.com

Annotation. The author of the article studies and discusses the issues of musical evolution and the improvement of national musical instruments in the 1930s and 1940s. In the process of research, the author, relying on scientific sources from museum collections (musical instruments), archival documents, and scientific literature, analyzed and studied the process of the perception of European-based musical culture into the space of national musical culture based on musical developments, and identified the positive and negative consequences accordingly. In this regard, it is

noted that the introduction of European-based culture through the Russians into the national musical culture has led to the decline of national musical art and the disappearance of musical instruments. The author considers one of the factors behind the disappearance of some of the original musical instruments to be the improvement of national musical instruments and their replacement by improved European-based musical instruments. The author explains the result and circumstances of the disappearance of musical instruments as the political process of the 1930s aimed at adapting traditional music to the times, stating that it dealt a severe blow to the development of traditional musical culture and led to the emergence of improved instruments that were not at all adapted to the art of performing national music. The author expressed the sometimes negative views of Tajik scholars such as Haidari N., Ismati O., Aini S., and others in the discrediting of traditional music, and assesses their contribution to preserve the authenticity of national music and its further development through their reliable reports as very significant. The author concluded his research with a scientific conclusion and made professional recommendations for the further revival and use of national musical instruments based on valuable museum materials.

Keywords: traditional music, heritage, musical instruments, national culture, evolution, improvement, European-based culture, research, professionalization, school, master, workshop.

РАЗВИТИЕ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ТАДЖИКСКОЙ МУЗЫКИ В 30-40-Е ГОДЫ XX ВЕКА И ЕГО НЕГАТИВНЫЕ ПОСЛЕДСТВИЯ.

Нурматзода Хасан

кандидат исторических наук, доцент кафедры гуманитарных и естественно-математических наук Института туризма Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана / Адрес: 734055, Республика Таджикистан, Душанбе, район Фирдавси, улица Борбад, 48/5. Email: farhangsolor@gmail.com

Аннотатция. В статье исследуются и обсуждаются вопросы музыкальной эволюции и совершенствования национальных музыкальных инструментов в 30-е и 40-е годы XX века. В ходе изучения данной темы автор, опираясь на научные источники из музейных коллекций (музыкальные инструменты), архивных документов и научной литературы, анализирует и изучает процесс внедрения европейской музыкальной культуры в пространство национальной музыкальной культуры, основанной на музыкальной эволюции, и выявляет положительные и отрицательные последствия этого процесса. В этой связи отмечается, что внедрение европейской культуры в национальную музыкальную культуру через русских привело к упадку национального музыкального искусства и исчезновению музыкальных инструментов. Автор считает, что одним из факторов исчезновения некоторых первоначальных музыкальных инструментов стало усовершенствование национальных музыкальных инструментов и их замена улучшенными инструментами европейского образца. Автор объясняет последствия и обстоятельства исчезновения музыкальных инструментов политическим процессом 1930-х годов, направленным на адаптацию традиционной музыки к современным условиям, утверждая, что это нанесло серьёзный удар по развитию традиционной музыкальной культуры и привело к появлению усовершенствованных инструментов, совершенно не приспособленных к искусству исполнения национальной музыки. В ходе исследования автор выразил порой негативное мнение таджикских ученых, таких как Хайдари Н., Исмати О., Айни С. и другие, об упадке традиционной музыки и оценил их вклад в сохранение подлинности национальной музыки и ее дальнейшее развитие посредством их достоверных отчетов как весьма значительный.

Автор завершил результаты своего исследования научным выводом и дал профессиональные рекомендации по дальнейшему возрождению и внедрению национальных музыкальных инструментов на основе ценных музейных материалов.

Ключевые слова: традиционная музыка, наследие, музыкальные инструменты, национальная культуа, эволюция, совершенствование, культура на основе Европы, исследования, профессионализация, школа, мастер, мастерская работа.

Созҳои мусиқии тоҷик аз бахшҳои муҳиму таркибии дерини фарҳанги тоҷикон маҳсуб шуда, таърихи созҳо дар деворанигораҳо, санъати нигоргарӣ (минётур), сарчашмаҳои хаттӣ, аз ҷумла таърихномаҳо, осори классикони адабиёти тоҷику форс, рисолаҳои зиёди назарии мусиқӣ басе рангин тавсифу баррасӣ шудаанд. Боиси ифтихор аст, ки созҳои мусиқӣ то имрӯз сохти мавзун ва садои форами худро нигоҳ дошта омадаанд.

Дар иртибот ба таърихи созҳои мусиқии тоҷик асару мақолаҳои гуногуне аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ рӯи кор омадаанд. Аммо ҳанӯз таъриху туҳаввули созҳои мусиқии миллии мо хоссатан дар заминаи маводи фаровони дар хазинаи осорхонаҳо маҳфузшуда ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқ ва муаррифӣ қарор нагирифтааст. Бино бар ин, пайваста дар асоси маводи осорхонавӣ ба вижа коллексияҳои созҳои мусиқӣ омӯхтани таърихи пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули созҳои мусиқӣ муҳим ва саривақтӣ буда, таҳқиқоти кунунӣ низ бо мақсади амалисозии ҳадафи болозикр равона шудааст.

Имрӯзҳо агар ба хазина ва намоишгоҳҳои доимоамалкунандаи осорхонаҳо нигарем анвои гуногуни созҳои мусиқӣ хело зиёд ҳифз ва муаррифӣ мешаванд, ки қисме аз онҳо дар фарҳанги мусиқии имрӯза дар истифода нестанд. Албатта истифода наградидани созҳои мусиқӣ бо тақдир ва таҳаввулоти таърихии худи созҳои мусиқӣ ва дигаргуншавии фазои фарҳангии миллати тоҷик вобастагӣ дорад. Дар таҳқиқоти кунунӣ баъзан ҳаводис ва ҳолатҳои таърихии дигаршуншавӣ ва истифадаи созҳои мусиқии тоҷикӣ дар солҳои сиюм ва чилуми асри XX дар иртибот ба ин масъалаи болозикр баррасӣ хоҳад шуд.

Чи тавре, ки маълум аст, солҳои бистуми садаи XX бо ҳуҷуми сиёсии русҳо ба Осиёи Миёна дар фазои мусиқии миллӣ низоми нав яъне фарҳанги мусиқии аврупоӣ ворид гардид, ки ин омил ба дигаргуншавии сохту навои созҳои мусиқии миллии тоҷик таъсири манфии худро расонид ва ё босиси аз байн рафтани бархе аз созҳои мусиқии миллӣ гардид. То ин давр мусиқии миллӣ ва иҷроиши созҳои мусиқӣ ба таври анъанавии устод – шогирд амалӣ мегардид. Забт Осиёи Миёна аз тарафи Русия мусиқии миллиро ба мусиқии аврупоӣ омехта кард.

Дар фазои мусиқии миллӣ русҳо мехостанд камилан таҳаввулот ворид кунанд ва осори мусиқии аврупоиро ба ҷои анъанаҳои навозандагию сарояндагии миллӣ дар ин минтақа муътабар созанд.

Дар ибтидо бо мақсади касбикунонии фазои мусиқии миллӣ дар омӯзишгоҳҳои асарҳои аврупоӣ ба таври ната омӯзонида мешуд.

Солҳои 30 – ум сарояндагон ва навозандагони тоҷик роҳу равиши навро дар истифодаи таҷрибаи мусиқии халқҳои дигар, алалхусус мусиқии халқи рус, мидиданд. Дигаргунии пуршиддати шуури фарҳангӣ ва иҷтимоӣ натиҷаи сиёсати нави фарҳангӣ буд, ки дар тафаккури инъикос ёфта, онро тағйир дод. Ин марҳила ба ифодаи бадеии ҳастии нави иҷтимоиву таърихии муосир тавассути воситаҳои забони нави мусиқӣ замина гузошт.

Лекин фаҳмиши яктарафаи масъалаи демократикунонии фарҳанги мусиқӣ, таҷдиди сохторҳои жанрӣ ва забони мусиқӣ натиҷаи номатлуб дод. Беэътиноӣ нисбат ба мусиқии суннатӣ ва тозагии он боиси паст гаштани савияи эстетикии санъати мусиқӣ гардид. Ба воситаи санъати мусиқии анъанавӣ, забони анъанавии мусиқӣ офаридани асарҳои мусиқӣ, ифода намудани ғояҳои инқилобӣ ва мазмуни зиндагӣ, ҷустуҷуи роҳу равиши нав ба душвориҳои зиёд дучор мешуд.

Бархе аз мутахассисғон дар ин марҳилаи нави сиёсӣ – иҷтимоӣ фарҳанги мусиқии миллӣ хоссатан “Шашмақом” - ро барои ин давра куҳна ва бо ибораи дигар зарарнок ҳисобида онро ҳамчун мусиқии дарборӣ муаррифӣ мекарданд. Дар иртибот ба ин масъала созҳои мусиқии тоҷик ҳамчун ҷизи куҳна ва ба талаботи замона номутобиқ мебоист ба созҳои мусиқии аврупоӣ иваз гарданд. Шаклҳои санъати иҷрокунандагӣ, намунаҳои мусиқии тоҷик акибмонда ҳисобида шуда, бояд ба мусиқии бисёровозаи аврупоӣ табдил

меёфтанд. Барномаи таълимии мактабҳои мусиқӣ мебоист омӯхтани созҳои мусиқии аврупоӣ ва жанру анъанаҳои онро дарбар мегирифтанд.

Омӯзишгоҳи санъати Хуҷанд (соли 1929) Бо ташкил гаштани шуъбаи созҳои мардумии ворид намудани дигаргуниҳо ба мусиқиии суннатии тоҷик ба чашм мерасад.

Солҳои 30 – ум кулли созҳои анъанавии тоҷик “созҳои мусиқӣ – нафасӣ, торӣ ва зарбӣ – примитивӣ” ҳисобида шуданд [6, с. 306]. Меъёри асосии чунин табақабандии созҳои мусиқӣ мутобиқ будан ё набудани онҳо барои иҷрои асарҳои мусиқии аврупоӣ буд. Дар ин асос, барои созҳои мусиқии тоҷик иҷро намудани асарҳоии оҳангсозони аврупоӣ ва гузаронидани таҳсил системаи нутӣ, мебоист созҳои мусиқии тоҷикро ба он мутобиқ намоем, яъне зарурати такмилил созҳои мардумӣ ба миён омад. Барои амалӣ намудани омӯзиши мусиқӣ бо тарзи нутӣ нахуст созҳои мусиқии танбур, дутор, тор, най ба системаи мусиқии аврупоӣ мувофиқ карда шуданд. [10, с. 193].

Соли 1932 омӯзиши мусиқӣ ба системаи аврупоӣ [11, с 110] ва аз якуи январи соли 1933 таҳсил дар техникуми мусиқии Хуҷандшаҳр ба тарзи нутӣ гузаронида мешавад. Дар авал имконияти истифодаи созҳои мусиқӣ маҳдуд карда шуд. [3, в. 154 - 155]. Гузариш ба полифония ба дигар намудани созҳои мусиқӣ ва мукаммал намудани онҳоро талаб мекард.

Соли 1935 дар назди техникуми мусиқии Хуҷанд устохонаи созҳои мусиқӣ ташкил карда шуд, ки дар он созҳои мусиқӣ ва созҳои нави такмилгашта сохта мешуданд. [2, с. 103 – 104].

Бояд иброз дошт, ки баъди такмили созҳои мусиқӣ барои иҷрои асарҳои композиторони аврупоӣ аз бештари созҳои миллӣ фақат намуди зоҳирӣ боқӣ монду халос, ботини ин созҳо, яъне хусусияти ифодаи садоӣ ва ғайра куллан дигар мешуданд. Он созҳои мусиқие, ки раванди “такмил”, яъне дигар намудани ҷавҳари онҳо, хусусиятҳои овозии онҳо мураккаб буд, ба доираи созҳои мусиқии фарҳанги навин ворид нагаштанд. Як қатор созҳои мусиқии миллии тоҷик чун танбур, сурнай, карнай, балабон, рубоби тоҷикӣ (бадахшонӣ), қабуз, ғижакҳои дутораву сетора, панҷтораву шаштора, созҳои тории мусиқӣ: сетору панҷтор, шаштору нуҳтор ва ғайра мисол шуда метавонанд. Дар байни чунин созҳои мусиқӣ аз қадимтарин намунаҳои онҳо аз ҷумла ғижаки дутораи мудаввар ва қобуз дар фонди Осорхонаи миллӣ ҳифз мешавад, ки чунин намунаи созҳо имрӯзҳо дар ҳунари иҷроии мусиқӣ истифода намешавад. Сози мусиқии балабон бошад имрӯзҳо на дар фонди осорхонаҳо ба чашм мерасад ва на дигар дар истифодаи мусиқӣ қарор дорад.

Дар миёни созҳои миллии болозикр сози мусиқии сурнай, ки дар ибтидои асри ХХ ба таври васеъ дар фарҳанги мусиқии холқи тоҷик истифода мешуд, имрӯз қарибки истифода намешавад ва танҳо дар ҷашнҳои миллӣ аз он ҷумла Наврӯз чун анъанаи аҷдодӣ навохта мешавад. Илова бар ин, бо ворид шудани созҳои мусиқии созҳои намунаҳои созҳои мусиқии аврупоии кларнета, дар фарҳанги мусиқии миллӣ мавқеи сурнай аз байн рафта истодааст. Имрӯзҳо дар кишвар танҳо як усто дар ш. Ҳисор Саидов Турсун ба сохтани сурнайҳои анъанавӣ машғул мебошад, ки он ҳам бошад на ҳама вақт ба ин кор машғул аст.

Гуруҳи дигари созҳои мусиқӣ, ки дар мусиқии касбии ҳарбӣ мавриди истифода буданд аз қабили санҷ, зангула, духул, чиндавул (чанбара), нағора, карнай, шайпур, буқ, навир ва ғайра низ аз байн рафтанд, зеро муҳити истифодаи онҳоро оркестри нафасии ҳарбии аврупоӣ иваз кард.

Бо такмили созҳои мусиқ, ки дар мусиқии касбии суннатӣ усули омӯзиши аврупоӣ ташаккул ёфт, ки ба хусусиятҳои ифодавии садоӣ, тафаккури мусиқӣ бетаъсир намонд. Яъне дар солҳои сиюм раванди куллан дигар гаштани на танҳо алифбои мусиқӣ, созҳои мусиқӣ, системаи омӯзиши он, дигар гаштани ҳадафи эҷодии созандаҳо, балки дигар гаштани забони мусиқӣ низ ба назар мерасад.

Қобили зикр аст, ки фарҳанги мусиқии халқи тоҷик бо ҷаззобияту рангиниаш аз мусиқии аврупоӣ куллан фарқ менамояд. Авҷгирии ҳунармандон ҳангоми иҷрои сурурдҳои классикӣ аз навъи созҳои мусиқӣ, садо ва пардабандии созҳо сахт вобастагӣ дошт.

Такмили созҳои мусиқии миллӣ созҳои нави аврупоиасосро ба вуҷуд овард, ки садои онҳо ҳеҷ ба садои созҳои миллӣ баробар шуда натавонист. Чунин навъи созҳо ба монанди найи майда, дутор-бас, дутор-контрабас ва ғ. мисол шуда метавонанд.

Дар сатрҳои зерин доир ба номувоқии созҳои такмилии аврупоиасос, ки дар ансамблҳо ва оркестрҳои мусиқии миллӣ ворид шуда, дере нагузашта, аз навозиш берун шуданд, маълумот хоҳем дод.

Чи тавре, ки маълум аст, соли 1938 Филармонияи давлатии Тоҷикистон таъсис меёбад. Ҳамзамон Оркестри созҳои миллӣ соли 1938 дар баробари таъсис ёфтани Филармонияи давлатӣ ҳамчун як дастаи хурди навозандагон ташкил меёбад. [9, с. 45].

Дар оркестри мазкур дар радифи баъзан созҳои миллӣ аслан ҳамон созҳое навохта мешуданд, ки такмилёфта буданд.

Тибқи асноди фондии Осорхонаи миллӣ соли 1963 коллексияи муҳими созҳои мусиқӣ аз оркестри созҳои миллии Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба Осорхона ворид гардидааст, ки 28 ададро ташкил намуда, шумораи мазкур пурра дар Осорхонаи миллӣ нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд. [7, с. 46]. Дар оркестр қариб тамоми намуди созҳои миллӣ навохта мешуданд, ки имрӯз зиёда аз 10 намуди онҳоро, ба монанди сози нафасии най, созҳои торӣ рубоби тоҷикӣ (афғонӣ), ру боби помирӣ, тор, ҳафтор, ёздаҳтор, танбӯри бадахшонӣ, созҳои зарбии таблакҳои сафолин, сози зарбии худсадодиҳандаи сафолӣ дар Осорхонаи миллӣ вохӯрдан мумкин аст. Дар ин коллексия як адад найи такмилӣ нисбат ба дигар найҳои маъмулии тоҷикӣ ғафстар аст. Ин соз номи “найи майда” – ро дорад ва аслан дар оркестри созҳои халқӣ истифода мешавад. Яке аз такмилдиҳандагони ин соз устои устохонаи созҳои мусиқии Омӯзишгоҳи мусиқии ш. Хуҷанд М.И. Мунис ба шумор меравад. [4, с. 15]. Яне ин сози мусиқӣ ҳанӯз солҳои сиюм дар устохонаи Омӯзишгоҳи мусиқии ш. Хуҷанд такмил дода шуда буд ва бо сабаби қувват накарданаш дар байни созҳои мусиқии миллӣ аз истифода берун шуд. Чунки содои ин сози такмилӣ ба садои найи тоҷикӣ ҳеҷ мевофиқат намекунад.

Сози мусиқии сафоил ё сафалӣ яке аз созҳои қадимаи худсадодиҳандаи тоҷикон буда, аз ду чӯбаки ба ҳам часпида ва ҳалқадор иборат аст, ки дар сурати шиддат додани чӯбакҳо ҳалқаҳои фулузин такон хӯрда ба чӯбакҳо мерасанд ва дар натиҷа зарби мусиқӣ ҳосил мешавад. Сози зарбии сафоил танҳо дар Осорхонаи миллӣ мавҷуд буда, дар дигар осорхонаҳои Тоҷикистон ба мушоҳида намерасанд. Ин навъи сози мусиқӣ имрӯз дар истифода набуда, танҳо дар осорхона ҳифзу муаррифӣ мешавад.

Чи тавре, ки дар боло ишора гардид, дар байни созҳои мазкур 4 адад дутор-бас, 2 адад дутор-контрабас ва 4 адад ғижак-бас мавҷуд аст, ки солҳои 40-уми асри XX аз ҷониби А. Петросянс ва С.Е. Диденко такмил дода шудаанд. [8, с. 73]. Ин ҷо ба мафҳуми дутор-бас ё дутор-контрабас аҳамияти махсус дод. Дутор ҳамчун сози қадимаи тоҷикон дорои 2 тор мебошад, бинобар ин номи дуторро гирифтааст. Аммо созҳои мусиқии дутор-бас ва дутор-контрабас, ки дорои 4 тор буда, аз ҷониби А.И. Петросянс ҳамчун дутор-бас номгузорӣ шудаанд, мантиқан ғалат аст. Шояд А. Петросян аз мафҳуми дутор огаҳӣ надошта бошад, аз ин рӯ сози чортораро дутор-бас гуфтааст. Созҳои такмилии дутор-бас, дутор-контрабас ва ғижак-бас то соли 1963 дар оркестр истифода мешуданд. [7, с. 45]. Азбаски созҳои мазкур садои ғафси паст доштанд, дар байни созҳои мусиқии миллии тоҷик иқтидори овозиашон гум шуд ва аз гурӯҳи созҳои миллии оркестр берун карда шуда, ба осорхона супорида шуданд. . [7, с. 45]. Вале аз байни ин намуди созҳо дутор-бас ҳанӯз ҳам дар оркестри созҳои халқии Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев мавриди истифода мебошад.

Яке аз созҳои дигаре, ки дар боло зикр кардем, ин тори такмилӣ аст, ки дарозии соз 140 см ва васегии косаи соз 24 см-ро ташкил мекунад. Тор дорои панҷ гӯшак буда, панҷ тори фулӯзин кашида шудаст. Ин соз аз тарафи мусиқишинос ва ромишгари арманӣ Бунӣ Вартан Георгиевич (1888-1960) такмил дода шудааст. Ин сози мусиқӣ низ дар оркестр роҳ наёфтааст. Яъне садои он ба гуруҳи садои созҳои мусиқии миллӣ мувофиқт накарда ва аз гуруҳи созҳои мусиқӣ берун шуд ва мероси осорхона гардид.

Дар натиҷаи такмилдиҳии созҳои мусиқиро дар солҳои сиюм ва чилуми асри 20 баъзан мусиқишиносон аз он ҷумла устоҳои рус А.И. Петросянс ва С.Е. Диденко хостаанд, ки дар такмили созҳои мусиқии тоҷикӣ нодиракорӣ ворид кунанд. Аммо муиқишиносону устоҳои рус амалан аз нозукиҳои созҳои мусиқии тоҷик ва сохту садои онҳо он қадар шинос набуданд ва ҳатто шинос буданд ҳам аз беэътиноӣ нисбат ба хусусиятҳои созҳои мусиқии тоҷикӣ таврибаи такмилдиҳиашон самарае надод ва баръакс ба азбайнравии созҳои мусиқӣ оварда расонид.

Бо вуҷуди ин ҳама нокомиҳо дар фарҳанги мусиқии миллӣ дар солҳои сиюм ва бо дарназардошти чунин вазъият хатари аз байн рафтани мусиқии миллӣ ва созҳои мусиқиро баъзан мутахассисон дарк намуда, барои ҳифзу ташаккули фарҳанги мусиқии суннатии тоҷик фикру андешаҳои худро тавассути ҷаласаву чорабиниҳо ва ба воситаи гузоришҳои илмию омммавӣ баён менамуданд.

Хоссатан дар ин маврид аввали солҳои сиюм мақолаи мусиқидони маъруфи тоҷик мудири шуъбаи таърихи адабиёти Базаи тоҷикситонии АФ СССР Ҳайдарӣ Н. (1900 - 1938) доир ба мусиқии классикии тоҷик нашр гардид, ки дар он масоили минбаъдаи ривоҷу равнақи мусиқии классикӣ арзёбӣ шуда буд. [12, с. 265].

Илова бар ин, дар маҷаллаи “Барои адабиёти сотсиалистӣ” мақолаи Обид Исматӣ пиромуни эҷдиёти устодони санъати тоҷик Тоҳирҷон давлатов, Усто пулод Аҳмадов, Ҳоҷӣ Абдулазиз Расулов, М. Муъминов, Домулло Ҳалим Ибодов, Бобоқул Файзуллоев нашр гардида буд. [5, с. 25 – 27]

Илова бар ин, дар ин марҳилаи ҳассос, ки боиси камэътибор гардидани фарҳанги мусиқии миллӣ гардида буд, устод Садриддин Айнӣ бо навиштани мақолаҳои пурмуҳтавои худ дар ҳифзу гусстариши мусиқии суннатӣ ба вижа санъати “Шашмақом” саҳми назаррас гузоштаанд. Аз он ҷумла, моҳи марти соли 1941 Садриддин Айнӣ дар маҷаллаи “Шарқи Сурх” мақолаеро таҳти унвони “Назаре ба гузаштаи санъати тоҷик” нашр намуданд, ки ин мақола ҷавобе ба падидаҳои номатлуби давр буд, ки фазои мусиқии миллиро маҳдуд карда буд. [1, с. 6 - 8]. Мақолаи мазкур дар омӯхтани анъанаҳои мусиқии тоҷик, намояндагони бузурги фарҳанги мусиқӣ, созҳои мусиқии мардуми тоҷик саҳми арзандае гузоштааст. Хоссатан мақолаи устод санъати “Шашмақом” - ро ҳамчун дурдонаи фарҳанги мусиқии халқи тоҷик эътироф намуда, барои дубора ҷон бахшидани ин арзиши беназири таърихии миллати тоҷик тавассути мақолаи боарзиш ва бо эътимодашон хизматҳои фаромушнашаванда карданд. Кӯшишҳои шахсиятҳои бузурги болозикр имкон дод, ки минбаъд дар солҳои 40 - ум ва 50 – уми асри ХХ минбаъд доир ба хусусиятҳои хоси мусиқии тоҷик ва созҳои мусиқии тоҷик аҳамияти хосса дода шавад. Дар идомаи чунин ташаббусҳо бо кӯшиши Б. Ғафуров устодони бузурги соли 1947 бо ҷалби Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов ва Бобоқул Файзуллоев дар Душанбе ба сапти мусиқии “Шашмақом” ва ба нота гирифтани он машғул мешаванд. Ин хизмати арзанда минбаъд ҳам боиси эҳёи рушди “Шашмақом” ва ҳам боиси ҳифзи созҳои мусиқии миллӣ мегардад.

Дар натиҷаи мавзӯи мазкур хулоса карда мумкин аст, ки таҳаввулотҳои мусиқӣ дар солҳои сиюм дар Тоҷикистон ва ба низоми ноттавии аврупоӣ гузаштани фазои мусиқии миллӣ ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам ҷанбаҳои манфии худро дошт.

1. Ҷанбаҳои мусибӣ ин буд, ки дигаргунсозии созҳои мусиқии тоҷик бо роҳи ташкил намудани устохонаҳои махсуси созтарошӣ, лабараторияҳои этнографӣ ва дигар чорабиниҳои илмӣ оғоз ёфт.
2. Фазои мусиқии миллӣ ба фазои мусиқии касбӣ яъне тавассути ҷорӣ кардани нота дар фарҳанги мусиқии миллӣ ворид гардид.

Ҷанбаҳои манфии ба фазои ноттавии фарҳанги мусиқии аврупоӣ воридсозиии созҳои мусиқӣ ба чунин ҳолат оварда расонид, ки мутобиқ намудани созҳои мусиқии мардумӣ ба системаи аврупоиасос бо дигар гаштани системаи овози мусиқии анъанавии тоҷик оварда расонид, ки ба мусиқии анъанавии тоҷик ва санъати иҷрокунандагии он таъсири калон расонид.

Аз дигар ҷониб мутобиқ намудани созҳои миллӣ ба системаи аврупоӣ, “такмили” созҳои мусиқӣ ба сохтани созҳои муиқии нав: рубоб прима, ғижжак алт, ғижжак бас, ғижак контрабас ва ғайра оварда расонид, ба мусиқии миллӣ тоҷик мувофиқ нагардида, аз истифода берун шуданд.

Дар ин асно бо номи таҳаввулот ва бо ном касбикунонии мусиқӣ баъзан созҳои мусиқии тоҷик чи тавре, ки дар боло ишора шуд амсоли сурнай, буқ, балабон, нағора, қушнағора, чиндуҳул, дуҳул, санҷқ, зангула аз истифода берун шуданд ва танҳо имрӯз мероси осорхонавӣ гардиданд.

Бинобар ин, дар асоси таҳқиқоти кунунӣ барои минбаъд эҳё намудан ва ба истифода ворид намудани созҳои мусиқии миллӣ баҳри зиндагардонии анъанаҳои навозандагии фарҳанги мусиқии миллӣ чунин пешниҳод карда мешавад.

1. Дар асоси барномаҳои давлатии рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби устоҳои моҳири созҳои мусиқӣ намунаҳои созҳои мусиқии дар осорхонаҳо маҳфузбуда, ки имрӯз дар истифода нестанд, эҳё намудани онҳо ва ба фазои рӯзмарраи фарҳанги мусиқи миллӣ ворид намудани онҳо саривақтист.

2. Дар баробари эҳёи созҳои мусиқӣ омӯзиши онҳо дар муассисаҳои касбии таълимии мусиқӣ муҳим ва саривақтӣ мебошад.

3. Хуб мешуд Феҳристи ягона ва мукаммали созҳои мусиқии миллӣ дар асоси барномаҳои давлатӣ бо ҷалби мутахассисони соҳа ба вижа созшиносон таҳия ва бо забонҳои гуногун нашр карда шавад.

Сарчашма ва адабиёт

1. Айнӣ С. Назабе ба гузаштаи санъати тоҷик. – Айнӣ ва мусиқӣ. – душанбе. – 1978. – С. 5 – 6.
2. Бойгонии давлатии Вилояти Суғд, фонди 216, д. 1, описи 17. Варақи 103 – 104.
3. Бойгонии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фонди 216, делаи №1, описи 1, ваарақи 154 – 155.
4. Бойгонии ҷории Осорхонаи миллӣ. Китоби инвентарӣ №1. – В.15
5. Исматӣ О. Дар бораи мусиқӣ ва кадрҳои мусиқӣ. Барои адабиёти сотсиалистӣ, 1935, №10. – С. 25 – 27.
6. История музыки народов СССР в 5 томах: т.1. (1917 - 1932). Москва: Советский композитор. – 1970. – 435с.
7. Нурматзода Ҳ. Созҳои мусиқӣ дар коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (масоили гирдоварӣ, ҳифз, омӯзиш ва оммавигардонӣ). – Душанбе. – 2023. – 249с.
8. Петросянс. А.И. Инструментоведение. Ташкент. – 1951. – 100с.
9. Сулаймонӣ Ҳ., Нуров М. Ифтихори миллат. Душанбе. – 2009. – С.45 280с.
10. Ҳакимов Н. “Шашмақом” дар қарни ХХ: анъана ва навоварӣ. Хуҷанд, 2005. – 408с.
11. Ҳакимов Н. Омӯзишгоҳи санъати ба номи Содирхони Ҳофизи Хуҷандшаҳр. Хуҷанд, 2000. – 264 с.
12. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.1. Душанбе, 1988. – С. 265.

Sources and literature

1. Aini, S. A Glimpse into the Past of Tajik Art. – Aini and Music. – Dushanbe, 1978, pp. 5–6.
2. State Archive of Sughd Region, Fund 216, File 1, Inventory 17, Sheets 103–104.
3. Central State Archive of the Republic of Tajikistan, Fund 216, File No. 1, Inventory 1, Sheets 154–155.
4. Current Archive of the National Museum, Inventory Book No. 1, Sheet 15.
5. Ismati, O. “On Music and Musical Personnel.” For Socialist Literature, 1935, No. 10, pp. 25–27.

6. History of the Music of the Peoples of the USSR, in 5 volumes: Vol. 1 (1917–1932). Moscow: Soviet Composer, 1970, 435 p.
7. Nurmatzoda, H. Musical Instruments in the Collections of Museums of the Republic of Tajikistan (Issues of Collection, Preservation, Study, and Popularization). Dushanbe, 2023, 249 p.
8. Petrosyans, A. I. Instrument Studies. Tashkent, 1951, 100 p.
9. Sulaymoni, H.; Nurov, M. Pride of the Nation. Dushanbe, 2009, p. 45, 280 p.
10. Hakimov, N. “Shashmaqom” in the 20th Century: Tradition and Innovation. Khujand, 2005, 408 p.
11. Hakimov, N. The Sodikhan Hofiz Art School of the City of Khujand. Khujand, 2000, 264 p.
12. Encyclopedia of Tajik Literature and Art, Vol. 1. Dushanbe, 1988, p. 265.

УДК 9+78 (575.3)

САҲМИ ҲИКМАТ РИЗО ДАР ЭҲЁ РА РУШДИ ГУРҒУЛИСАРОЙ

Нурматзода Ҳасан
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Институти сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон / Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Борбад 48/5. Email: farhangsolor@gmail.com

Аннотатсия. Мақолаи мазкур ба баррасии саҳми Ҳикмат Ризо дар эҳё ва рушди санъати гурғулисароӣ бахшида шудааст. Дар он ҷанбаҳои асосии ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ин достонсарои машҳури тоҷик мавриди таҳлил қарор мегиранд. Муаллиф муҳити фарҳангии оилавии Ҳикмат Ризоро ҳамчун заминаи ташаккули истеъдоди ҳунарии ӯ нишон медиҳад. Нақши падару модар дар парвариши завқи адабӣ ва мусиқии ҳофиз махсус таъкид мегардад. Омӯзиши ҳунари дуторнавозӣ ва сурудхонӣ дар айёми наврасии ӯ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Дар мақола аввалин баромади оммавии Ҳикмат Ризо ҳамчун марҳалаи муҳими эҷодӣ тавсиф мешавад. Ҳамчунин, шогирдӣ намудани ӯ дар назди Наврӯз Ҷонмаҳмадов ҳамчун омили асосии такмили маҳорати гурғулихонӣ баррасӣ мегардад. Муаллиф фарқияти истеъдоди Ҳикмат Ризоро аз дигар шогирдон нишон медиҳад. Саҳми ӯ дар густариши мактаби гурғулисароӣ таҳлил карда мешавад. Дар мақола нақши Ҳикмат Ризо ҳамчун донандаи амиқи эпоси «Гурғулӣ» нишон дода шудааст. Илова бар ин, фаъолияти шоиронаи ӯ дар заминаи воқеияти иҷтимоиву фарҳангии асри ХХ арзёбӣ мегардад. Асарҳои эҷоднамудаи ӯ ҳамчун инъикоси зиндагии мардум баррасӣ мешаванд. Муаллиф аҳамияти ахлоқӣ ва тарбиявии эҷодиёти ӯро таъкид менамояд. Дар мақола сатҳи омӯзиши илмии фаъолияти Ҳикмат Ризо таҳлил мегардад. Камбудиҳои таҳқиқоти қаблӣ нишон дода мешаванд. Дар фарҷом зарурати омӯзиши амиқтари ҳаёт ва эҷодиёти Ҳикмат Ризо таъкид мегардад.

Калидвожаҳо: Ҳикмат Ризо, гурғулисароӣ, Гурғулӣ, эпоси мардумӣ, санъати шифоҳӣ, ҳофизи халқӣ, дуторнавозӣ, фарҳанги тоҷик, фолклор, анъанаи мусиқӣ, мактаби ҳунарӣ, адабиёти шифоҳӣ, мероси фарҳангӣ.

ВКЛАД ХИКМАТА РИЗО В ВОЗРОЖДЕНИЕ РАЗВИТИЯ ГУРГУЛИСАРОЯ

Нурматзода Хасан
кандидат исторических наук, доцент кафедры гуманитарных и естественно-математических наук Института туризма Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана / Адрес: 734055, Республика Таджикистан, Душанбе, район Фирдавси, улица Борбад, 48/5. Email: farhangsolor@gmail.com

Аннотация. Статья посвящена анализу вклада Хикмата Ризо в возрождение и развитие искусства гургули. В работе рассматриваются основные этапы его жизненного и творческого пути. Особое внимание уделяется семейной культурной среде как фактору формирования его таланта. Подчеркивается роль родителей в воспитании музыкально-поэтического вкуса будущего сказителя. Анализируется раннее приобщение Хикмата Ризо к игре на дутаре и песенному исполнительству. В статье описывается его первое публичное выступление как важный момент творческого становления. Рассматривается период ученичества у известного мастера эпоса Гургули Навруза Джонмахмадова. Отмечается особое мастерство Хикмата Ризо среди других учеников. Показана его ведущая роль в продолжении художественной школы наставника. Анализируется вклад исполнителя в сохранение и развитие эпического наследия «Гургули». Подчеркивается его поэтическое творчество, отражающее социально-культурные реалии XX века. Произведения Хикмата Ризо рассматри-

ваются как выражение народного мировоззрения. Отмечается их нравственно-воспитательное значение. В статье анализируется степень научной изученности его творчества. Указываются пробелы в существующих исследованиях. Делается вывод о необходимости дальнейшего комплексного изучения наследия Хикмата Ризо.

Ключевые слова: Хикмат Ризо, гургули, эпос Гургули, устное народное творчество, народный певец, дутар, музыкальная традиция, таджикская культура, фольклор, эпическое искусство, художественная школа, народная поэзия, культурное наследие.

HIKMAT RIZO'S CONTRIBUTION TO THE REVIVAL OF THE DEVELOPMENT OF GURGHULISAROI

Nurmatzoda Hasan

candidate of historical sciences, Associate professor of the department of humanities and natural and mathematical sciences of the Institute of tourism of the IUTET. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Firdavsi district, Borbad street 48/5. Email: farhangsolor@gmail.com

Abstract. This article examines the contribution of Hikmat Rizo to the revival and development of the Gurghuli epic tradition. The study explores the key stages of his life and creative activity. Particular attention is paid to his family cultural background as a foundation of artistic development. The role of his parents in nurturing musical and poetic interests is emphasized. The article analyzes his early mastery of dutar performance and singing. His first public performance is described as a crucial creative milestone. The period of apprenticeship under the renowned Gurghuli master Navruz Jonmuhammadov is examined in detail. Hikmat Rizo's exceptional talent among other students is highlighted. His leading role in continuing the artistic school of his mentor is emphasized. The article evaluates his contribution to preserving the Gurghuli epic tradition. His poetic works are analyzed in the context of the social and cultural realities of the twentieth century. These works are viewed as reflections of people's everyday life. Their moral and educational significance is underlined. The level of scholarly research on Hikmat Rizo's legacy is assessed. Existing research gaps are identified. The study concludes with a call for deeper and more comprehensive research on Hikmat Rizo's creative heritage.

Keywords: Hikmat Rizo, Gurghuli epic, oral tradition, folk singer, dutar performance, Tajik culture, folklore, epic storytelling, musical heritage, artistic school, folk poetry, traditional music, cultural heritage.

Ҳикмат Ризо аз қабили гӯягдагоне буд, закӣ ва донадаи босалиқаи осори шифоҳии тоҷик. Достонсарои машҳур Ҳикмат Ризо 20-уми марти соли 1894 дар деҳаи Ёнахши ноҳияи Оби Гарм (Ҳозира ноҳияи Файзобод) ба дунё омадааст [8]. Падараш Миров Муҳаммадризо устои чубкор махсусан созгари (устои асбобҳои мусиқӣ) моҳир буд. Дар баробари соҳибкасб буданаш аз адабиёти пурмазмуни тоҷик бархурдор буд ва сурудани ғазалу рубоӣ ва наҳтро хело дӯст медошт. Тибқи навиштаҳои санъатшинос К.С. Раҳимов ӯро ҳамчун ҳофиз зуд-зуд ба чорабиниву шабнишиниҳои анъанавии деҳа даъват менамудаанд [6, 52]. Модари Ҳикмат, Шарипова Оисамоҳ низ зани ҳунарманд буда, карбосбофӣ менамуд ва аз карбос барои бонувони деҳа либосҳои гуногун омода менамуд. Ҳамчунин зани саводнок буда, ҳар шаб барои кӯдаконаш шеър мегуфтааст [5, 135].

Анъанаҳои мусиқинавозию сурудхонӣ дар оила барои Ҳикмат Ризо фазои хуби фарҳангие буд, ки дар дили ӯ муҳаббати сурудхониро парварид ва майл ба ҳунари овозхонӣ намуд. Аз дигар ҷониб Ҳикмат Ризо аз бародари калонии худ Зиё Ризо, ки аллакай дуторнавозӣ менамуд, ҳунари дуторнавозиро аз худ менамуд.

Ҳикмат Ризо аз хурдсолӣ аз модараш доир ба достонҳои гуногуни қаҳрамонӣ ҳаргуна нақлу ривоятҳо мешунид ва ин ҳама ба устоди ояндаи «Гурғулӣ» шудани ӯ бетаъсир намонд.

Тибқи навиштаҳои Наҷмиддинов Ф. Ҳикмат Ризо аллакай дар синни 15 солагӣ дутор дар даст гирифта, ғазалу рубоёт ва фалакӣ мехонд [5, 135]. Ҳамин тавр, Ҳикмат Ризо дар чорабиниву шабнишиниҳои ва маҳфилҳои гуногуни адабӣ иштирок мекард.

Тибқи гуфтаи шогирди машҳури Ҳикмат Ризо – Азизбек Зиёев ҳангоми туй бародари калонии Ҳикмат - Зиё дар маърака ҳофиз набудааст. Яке аз иштирокдорони маърака гуфтааст, ки Ҳикматро фарёд кунед он бо дутораш "Гурғулӣ" мехонад. Ҳамин тавр Ҳикмат дар туйи бародараш суруд мехонад ва ин аввалин баромади оммавии ӯ буд, ки ба ӯ руҳу илҳоми дукарата бахшид [6, 54].

Дар яке аз шабнишиниҳои эҷодии дар Сари Хосор ӯ бо эҷодиёти устоди машҳури эпоси «Гурғулӣ» Шогирд Шукурмаст – Наврӯз Ҷонмаҳмадов ошноӣ пайдо мекунад. Баъд аз шиносоӣ Наврӯз Ҷонмаҳмадов ӯро барои мукаммал омӯзондани достонҳои «Гурғулӣ» ба шогирдӣ қабул менамояд. Ҳикмат Р. ва дигар шогирдон ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки дар бари устод Наврӯз Ҷонмаҳмадов бошанд ва устод ба онҳо тавсияҳои ҳунарӣ медод ва сахтгирӣ менамуд то ҳарчи зудтар маҳорати ҳунариашон ташаккул ёбад [9]. Маҳорату истеъдоди Ҳикмат Р. нисбат ба дигар шогирдони Наврӯз Ҷонмаҳмадов ба кулли фарқ мекард ва ҳамаи инро устод ба назар гирифта, ба шогирдон гуфт: "Баъд аз ман пешбари мактаби ҳунарии мо Ҳикмат мешавад ва ҳаминтавр ҳам мешаваду Ҳикмат Р. яке аз шогирдони пешқадам ва соҳибкасби Наврӯз Ҷонмаҳмадов мегардад" [6, 55].

Муддати 9 сол Ҳикмат Ризо дар назди устоди «Гурғулӣ» Наврӯз Ҷонмаҳмадов ҳамчун шогирд "Гурғулӣ" меомузад. Вақти имтиҳон фаро мерасад. Бояд қайд намуд, ки яке аз шартҳои ба итмом расонидани муддати омӯзиш дар мактаби анъанавии устоду шогирд ин гирифтани фотеҳа мебошад ва ҳар шогирде, ки аз устоди худ баъд аз муддати шогирдӣ агар фотеҳа нагирад (яъне баъд аз имтиҳон устод ба шогирд барои мустақил ба саҳнаи ҳунар баромадан иҷозат медиҳад), шогирд наметавонад мустақил ҳунарашро муаррифӣ кунад. Ҳикмат Ризо барои супоридани имтиҳон дар назди устод ва мардум устодаш Наврӯз Ҷонмаҳмадовро ба деҳаи Ёнахш даъват менамояд. Имрӯз натанҳо барои Ҳикмат Р. рӯзи имтиҳонсупорӣ буд, балки ҷашни калони гуруғлихонӣ ба шумор мерафт. Тибқи ёддоштҳои Ҳикмат Р. дар ин рӯз мардуми зиёде ҷамъ мешаванд. Дар ин рӯз устоду шогирд қисмҳои гуногуни достонҳои ривоятии мамлакати Чамбули Мастонро (қаҳрамонҳои асосии достон Аваз ва писаронаш Шералӣ ва Нуралӣ ҳамчунин доир ба занони зебо Ҳилолбӣ, Гулширмоҳ ва ғ.) дар давоми се шабу се рӯз ба навбат месароянд. Дар хотимаи имтиҳон Ҳикмат Ризо ба устоди худ тибқи анъана ҷуфти либосҳои муносибро тақдим мекунад ва устод ба шогирд барои фаъолияти мустақили эҷодии фотеҳа медиҳад [6, 56].

Дар ҳаёт ва роҳи эҷодиёти худ Ҳикмат Ризо бо бисёр достонсароёни гуногун во мехурад, ки аз онҳо омӯхтаасту эҷодиёти худро мукаммалу рангин гардонидааст. Аз ҷумлаи чунин устодони машҳур Бобоюнус Худойдодзода, Мирзои Хола, Мурод Санговро қайд кардан ба маврид аст. Дар ҳунари достонсароии Ҳикмат Ризо эҷодиёти гурғулисарои машҳур Хол Мусофиров (Оби Гарм) – намояндаи мактаби гурғулисароии Сари Хосор, шогирди Салими Кулула нақши калидиро мебозад. Ҳикмат Ризо дар ёддоштҳояш қайд мекунад, ки Хол Мусофир метавонист дастонҳои "Гурғулӣ" - ро дар муддати ду се шабонарӯз иҷро кунад ва шунавандагон тули ин муддатҳо иҷроиши бомаҳорати ӯро бо диққат қабул менамуданд ва гӯш мекарданд [10]. Эҷодиёти ҷаззоб ва садои пурқуввати ӯ ба шунаванда таъсири аҷибе мерасонид ва ҳангоми хондани ӯ шунавандагон аз мазмуну муҳтаво ва таъсири хониши ӯ ҳам хандаву табассум мекарданд ва ҳам мегиристанд.

Ҳикмат Ризо аз 15 солагӣ ҳамчун достонсаро роҳи мустақили эҷодии худро пеш гирифт. Дар ин муддат ӯ бо бисёр меросбарони "Гурғулӣ", ки намояндагони мактабҳои гуруғлисароии минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон буданд ошноӣ пайдо намуд. Аз ин ҷониб ӯ фаъолияти эҷодиашро бо соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ мутобиқ намуд, аз ҷумла ӯ 16 сол роҳбари бригадаи колхози ба номи Каленини ноҳияи Ғарм буд. Сокинони минтақаҳои Кулоб, водии Вахшу Ҳисор, Қаротегину Дарвоз вақте ки Ҳикмат Ризо достонсароӣ мекард, ӯро устоди гуяндагон меномиданд [6, 57].

Ҳикмат Ризо шахсияти маъруф буд. Ӯ дар байни мардум ҳамеша пешсаф буд ва мардум мехостанд ҳамеша ӯро гуш кунанд. Дар Тоҷикистон муҳаббат ба ҳофизону гуяндагон анъанаи маъмулист. Халқи тоҷик иҷроиши суруду мусиқӣ ба вижа гуруғлихонӣ ва фазои фарҳангиро дар ҳаёти маънавии мардум муҳим арзёбӣ менамоянд. Тибқи анъана мардон дар Тоҷикистон бо навбат шабнишинӣ ташкил менамуданд. Дар чунин шабнишиниҳо дар ҷое ё хонаи ҳамдигар бо даъвати ҳамдигар ҷамъомад ташкил менамуданд. Дар яке аз чунин ҷамъомадҳо, ки гаштак низ номида мешуд, Ҳикмат Ризо ёдовар шудааст, ки дар деҳаи Моинкоҷ баъди ҳар як хуроки шом "Гурғулӣ" месароидааст. Ва иловатан қайд менамояд, ки як рӯз аз намояндаи колхози худамон Олим Шариф номае, омад, ки ӯ шунидани "Гурғулӣ" - ро хело дӯст медорад.

Дар радифи иҷрои достонҳои эпоси «Гурғулӣ» ҳамчунин Ҳикмат Ризо ба эҷод ва сурудани якчанд мавзуҳои хусусияти эпикидошта муяссар шудааст. Ӯ муаллифи якчанд достон: "Ҷанги Ватанӣ", "Коваи оҳангар", "Роҳсозӣ ва ободонӣ", "Суруди Ватан", "Баҳори Тоҷикистон", "Таронаҳои наврӯзӣ" ва ғайра. Мо дар боби навбатӣ доир ба достонҳои ӯ маълумоти муфассал дода, мазмуну моҳияти онҳоро ба хонанда мерасонем.

Солҳои 1948-1949 олимон ва нависандагон Раҷаб Амонов, Шавкат Ниёзӣ, Муҳиддин Фарҳат, Наим Раҳимов ва кормандони шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти филиали Тоҷикистонии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ аз достонсаро Ҳикмат Ризо 35 достони гурғулиро дар ҳаҷми 105 ҳазор мисра шеър навишта гирифтаанд, ки то ҳанӯз дар шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҳфуз мебошанд. Соли 1949 Ҳикмат Ризо дар радифи дигар ҳунармандон дар даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар ш. Москва иштирок менамояд [14, 461].

Соли 1960 дар шаҳри Москва Конгресси XXV шарқшиносони ҷаҳон баргузор мегардад, ки онро Бобоҷон Ғафуров роҳбарӣ менамуд [7]. Бобоҷон Ғафуров устоди бузург Ҳикмат Ризоро дар ин форуми байналмилалии шарқшиносон, ки намояндагони 97 кишвари ҷаҳон иштирок доштанд, даъват менамояд. Достонсаро Ҳикмат Р. дар ин форум баромад менамуду иштирокчиён бо тамоми эҳсос ӯро гӯш мекарданд ва ҳатто дархост намуданд, ки такроран хонад ва ҳаминтавр дубора низ хонд ва ӯ дар давоми ним соат достонсароӣ кардааст. Дар ин форум шарқшиноси машҳури Эрон Саид Нафисӣ аз номи ҳамаи олимони ҳузурдошта ба достонсаро Ҳикмат Ризо миннатдории самимӣ баён намуд. Ҳамзамон олими франсуз бошад ӯро "Ҳомери Шарқ" гуфтааст [1, 10-11].

Солҳои 60-уми асри XX дар шаҳри Душанбе дар Кометити радио ва телевизиони кишвар аввалин бор якчанд достонҳои "Гурғулӣ" - и Ҳикмат Ризо сабт карда шудаанд. Аз 15-ум то 19 декабри соли 1969 дар ш. Душанбе конкурси иҷрокунандагони достонҳои "Гурғулӣ" гузаронида мешавад, ки дар он наздики 60 достонсаро иштирок менамоянд. Иштирокчиён вобаста ба синну сол ба се гуруҳ ҷудо карда шуда буданд ва ишғоли ҷойҳо вобаста ба синну соли иштирокчиён муайян мешуд [6, 60]. Раиси озмун сардори Раёсати санъати Вазорати маданияти ҷумҳурӣ Қ. Мирзоев интихоб шуда буд. Ҳофизон дар рӯзҳои озмун ба саҳна баромада ҳунари гурғулихонии худро нишон медоданд. Ҳадафи озмун пеш аз ҳама дарёфти истеъдодҳои нав ба мардум шиносонидани онҳо буд. Ҳар яке аз онҳо дар муддати 25-30 дақиқа сурудҳои ба Ватан, Тоҷикистон, халқи қаҳрамон ва ҳаёти хуррам бахшидаро ҳамчун сарахбор бо услубу мақоми достони «Гурғулӣ» сароида, сипас аз он аз достон порчаҳо гуфтанд. Мувофиқи шартҳои озмун ғолиби мусобиқа ҳамон касе мешуд, ки дар майдони шеъру мусиқӣ ба воситаи як порчаи аз достон интихобкардааш корнамоиҳои паҳлавонони Чамбули Мастонро устокорона васф кунад, дар шеърбофӣ, дуторнавозӣ ва сурудхонии фораму таъсирбахш зиёдтар ҳунар нишон диҳад. Натиҷаҳои озмун муайян намуд, ки Дипломи дараҷаи якум ва мукофотҳои қиматбаҳо ба гурғулихонони машҳур Ҳикмат Ризо ва Ҳақназар Кабуд дода шуд [4].

Соли 1987 дар шаҳри Москва бо ташаббуси Институти адабиёти ҷаҳони ба номи А.М. Горкий зери назари узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон И.С. Брагинский матнҳои 20 достони "Гурғулӣ" бо забони русӣ бори аввал чоп гардиданд, ки 10 достони он аз ҷониби Ҳикмат Ризо иҷро шуда буд [6, 61].

Соли 1989 драматург С. Аюбӣ дар асоси нақли Ҳикмат Ризо драмаи “Заволи Чамбули Мастон” ро менависад, ки он аз ҷониби режиссёр Давлат Убайдуллоев намоиш дода шуда, дар намоши Парасту – 1997 соҳиби Гран-прӣ гардид. Соли 2013 дар асоси барномаи маркази фарҳангии “Бохтар” дар Тоҷикистон доир ба “Гурғулӣ” филми ҳуҷҷатӣ рӯйи кор омад, ки муаллифи филм Гулдасташоҳ Алибахшев буд. Филм доир ба вазъи имрӯзаи гурғулисароӣ дар Тоҷикистон маълумот медод ва санъатшинос Карокатулло Р.С. ҳамчун мушовир дар таҳияи филм иштирок намуд [6, 61].

Ҳикмат Ризо натанҳо иҷрокунандаи достонҳои “Гуғрулӣ” буд, балки достоннавис ва шоири хуби халқӣ низ буд. Эҷодиёти ӯ фарогири мавзуҳои гуногунмазмун буда, “Баҳори Тоҷикистон” ва “Суруди Ватан” аз ҷумлаи маҷмуаҳои шеърию достонии ӯ мебошанд.

Ватан ва табиати зебои Тоҷикистон дар меҳвари эҷодиёти Ҳикмат Ризо Қарор гирифтааст. Дар осори Ҳикмат Ризо ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии халқи тоҷик дар асри 20 хело хуб инъикос ёфтааст.

Яке аз достонҳои ӯ ба мавзуи “Роҳсозӣ ва ободонӣ” бахшида шуда, дар достон тибқи талаботи замон Ҳикмат Р. сараввал асосгузори давлати Иттиҳоди Шӯравӣ В.И. Ленин ва сохтори навро тарғиб намуда, сохтори амирии Аморати Бухороро сахт танқид намудааст. Мавзуи достон аслан ба сохтмони роҳи Душанбе – Помир, ки солҳои 1939 – 1940 дар давоми 105 рӯз сохта ба истифода дода шуда буд, бахшида шудааст [12, 11].

Пеш аз инъикоси ҳодисаҳои роҳканӣ шоир рӯзгори сахти мардуми куҳистон, набудани роҳ ва мушкилоти сафар дар фасли сарморо дар мисоли як рӯзи сафари сокини деҳаи Пасткули ОБИ Гарм, ки барои хариди либос баҳри фарзандонаш ба Янгибозор (он вақт бозор дар ноҳияи ҳозираи Ваҳдат буд) мерафт, кайд гардидааст. Тибқи навиштаҳои Шоир мӯйсафеде бо номи Муҳаммадӣ Лола аз деҳаи Пасткул ба Янгибозор (бозор дар имрӯза ноҳияи Ваҳдат ҷойгир буд) барои хариди либос баҳри фарзандонаш рафта ҳангоми бозгашт барф боридааст ва дар нимароҳ дар ағбаи Ғашён аз боридани барфи зиёд мӯйсафед ва аспаш аз хунукии сард мемиранд. Ҳангоми ба деҳа бурдани муйсафеду дафн карданашро хуб шоир тасвир намуда, қайд менамояд, ки ҳатто аз камбизоатӣ додари муйсафед кафани мурдаро аз ҳамсоя қарз кардааст. Яъне шоир дар ин лаҳза рӯзгори оилаҳои камбағалро инъикос кардааст. Илова бар марги Муҳаммадӣ Лола шоир қайд мекунад, ки аз набудани роҳу сардии зимистон даҳҳо мусофирон фавтида фарзандони онҳо ятим гаштаанд [12, 11-29].

Муҳимияти ин достон дар он аст, ки шоир таърихи сохта шудани роҳро хуб инъикос намуда, ҳамчунин номи сохтмончиёни роҳ, ҳолати раванди кор дар роҳ ва номи мавзеъҳое, ки роҳ ба ин минтақаҳо мегузарад, хуб тавзеҳ додааст. Шоир қайд менамояд, ки ҳангоми кандани роҳ фарҳангиён дар назди коргарони роҳ барномаҳои консертӣ барпо намуда рӯҳияи онҳоро баланд мебардоштанд. Шоир Ҳикмат Ризо худ иштирокчии бевоситаи сохтмони роҳ буда, қайд менамояд, ки ҳангоми раванди корҳои куҳканӣ ва сохтмони роҳ ба сохтмончиён суруди ватандӯстӣ сароидааст [12, 24].

Яке аз ҳолатҳои дигари раванди кори сохтмони роҳро шоир тасвир намуда қайд намудааст, ки аз сари куҳҳои баланд ҷавонони паҳлавонро дар дохили сабатҳои калон баста нишеб мегарданд ва онҳо бо путку лом шаҳҳоро шикаста роҳ мекушодаанд. Бояд зикр намуд, ки чунин тасвирҳои Ҳикмат Ризо тавассути достон барои омӯзиши таърихи кушодашавии Роҳи Душанбе-Помир аҳамияти хело калонро молик аст.

Яке аз мавзуҳои дигаре, ки дар ашъори шоир Ҳикмат Ризо хуб инъикос гардидааст “Ҷанги ватанӣ” ном дошта, ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шудааст. Дар муқаддимаи ин достон низ чун анъана шоир аз ҳаёти осоишта ва файзу баракати давр сухан гуфта, сипас ба мавзуи асосӣ мепардозад. Ба мавзуи ҷанг шоир хело нозукбинона муносибат намуда, соату рӯзи саршавии ҷангро (Ҷанги Бузурги Ватанӣ соати 4 субҳи 22 июни соли 1941 ба таври ногаҳонӣ оғоз шуда буд ва ин ҳолат дар достони шоир дақиқ сабт шудааст) тасвир менамояд. Ҳамчунин дар достон ҳуҷуми Германияи фашистӣ аҳдшиканона ба хоки маркази Иттиҳоди Шӯравӣ тасвир гардидааст. Шоир қайд менамояд, ки фақат дар рӯзҳои аввали ҷанг беш аз 500 нафар мардуми Оби Гарм дар майдон ҷамъ омада, ба ҷанг сафарбар

шудаанд. Яке аз ҷанбаҳои дигари мусбии достон дар он аст, ки номи сафарбаршудагон аз қабили Худойназар, Мирзоназар, Саъдулло, Ғиёс, Исматёр, Гул Шоев дар достон зикр гардидааст. Шоир раванди муҳорибаҳои шаҳрҳои Сталинград, Москва ва дарёи волгаро, ки ҳамватанонаш мубориза мебурданд бо танқид намудани душман хуб тасвир намудааст. Қаҳрамони асосии достон, ки ба ҷанг сафарбар шуда буд, ҳамдиёри шоир Худойназар буда, эҳтимоли зиёд меравад, ки достонсаро Ҳ. Ризо манзараи Ҷангро аз нақли Худойназар, ки аз ҷанг баргашта буд, азбар кардааст. Ҳамчунин аз ҳамдиёрони шоир Ғиёс низ баргашта, Саъдулло ва Алиназар ва чанд тани дигар дар ҷанг қаҳрамонона ҳалок мегарданд. Дар достон шоир то рӯзи Ғалаба (9 май) лаҳзаҳои ҷанг инъикос гардидааст [13].

Чуноне, ки дар боло қайд кардем, мавзуҳои гуногуни ватандустӣ дар эҷодиёти Ҳикмат Ризо мавқеи муҳим доранд. Дӯст доштани табиати зебои Тоҷикистон шиори ӯ буд. Маҳз ҳамин зебогиҳои ватани азиз буд, ки Ҳикмат Ризо ашъори худро бо образ додани шеърҳои ватандустӣ рангин намуд.

Яке аз шеърҳое, ки то ҳанӯз вирди забони мардум аст. “Дар диёри Тоҷикистон” ном дорад, ки дар мисраъҳои зерин оварда мешавад.

Дар диёри Тоҷикистон

Дар диёри Тоҷикистон боғу бӯстон дидаам,
Боғу бӯстонро пур аз дустону меҳмон дидаам.
Ҳар қадар гуфтанд васфатро, вале кам гуфтаанд,
Дар латофат рангу буятро фаровон дидаам.
Ғулғул афкандаст бар олам зафарҳоят басе,
Зин сабаб ман пиру барно шоду хандон дидаам.
Хоку обат зар ба бор орад ба нафъи мамлакат,
Ҷумла маҳсулот барои насли инсон дидаам.
Хасмро ҳар як ниҳоли пахтаат дар дил халад,
Кохи ҷангу ҷангҷӯро бехғалтон дидаам.
Доимо обод боши Тоҷикистони аззиз,
Дар ҳавоят ҳар замон Ҳикмат ғазалхон дидаам.

Дар эҷодиёти адабии Ҳ. Ризо иду ҷашнҳои миллӣ ба хусус Наврӯз хело моҳирона инъикос гардидаанд.

Иди Наврӯз

Иди Наврӯз даромад,
Ғам аз дилҳо баромад.
Ба рӯзи иди Наврӯз,
Булбул ба чаҳ-чаҳ омад.
Гулҳои фасли баҳор,
Гули санҷиду анор.
Сурху сафеду дилкаш,
Монанди рухсори ёр.
Дар ҳар диёри дилсуз,
Фасли баҳорай имруз.
Ғайрат кунед марду зан,
Омадаст иди Наврӯз. ..

Дар воқеъ Ҳикмат Ризо яке аз донандагони барҷостаи достонҳои «Гурғулӣ» буд. Ба хотири гиромидошти хотираи ӯ соли 2012 яке аз кӯчаҳои н. Синои ш. Душанбе ва соли 2014 Хонаи фарҳанги деҳаи Мискинободи н. Файзобод ба номи Ҳикмат Ризо гузошта мешаванд [5, 135 - 136].

Илова бар ин, дар фонди осорхонаҳои кишвар аз он ҷумла дар фонди Осорхонаи миллӣ ҳуҷҷатҳо, грамотаҳо ва думбраи Ҳикмат Ризо ҳифз карда мешаванд, ки таҳқиқи онҳо ҷиҳати омӯзиши фарҳанги мусиқии халқи тоҷик ба вижа ҳунарӣ гурғулисароӣ дар садаи ХХ муҳим ва саривақтӣ мебошад [2, 702].

Аз омӯзиши мавзуи мазкур бар меояд, ки Ҳикмат Ризо дар иҷро ва ташаккули ҳунари гурғулихонӣ саҳми арзандае гузоштааст. Илова ба ин, дар натиҷаи таҳқиқот маълум мегардад, ки Ҳикмат Ризо натанҳо донандаи достонҳои «Гурғулӣ» буд, балки дар эҷоди шеъру достонҳои хос, ки мутобиқ ба ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии садаи ХХ иншо шудаанд, саҳми назаррас дорад.

Натиҷаи таҳқиқот муайян мекунад, ки бо вуҷуди рӯйи кор омадани асару мақолаҳои гуногун доир ба ҳаёти эҷоди Ҳикмат Ризо ҳанӯз хусусияти эҷодии ҳофиз ва аҳамияти ахлоқии асарҳои адабии ин ҳунурманди нотакрор ба таври комил омӯхта нашудаанд. Бино бар ин, фарҳангшиносон, адабиётшиносон ва санъатшиносону фолклоршиносонро лозим аст, ки ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ҳикмат Ризо бори дигар таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд.

Адабиёт

1. Асрориён, Ҷ. «Гурғулӣ». Душанбе.- 2010.- 179 с.
2. Бойгонии Осорхонаи миллӣ. Китоби инвегтарӣ №5. – С. 263
3. Гуругли. Таджикский народный эпос / АН СССР. Ин-т мировой литературы. АН тадж ССР. Ин-т языка и литературы; Отбор дастанов, исслед. и. пер. И.С. Брагинского; Тадж. текст подгов. к печати А. Назаров, Б. Шермухаммедов; Отв. ред. Х.Г. Короглы.- М.: Наука, 1987. – 820 с.
4. Мизоев Қ. Ҷамъбасти конкурси гурғулигӯёни тоҷик //Мошриф ва маданият. – 1969. – 25 декабр
5. Наҷмиддинов Ф. Ҳикмат Ризо сарояндаи орзуву ормонҳои халқ // Мероси ниёгон. №21. – 2019.- С.135 – 136.
6. Рахимов, К. Таджикский эпос «Гургули» в традициях исполнительской школы Хикмата Ризо / К. Рахимов. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 256 с.
7. Раҷабалӣ А. “«Гурғулӣ»” – ҷавҳари фалклори миллӣ / Адабиёт ва санъат. – 2010. – 2 декабр
8. Ризо, Ҳикмат // https://ru.wikipedia.org/wiki /. Санаи истифодабарӣ аз 30.12.2025
9. Умари Ш. «Гурғулӣ» ва Ҳикмат Ризо/ Ҷумуҳурият. – 2016.- 18 июн.
10. Фатҳуллоев С. Саводомӯзи сад омӯзгор. Адабиёт ва санъат. – 2028.- 6 декабр.
11. Хикмат Ризо // Таджикская музыка. - Душабе. – 2003. – 296 с.
12. Ҳикмат Ризо. Роҳсозӣ ва ободонӣ // Баҳори Тоҷикистон. Душанбе: 1979. – 102 с.
13. Ҳикмат Ризо. Суруди Ватан: Маҷмуаи шеъру достонҳо / Ҳ. Ризо; Дар таҳрири А. Мирзоев. – Сталинобод, 1950. – 110 с.
14. Ҳикмат Ризо. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 3. – Душанбе. – 2004.- 551 с.

Literature

1. Asroriyon, J. Gurghuli. Dushanbe, 2010. 179 p.
2. National Museum Archive. Inventory Book No. 5, p. 263.
3. Gurugli: Tajik Folk Epic. USSR Academy of Sciences, Institute of World Literature; Tajik SSR Academy of Sciences, Institute of Language and Literature; Selection, research, and translation by I.S. Braginsky; Tajik text prepared for publication by A. Nazarov and B. Shermukhammedov; Editor-in-chief: Kh.G. Koroglu. Moscow: Nauka, 1987. 820 p.
4. Mizoev, Q. “Summary of the Tajik Gurghuli Reciters’ Contest.” Moarif va Madaniyat, December 25, 1969.
5. Najmiddinov, F. “Hikmat Rizo — the Singer of the People’s Dreams and Aspirations.” Merosi Niyogon, no. 21, 2019, pp. 135–136.
6. Rakhimov, K. The Tajik Epic “Gurghuli” in the Performance Tradition of Hikmat Rizo. Dushanbe: Irfon, 2019. 256 p.
7. Rajabali, A. “‘Gurghuli’ — the Essence of National Folklore.” Adabiyot va San’at, December 2, 2010.
8. “Hikmat Rizo.” Wikipedia. Accessed December 30, 2025. https://ru.wikipedia.org/wiki

9. Umari, Sh. “Gurghuli and Hikmat Rizo.” Jumhuriyat, June 18, 2016.

10. Fathulloev, S. “Literacy Training for One Hundred Teachers.” Adabiyot va San’at, December 6, 2028.

11. Hikmat Rizo. In Tajik Music. Dushanbe, 2003. 296 p.

12. Rizo, Hikmat. Road Building and Development. Dushanbe: Bahori Tojikiston, 1979. 102 p.

13. Rizo, Hikmat. Song of the Homeland: A Collection of Poems and Epics. Edited by A. Mirzoev. Stalinabad, 1950. 110 p.

14. Rizo, Hikmat. Encyclopedia of Tajik Literature and Art, vol. 3. Dushanbe, 2004. 551 p.

УДК: 63.3

ХУЛОСАҲОИ АВВАЛИН ТАДҚИҚОТҲОИ ОЛИМОНИ ШУРАВӢ ДАР САМТИ ОМУЗИШИ ИҚТИДОРИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 30-УМИ АСРИ ХХ

Сидиқова Шоира Мирзоалиевна
ассистенти кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Email: shokajon96@mail.ru

Дар мақолаи мазкур муаллиф тахлили таҳқиқотҳои мақолаҳо ва нашрияҳои таҳқиқотчиёни шуравиро доир ба ҷуғрофия ва аҳолии мардуми Тоҷикистон даврахои охири XIX асри ва аввали асри XX мавриди таҳлил қарор медиҳад. Муаллиф дар доираи хронологӣ тартиби хулосаҳои таҳқиқоти олимонро нишон дода, аҳамияти илмии онҳоро барои таҳқиқотҳои замони муосир қайд мекунад. Дар мақола ҳамчунин хизматҳои олимони рус низ дар самти омӯзиши Тоҷикистон дар солҳои 30 - уми асри XX оварда мешавад, ки дар баробари дигар минтақаҳои Осиёи Миёна дар таҳқиқи Тоҷикистон саҳмгузорӣ намуданд. Муаллиф муҳимияти ин таҳқиқотҳоро қайд намуда, аҳамияти методологии онҳоро барои таҳқиқотчиёни замони муосир ёдрас мешавад, зеро маълумотҳои олимон ва сайёҳони рус доир ба таърих ва этнографияи минтақаи Тоҷикистон дар давраи солҳои 30-уми асри XX имкон медиҳанд, то ки ин маълумотҳо бо нишондодҳои ҳозира муқоиса карда шаванд.

Калимаҳои калидӣ: таҳлил, китоб, мақола, таҳқиқотчиёни шуравӣ, аҳолӣ, таърих, Тоҷикистон, энергетика, саноат, ашёи хом, канданиҳои фоиданок.

ПЕРВЫЕ ВЫВОДЫ ИССЛЕДОВАНИЙ СОВЕТСКИХ УЧЕНЫХ ПО НАПРАВЛЕНИЮ ИЗУЧЕНИЯ ЭКОКНОМИЧЕСКОГО ПОТЕНЦИАЛА ТАДЖИКИСТАНА В 30-Е ГОДЫ XX-ГО ВЕКА

Сидикова Шоира Мирзоалиевна
ассистент кафедры истории и философии дисциплин Международного университета туризма и предпринимательства. Email.ru: shokajon96@mail.ru

В данной статье автор анализирует статьи и работы русских исследователей периода конца XIX и начало XX века, в которых авторами исследовались географические данные и народонаселение Памира. Автор в хронологическом порядке показывает исследования советских ученҷх и отмечает их научную значимость для современных исследователей. В статье также указывается на труды исследователей в изучение истории Средней Азии и в частности Таджикистана которые внесли большой вклад в развитие этих наук относительно данного региона. В данной статье автор также приводит историографический анализ научного наследия советских исследователей Таджикистана периода 30-х годов XX века. Определены основные научные труды советских исследователей Таджикистана в которых авторы отражают основные данные о состояние дорог и населения данного региона. Также в статье выявлены основные характеристики трудов русских исследователей и указано их научное значение для современных исследователей в области этнографии Таджикистана. Вместе с этим в данной статье автор указывают на методологическое значение трудов советских исследователей при исполнение научно-исследовательской деятельности современными исследователями.

Ключевые слова: анализ, книга, статьи, советских исследователей, население, история, Таджикистан, энергетика, промышленность, сырье, полезные ископаемые.

FIRST CONCLUSIONS OF SOVIET SCIENTISTS IN THE ECONOMY POTENTIAL OF THE TAJIKISTAN IN 30-S YEARS OF XX CENTURY

Sidiqova Shoira Mirzoalievna
assistant of Social Disciplines of the International University of Tourism and Entrepreneurship Tajikistan. Mail.ru: shokajon96@mail.ru Phone: (+992) 985 725735.

In this article author analyze of articles and researches of Russian scientists, which contribute in research of history and ethnography of Tajikistan, during the period the late of XIX and early of XX centuries. Author after chronological order show the year of publish, short content of works and note the significance of work for contemporary researchers. Author also note the role of militaries researches for study of history and ethnography of Tajikistan during the period the late of XIX and early of XX centuries. Also in this article authors give attention to analyses of science legacy of soviet scientists, and about history of people of Tajikistan region. Authors note the methodological signification of bibliography of Russian scientists, about people of Tajikistan period of late XIX and early XX century for contemporary scientists during their scientifically research of this problem. In this article author also analyze of researches of soviet scientists about count of population of Tajikistan, roads and geography of Tajikistan during the period the 30-s years of XX centuries.

Kew words: analyze, articles, book, researches, soviet scientists, history, population, Tajikistan, energy, industry, raw materials minerals.

Баъди таъсисёбии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, дар ҳудуди ҷумҳурӣ корҳои таҳқиқотӣ дар самти омӯзиши иқтидори саноатӣ ва боигарии зеризаминии ин минтақа оғоз гардид. Барои таҳлили амиқи имкониятҳои ин диёр, аз шаҳрҳои Москва ва Санкт Петербург гурӯҳи комплексии олимон ба Тоҷикистон фиристонида шуд. Таҳқиқот мебоист барои таъсисёбии саноати куҳӣ ва комплекси аграрии Тоҷикистон хулосаҳои илмиро пешниҳод менамуд. Олими шуравӣ А.Е. Ферсман, ки роҳбарии эъзомияро ба ӯҳда дошт, ба муқобили тарзи истифодаи маҳдуди боигарии ашёи хом баромад ва онро қисми мустақили инкишофи хоҷагии халқ меҳисобид. Диққати асосии вайро иқтидори энергетикаи обии Тоҷикистон ҷалб намуд. Тоҷикистон дар ҳолати баландкӯҳҳо ҷойгир мебошад ва ин вазифаи сохтмони роҳ, нақлиёт ва алоқаро ба зинаи аввал гузошт. Бо супориши роҳбари эъзомия, омӯзиши захираҳои энергетикии Тоҷикистон ва дурнамои инкишофи онҳо ба олимон Д.И. Шербаков, Н.А. Караулов ва корманди Фавқуллодаи Комиссариати халқии саноати вазнини ҶШС Тоҷикистон Исо-Хоҷаев супурда шуд. Мувофиқи ахбори ҷонишини раиси Госплани Тоҷикистон Ф.А. Казаков дар панҷсолаи дуюм барои солҳои 1932-1937 рӯи хусусияти истеҳсолӣ Тоҷикистон ба ноҳияҳои истеҳсолии зерин тақсим гардид:

1.Минтақаи истеҳсолии Шимол бо ноҳияҳои маъмурии Ашт, Хуҷанд, Исфара, Конибодом, Истаравшан (Уротеппа) ва Шаҳристон;

2.Минтақаи истеҳсолии Зарафшон бо ноҳияҳои истеҳсолии Панҷакент, Мастчоҳ ва Айнӣ (Заҳматобод);

3.Минтақаи истеҳсолии Марказии Ҳисор бо ноҳияҳои истеҳсолии Шаҳринав, Ҳисор, Душанбе (Сталинобод), Ваҳдат (Янги-Бозор), Файзобод ва н. Рудакӣ (Лақайи Тоҷик);

4.Минтақаи истеҳсолии Ҷануб бо ноҳияҳои истеҳсолии Восеъ (Арал), Бохтар (Қурғонтеппа), н. Ҷайҳун (Ҷиликӯл), Шаҳритус, Бауманобод, Фархор ва қисмати ноҳияи Кӯлоб;

5.Минтақаи истеҳсолии Шарқӣ, бо заминҳои Кӯлоб, Қизил Мазор, Данғара, Темурмалик (Кангурт), Балҷувон, Муминобод, Ховалинг ва Оби-Гарм;

6.Минтақаи кӯҳистон бо ноҳияҳои Ш. Шоҳин (Шурообод), Даштиҷум, Қалъаи Хумб, Сангвор (Тавилдара), Рашт (Ғарм), Ҳоит ва Ҷиргатол;

7.Минтақаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон [8, с. 87].

Ҳар кадоме аз ин минтақаҳо ва ё ноҳияҳо шаклҳои умумии истеҳсолот ва захираҳои табиии ба худ хос доштанд ва аз ҳамин лиҳоз шакли амалисозии истеҳсолот равиши хосро тақозо мекард.

Чунончи минтақаи Шимол аз рӯи маълумоти додашуда захираҳои зиёди энергетикӣ дорад, ки ба он канданиҳои фоиданоки сузишворӣ ба мисли ангишт, нефт, маъданиҳо ва ниммаъданиҳои оҳан, элементҳои камёфти ғайримаъданӣ, шароити хуби иқлиму замин, ки ба истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ мусоидат намуданд, дохил гардиданд. Дар ин минтақа инчунин захираҳои хуроки чорво барои таъмини инкишофи чорводорӣ нисбати дигар минтақаҳо бештар буд. Дар минтақаи Шимол инчунин зичии аҳолӣ, роҳи оҳан ва нақлиёт барои рушди истеҳсолот мусоидат мекард.

Дар ин минтақа дар аввали солҳои 30-уми асри XX истеҳсоли ангиштсанг ба 1,2-1,5 млн. тонна ва нафт ба 50000 тонна расонида шуд. Инчунин истеҳсоли элементҳои камёфт ба монанди радий, молибден, мишяк ва селитра афзоиш ёфт. Истеҳсолоти соҳаи саноати сабук ва саноати хӯрокворӣ низ афзоиш ёфта, корхонаи бофандагӣ дар ҳаҷми 105 000 верст, корхонаи абрешим бо 10 000 дастгоҳ, корхонаи консевабарории мевагӣ, заводи пахтатозакунӣ, истеҳсоли маводи сохтмонӣ ба роҳ монда шуд. Заминҳои кишт дар ин минтақа 101600 гектарро ташкил дода, аз он 60 фоизро заминҳои обӣ ва 40 фоизро заминҳои лалмӣ ташкил медоданд. Барои пахтакорӣ 25200 гектар, барои ғалладонагӣ 60000 гектар ва барои боғу токзор 16400 гектар замин ҷудо карда шуд. Шумораи умумии саршумори чорво 229000 сар буда, аз онҳо 52000 сар чорвои калон, 144000 чорвои хурд ва 33000 сарро чорвои дар қайд набуда ё дигар намуди ҳайвонот ташкил дод. Иқтидори энергетикии ин минтақаро ангиштсанг, нефт ва истифодаи захираҳои обӣ бахусус дар НОБ-и сохташудаи Хоҷа Бакирган ташкил медод. Дар фарқият аз минтақаи шимол, дар лоиҳаи пешрафти минтақаи кӯҳии Зарафшон рушди хоҷагии қишлоқ пешбинӣ шуда буд. Гарчанде, ки дар ин ҷо майдонҳои кишт нисбат ба минтақаи шимолӣ камтар буданд, аммо ин барои коркарди онҳо монеа набуд. Аз шумораи умумии 34900 гектар, заминҳои обӣ 65 фоиз ва 30 гектар ё 95 фоиз тамоми заминҳо барои ғаллакорӣ ҷудо карда шуданд. Дар минтақаи кӯли Искандаркӯл шароити хуб барои чорводорӣ мавҷуд буд ва дар ин минтақа саршумори чорво нисбат ба минтақаи шимол бештар буд ва аксарияти онро гӯсфандпарварӣ ташкил медод [8, с. 78].

Самтҳои асосии рушди минтақа дар панҷсолаи дувум дар самти сохтмони роҳҳо ва конҳои ангиштсанг ва инчунин инкишофи хоҷагии қишлоқ (чорводорӣ ва парвариши бузу гусфанд) пешбинӣ шуда буд. Дар минтақа боигариҳои зиёди зеризаминӣ ёфт гардиданд ки истеҳсоли онҳо равияи инкишофи онро дучанд афзоиш медод. Олимон дар солҳои аввали 30-ум ба хулоса омаданд, ки захираҳои калони ангиштсанг дар ин минтақа, 150-200 млн. тоннаро ташкил медиҳанд. Инчунин дарёи Зарафшон бо шохобҳои худ метавонанд то 600 000 кВт электроэнергияро истеҳсол намояд. Дар баробари ҳамин истеҳсоли мис, оҳан, элементҳои камёфт ба монанди мишяк, нефелин, маъдани марганетс, ва ғайраҳо метавонанд хатти рушди минтақаро ба самти индустриалӣ гузаронанд. Дар минтақаи Марказӣ, ки он ҳанӯз минтақаи аграрӣ-индустриалӣ ба шумор мерафт, олимон ба хулоса омаданд, ки он барои истеҳсоли пахта мувофиқ ҳисоб мешавад. Заминҳои кишт дар ин ҷо 175650 гектарро ташкил дода, аз он заминҳои обӣ 26 фоиз (40000 га) ва заминҳои лалмӣ 74 фоизро ташкил медоданд [2, с. 24]. Барои пахтакорӣ 28540 гектар замин ҷудо карда шуд. Дар соҳаи чорводорӣ ҷои асосиро парвариши гусфанди зоти маҳаллӣ (ҳисорӣ) ишғол мекунад. Дар доираи азхудкунии боигариҳои кӯҳсори қаторкӯҳи Ҳисор олимон инчунин ин минтақаро ба гурӯҳи минтақаи аграрӣ-индустриалӣ ворид намуданд. Минтақаи Ҷанубӣ дар панҷсолаи дувум (1932-1937) ҳамчун асоси пахтакории Тоҷикистон боқӣ мемонад. Аз миқдори умумии заминҳо, ки 61000 гектарро ташкил медиҳанд, заминҳои пахта 37000 гектар ё ки 60 фоиз аз миқдори умумии заминҳоро ташкил доданд. Азхудкунии водии Вахш дар панҷсолаи дувум имкон дод, ки шумораи заминҳои нав ба 130000 гектар расонида шуда, дар ин заминҳо пахтаи навъи мисрӣ кишт карда шавад.

Дар ин минтақа инчунин боигариҳои зеризаминӣ ба монанди сузишвории сланетс,

ёфт шуданд, ки дар баробари неруи дарёи Вахш ва конҳои намаки қисми шимоли шарқии Норак ин минтақаро мебоист ба маркази саноати химиявии Тоҷикистон табдил диҳанд. Мувофиқи хулосаи комиссия, минтақаи Шарқӣ дорои равияи чорводорӣ-зироаткорӣ мебошад ва дар оянда бо таъсири рушднамоии коркарди тилло дар ин минтақа, соҳаҳои гидроэнергетикӣ ва азхудкунии элементҳои камёфт пешрафт хоҳанд кард [8, с. 79].

Бояд тазакур дод, ки таҳқиқ ва омӯзиши захираҳои энергетикаи обии Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон, аз соли 1925 аз тарафи олимонимаъруф А.В. Ферсман, Д.И. Шербаков, Б.А. Наследов, И.Г. Александров оғоз гардид. [6, с. 92] Дар асоси таҳқиқотҳои олимони рус дар минтақаи тропикии Тоҷикистон бо сардории академик Е.Н. Павловский барномаи махсус зидди варача ва бемориҳои сироятӣ тартиб дода шуд. Бо тавсияи Е.Н. Павловский кӯлҳо ва ботлоқҳо, ки дар онҳо паша ва магасҳои паҳнкунандаи бемории варача мезистанд, хушк карда шуданд ва дар ин заминҳо пахт шинонда шуда, дар боқимондаи кӯлҳо моҳичаҳои «гамбузия» парвариш гардиданд, ки онҳо паша ва магасҳоро мехурданд ва шумораи онҳоро паст намуданд. Илова бар ин тавассути тайёраҳо ба ин заминҳо захрҳои химиявӣ пошида шуданд [5, с. 90].

Қисми муҳимми хулосаҳои комиссияро омӯзиши Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон гирифт. Роҳи коркарди маъданҳои камёфт ва коркарди тилло равона гардид. То аввали солҳои 30-ум, дар Помир ягон намуди саноат вуҷуд надошт ва сабаби он набудани роҳҳои мошингард ба ин минтақа буд. Ҳатто маҳсулоти дар ин ҷо истеҳсолшуда аз ҳудуди он бароварда намешуд. Чунин молҳои қиматбаҳо, ба монанди тилло ва сангҳои қиматбаҳо аз сабаби мушкилгузар будани роҳ дар ҳаҷми калон истеҳсол карда намешуданд. То кушодашавии роҳ ба Помир дар муносибатҳои истеҳсолии ин минтақа косибӣ, истеҳсоли маҳсулоти хоҷагӣ ва истеҳсолоти дастӣ бартарӣ дошт [3, с. 56]. Дар байни дигар намудҳои косибӣ хусусан пешаи оҳангарӣ ривоҷ ёфта буд. Оҳангарон дар Кӯҳистони Бадахшон бо маъдани оҳан кор мекарданд, ки онро дар ноҳияи Ванҷ истихроҷ мекарданд. Муваффақияти муҳимми давлати Шуравӣ дар кори беҳтар кардани вазъи иқтисодии ВМКБ дар соли 1935 ин ба охир расидани сохтмони шоҳроҳи Помири Шарқӣ - Ош - Хоруғ буд. Бо кушодашавии ин роҳ бо автомашинаҳо ба Хоруғ молҳо ва озуқавории зарурӣ оварда шуд. Ин роҳ дар ҷои роҳе, ки пештар корвонҳои савдогарон мегузаштанд, сохта шуда буд ва он аз байни бисёр ағбаҳои кӯҳӣ мегузашт, ки калонтарини онҳо Қизил-Арт (баланди 4280м), Оқбайтал (4655м), Найзаташ (4137м) Кутезак (4271 м) буданд. Аммо кушодашавии ин роҳ ҳанӯз вилоятро бо маркази ҷумҳурӣ - шаҳри Душанбе пайваст намекард. Борҳое ки барои вилояти Бадахшон муайян шуданд, ба воситаи роҳи оҳан аз Душанбе ба шаҳри Ош фиристонда шуда, баъд ба шаҳри Хоруғ мерасиданд. Чунин роҳи дароз ва тулонӣ масрафи зиёди сӯзишворӣ ва қувваи кориро талаб мекард. Барои ҳамин ҳукумати ҷумҳурӣ барои сохтмони роҳи Хоруғ-Ғарм (Рашти имрӯза) сафарбаркунии умумии коргаронро эълон кард. Дар ин сохтмон зиёда аз 15 ҳазор нафар коргарон дар муддати се моҳ меҳнат мекарданд ва сохтмони он дар ҳамин сол ба охир расида буд [10, с. 8].

Асоси саноати вилоятро корхонаи нонпазӣ, 2 муассисаи коркарди чӯб, 2 сехи истеҳсоли хишт, 2 матбаа, 2 сехи дузандагӣ, 4 дӯкони оҳангарӣ ташкил медод [6, с. 98]. Дар баробари ин дар ҳудуди вилоят корхонаҳо ва муассисаҳои аҳамияти умимииттифоқӣ бо истихроҷи тилло ва намаки Рангкӯл, истихроҷи квартси Ванҷу Вахон, истихроҷи абрақ ва лоҷуварди Ишкошим ва ба кор даровардани кони ангишти ноҳияи Мурғоб дар нақша гирифта шуд. Дар ҳамин давра Ҳукумати ҷумҳурӣ бо мақсади таъмин намудани сокинони вилоят бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ ба рушди муассисаҳо ва корхонаҳое, ки аз ашёи маҳаллӣ маҳсулот истеҳсол мекарданд, аҳамияти бештар медод. Мақсади ин барнома аз он иборат буд, ки ВМКБ аз вилояти истеъмолкунанда ба вилояти истеҳсолкунанда мубаддал гардад. Маҳз барои ҳамин зиёд кардани истеҳсоли молро, аз ашёи маҳаллӣ вазифаи аввалиндараҷа маҳсуб донист [4, с. 67]. Дар натиҷаи таҳқиқотҳои «Экспедитсияи Тоҷикистон ва Помир» олимон Райкова, Зеленская ва Корженевский оид ба кишти зироатҳои техникии ба шароити кӯҳистон тобовар маслиҳатҳои муфид пешниҳод намуданд.

Аз рӯи нақшаи панҷсолаи дуюм барои солҳои 1932-1937, муассисаҳои вилоят бояд истеҳсоли хишт, гач, намак ва ангиштсангро ба роҳ мемонданд. Дар ин ҷо муассисаи «Средаззолото»-и мебоист истихроҷи реги тиллодор дар кони Рангкӯл амалӣ мегардид. Истихроҷи кварц, лоҷувард ва тилло ба ӯҳдаи эъзомияи (экспидитсия) № 13 бо роҳбарии И. Миненберг гузошта шуд.

Албатта ин нақшаи охирини минтақасозии иқтисодиёти Тоҷикистон набуд, зеро табиати ин ҷо омӯзиши доимиро тақозо мекунад, то ки тамоми боигариҳои зеризаминии Помир аз худ карда шавад. Дар ин давра А.Е. Ферсман имкониятҳои беназири Тоҷикистонро дар роҳи рушди аграрии-индустриалӣ ҷамъбаст намуда ба чунин хулоса омад: «Якумин ва асоситарин истеҳсолоти Тоҷикистон хоҷагии қишлоқ мебошад, ки барои рушди он дар минтақа офтоб ва обҳои зиёд мавҷуданд. Инчунин рушди энергетика, ки мебоист хоҷагии қишлоқро такон диҳад, яке аз вазифаҳои муҳими инкишофи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад» [9, с. 9].

Ин хулоса тақдири минбаъдаи инкишофи иқтисодии Тоҷикистонро муайян намуд ва он ба базаи ашёи хоми сноати бофандагии ҶШФСР (РСФСР) табдил ёфт. Аз тарафи дигар ин хулоса ба рушди соҳаи энергетика такон бахшид ва он ҳамчун соҳаи мустақил эътироф гардид. Дар қисмати охири хулосаи конференсияи олимон қайд карда шуд, ки «ҶШС Тоҷикистон захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ дорад, ки барои инкишофи иқтисоди Тоҷикистон мусоидат мекунанд. Истеҳсолнокии захираҳои обӣ дар 11 моҳи сол 15 миллион қувваи асп ё нисфи тамоми захираҳои обии Осиёи Марказиро ташкил медиҳад. Аксарияти захираҳои обӣ дар қисмати шарқӣ ва ҷанубии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд ва чунин тақсимоти қуввaҳои истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки дар оянда Тоҷикистон бо хатҳои баландшиддат шимол ва ҷанубро пайваст намояд. Барои ҳамин сохтмони неругоҳҳои обӣ ва барқӣ бо системаи обии хоҷагии қишлоқ алоқаманд мебошанд» [9, с. 12]. Аммо ба он чиз бояд диққат дод, ки раванди сохтмони неругоҳҳои обӣ ва барқии калон вобаста ба сохти қишри замин ва шароити душвори боркашонӣ вақти тулониро мегирад. Аз ҳамин ҷиҳат дар баробари неругоҳҳои обӣ ва барқии калон неругоҳҳои обӣ ва барқии хурд, ки барои системаи обии хоҷагии қишлоқ пайваст буданд, низ сохта мешуданд. Натиҷаҳои таҳқиқотҳое, ки то соли 1933 гузаронида шуданд ва таҳлилҳои экспидитсияҳои илмӣ-таҳқиқотии минбаъда нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон минтақаи бой аз канданиҳои фоиданок ва захираҳои табии мебошад.

Шумораи пиряхҳо дар ин ҷо 14500 дона буда, масоҳати умумии онҳо 11000 км^2, ё 8 фоиз ҳудуди мамлакатро ташкил медиҳад. Шумораи умумии дарёҳо 25000 ва дарозии умумии онҳо 90000 км. масофа дорад. Дар баландии кӯҳҳо кӯлҳо бо миқдори умумии 46,3 км^3 об ва бо захираи обии – 16,2 км ^{3} ҷойгир бебошанд. Зиёда аз 54,3 фоиз обҳои баҳри Арал аз дарёҳои Тоҷикистона оғоз мешаванд. Ҳаҷми умумии захираҳои гидроэнергетикӣ 527 млрд. кВт. неруи баркро ташкил медиҳад. Тоҷикистон танҳо 10 фоиз ҳаҷми обҳои дарёҳоро, ки аз ҳудуди ин сарзамин мегузаранд, истифода мекунад. Аз он ҷумла 15 фоиз оби дарёи Амударё ва 7,8 фоиз оби Сирдарё дар Тоҷикистон масраф мешавад. Дар асоси маҳдудиятҳои давраи Шуравӣ, аз дарёи Сирдарё ки 80 км ^{3} он аз ҳудуди Тоҷикистон мегузарад, ҷумҳурӣ танҳо 7 фоиз, Қирғизистон ки дар онҷо ин дарё сар мешавад 0,5 фоиз онро истифода мекунанд. Оби ин дарёро асосан ҶШС Узбекистон - 50, 5 фоиз ва ҶШС Қазоқистон– 42,2 фоизи оби ин дарёро истифода мекунанд. Аз Амударё ҶШС Тоҷикистон фақат 15,2 фоиз, ҶШС Узбекистон – 42,2 фоиз ва ҶШС Туркманистон 42,3 фоиз обро истифода мекунанд.

Ҳамин тавр метавон хулоса кард, ки аз соли 1928 сар карда, Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ бо роҳбарии Н.П. Горбунов дар давоми солҳои 30-ум якчанд экспедитсияро ба Тоҷикистон фиристонид, ки он бояд самти имкониятҳои истеҳсолии Тоҷикистонро муайян менамуд. Гуруҳи академик Е.Н. Павловский фауна ва ҳолати санитарӣ эпидемиологии минтақаро мебоист таҳқиқ менамуд. Тамоми ин натиҷаҳо моҳи апрели соли 1933 дар Конференсияи Ленинградии Академияи илмҳо бо иштироки академикҳо Н.И. Вавилов, Д.Н. Прянишников, В.П. Комаров, ҷамъбаст гардиданд. То имрӯз дар бойго-

нии Академияи илмҳои Россия бойгониҳои шахсии олимони он давра нигоҳубин мешаванд ва ин имкон медиҳад, ки масъалаи мазкур минбаъд низ таҳқиқ гардад [11, с. 7]. Аз он ҷумла дар бойгонӣ маводҳои Ф.Е. Корш (фонди 558), В.А. Гордлевский (фонди 688), Н.К. Дмитриев (фонди 1658), В.Б. Луцкий (фонди 1619), Н.М. Никольский (фонди 1675), В.И. Авдиев (фонди 1782), Е.М. Жуков (фонди 1788), С.П. Толстов (фонди 1869), И.Н. Бороздин (фонди 2181) қарор доранд. Инчунин дар Бойгонии Академияи илмҳо дар Санкт Петербург захираҳои ҳуҷҷатҳои шахсии олимони рус Ч.Ч. Валиханов (23), В.В. Бартолд (фонди 68), В.В. Радлов (фонди 177), С.Ф. Ольденбург (фонди 208), М.Н.Соколов (фонди 746) Борис Дорн (фонди 776), Христиан Френ (фонди 778), Б.Я. Владимирцов (фонди 780), Крачковский Игнатий Юлианович (фонди 1026) ва дигарон қарор доранд, ки доир ба кори экспедитсияи солҳои 30-уми асри ХХ маълумоти зиёдро доро мебошанд [1, с. 32-36].

Конференсия Тоҷикистонро ҳамчун базаи асосии истеҳсоли пахтаи маҳиннах муайян намуд. 5-уми сентябри соли 1934 бо қарори пленуми Бюрои Осиёимиёнагии ВКП (б) водии Вахш маркази парвариши пахтаи мисрӣ муайян гардид. Аз тарафи гуруҳи олимони забоншинос инчунин бо роҳбарии Е.Н. Павловский луғати забони тоҷикӣ-русӣ тартиб дода шуд, ки он имкон дод, мутахассисони маҳаллиро забони русӣ ёд дод.

Адабиёт

1.Ильина И.Н. Документальное наследие как сфера сотрудничества научных центров России и Таджикистана [Текст] / И.Н. Ильина: Таджикистан в документах архива Российской Академии наук // Сборник материалов Международной научной конференции, посвящённой 200-летию российского востоковедения г. Худжанд, 23 ноября 2018 года. – Худжант, 2018. – 362 с.

2.Казаков Ф.А. Хозяйственное регионирование Таджикистана. [Текст] / Ф.А. Казаков // Проблемы Таджикистана:. Издательство Академии ССР. – Ленинград, 1933. – 256 с.

3.Клеандров П. Экономика Советского Горного Бадахшана. [Текст] / П. Клеандров. – Душанбе, 1974. – 356 с.

4.Ким М.П. Из истории индустриализации Таджикской ССР [Текст] / М.П. Ким. – Душанбе, 1972. – 432 с.

5.Маҳмадов И.М. Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991) [Матн] / И.М. Маҳмадов дис. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). – Душанбе, 2021. – 180 с.

6.Маҳмадзода. У.Д. Оғози азхудкунии захираҳои табии Тоҷикистон ва бунёди пойгоҳи соҳаи энергетика [Матн] / У.Д. Маҳмадзода. // Паёми китобхонаи миллӣ. – Душанбе, 2024. №4 (8). С- 89-96. ISSN 2959-78-03.

7.Саидасанов Ю.Ш. Вилояти Иухтори Кӯҳистони Бадахшон дар солҳои ҶБВ. [Матн] / Ю.Ш. Саидасанов. – Хоруғ, 2010. – 120 с.

8.Самиев А.М. Географические исследования Памира в конце 19 века – певой половине 20 века и их значение для современного Таджикистана [Текст] / А.М. Самиев. – дис на соискание ученой степени кандидата географических наук, 2010. – 178 с.

9.Ферсман А.Е. Общие итоги Таджикской конференции [Текст] / А.Е. Ферсман Проблемы Таджикистана. 1 конф. по.изуч. производит. сил Таджикской СССР. Т.1. – Л.: Изд-во АН СССР, 1933. – С 5-14.

10.Бойгонии марказии ВМКБ, ф. 2. п. 1 , с. 3.

11.Таджикистан: природа и природные ресурсы / В.Н. Владимирова / www.libweb kpfu.ru Режим доступа: 20 апреля 2025 года.

Literature

1. Ilyina, I.N. Documentary Heritage as a Sphere of Cooperation between Scientific Centers of Russia and Tajikistan [Text] / I.N. Ilyina: Tajikistan in the Archives of the Russian Academy of Sciences // Collection of Materials of the International Scientific Conference Dedicated to the

200th Anniversary of Russian Oriental Studies, Khujand, November 23, 2018. – Khujand, 2018. – 362 p.

2. Kazakov, F.A. Economic Regionalization of Tajikistan. [Text] / F.A. Kazakov // Problems of Tajikistan:. Publishing House of the Academy of the SSR. – Leningrad, 1933. – 256 p.

3. Kleandrov, P. Economy of Soviet Gorno-Badakhshan. [Text] / P. Kleandrov. – Dushanbe, 1974. – 356 p.

4. Kim, M.P. From the history of industrialization of the Tajik SSR [Text] / M.P. Kim. – Dushanbe, 1972. – 432 p.

5. Makhmadov I.M. History of the formation and development of medical institutions in the Kulob region (1924 - 1991) [Text] / I.M. Mahmadov dissertation for the degree of candidate of historical sciences in the specialty 07.00.02 - National history (history of the Tajik people). - Dushanbe, 2021. - 180 p.7. Saidasanov Yu.Sh. Viloyati Iuhtori Kuhistoni Badakhshon dar solҳoi ҶBV. [Matn] / Yu.Sh. Saidasanov. – Khorug, 2010. – 120 p.

6. Makhmadzoda. U.D. The beginning of the development of natural resources of Tajikistan and the creation of an energy base [Text] / U.D. Mahmadzoda. // Message of the National Library. - Dushanbe, 2024. №4 (8). P- 89-96. ISSN 2959-78-03.

7. Saidasanov Yu.Sh. Gorno-Badakhshan Region in the years of the Great Patriotic War. [Text] / Yu.Sh. Saidasanov. - Khorog, 2010. - 120 p.

8. Samiev A.M. Geographical Research of the Pamirs in the Late 19th Century – First Half of the 20th Century and Their Significance for Modern Tajikistan [Text] / A.M. Samiev. – Dissertation for the degree of Candidate of Geographical Sciences, 2010. – 178 p.

9. Fersman A.E. General Results of the Tajik Conference [Text] / A.E. Fersman Problems of Tajikistan. 1st Conf. on the Study of the Production Forces of the Tajik USSR. Vol. 1. – Leningrad: Publishing House of the USSR Academy of Sciences, 1933. – Pp. 5-14.

10. The central archive of the Ministry of Defense, f. 2. p. 1, p. 3.

11. Tajikistan: Nature and Natural Resources / V.N. Vladimirova / www.libweb kpfu.ru Access mode: April 20, 2025.

УДК: 93

ДАСТГОҲИ КАТЕГОРИАЛИИ ФАЛСАФА ВА ЭЛЕМЕНТҲОИ АРХАИСТИИ ҲАҚИҚАТ

Мирзоева Замира Ботурхоновна
ассистенти кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилаии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: mirzoevazamira10@gmail.com

Аннотатасия. Дар мақолаи мазкур муаллиф ба таври таҳлили амиқи илмӣ мафҳум ва таърифи истиллоҳи фалсафии ҳақиқатро ба муҳокима мегузорад. Муаллиф аз нуқтаи назари фалсафаи иҷтимоӣ ин масъаларо дида баромада ҷанбаҳои асосии он, фарқиятҳо ва хусусиятҳои хоси ин масъалаҳоро аз нуқтаи назари файласуфони даврaҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Ҳамзамон мазмун ва маънои ин масъаларо ҳамчун феномени фалсафа баррасӣ қарор медиҳад. Дар мақолаи мазкур рафти тадқиқотҳои соҳаи таҳлили фалсафиро дар мисоли олимон дар самти фалсафии ҳақиқатро дида баромада, қайд мекунад, ки тадқиқотҳои фалсафӣ ҳамчун соҳаи таҳқиқи ҷомеаи муосир дар миёни илмҳои ҷомеашиносӣ дар омузиши рафтори шахс нақши муҳимро пайдо мекунанд. Дар давоми солҳои охир, зумраи тадқиқотҳои илмӣ навишта шуданд, ки дар назди худ вазифаи таҳлили фалсафии ҳақиқатро дар ҷомеа гузоштанд. Муаллиф қайд мекунад, ки дар ин раванд ҳамчунин тадқиқотҳои байнифаннӣ низ нақши муҳим доранд, ки барои рушди илм мусоидат намудаанд. Таҳлили ақидаҳои фалсафӣ нишон медиҳад, ки таҳлили фалсафии ин феномен барои васеъ гардидани донишҳо оиди сохтори ҷомеа ва ҳамчунин муайян кардани сиёсати иҷтимоии давлат мусоидат мекунанд. Дар баробари ҳамин муаллиф қайд мекунад, ки идеяҳое ки дар тадқиқотҳои соҳаи таҳлили фалсафии рафтор ба даст омадаанд, ҳамчун методологияи тадқиқотҳои оянда хизмат хоҳанд кард. Ҷиҳати хулосахои назариявии тадқиқотҳои фалсафӣ доир ба рафтор имкон медиҳад, ки гипотезаҳои нав ҳамчун таҳлили мантиқии системаи философия руи кор оварда шаванд.

Калимаҳои калидӣ: Консепсия, ҳақикат, таҳлили фалсафӣ, фалсафа, ҷомеа.

КАТЕГОРИАЛНЫЙ АППАРАТ ФИЛОСОФИИ И АРХАИСТИЧЕСКИЕ ЭЛЕМЕНТЫ ИСТИНЫ

Мирзоева Замира Ботурхоновна
ассистент кафедры истории и философии дисциплин Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: mirzoevazamira10@gmail.com

Аннотация. В данной статье автор проводит углубленный философский анализ понятия истины в обществе и приводит философские аспекты данной проблемы. Автор приводит основные идеи и понятия данного феномена социальной философии и отмечает их характерные особенности и принципиальные отличия. В статье приводятся также смысловые значения данного феномена и автором выделяются основные значения понятия поиска истины. Автор анализирует ход мысли философского направления, перед которыми были поставлены задачи социально-философского анализа проблем поведения личности различных обществ. Автор не ограничивается рассмотрением только философских исследований, а учитывает также междисциплинарные исследования, которые также способствовали развитию данного направления науки. Анализ работ показывает, что социально –философский аспект поиска истины отражен в научных работах с разными объектамиисследования, преимущественно социального направления. Теоретические рассуждения философских исследований позволяют вывести гипотезы, к оторые являются логическим следствием целостной системы понятия поведения личности и открывают новые горизонты исследования проблемы в философии.

Ключевые слова: концепция, истина, философский анализ, философия, общество.

CATEGORIAL SISTEM OF PHILOSOPHY AND ARCHAIK ELEMENTS OF TRUTH

Mirzoeva Zamira Boturkhonovna
assistant at the department of history and philosophy of disciplines at the International University of tourism and entrepreneurship of Tajikistan. Phone: E-mail: mirzoevazamira10@gmail.com

Abstract. In the article author comprehensively discuss the problem on of the sociocultural truth in society. Article is devoted to the notion, conception in socially philosophical study of the sociocultural truth. The features of the new forms notion of this conception influenced the sociocultural behavior in a socially- philosophical analysis of this point of view. The author in article note differences of conception the problem of social and cultural behavior in philosophy. In article author give analyses of the fact of science research in philosophy in example of truth in a philosophical analysis trends. Philosophical researches as a category of social sciences more and more to be subject of researches in difference form, including more social direction of difference society. By efforts of scientists were realized researches with tasks of social and philosophy analyses of problem of behavior in a philosophical analysis in society. Author not limit and restrict his research only with research of sociology, but also give attention to interdisciplinary research that's liaise with this theme and help to consideration of development of this trend of science. Analyses of science research in philosophical scientists show that social and philosophy analyses in these researches used with difference point of view and difference subjects, primary in social trends. Using the multilevel research's, author considered the factors that broad of science knowledge's about structural elements of contemporary society, its stratification contents and identify the mechanisms of realization social policy of the country. Besides of above mentioned, noted ideas in sociological scientist's researches may be used in future as a methodology of researches. Theoretical thoughts of sociological researches truth in a philosophical analysis allow to producing hypotheses, that's will be logical consequences full system of sociology and philosophy.

Key words: conception, truth, philosophical analysis, philosophy, society.

Фалсафа (философия) ҳамчун илми мустақил, шакли идрок ва системаи донишҳоро дар бар мегирад, ки як усули илмии таҳқиқотӣ дониста мешавад ва барои таҳлили дигар илмҳо дар самти дарёфти ҳақиқат ёрирасон мебошад. Ҳануз Суқрот гуфта буд, ки вазифаи фалсафа дар қиёс кардан дар бораи ҷаҳон нест, балки он бояд инсонҳоро ёд диҳад, ки чӣ тавр онҳо худомузӣ кунанд, дигаронро шиносанд ва роҳи беҳтар кардани зиндагиро ҷустуҷӯ намоянд. Бисёре аз олимон фалсафаро ҳамчун тарзи афкори шахсӣ меҳисобанд ва аз ҳамин ҷиҳат истиллоҳи «фалсафаи ман» дар ҷомеа хеле зуд вохурда мешавад. Аввалин муаллифи истилоҳи «фалсафа» Пифагор (тақрибан 580-500 пеш аз милод) буд, ки маънои фалсафаро дар ҷустуҷӯи ҳақиқат фаҳмонидааст. Ба ин ақида файласуфи Юнони қадим Гераклит (тақрибан солҳои 520 — тақрибан 460 пеш аз милод) низ шарик буд [3, с. 56]. Вай вазифаи асосии файласуфро таълим додани хирад аз тарафи устод (юнонӣ sophistes — устод, рассом) меҳисобид. Хусусияти тафаккури абстрактии фалсафӣ дар мафҳумҳои фалсафӣ (категорияҳо) ифода меёбад, ки ба онҳо категорияҳои зерин дохил мешаванд:

1. категорияи ҳастӣ;
2. категорияи материя;
3. категорияи фазо;
4. категорияи замон;
5. категорияи моҳият ва падида;
6. категорияи сабаб ва натиҷа;

7. категорияи зарурат ва тасодуф;
8. категорияи инсон ва маънои зиндагӣ;
9. категорияи неку бад, озодӣ, ишқ ва ғайра [10, с. 90].

Фалсафа ҳамчун илм усулҳои таҳқиқотии ба худ хос ба мисоли диалектика, метафизика, догматизм, эклектизм, софистика, герменевтика ва дигар усулҳо мебошанд, ки дар фалсафаи Ғарб паҳн шуда, яке аз соҳаҳои фалсафӣ мебошад [4, с. 87]. Дар баробари ҳамин вазифаҳои ҷаҳонбинӣ, методологӣ, пешгӯӣ, таҳлилӣ, аксиологиро низ бояд қайд намуд, ки бешубҳа моҳияти байнифаннии фалсафаро таҳия менамоянд. Аммо фалсафа дар ҳар давру замон афкори инсонро дар назар дорад, кич и тавр мо ба моҳияти масъала мерасем, ва аз кадом роҳ ва усул истифода кардем. Чуноне, ки ҳиндуҳо мегуфтанд, инсон бояд пеш аз ҳама олами ботинии худро такмил диҳад. Дар фалсафаи Чин принсипи пешбарандаи рушди худшиносии ҷаҳон бархӯрди байни "Ян" ва "Ин" мебошад [5, с. 87]. Дар фалсафаи Хитой онтологияи ҳодисаҳо ба назар гирифта намешавад ва аз ҳамин сабаб дастгоҳи категориалӣ (сифат, атрибут ва ғайра) дар он вуҷуд надорад. Ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба расму оинҳо тобеъ буда, аҳамияти ғоявӣ доштанд. Юнониҳо мегуфтанд, ки дониш он чизест, ки дар тӯли муҳокима тадриҷан ба вуҷуд меояд ва дар баҳс ҳақиқат пайдо мешавад. Баҳси фалсафа ба пурсупоси кудак ва устод монанд аст, ки дар рафти он кудак ҳама вақт савол медиҳад. Мубоҳисаҳои Суқрот барои дарёфти таъриф нигаронида шудаанд: Далерӣ чист? Зебоӣ чист? Адолат чист? Суқрот танҳо саволҳои худро дода, ҷавобҳоро ҷамъоварӣ мекунад, то ихтилофро ошкор намояд. Афлотун бар ин назар аст, ки агар дониши мо аз ҳама чиз бартарӣ ва мустақил бошад, пас албатта он чизе, ки мо медонем - адолат, зебоӣ, ҷасорат - бояд мустақил ва пеш аз ҷаҳони таҷрибавӣ, ки мо ҳоло дар он ҳастем, бошад. Дар фалсафаи Арасту ба саволи "Чӣ бояд кард?" ҷавоб хеле оддӣ буд: Вай мегуяд, ки хушбахтиро ҷустуҷӯ кунед ва зери ибораи «ҷустуҷӯ» чӣ маъно дорад? Ба андешаи ӯ, худ аз худ зиндагии хуб нахоҳад буд ва барои шарҳи масъала Арасту калимаи юнонии «eudaimonia»-ро истифода мебарад, аммо дар Арасту ин ибора тарҷумаи дигар дорад. Агар Афлотун онро (εὐδαιμονία ё eudaimonia) ба маънои "хушбахтӣ" истифода мебурд, дар фалсафаи Арасту маъноиш ҳамчун "шумо мемиред" тарҷума шудааст. Ҳолати устувории характер, ки онро стоикҳо тағриб мекарданд, низ роҳи фалсафии ҳаёт мебошад, ки барои инсоният фоида бахшид ва чандин наслҳо дар асноди ин фалсафа дар худ иродаи қавӣ ва ҷасоратро рушд медоданд [8, с. 99]. Усули дустдоштаи вайро скепитсизми Перрон ташкил медод – ҳама чизро зери шубҳа гузор. Декарт ба ҳеҷ чиз бовар намекард ва саволҳои нороҳаткунанда доданро дӯст медошт ва ҳамеша ба ҳама чиз шубҳа мекард. Барои ёфтани ҷавоб ба саволҳои худ, Декарт усулеро таҳия кард, ки ҳамчун усули шубҳаи декартӣ маълум аст. Усули ӯ хеле содда буд: ҳеҷ чизро ҳамчун ҳақиқӣ қабул накунед, агар ҳатто хурдтарин имконият вуҷуд дошта бошад. Агар камтарин ҷои шубҳа вуҷуд дошта бошад, ҳақиқати падидаро дубора санҷиш кардан лозим аст. Декарт савол медиҳад: Оё ҷаҳон воқеан ҳамон гунае буд, ки мо онро мебинем? Оё ин дар бедорӣ аст ё ҳолати хоб? Он чизе ки Декарт мехост дарёбад, як чизест, ки ӯ метавонист ба он боварӣ дошта бошад [9, с. 36]. Ин кифоя буд, ки ба ӯ дар воқеият пойгоҳе диҳад, то таҳлил онро идома диҳад. Аммо скетитсизми Декарт ва даврaҳои минбаъда характери ратсионалистӣ (ақлонӣ) дошт. Шубҳа низ сарҳад дорад ва ба якравӣ роҳ набояд дод. Барои мо муҳим он аст, ки бехабар аз ҳамдигар Румӣ ва Декарт як хел фикр мекарданд, гарчанде дар даврaҳои мухталиф зиндагӣ доштанд. Рад кардани ҳастии худ – хоси Декарт буд ва ба ин монанд мо мисраи Румиро мехонем: «Ма на манам, на ман манам» [1, с. 89]. Файласуфи немис Георг Вильгелм Фридрих Гегел (1770-1831) яке аз намояндагони маъруфи фалсафаи немис ва идеализм ба шумор меравад. Гегел чунин мешуморад, ки мо метавонем бо пайравӣ ба усули диалектикӣ ба ҳақиқат наздик шавем[7, с. 178]. Касе идея - тезис ва дигаре зиддият - зиддитезисро ба миён мегузорад, ки идеяи аввалро зери шубҳа мемонад. Аз ин таъсири ду мавқеъ мавқеи сеюм бештар бо назардошти ҳар ду ҳамчун синтези онҳо ба миён меояд. Ва он гоҳ, аксар вақт, он равандро дубора оғоз мекунад. Синтези нав ба тезис табдил меёбад ва ҳамаи ин то он даме, ки бо Рӯҳ фаҳмиши комил вуҷуд наояд, идома меёбад. Кант оиди дарки ҳақиқат чунин

мешуморад, ки мо ҳеҷ гоҳ тасаввуроти пурраи вазъиятро дошта наметавонем. Мо ҳеҷ гоҳ чизи махсусро дар бораи он, ки Худо ҷаҳони ноумен (ношинохт) офаридааст, ки шинохтанашаванда буд, намедонистем. Бо вуҷуди ин, мо инчунин дар бораи олами феноменалӣ, дар бораи ҷаҳони гирду атроф, дар бораи ҷаҳоне медонем, ки мо тавассути эҳсосоти худ онро эҳсос мекунем.

Дар фалсафаи марксистӣ ин масъаларо Ф.Энгельс чунин баён карда буд: «Масъалаи бузурги фундаменталии тамоми фалсафа, хусусан фалсафаи муосир, масъалаи муносибати тафаккур ба ҳастӣ мебошад». Чунин муносибат ба баёни масъалаи асосии фалсафа ба далелҳои бунёдии ҳаёти инсон асос ёфтааст, ки ба онҳо аз ҷумла инҳо дохил мешаванд:

- падидаҳои моддӣ ва маънавӣ (шукр, ирода, тафаккур);

- ҳар як шахс худро аз ҳар чизе, ки дар атрофаш аст, фарқ мекунад ва аз ҳама чиз фарқ мекунад;

- вай ҳадафҳои худро бо воқеият алоқаманд мекунад, ба воқеият баҳо медиҳад [7, с. 189].

Карл Маркс, Ф.Энгельс ва В.И. Ленин дар доираи фалсафаи марксизм номутобиқатии илмии методи метафизикии тафаккурро нишон доданд. Мафҳуми «метафизика» маҳз дар марксизм маънои зикршударо аз ҷиҳати истилоҳот пайдо кард. Ба кавли В.И.Ленин, диалектика таълимоти дар шакли мукаммалтарин, амиқ ва озоди худ аз яктарафа будани худ, таълимот дар бораи нисбияти дониши инсонӣ мебошад, ки ба мо материяи доимо инкишофёбандаро инъикос менамояд. Шуур, тафаккур, ки асоси физиологии он майнаи одам мебошад, дар айни замон маҳсули ҷамъиятӣ ва инъикоси ҳаёти ҷамъиятии одамон мебошад.

Фалсафаи марксизм нисбат ба материализми пештара муносибати материалистиро ба масъалаи асосии фалсафа, ба ҳаёти ҷамъиятӣ васеъ карда, мутаносибан масъалаи муносибати шуури ҷамъиятиро бо мавчудияти ҷамъиятӣ ҳал мекунад. «Агар материализм умуман шуурро аз ҳастӣ мефаҳмонад, пас материализм ҳангоми ба ҳаёти ҷамъиятии инсоният татбиқ намудани фаҳмиши шуури ҷамъиятиро аз мавчудияти ҷамъият талаб мекард» [7, с. 189]. Сарфи назар аз он ки фалсафаи марксистӣ-ленинӣ дар амалия дурустии диалектикаро тасдиқ кард, аммо дар ҳоли ҳозир он дар ҳалли масъалаи асосии фалсафа бо идеализм дар муқовимат қарор дорад.

Фалсафаи марксизм диалектикӣ-материалистӣ мебошад. Материалистӣ, зеро он *афзалияти материя* ва дуюмдараҷаи шуурро тасдиқ мекунад ва моддӣ будани дунё ва донистани онро эътироф мекунад. Диалектикӣ аз он сабаб аст, ки вай *олами моддиро дар ҳаракат, рушд, навсозии доимӣ меомузад.* Маркс ва Энгельс мегуянд, ки дар ҷаҳон ба ғайр аз материя чизе нест, ки вай доимо дар ҳаракат ва тараққиёт аст. Вай абадӣ ва беохир аст, давра ба давра шаклҳои нави мавҷудияти худро мегирад. Қонуни ягонагӣ ва муборизаи зиддҳо, ки қонуни асосии диалектика мебошад, роҳи дарки дигар қонунҳоро инъикос мекунад. «Хулоса, — навишта буд Ленин, — диалектикаро ҳамчун таълимоти ягонагии зиддиятҳо муайян кардан мумкин аст». Қонуни гузаштани миқдор ба сифат ва баръаксро Ленин дар порча оид ба унсурҳои диалектика ҳамчун мисоли гузаштани муқобилатҳо хисоб мекунад. Дар конспекти илмии мантиқ ӯ аҳамияти ҳарактеристикаи Гегелро оид ба категорияҳои сифат, миқдор ва ягонагии онҳо таҳлил намуда, ҳамаи ҷиҳатҳои ин категорияҳоро (ҳадд, беохир, сарҳад ва ғайра) таҳлил намуда, дар бораи шакли дигаргу-нии ҳамдигарии миқдорӣ ва сифатиро муфассал мавриди омузиш қарор медиҳад. Ленин ба масъалаи алоқамандии назария ва таърихи дониш, қонуниятҳои тафаккур, раванди ташаккули онҳо, таърихи тафаккур аз нуқтаи назари инкишоф ва татбиқи мафҳумҳо ва категорияҳои умумии ҷомеа диққати калон медод [7, с. 199].

Фалсафаи муосир мактабҳои зиёдеро дар бар мегирад, ки усулҳои гуногуни ҳалли мушкилотро истифода мебаранд, ки дар миёни онҳо мушкилоти маърифат ва мушкилоти ҷомеаи инсонро метавон асос шуморид. Равияи асосии фалсафаи муосир чи дар Ғарб ва чи дар Шарқ ба ақидаҳои постпозитивизм, ки унсури асосии он фалсафаи интиқодӣ мебошад, бештар майл дорад.

Равияи позитивизм дар шакли нави худ дар шароити замони муосир бо номи «неопозитивизм» маълум аст. Ин равия ҳанӯз дар ибтидои солҳои 1920-ум ҳамчун шакли мантиқии позитивизм ба вуҷуд омад, ки идеяҳои он дар як вақт дар Австрия, Англия, Полша ва Олмон ва дигар давлатҳо паҳн шуданд. Дар солҳои 40-ум неопозитивизм дар Иёлоти Муттаҳида паҳн шуд ва дар он ҷо онро намояндагони мактаби фалсафаи муҳоҷирон ҷорӣ карданд. Олимони бонуфузтарин дар байни неопозитивистҳо Бертран Рассел, Людвиг Витгенштейн, Рудолф Карнап ва Карл Поппер буданд. Дар неопозитивизм объект ва назарияи предмет, факти объективӣ (ки новобаста аз маърифат вуҷуд дорад) ва факти илмӣ (яъне факти бо воситаҳои илм тасдиқшуда) муайян карда мешавад. Неопозитивистҳо усули таҳлили мантиқиро ба тамоми соҳаҳои дониш, аз ҷумла фалсафа ҷорӣ (экстраполятсия) карда, амалан тамоми масъалаҳои фалсафиро ба масъалаҳои мантиқӣ табдил медиҳанд ва мантиқро моҳияти фалсафа эълон намуданд. Рассел ва Витгенштейн ҳамчун вазифаи худ сохтани забони аз ҷиҳати мантиқӣ мукаммали илмро, ки ба пешниҳодҳои содда ва мураккаб асос ёфтааст, муайян карданд. Ин мафҳум "атомизми мантиқӣ" номида шуд ва барои эҷоди забонҳои сунъӣ ва расмӣ ба қадри кофӣ самаранок буд. Аммо ҳангоми ба вуҷуд овардани манзараи фалсафии ҷаҳон атомизми мантиқӣ он қадар бомуваффақият кор намекунад [6, с. 95]. Солҳои 20-30-уми асри XX дар инструментализми (фалсафа хамчун олот) Д. Дьюи ақидаҳои прагматизм инкишоф ёфтанд. Вай идеяро дуруст мешуморад, ки агар он «асбоби» муваффақият бошад. Вазифаи ақл, ба қавли Дьюи, дар ҷустуҷӯи роҳҳои барқарор намудани муносибатҳои судманд бо объект аст. Идеяҳои прагматизм, ки дар давоми чандин дахсолаҳо дар ШМА вуҷуд доштанд, ба дигар мамлакатҳо: Англия, Европаи Ғарбӣ, Хитой паҳн шуданд.

Дар солҳои 60-уми асри XX дар Фаронса мактаби фалсафии структурализм (сохторшиносон) ба вуҷуд омад, ки ҷонибдорони он таҳти шиори объективизм ва ҷиддияти илмии таҳқиқот баромад мекарданд. Пешвои структурализми франсуз этнолог К. Леви-Строс буд. Ба таркиби сохторшиносон муаррих М. Фуко, психоаналитик Ҷ. Лакан, адабиётшинос Р. Барт ва дигар олимон низ шомил буданд. Структурализми фалсафӣ ҳамчун тавсеаи усули сохторӣ дар бисёр илмҳо шакл гирифт. Баръакси неопозитивистҳо, ки ба илмҳои табиатшиносӣ тамаркуз карда, структуралистҳо бошанд ба тадқиқот дар соҳаи гуманитарӣ мутамарказ мекарданд. Асоси ҳама гуна фаъолият, ба ақидаи Леви-Стросс, сохторҳои бешуур мебошанд. Леви-Стросс, исбот кард, ки шахс дар сатҳи бошуурона аломатҳоро истифода мебарад, аз онҳо паёмҳои гуногун, матнҳо эҷод мекунад ва дар айни замон қоидаҳои муайянеро истифода мебарад, ки ба таври худкор, истифода мешаванд. Аммо аксар вақт одам аз мавҷудияти қоидаву меъёрҳои забоне, ки истифода мекунад, бехабар аст. Леви-Стросс бо истифода аз методи сохторӣ кӯшиш намуд, ки қолабҳои пинҳони ғайришуур ва сохтори тафаккури инсониро ба ҳам пайваст намояд. Вай дар назди худ вазифаи хеле душвор гузошт, ки мувофиқи он бояд ба воситаи омухтани системаҳои аломатҳо, механизмҳои пинҳонии онҳо ба муайян кардани қонунҳои фаъолияти интеллекти инсонӣ бирасад. Бертран Рассел дар «Проблемаҳои фалсафа» навиштааст: «Ҳақиқат дар бораи ашёҳои физикӣ бояд аҷиб бошад. Шояд нофаҳмо ва дастнорас бошад, аммо агар ягон файласуф гумон кунад, ки ба он ноил шудааст ва он чизе, ки ба унвони ҳақиқат пешниҳод мекунад, ки барои илм аҷиб аст, набояд асосе барои эътироз ба андешаи ӯ вуҷуд дошта бошад» [2, с. 188].

Идеяҳои Бертран Рассел барои фалсафа хеле радикалӣ буданд, ки онҳоро вай дар китоби «Никоҳ ва ахлоқ», ки соли 1929 нашр шудааст, баён кард. Дар ин китоб, ӯ ба ақидаҳои масеҳӣ дар бораи аҳамияти содиқ будан ба дусти худро зери шубҳа гузошт, ки дар он вақт ин боиси тааҷҷуб гардид. Дар ин давра Расселро барои баромади зидди Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ дар соли 1916 ба муҳлати шаш моҳ дар зиндони Брикстон ҳабс карданд. Вай баъдтар дар таъсиси Маъракаи ҳали силоҳи ҳастаӣ як ҳаракати байналмилалӣ алайҳи ҳама силоҳҳои қатли ом баромад кард. Солҳои 60-уми асри XX ба синни пиронсолӣ нигоҳ накарда, Бертран Рассел яке аз фаъолони гирдиҳамоитҳои оммавӣ буд ва зидди ҷанг барои сулҳ мубориза мекард. Дар робита ба дин, Рассел изҳор дошт, ки он ҳамчун таълимот

ошкор аст, аммо вай динро иғвоангез низ меҳисобад. Барои Рассел инсониятро танҳо ақли инсон наҷот медиҳад. Ӯ боварӣ дошт, ки одамон ба дин барои он ҷалб мешаванд, ки онҳо аз марг метарсанд. Дин онҳоро тасаллӣ медиҳад ки Худое ҳаст, ки одамони бадро ҷазо медиҳад ва барои одамони хуб кумак мекунад. Аммо Рассел изҳор кард, ки Худо вуҷуд надорад ва дин аз хушбахтӣ дида бадбахтии бештар меорад. Вай гуфта буд, ки ба истиснои дини буддоия, дигар динҳо барои сар задани ҷангҳо, азобу адоват ҷавобгар мебошанд [8, с. 90].

Дар шароити ҷомеаи озод ва соҳибистиқлоли Тоҷикистон, сатҳи категорияи вақт ва фазо суръати рушди давлати Тоҷикистон ва иқтисоди онро торафт васеътар таҳлил мекунад. Фалсафаи муосир дониши илмиро падидаи иҷтимоию фарҳангӣ медонад. Ва яке аз вазифаҳои муҳими он омӯхтани роҳҳои ташаккули донишҳои нави илмӣ, таърихан тағйир ёфтани онҳо ва механизмҳои таъсири омилҳои иҷтимоии фарҳангӣ ба ин масъалаҳоро дар бар мегирад.

Дар баробари ҳамин, андешаҳои фалсафии халқи тоҷик низ дар таърихи фалсафа нақши муҳим доранд. Халқи тоҷик дар тули асрҳо бо файласуфони худ шуҳрати ҷаҳонӣ дошт ва ин анъанаҳо то ба замони мо давом доранд. Кӯшишҳои аввалини аз ҷиҳати назариявӣ дарк намудани мушкилоти омузиши фалсафаи халқи тоҷик ҳанӯз дар замони Шуравӣ сурат гирифта буд. Дар ин давра илми фалсафа дар зери таъсири идеологияи марксистӣ инкишоф ёфта, ақидаҳои сохти Шуравӣ ва ҳизби ҳукмронро тавсиф менамуд. Дар даврони истиқлолият мавзӯъҳои таҳқиқоти фалсафа хусусияти миллӣ пайдо карданд. Файласуфон ба дарки масъалаҳои нақши халқи тоҷик дар таърих, моҳияти тамаддуни он, мавқеи он дар системаи халқҳои давлатсоз ва ғайра шуруъ намуданд.

Рушди афкори фалсафӣ дар Тоҷикистони муосир дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро низ фаро гирифт, ки дар асоси он самтҳои зерини фалсафӣ руи кор омаданд:

- фалсафаи иҷтимоӣ;
- фалсафаи сиёсӣ;
-фалсафаи этникӣ;
-фалсафаи дин;
-фалсафаи фарҳанг.

Ҳамин тавр таҳлили мавзуро ба итмом расонида, қайд кардан ба маврид аст, категорияи ҳақиқат моро водор мекунад, ки сабабҳои объективӣ ва субъективии пешрафт ва ақибнишиниро муайян намуда, заминаи методологии рушди минбаъдаи ҷомеаро таҳия намоем. Бо вуҷуд ин ҷолиб будани мулоҳизаҳои муаллифон бояд иқрор шуд, ки сарфи назар аз маводи гирд оварда шуда, ҳануз кор дар ин самт зиёд аст ва мо умедвор ҳастем дар таҳлилҳои оянда таҳияи масъалахои фалсафии ҳақиқатро идома медиҳем.

Адабиёт

1. Абдуллоев А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI (Доираи адабии Ғазнин) (Персидско-таджикская литература в первом половине XI века) [Текст] / А. Абдуллоев // . – Душанбе.: Дониш, 1979. - 286 с.
2. Глазунов К.О. Глобализм как предмет социально-философского анализа / дисс. кандидата философских наук по специальности [Текст] / К.О. Глазунов //: 09.00.11. - Санкт-Петербург, 2002. – 177 с.
3. Дождикова, Р.Н. Курс лекций по философии, Минск, 2008.- 322 с.
4. Джордж Беркли. Три разговора между Гиласом и Филонусом [Текст] / Беркли Джордж //. - Режим доступа: 14.01.2020. Royallib.com - 106 с.
5. Шпилькин Ю.И. Философия, ее предмет, основной вопрос и направления [Текст] / Ю.И. Шпилькин //. - М., Науч.лит, 2002 г. - 367 с.
6. Кашевджи Р. Упадок сбалансированного плюрализма [Текст] / Р. Кашевджи // Традиции и изменения. - Душанбе, 2008. - С.114-120.
7. Ленин В.И. Философские тетрады.- Институт марксизма-ленинизма при ЦК КПСС [Текст] / В.И. Ленин //. - М.: Политиздат, 1990. - XVI, - 639 с.

8. Панарин А.С. Философия истории, Москва.-*1999* .- *444 с.*

9. Рене Декарт. Размышления о первой философии [Текст] / Рене Декарт //. - 154 с. Режим доступа: 14.01.2020.- Royallib.com А.А. Корниенко, И.Б. Ардашкин, А.Ю. Чмыхало. Философские вопросы научного познания. Томск: Изд. ТПУ, 2002.- 193 с.

10. Хаврак А.П. Философия: Учебное пособие[Текст] / А.П. Хаврак // – Москва, 2005. - 349 с.

11. www.http//Портал:Философия/Цитаты/ Режим доступа: 25 февраля 2022 года.

Literature

1. Abdulloev A. Persian-Tajik literature in the first half of the 11th century (Gaznin literary circle) [Text] / A. Abdulloev // . – Dushanbe.: Donish, 1979. - 286 p.

2. Glazunov K.O. Globalism as a subject of social and philosophical analysis / diss. candidate of philosophical sciences in the specialty [Text] / K.O. Glazunov //: 09.00.11. - St. Petersburg, 2002. - 177 p.

3. Dozhdikova, R.N. Lecture Course on Philosophy, Minsk, 2008. - 322 p.

4. George Berkeley. Three Conversations between Hylas and Philonous [Text] / Berkeley George //. - Access mode: 01/14/2020. Royallib.com - 106 p.

5. Shpilkin Yu.I. Philosophy, its subject, main question and directions [Text] / Yu.I. Shpilkin //. - M., Nauch.lit, 2002. - 367 p.

6. Kashevdzhi R. The Decline of Balanced Pluralism [Text] / R. Kashevdzhi // Traditions and Changes. - Dushanbe, 2008. - Pp. 114-120.

7. Lenin V.I. Philosophical Tetrads. - Institute of Marxism-Leninism under the Central Committee of the CPSU [Text] / V.I. Lenin //. - M .: Politizdat, 1990. - XVI, - 639 p.

8. Panarin A.S. Philosophy of History, Moscow.-1999.- 444 p. 9. René Descartes. Reflections on First Philosophy [Text] / René Descartes //. - 154 p.

9. Access mode: 01/14/2020.- Royallib.com A.A. Kornienko, I.B. Ardashkin, A.Yu. Philosophical Issues of Scientific Knowledge. Tomsk: TPU Publishing House, 2002.- 193 p.

10. Khavrak A.P. Philosophy: A Textbook [Text] / A.P. Khavrak // - Moscow, 2005. - 349 p. 11. www.http//Portal:Philosophy/Quotes/ Access mode: February 25, 2022.

СИЁСАТШИНОСӢ / МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

УДК 327

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛГИИ ТАДҚИҚОТИ ПРОТСЕССҲОИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Шарипов И. И.
омӯзгори калони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Нишонӣ:119454, ш. Душанбе, кӯчаи Борбада-48/5, E-mail: ikromsharif@gmail.com

Политическая наука – это совокупность знаний, включающая не только политические дисциплины, но и практическую сферу политического искусства. Основная роль политики – построение общества и демократического государства. «Политический процесс влияет на развитие общества и формирует конкретные политические отношения. Но в современном мире политический процесс очень сложен и противоречив, поскольку многие страны находятся в процессе изменения политической системы». Проблема изучения политического процесса актуальна и сегодня, поскольку сутью переходного периода является политическое развитие, которое невозможно без политического процесса. Термин «политический процесс» впервые был использован в науке в конце XX века. Вначале этот термин сравнивали со словами «развитие» и «изменение». Термин «процесс» (от лат. processus — прогресс или прогресс) обычно описывает конкретное движение, движение или порядок движения, имеющий определенное направление. Последовательная система ситуаций, этапов, хода движения, совокупность действий или действий для достижения какого-либо результата». «Процесс» в науке — это формирование отношений между субъектами общества. Под ним понимается вся система отношений между гражданами и государством, выражающая их потребности и интересы. В политической жизни это называется политическим процессом. В новое время сформировалась критика эгоцентричной идеологии, а также сформировалась основа для объективного анализа политических субъектов.

Калидвожа: сиёсат, раванд, байналмилалӣ, ҷамъият, давлат, рушд, Тоҷикистон, таҳқиқ, низом, кулли, моҳият, сулҳ, таносух, созмон, истиқлол.

ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ В РАМКАХ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ.

Шарипов И.И.
старший преподаватель Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес:119454,г. Душанбе, улица Борбада-48/5, E-mail: ikromsharif@gmail.com

Аннотация. Политическая наука – это совокупность знаний, включающая не только политические дисциплины, но и практическую сферу политического искусства. Основная роль политики – построение общества и демократического государства. «Политический процесс влияет на развитие общества и формирует конкретные политические отношения. Но в современном мире политический процесс очень сложен и противоречив, поскольку многие страны находятся в процессе изменения политической системы». Проблема изучения политического процесса актуальна и сегодня, поскольку сутью переходного периода является политическое развитие, которое невозможно без политического процесса. Термин «политический процесс» впервые был использован в науке в конце XX века. Вначале этот термин сравнивали со словами «развитие» и «изменение». Термин «процесс» (от лат. processus — прогресс или прогресс) обычно описывает конкретное движение, движение или порядок движения, имеющий определенное направление. Последовательная система ситуа-

ций, этапов, хода движения, совокупность действий или действий для достижения какого-либо результата». «Процесс» в науке — это формирование отношений между субъектами общества. Под ним понимается вся система отношений между гражданами и государством, выражающая их потребности и интересы. В политической жизни это называется политическим процессом. В новое время сформировалась критика эгоцентричной идеологии, а также сформировалась основа для объективного анализа политических субъектов.

Ключевые слова: политика, процесс, международный, общество, государство, развитие, Таджикистан, исследование, система, тотальность, сущность, мир, гармония, организация, независимость.

THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS FOR THE STUDY OF POLITICAL PROCESSES WITHIN THE FRAMEWORK OF INTERNATIONAL RELATIONS.

Sharipov I.I.

senior lecturer at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address:119454, Dushanbe, Borbada street-48/5, E-mail: ikromsharif@gmail.com

Abstract. Political science is a body of knowledge that includes not only political disciplines, but also the practical sphere of political art. The main role of politics is to build society and a democratic state. “The political process influences the development of society and shapes specific political relations. But in the modern world, the political process is very complex and contradictory, since many countries are in the process of changing the political system”. The problem of studying the political process is still relevant today, since the essence of the transition period is political development, which is impossible without the political process. The term “political process” was first used in science at the end of the twentieth century. At first, the term was compared to the words “development” and “change.” The term "process" (from the Latin processus - progress or progress) usually describes a specific movement, movement or order of movement that has a specific direction. A sequential system of situations, stages, course of movement, a set of actions or actions to achieve any result”. The “process” in science is the formation of relationships between subjects of society. It refers to the entire system of relations between citizens and the state, expressing their needs and interests. In political life this is called the political process. In modern times, a critique of self-centered ideology has emerged, as well as a basis for an objective analysis of political subjects.

Key words: politics, process, international, society, state, development, Tajikistan, research, system, totality, essence, peace, harmony, organization, independence.

Башарият баробари ворид шудан ба ҳазорсолаи сеюм ба пешрафт, ҳамкории давлатҳо, таъмини амнияту субот дар ҷаҳон, инчунин ҳалли мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки таърихан аз ниёгони мо мерос мондаанд, умед мебандад.

Тавре маълум аст, улуми сиёсӣ аввалин марҳилаи шаклгирии худро дар соҳили баҳри Миёназамин дар даврони Бостон оғоз ва тай кард ва дар асри нуздаҳум дар дар замони асри миёнаи католикӣ, давраи Эҳё, Ислоҳот, Маърифат дар Аврупо дар рушди худ идома дод. Раванди сиёсӣ объекти таҳқиқоти як қатор олимони Аҳди қадим (аз байни онҳо, пеш аз ҳама, Афлотун ва Арастуро метавон ном бурд), асрҳои миёна ва эҳё (А. Августин, Ф. Аквинский ва Н. Макиавелли) ва асри нав (Ҷ. Локк, Монтеске) буд. Маълум мешавад, ки дар давоми тамоми инкишофи ин таҳқиқот олимон ба ҷиҳатҳо ва ҷанбаҳои гуногуни раванди сиёсӣ мароқ зоҳир менамуданд, таваҷҷуҳ мекарданд. Дар баробари ин, чунон ки Г. Алмонд зикр мекунад, ҷараёни ташаккул ва инкишофи илми сиёсат дар ин давра ё характери инфиродӣ дошт ва ё дар чорчӯби ниҳодии баста рух медод.

Ҳанӯз солҳои 60-70, дар давраи гузариш аз як низом ба низоми дигар мафҳуми «Раванди сиёсӣ» истифода намешуд ва ҳеҷ таъсире надошт, аз ин рӯ, барои сиёсатшиносӣ

Хараҷоти давлатҳои аъзои барои НАТО аз рӯи принсипи “Ҳисаи адолатнок” бурда мешавад. Он аз рӯи ММД баҳисоб гирифта мешавад. Ин хараҷотҳо пешаки муайян шудаанд. Ҳаҷми умумии буҷети НАТО 1,5 милиард долларо ташкил медиҳад, ки ба се соҳа: буҷети шаҳрвандӣ, буҷети ҳарбӣ ва таъмини бехатарӣ дар Аврупо Британя (200 млд долар) Германия (268 млд долар) Италия (103 млд долар) ва Фаронса (141 млд долар) ҷудо мекунанд [9, санаи мурочиат 29.07.2025].

Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (САД) созмони минтақавии байналхалқи мебошад, ки дар таърихи 14-уми майи соли 2002 дар заминаи Шартнома дар бораи амнияти дастаҷамъӣ (моҳи майи соли 1992) ташаккул ёфтааст. Ба он шаш давлат дохил мешавад: Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Беларусия, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Арманистон. Бояд қайд кард, ки САД ҳамчун иттифоқи ҳарбӣ-сиёсӣ ба шумор меравад.

САД он қадар таърихи тӯлони надорад ва ба монанди дигар созмонҳои байналмилали таҷрибаи калон надорад. Аввалин маротиби 15-уми майи соли 1992 байни давлатҳои Армени, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар Тошканд Шартнома дар бораи амнияти дастаҷамъиро бастанд. Баъдтар дар таърихи 24-уми сентиябри соли 1993 Озорбойҷон, 9-уми сентиябр Гурҷистон, 31-уми декабр Беларусия ба Шартномаи мазкур ҳамроҳ шуданд, ки Шартнома дар бораи амнияти дастаҷамъӣ расман 20-уми апрели соли 1994 фаолияташро оғоз намуд. Аммо мӯҳлати шартома то 5 сол буд ва 2-юми апрели соли 1999 сарони давлатҳои Арманистон, Беларусия, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия ва Тоҷикистон мӯҳлати шартономаро боз ба 5 соли дигар дароз

намуданд. Лекин Озорбойҷон, Гурҷистон ва Ӯзбекистон ба бастани мӯҳлати 2-юми шартнома имзо нагузоштанд. Худи ҳамон сол Ӯзбекистон ба ташкилоти рушди демократия ва иқтисод аъзо шуд [12, санаи мурочиат 5.08.2025].

Дар машварати Москва, ки 14-уми майи соли 2002-юм баргузор гардид, сарони давлатҳо ба хулосае омаданд, ки Шартнома дар бораи амнияти дастаҷамъиро боз ҳам мустаҳкамтар намуда онро ташкилот байналмилаллӣ эълон намоянд ва онро Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (САД) номгузори намуданд. 7-уми октябри ҳамон сол дар шаҳри Кишинёв Оинома ва Созишномаи САД аз тарафи аъзоёни ташкилот баста шуд, ки расман аз 18-уми сентябри соли 2003-юм фаъолияташро оғоз намуд.

2-юми декабри соли 2004-ум Асамблеяи Генералии СММ Оиномаи САД-ро ҳамчун мақоми намояндагии Асамблеяи Генералии СММ эътироф намуд. 16-уми августи соли 2006-ум дар машварати ниҳоии Сочи Ӯзбекистон ҳамчун намояндаи САД эътироф шуд. 4-уми феврали соли 2009-ум сарони давлатҳои аъзои САД шартномаи созиши Қувваи фаврии дастаҷамъиро имзо намуданд, ки мувофиқи он ба кадом давлати аъзо агрессия равона мешавад, фавран ба сӯи давлати агрессор қувваҳои ҳарбӣ дида мешавад. Инчунин дар самити мазкур шартномаи муборизa бар зиди терроризм, экстремизм, муборизa бар зидди маводи мухадир ва ҷиноятҳои ташкилоти транснатсионалӣ баста шуд.

3-юми апрели соли 2009 намояндагони котибии САД эълон намуданд, ки Эрон метавонад мақоми намояндагиро дар САД ишғол намояд. 14-уми июни сол 2009-ум дар Москва сессияи ниҳоии САД баргузор гардид, ки дар он Қувваи фаврии дастаҷамъии САД-ро боз ҳам мукамалтар менамуданд, лекин Беларусия бо сабабҳои «низои ширӣ» бо Русия аз иштирок намудан дар сессия дасткаши намуд, ки дар натиҷа шартномаи ниҳоии САД баста шуд. Аммо он ғайрилегитими ба ҳисоб меравад, зеро Мувофиқи Оиномаи САД махсусан моддаи 1 қойдаи 14 дар ҳолати қабули қарор дар Шӯрои вазирони хориҷии САД, Шӯрои мудофиа, Комитети машваратчиён, агар як намояндаи аъзои САД иштирок наварзад қарори пешниҳод шуда бояд қабул нагардад. Баъдан 20-уми октябри ҳамон сол Беларусия низ ба ин шартонама имзо монд.

Танқидҳо аз ҷониби таҳлилгарон ва аъзоёни он аз он ҷумла, Президенти Беларусия А. Лукашенко нисбати фаъолияти САД ба назар мерасад. Пас аз бӯҳрон ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Қирғизистон соли 2010 –ум САД як чанд кӯмакҳои фаври нисбати ҷанги шаҳрвандии Қирғизистон андешид, ба Қирғизистон кӯмакҳои ҳарбӣ фиристода шуд, ки мувофиқи баъзеи таҳлилгарон агар ин кӯмакҳо намешуд ҷанги шаҳрвандии Қирғизистон боз ҳам болотар ва алангатар мешуд.

Сохтори САД. Идораии олии ташкилот ин Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ мебошад, ки дар ҳайати он сарони давлатҳои аъзо дохил мебошанд. Машваратчиён масъалаҳои дурнамои, фаолияти ташкилот ва қабули қарор, нақшаҳои ба мақсад расидан дар доираи САД мондашударо дида мебароянд.

Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ – шӯрои доим амалкунандаи ташкилот мебошад, ки масъалаҳои хориҷии аъзоёни САД-ро дида мебароянд. Шӯрои вазирони мудофиа – масъалаҳои сиёсати ҳарбии давлатҳои аъзоро дида мебароянд. Бояд қайд намуд, ки қувваҳои ҳарбии САД аз даҳ баталёнҳои ҳарбӣ иборат аст, ки се баталёнаш аз Русия, ду баталён аз Қазоқистон ва дигар аъзоён як баталёни равона намудаанд, ки бо ҳисоби умуми ташкилот 4 ҳазор афсарро дорост. Инчунин дар бойгонаш 10 ҳавопаймо, 14 то верталётро дорост, ки онҳо дар авиябазаи русиявӣ дар Қирғизистон ҷойгиранд [12, санаи мурочиат 5.08.2025].

Комитети котиботи аҳдномаи дастаҷамъӣ – мақомоти доим амалкунандаест, ки амнияти миллии аъзоёни ташкилотро дида мебарояд.

Котиби Генералии Ташкилот –намояндаи маъмурии олии ташкилот ба шумор меравад, ки аз ҷониби Шӯрои амнияти дастаҷамъи интихоб мегардад. Шӯрои амнияти дастаҷамъи ба ин вазифа он шаҳрвандеро интихоб менамояд, ки шаҳрванди аъзоёни ташкилот бошад. Дар шароити ҳозира ин мансабро шаҳрванди Русия Николай Бордюжа ишғол намудааст.

Котиботи Ташкилот–шӯрои иҷроияи доимие мебошад, ки вазифаҳои ташкилот, информатсионӣ, таҳлилӣ ва фаолияти мушовиронро муайян менамояд.

Созмони штаби СААД–шӯрои доимамалкунандаест, ки Шӯрои вазирони мудофиаи СААД-ро ва қарорҳои ҳарбии онҳоро доимо дар назорат мегирад. 5-уми сентиябри соли 2008-ум дар самти СААД масъалаи ҳуҷуми Гурҷистон ба Асетияи Ҷанубӣ ва Абхазия бардошта шуд, ки мувофиқи он ба Асетияи Ҷанубӣ ва Абхазия, Русия бояд пурра кӯмакҳои молӣ ва моддиашро расонад.

Азҷониби СААД ба НАТО як чанд маротиба огоҳнома фиристода шуд, ки НАТО бояд қушунҳои ҳарбияшро аз давлатҳои аъзои СААД барорад ва қушунҳои зидди ҳавоияшро маҳз ба сӯи давлатҳои аъзои СААД нанамояд, зеро ба истиқлолияти аъзои давлатҳои СААД халал мерасонад. Соли 2013 Узбекистон расман аъзогияшро бо СААД қатъ намуд.

Вазъияти ҳарбӣ - сиёсӣ дар минтақаи Халиҷи Форс дар муддати даҳсолаи охир хеле тезутунд гардид. Мухолифатҳои байнидавлатӣ ва байниэтникӣ, зиддияти дохили сиёсӣ дар як қатор давлатҳо, ҳарбикунонии минтақаҳо, фаъолияти фаъоли фундаменталистони исломӣ, мавҷудияти шаклҳои гуногуни ташкилотҳои экстремистӣ шаҳодати пуршиддат гаштани вазъият мебошад.

Дар муддати дуру дароз ИМА чораҳои гуногуни сиёсӣ - дипломатӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва ғайраҳоро бо мақсади барқарор кардани назорат аз болои Ироқ ва кишварҳои ҳамсоя гузаронид. “Аҳамияти бештарро ИМА ба захираҳои энергетикии Ироқ медод. Тибқи маълумоти ташкилоти давлатҳои содиркунандаи нефт (ОПЕК) дар моҳи марти соли 2003 Ироқ, баъд аз Арабистони Саудӣ ҷои дуюмро вобаста ба захираҳои нефт дар ҷаҳон мегирифт. Захираҳои нефти Ироқ112,5 млрд. Доллари амрикоиро ташкил медод” [6, с. 233]. Ироқ инчунин бо вазъияти геополитикиаш диққатҷалбкунанда мебошад. Аз ҳудуди он роҳҳои хушкӣ ва ҳавоии байналхалқӣ мегузарад, ки Аврупоро бо Шарқи Миёна ва Осиёи Ҷанубӣ мепайвандад. Дар муддати дурудароз Ироқ, даъвои лидериро дар ҷаҳони араб дошт ва то лаҳзаи охирин таъсири назаррасро дар таъсисёбӣ ва инкишофи вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ дар минтақаи Халиҷи Форс мерасонид.

Мавҷудияти режими авторитарӣ, ҷазо додан ба дахолати оппозитсия ва амалӣ гардонидани нақд нархи ҳарбии экспансионистӣ дар муносибат бо давлатҳои ҳамсоя, мавҷудияти яроқи химиявие, ки ба муқобили худи халқ, дар солҳои 80 - ум истифода гардида буд, кӯшишҳои сохтани яроқҳои гуногуни қатли ом барои ИМА баҳонаи хубе шуд барои сарнагун кардани Садом Ҳусейн.

Дар баробари ин назорат аз болои Ироқ барои ИМА имкониятҳои хуби иловагиро баҳри сарнагун кардани режимҳои ба ӯ нодаркор дар давлатҳои ҳамсоя фароҳам меовард. ИМА ҳанӯз аз солҳои 90 - ум мақсади назорат дар Халиҷи Форсро дошт ва агрессияи Ироқ, ба муқобили Қувейт вазъияти хуберо барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии ИМА фароҳам овард.

«Моҳи августи соли 1990 қушунҳои ироқӣ ба ҳудуди Қувейт Шӯроӣ Бехатарии СММ як қатор резалютсияҳоро қабул кард, ки дар онҳо истилоҳи Қувейтро аз тарафи Ироқ маҳкум карда, талаб мекарданд, ки қушунҳои Ироқ, аз Кувейт бароварда шавад. Аннексияи Қувейт аз чиҳати ҳуқуқи беэътибор дониста шавад. Аз лаҳзаи баохиррасии ҷанг дар соли 1991 дар Халиҷи Форс туда, гуруҳҳои авиатсионии англо-америкоӣ қариб ҳар ҳафта объектҳои дар ҳудуди Ироқбударо бомбаборон мекарданд. Махсусан, ҳуҷумҳо дар давраи агрессиям НАТО ба муқобили Югославия шиддат гирифт» [4, с. 132].

Мувофиқи маълумотҳои расмӣ танҳо дар соли 1999 бештар аз 16 ҳазор парвозҳои ҳавопаймои содир карда шуд, ки дар натиҷа беш аз 1 ҳазор ракетаҳо ва авиабомбаҳои идоракунанда ба 180 объектҳои мешуд. Аз моҳи август то моҳи ноябри соли 1999 дар вилоятҳои Ироқ мисли Нинивия, Данук, Мусанна, Басра аз авиабомбаҳо ва ракетаҳои идорашаванда 18 беморхона, 12 мактаб, 74 бинои истиқоматӣ пурра вайрон шудаанд. Тибқи маълумотҳои нопурра дар солҳои 1998-

2002 дар натиҷаи бомбаборонкунӣ қариб 300 ироқӣ кӯшта шуд, ки бештар аз 200-тоӣ онҳо аҳолии осоишта буданд [11, санаи мурочиат 11.08.2025].

“ИМА ин амали худро чунин маънидод менамуд, ки гуё ин зарбаҳо бамақсади худмудофиакунӣ дар ҷавоб ба радарноӣ сохтаи Ироқ ба самолётҳои ИМА, ки дар минтақаҳои маншуда посбонӣ мекарданд равона шудааст” [2, с.8]. Ироқ яке аз иштирокчиёнӣ шартномаи паҳн накардани яроқи ядроӣ (с.1968) мебошад. Аммо мувофиқи сарчашмаҳо дар аввали солҳои 70- ум Бағдод барномаи сохтани яроқи ядроиро оғоз намуд, ки имкони онро ба охир расонидан надошт. Тибқи маълумотҳоии расмии ИМА қисми зиёди яроққои ядроӣ ва химиявии Ироқ, дар ҷанги соли 1991 нобуд карда шуданд. Аммо онҳо чунин фикр мекунанд, ки С. Ҳусейн як қисми маводҳои зарарнокро пиҳон кардааст.

8 ноябри соли 2002 бо пешниҳоди ИМА ва Британияи Кабир Шуроӣ бехатарии СММ резолютсияи № 1441-ро қабул кард, ки мувофиқи он аз Ироқталаб карда мешуд, ки вай яроқи қатли омро пурра нобуд созад ва коркарди онро хотима диҳад.

Тибки резолютсия Ироқбояд то 15 ноябри соли 2002 маълумоти пурра дар бораи барномаи коркард ва истеҳсоли яроққои химиявӣ, биологӣ ва ядроиро ба СММ пешниҳод менамуд. Ин талабот иҷро карда шуд. Дар гузориш айбдоркунии назаррас дар муносибат бо мавҷудияти яроқи қатли ом дар Ироқ, дида намешуд. Аммо як қатор саволҳо дар бораи коркарди яроққои ядроӣ, химиявӣ, биологӣ бечавоб монданд, ки ин ба ИМА ва Британияи Кабир имконият дод, ки эълон намоянд, ки ба С.Хусайнро бовар намекунанд ва талаб доранд, ки ба муқобили Бағдод чораҳои қатъӣ дида шавад.

Роҳбарияти Ироқ хатари вазъияти ба вуқуъ омадаро вобаста ба эҳтимолияти агрессияи ИМА дарк карда, розӣ шуд, ки ИМА коркунони Идораи Марказии разведка (ЦРУ)-ро ба Бағдод равон намояд, то Вашингтон боварӣ ҳосил намояд, ки дар Ироқ яроқи қатли ом мавҷуд нест. 7 - уми март ҷаласаи Шӯроӣ Бехатарии СММ баргузор гардид, ки дар он сардори комиссияи СММ дар Ирок, Ханс Блике вобаста ба ҷустуҷӯи яроқи қатли ом гузориш дод. Аз гузориш маълум гардид, ки дар Ироқ, ягон хел лабараторияе, ки яроки ядроӣ коркард намояд мавҷуд нест. Вале дар охири гузоришаш гуфт, ки комиссия кори худро ба охир нарасондааст ва тафтишот давом дорад [7, 13].

Аз ин маълум мегардад, ки С.Ҳусейн тибқи фишори ҷомеаи ҷаҳонӣ тамоми талаботҳои СММ - ро иҷро намуд ва аз ин ру ҳеҷ зарурате бақанг намонда буд. Аммо ба ИМА ҳокимияти Ироқ лозим буд, ки танҳо ба воситаиҷанг гирифта метавонист. Мавҷудияти яроқи ядроӣ бошад танҳо баҳонае буд барои руйпӯш кардани мақсадҳои тамаъҷуёнаи худ. Пас дар инҷо мо боз ба нақши ҳалкунандаи СММ дар ҳалли муносибатҳои байналхалқӣру ба ру мешавем. Зеро дар инҷо ҳам мисли дар муносибат бо Югославия ин ташкилоти бонуфуз ҳамчун воситаи сафедкунандаи амалҳои агрессивии ИМА баромад намудааст. Албатта Садом Ҳусейн худаш сабабгори ба муҷозот гирифтор шудан гардид, аммо натиҷаи муҷозоти байналхалқӣ барои аҳолии Ироқ даҳшатангез буд. Зеро мувофиқи омори расмӣ дар соли 1999, ҳар моҳ дар Ироқ аз беморӣ 9-10 ҳазор одам мефавтид, ки аз байни онҳо 6-6,5 ҳазораш кӯдакони то панҷсоларо ташкил медод. Яке аз самтҳои асосии муборизри ИМА ба муқобили режими С. Хусейн ин дастгирии сиёсӣ, ёрии молиявӣ ва харбӣ-техникӣ ба оппозитсия мебошад [2, 8].

Мисоли дигар ин ҳуҷуми НАТО ба Югославия мебошад. Баъди он, ки ҳокимияти Югославия бо сардории С. Милошевич дар тоза кардани этникии вилояти автономии Сербияи Косова, бо додани имтиёз ба албансҳо гунаҳгор дониста шуд, блоки НАТО талаб кард, ки армия ва миллитсияи Югославия аз Косова бароварда шавад ва дар ҳудуди Косова армияи худро бо ҳуқуқи ҳаракати бемамоният дар тамоми ҳудуди Югославияҷо намояд. Баъди аз тарафи Югославия рад шудани ин ултиматум, 24 марти соли 1999 НАТО ба бомбаборон кардани объектҳои Юго-

славия шӯруъ кард, каме баъдтар ин бомбаборонкунӣ объектҳои саноатию шаҳрвандиро низ дарбар мегирифт. Дар 78 рӯзи бомбабороннамоии бошиддат, тибқи маълумотҳои гуногун аз 1200 то 2500 югославиҳо кушта шуда, қариб наздики 5000 одамонҷароҳат бардоштанд. Ба Югославия зарар дар хаҷми 30 млрд доллар расонида шуд. Баъди он, ки Югославия барои баровардани армия ва милитсияи худ аз ҳудуди вилояти автономии Косова розӣ шуд, 10 июн бомбабороннамоӣ маън карда шуд. 12 июн бошад, қушунҳои НАТО ба худуди Косова ворид шуданд [14, санаи муроҷиат 3.09.2025].

Ин амалиёти ҳарбии НАТО ба муқобили Югославия аз тарафи бисёре аз коршиносон ҳамчун агрессия маънидод шудааст. Мисоли дигари истифодаи амали зӯригарӣ дар муносибатҳои байни давлатҳо ин масъалаи Изроилу Фаластин мебошад, ки солҳои зиёдест ҳалли худро намеёбад. Соли 638 Фаластинро арабҳо забт карданд ва он яке аз давлатхои хилофат гардид. Ҳукмронии мусулмонҳо қариб 1000 сол давом кард.

Дар аввали асри ХХ ба Фаластин доираҳои яҳудие, ки дар конгресси якуми сионизм соли 1897 ташкил карда шуда буданд, ҳамчун манбаи ташкили давлати яҳудӣ ворид шуданд. Ташкилоти сионистӣ, аз декларатсияи сарвазири британӣ Артур Балфур (соли 1919), ки ҳуқуқҳои махсуси халқи яҳудро дар Фаластин қайд карда буд, руҳбаланд шудабуданд, қадамҳои нахустинро дар роҳи яҳудигардонии мамлакат гузоштанд. Дар ҳамин марҳила як қатор шаҳрҳо мисли Тел-Авив соли 1909, Рамат-Ган соли 1921, Герслия (Херслия) соли 1924, Натаня соли 1929 сохта шуданд, якбора шумораи муҳоҷирони яҳудӣ аз дигар давлатҳои Аврупо, Амрико, Осиё, Африко ба Фаластин афзуд. Дар Фаластин аллакай шумораи аҳоли зиёд шуда, замин ва захираҳои обӣ барои аҳоли намерасид ва якбора низоъҳо байни арабҳои таҳҷои ва яҳудиёни навомада аланга гирифт[15, санаи муроҷиат 4.09.2025].

Аввалин маротиба фикри ташкил кардани давлатҳои алоҳидаи арабӣ ва яҳудӣ дар Фаластин солҳои 30-юм пайдо гардид. Дар соли 1937 аз тарафи комиссияи британӣ нақшаи тақсими ҳудуди Фаластин ба се қисмат пешниҳод карда шуд. Мувофиқи он қисмати шимолии Фаластин барои ташкили давлати яҳудӣ, қисми дуюм, ки Самария Неге қисми ҷанубии соҳили Урдун, ҳамчунин шаҳрҳои Тел-Авив ва Яффа барои ташкили давлати арабҳо ва қисмати сеюм бошад, мувофиқи нақшаи комиссия бояд ҳамчун қисми нейтралии зери идораи Британиё муқаррар гардида буд. Аммо амалишавии ин нақшаи аҷоиброҷанги дуюмиҷаҳон халалдор намуд. Баъди ба охиррасииҷангиҷахонӣмасъалаи тақсими Фаластин боз аз нав бардошта шуд, Нақшаи тақсими Фаластинро, ки СММ соли 1947 пешниҳод карда буд, аз нақшаи азнавсозии сиёсии пеш аз ҷангӣ фарқи калон дошт. Мувофиқи резолютсияи №181 Ассамблеяи генералии СММ давлати яҳудӣ ҳудудашро аз ҳисоби ҳудудҳои арабӣ дар ҷануб зиёд мекард. Аз он минтақаи нейтралии байналхалқӣ, ки бояд 1/10 ҳудуди Фаластинро дарбар мегирифт танҳо як қисмати хурд монд, ки Байтулмуқаддас ва Вифлеемро дарбар мегирифт. Ин ҳудуд бояд аз тарафи маъмурияти СММ ба воситаи органи махсуси интихобӣ идора карда мешуд. Вазъияти макони ҳар ду давлатӣ ба нақша гирифташуда бемуваффақият буд. Ҳар яки аз онҳо аз қисматҳои пора-пора, аз ҷиҳати стратеги нопурраи муносибатҳои иқтисодӣ, ташкил ёфта буд. Зеро ҳудуди давлати яҳудӣ аз се ва давлати арабӣ аз чор қисмати ба ҳам нопайванд таркиб ёфта буд. Чунин нақша дар он замон утопия буд. Дар ҳудуди Фаластин танҳо як давлати яҳудӣ Изроил (соли 1948) таъсис ёфта буд. Ҳамзистии осоиштаи ду давлати хусумат дошта бо асосҳои динӣ- мадании гуногун дар як замин ғайри имкон буд. Фаластин боҷанги бардавом маҳкум карда шуда буд. Ҳоло аллакай он қадар муҳим нест, ки кадоме аз тарафҳо сабаби бархурди мусаллаҳона гардид, зеро дар он замон на арабҳо ва на яҳудҳо давлатдории рақибонашонро эътироф намекарданд. Дар таърихи баъди ҷангии моҷароҳои Шарқи Наздик амалиёти бузур-

гиҷангӣ, ки номи ҷанги арабу яҳудро шрифта буд рӯхдод. Онҳо дар солҳои1948-1949, 1956, 1967, 1973 ва 1982 рӯх додаанд.[14, санаи мурочиат 3.09.2025].

Ҷанги аввал аллакай баъди эълони истиқлолияти давлатии Изроил (14 майи соли 1948) оғоз гардида буд. Доираҳои мусулмонон панҷ давлати арабӣ: Миср, Урдун, Ироқ,Сурия ва Ливан як қатор ҳудудҳоро дар қисматҳои ҷанубию шарқии Фаластин ишғол карда буданд. Баъд арабҳо маҳаллаи яҳудиёнро дар Байтулмуқаддаси Кӯҳна ишғол карданд. Изроилиҳо бошанд дар он замон роҳи муҳими стратегиро, ки аз соҳил ба Байтулмуқаддас мебурд дар зери назорати худ гирифтанд. Дар аввали соли 1949 таъсисёбии мусаллаҳи Изроилро давлатҳои Ғарб дастгирӣ карда тавонистанд, ки Негевро то сарҳади пешинаи яҳудӣ- фаластинӣ аз худ намоянд, ба ғайр аз минтақаи хурди сектори Газ. Минтақаҳои дигар дар зери назорати яҳудиён монд, бо вуҷуди он, ки тибқи қарори СММ дар соли 1947 сектори Гази арабҳо мебоист майдони зиёдро дарбар мегирифт. Армияи Урдун тавонист, ки дар соҳили ғарбии Урдун ва Байтулмуқаддаси Шарқӣ худро мустаҳкам намояд. Қисмати соҳили ғарбиро, ки армияи Удун ишғол карда буд, ҳамчун қисми давлати Урдун дониста мешуд. Сектори Газро бошад Миср дар зери назорати худ гирифта буд, аммо пайвастшавии онро ба ҳудуди давлати худ эълон накарда буд. Аз ин ру, онро ҳамчун ҳудуди давлати арабӣ медонистанд. То соли 1967 дар ҳудуди на он қадар зиёди соҳили Ғарбӣ 47% -и аҳолии Урдун зиндагӣ мекарданд. Музокироти феврал - июли соли 1949 басулҳи муваққатии байни Исроил ва кишварҳои араб оварда расонд ва сарҳади муваққатиро байни тарафҳои ба ҳам муқобили дар ҳолати ҷанг буда муайян намуданд. [1, 14 - 15].

Ҷанги дуюм баъди ҳафт сол сар зад. Муносибатҳои муқовиматомези байни яҳудиён ва арабҳо баъди ба сари ҳокимияти Миср омадани президент Намол Абдулло Носир октябри соли 1956 боз ҳам мушкил гардид. Бо барномаим ҳимояи канали Суэтс, ки аз тарафи ҳокимияти Изроил миллӣ гардонида шуда буд ва то кунун моликияти ширкатҳои аврупоӣ буд, Изроил қушунҳои худро ба нимҷазираи Сино ворид намуд. Баъди саршавии моҷаро сафроӣ танкии изроилӣ сектори Газро забт намуданд. Моҳи декабр, баъди интервенсияи (мудохила) муттаҳидаи англо-франсузӣ, ки муқобили Миср қабул шуда буд, дар минтақаи моҷаро қушунҳои СММ ҷойгир карда шуданд. Қувваҳои мусаллаҳи Изроил Сино ва сектори Газро моҳи марти соли 1957 тарк карданд [1, 14 - 15].

Ҷанги сеюм бо зудгузарии худ номи ҷанги Шашрӯзаро ба худ гирифтааст, ки он аз 5 то 10-уми июни соли 1967 давом кардааст. Ба саршавии он бомбаборонкунии пуршиддати объектҳои ҳарбии Изроил аз тарафи авиатсияи Сурия дар аввали соли 1967 сабаб гардид. Дар он лаҳза вақте ки Қувваҳои Ҳарбии Ҳавоии Изроил тавонист, ки шаш моҳҳои суриягиро зада афтонад, президенти Миср армияашро ба Сино бурд. Зеро дар муборизa зидди ҷараёнҳои номатлуб мисли терроризм ва экстремизм фақат истифодаи амали зӯригарӣ метавонад шарти ҳатмӣва ногузир бошад. Аммо бо вуҷуди ин бояд ҳар як ходими давлатӣва ё шахсони масъул кӯшиш намоянд, ки роҳои ҳалли осоиштаи масъаларо ҷустуҷӯ намоянд. Амнияти миллиро бетараф мехонданд. Маҳз бесалоҳиятӣ ва корношоямии кормандони мақомоти гуногуни давлатӣ, пеш аз ҳама мақомоти қудратӣ ва низомӣ бо сарварии Президент ва дастгоҳи он имконияти ташаккули табаддулоти давлатӣ ва амали гардонидани онро фароҳам кард.

Чи хеле ки дар боло қайд намудем қувва, зӯригарӣ ва маҷбурнамоии давлат, танҳо ба воситаи қонун ба амал бароварда мешавад ва сиёсати ҳарбӣ низ бояд дар доираи Конститутсия ва дигар сандҳои меъёрию ҳуқуқӣ амал намояд. Бо вуҷуди ин дар таърих бисёр ҳодисаисаҳо маълум аст, ки ҳокимият ба зӯригарии ҳарбӣ асос меёбад, ин яке аз лаҳзаҳои андуҳвор дар сиёсат мебошад.

Гарчанде, ки ҳокимияти ҳарбӣ тавонад табиат, хусусият ва мақсадҳои гуногун дошта бошад ҳам, аммо дар ҳолати дар боло номбаршуда, вай бечунучаро интизоми

сахт ҷорӣ мекунад, ягон фикри дигарро таҳаммул намекунад, ҷомеаи шаҳрвандиро паҳн карда, ба ҳуқуқу озодиҳои шахсии инсон фишор меорад. Аз ин рӯ, давлат бояд ҳуқуқуи истифодаи зӯриро низ аз рӯи зарурат мавриди истифода қарор диҳад.

Истифодаи зӯрӣ, ки асоси ҳуқуқӣ дорад, дар хомӯш намудани бархӯрдҳои ҳарбӣ, пешгирии фаъолияти созмонҳо ва шахсоне, ки даст ба зӯрии нақши саривақтӣ ва мусбат мебозад. Ҳамин тавр, пойдории давлат аз сиёсати ҳарбӣ вобаста буда, маҳз сиёсати ҳарбӣ метавонад ҳамчун кафили сулҳу субот ва таъмини амният баромад намояд.

Адабиёт

1. Гурьянов И. Ирано-иракский вооружённый конфликт. «Зарубежное военное обозрение», №2, 1987. –С.14-19.
2. Журнал «Ориентир» №7.-М., 2003.-С.8.
3. Зокиров Г.Н. Истиқлолияти сиёсӣ.-Душанбе, 2006.-С. 66-35.
4. Кузнецов Д. В. Иранский кризис. Очерк событий. Документи и метериалы. - Благовешенск: изд. БГПУ, 2006. -С.132.
5. Лавренов С. Я., Попов И. М. Советский Союз в локалных войнах и конфликтов. - М., АСТ, Астрель, 2003. -С.566.
6. Уткин А. И. Правда об Ираке или Битва в Месопотамии. М., ОЛМА-пресс, 2007. - С.233.
7. Черчилль У. Мускулы мира.-М., 2003.-С. 13.
8. www.gulliway.org/public/wiki/asia/sjutheast-asia/philippnes/nato.html.
9. ru.wikipedia.org/wiki/Организация_Североатлантического_договора
10. www.nato.int/cps/ru/SID-06E2C6FD-2C2BF358/natolive/index.htm
11. www/ Middieeast. org. ua/Iraq/ mailn. html. Война в Ираке 2003.
12. ru.wikipedia.org/wiki/ОДКБ
13. www.nato. Int/cps/ru.
14. www.calend.ru.
15. www. mycicerone.ru

Literature

1. Guryanov I. Iran-Iraq armed conflict. “Foreign Military Review”, No. 2, 1987. – P. 14-19.
2. Magazine “Orientir” No. 7.-M., 2003.-P.8.
3. Zokirov G.N. Istikloliyati siyosi.-Dushanbe, 2006.-P. 66-35.
4. Kuznetsov D.V. Iranian crisis. Essay on events. Documents and materials. - Blagoveshensk: ed. BSPU, 2006. -P.132.
5. Lavrenov S. Ya., Popov I. M. The Soviet Union in local wars and conflicts. - M., AST, Astrel, 2003. - P. 566.
6. Utkin A. I. The Truth about Iraq, or the Battle of Mesopotamia. M., OLMA-press, 2007. - P. 233.
7. Churchill W. The Muscles of the World. - M., 2003. - P. 13.
8. www.gulliway.org/public/wiki/asia/sjutheast-asia/philippnes/nato.html.
9. ru.wikipedia.org/wiki/Организация_Стороатлантический_дограда
10. www.nato.int/cps/ru/SID-06E2C6FD-2C2BF358/natolive/index.htm
11. www/ Middieeast. org. ua/Iraq/ mailn. html. War in Iraq 2003.
12. ru.wikipedia.org/wiki/ОДКБ
13. www.nato.int/cps/ru.
14. www.calend.ru.
15. www.mycicerone.ru

ФАРҲАНГШИНОСӢ / ҶОМЕАШИНОСӢ

УДК: 069.01

ҶУСТУҶӮЙИ МУҚАДДИМАҲОИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИИ АСРИМИЁНАГИИ ХАЛҚИ ТОҶИК: МУКОЛАМА АТРОФИ ДАЛЕЛҲО ВА ХУЛОСАҲО

Махсудзода Фарҳод Махсуд
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода

Саидов Абдуҷаббор Ғафурович
ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Институти сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: abdujabbor075@gamil.com

Аннотатсия. Мақола ба омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни мероси фарҳангии асримиёнагии халқи тоҷик бахшида шудааст. Муаллиф мавзӯъро дар шакли муколамаи илмии ду нафар пешниҳод намуда, паҳлӯҳои баҳсталаби таърихиву фарҳангиро ба муқоиса мегирад. Дар бахши аввал сохтори шаҳрҳои давраи асримиёнагӣ, аз ҷумла деворҳо, дарвозаҳо ва марказҳои сиёсиву иҷтимоӣ мавриди таҳлил қарор мегирад. Муаллифон аҳамияти бозор ва корвонсаройҳоро ҳамчун маркази иттилоотӣ ва муошарати фарох таъкид мекунанд. Мавзӯи меҳвари дигар ба меъмории даврaҳои аввали феодализм дар ҳудуди Тоҷикистон дахл дорад. Ба мисоли ёдгориҳои монанди Кӯшки Чилҳуҷра, Қалъаи Боло ва Панҷакенти Қадим ишора мешавад. Дар матн таърихи ташаккули санъати минётураи форсӣ-тоҷикӣ низ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Муаллиф решаҳои қадимӣ ва эҳёи ин санъатро дар асрҳои миёна тавзеҳ медиҳад. Дар поён ба ягонагӣ ва мураккабии сохтории мероси фарҳангӣ ишора мешавад. Муаллиф таъкид мекунад, ки рушди меъморӣ, санъату хаттотӣ ва илм дар заминаи муҳити иҷтимоӣ ва сиёсии махсус сурат гирифтааст. Ҳамчунин нақши давлатдорӣ ва иртиботи тамаддунҳо дар ташаккули ин мерос нишон дода мешавад.

Калидвожаҳо: мероси фарҳангӣ, асримиёнагӣ, шаҳрсозӣ, меъморӣ, бозор, корвонсарой, минётура, хаттотӣ, Панҷакент, давлатдорӣ, ҳувияти миллӣ.

«ПОИСКИ ИСТОКОВ СРЕДНЕВЕКОВОГО КУЛЬТУРНОГО НАСЛЕДИЯ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА: ДИАЛОГ О ФАКТАХ И ВЫВОДАХ»

Махсудзода Фарход Махсуд
Кандидат педагогических наук, доцент Таджикского государственного института культуры и искусств имени М. Турсунзоды.

Саидов Абдуджаббор Гафурович
ассистент кафедры гуманитарных и естественно-математических наук Института туризма Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: abdujabbor075@gamil.com

Аннотация. Статья посвящена изучению различных аспектов средневекового культурного наследия таджикского народа. Автор представляет материал в форме научного диалога двух исследователей, сопоставляя их позиции. В первой части анализируется структура средневековых городов, включая крепостные стены, ворота и социально-политические центры. Особое внимание уделяется рынкам и караван-сараям как важным экономическим и коммуникационным узлам. Далее рассматривается архитектура раннего

феодализма на территории современного Таджикистана. Приводятся примеры памятников, таких как Кюшк Чилхуджра, Крепость Боло и древний Пенджикент. Значительное место в статье занимает история развития персидско-таджикской миниатюры. Автор отмечает её древние корни и расцвет в средние века. В заключение подчеркивается сложная структура и целостность культурного наследия таджиков. Отмечается роль политической среды, культурного управления и межцивилизационных связей в развитии науки и искусства. Статья демонстрирует важность культурного наследия для формирования национальной идентичности.

Ключевые слова: культурное наследие, средневековье, градостроительство; архитектура; рынок; караван-сарай, миниатюра, каллиграфия, Пенджикент, государственность, национальная идентичность.

“EXPLORING THE ORIGINS OF THE MEDIEVAL CULTURAL HERITAGE OF THE TAJIK PEOPLE: A DIALOGUE ON FACTS AND CONCLUSIONS”

Makhsudzoda Farhod Makhsud
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Tajik State Institute of Culture and Arts named after M. Tursunzoda

Saidov Abdujabbor Ghafurovich
assistant of the department of humanities and natural-mathematical sciences of Institute of tourism of International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: abdujabbor075@gamil.com

Annotation. The article explores various dimensions of the medieval cultural heritage of the tajik people. The author presents the study in the form of a scholarly dialogue between two interlocutors, highlighting differing viewpoints. The first section analyzes the structure of medieval cities, including fortification walls, gates, and major socio-political centers. Special emphasis is placed on markets and caravanserais as vital hubs of economic exchange and interregional communication. The discussion also addresses the architecture of the early feudal period in the territory of modern Tajikistan. Examples such as the Chilkhujra Palace, the Bolo Fortress, and Ancient Panjakent are examined. Another key theme is the development of the Persian-Tajik miniature tradition. The author traces its ancient origins and revival during the medieval era. The conclusion underscores the unity and structural complexity of tajik cultural heritage. It is noted that progress in architecture, art, calligraphy, and science emerged from a unique socio-political context. The article highlights the importance of governance and intercultural connections. Ultimately, it shows the essential role of cultural heritage in shaping national identity.

Keywords: cultural heritage, middle ages, urban planning, architecture, market, caravanserai, miniature art, calligraphy, Panjakent, statehood, national identity.

Масоили омӯзиши мероси фарҳангии асримиёнагии халқи тоҷик, ки ба он омӯзиши ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, катибаҳо, ҷашну маросим, урфу одатҳо, қоидаҳои шаҳрсозиву тамаддунофарӣ ва ғайра дохил мешавад, дар замони муосир хеле мубрам мебошад, зеро он аҳамияти бузург дар ташаккули ҳувияти миллӣ дорад. Агар мо ба масоили марбут ба шаҳрсозии асрҳои миёна дар сарзамини Мовароуннаҳр ва махсусан ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон муроҷиат кунем, мебинем, ки шаҳрҳо дар ин давра дорои сохтори хеле муназзам ва комилан мувофиқ ба талаботи сиёсӣ, иқтисодӣ ва динии замон буданд. Аксари шаҳрҳои калон бо деворҳои баланд ва устувор иҳота мегардиданд. Деворҳое, ки на танҳо вазифаи муҳофизатиро иҷро мекарданд, балки қудрати иқтисодию низомии шаҳрро низ ифода менамуданд. Дарвозаҳои пуршумор, манораҳо ва бурҷҳои посбонӣ имкон медоданд, ки ҳаракати мардум ва равуои корвонҳо танзим карда шавад. Мар-

кази шаҳр ҳамеша аҳамияти хоса дошт. Дар он қасри ҳоким, масҷиди ҷомеъ, майдони марказӣ ва бозор ҷой доштанд, ки аз назари иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ядрои шаҳрро ташкил медоданд [4. С. 30].

Ин сохтори марказӣ дар тамоми шаҳрҳои минтақа, аз ҷумла аз Панҷакент то Истаравшан ва аз Ҳулбук то Бухоро ба таври умумӣ риоя мешуд. Ҳатто дар атрофи шаҳрҳо, яъне дар работҳо, сохтори муносибатҳо бар пояи ҳунармандӣ, тиҷорат ва истеҳсолот шакл мегирифт. Ин работҳо низ бо девор иҳота шуда, ба муайян кардани фазои иқтисодии тамоми шаҳр кӯмак мерасонданд. Дар ҳамин давра, ҳамчун қонуни умумии шаҳрсозӣ, сохтмони манораҳо, гумбазҳо, бозорҳои болопӯшида, корвонсаройҳо, ҳаммомҳои ҷамъиятӣ, мадрасаҳо, хонақоҳҳо, ҳавзҳо, инчунин шабакаи қубурҳои обгузар бо суръати ҷиддӣ густариш меёфт.

Ҳамзамон, фарқияти идеологии асосии шаҳрҳои исломӣ ва томусулмонӣ дар он буд, ки масҷид ҳамчун маркази маънавию иҷтимоӣ нақши марказиро мегирифт. Масҷид дар баробари функсияи ибодатгоҳ будан, ба сифати макони омӯзиши динӣ, ҳаллу фасли баҳсҳои шариатӣ, тадрис ва иршоди ҷомеа амал мекард. Аз ин рӯ, сухан дар бораи шаҳрҳои асрҳои миёнаи тоҷикӣ меравад, масҷидро наметавон аз ҷузъҳои таркибии иҷтимоии он ҷудо кард.

Б: Шояд ман то андозае бо як нуқтаи назари Шумо ихтилоф дошта бошам. Гарчанде масҷид дар ҳақиқат маркази ҳаёти иҷтимоӣ буд, вале нақши маркази иқтисодии шаҳр, яъне бозорҳо ва корвонсаройҳо ҳамчунин хеле бузургтар буд, аз он чи аксари таҳқиқоти классикӣ зикр мекунанд. Бозор танҳо макони муомила набуд, балки маркази иттилоӣ, маданият, муошарати минтақаҳо ва ҳатто дипломатияи ғайрирасмӣ буд. Ҳар яке аз ин бозорҳои бо болопӯш сохташуда, ки аз шароити иқлимӣ муҳофизат мекарданд, худ як ҷаҳони иҷтимоӣ буданд [5].

Вале агар мо аз масоили иқтисодӣ каме дуртар равем, мебинем, ки шабакаи меъмории шаҳр дар давраи минбаъда, махсусан аз асрҳои IX–X ба ин сӯ, ба таври назаррас тағйир ёфтааст. Бо густариши дини ислом ва бунёди инфрасохтори динӣ, шаҳрҳои минтақа симои комилан нав гирифтанд. Масалан, дар Самарқанд, Бухоро ва Ҳирот тарҳҳои нави меъморӣ - аз ҷумла масҷидҳои бузург, мадрасаҳои дорои ҳавлӣ, хонақоҳҳо ва риботҳо - ба таври ҳамгиро амал мекарданд [4. С. 31-37].

Гуфтан мумкин аст, ки дар асрҳои миёна се навъи масҷид, яъне арабӣ, эронӣ ва туркӣ ташаккул меёфтанд. Аммо, ман мехостам махсусан ба масҷидҳои услуби эронӣ таваҷҷуҳ диҳам, ки яке аз намунаҳои беҳтарини онҳо масҷиди Бибихонум дар Самарқанд аст. Сохтмони ин масҷид бо фармони Амир Темур 11 майи соли 1399 оғоз шуда, то солҳои 1403–1404 идома ёфтааст. Ин макони ибодат, ки дар асл ҳамчун рамзи қудрати Темуриён сохта шудааст, аз ҷиҳати меъморию ташкилёбӣ як шоҳасар аст [4. С. 33-40]. Бино ба маълумоти таърихӣ, барои бунёди ин масҷид зиёда аз 200 устои ҳунарманд аз Озарбойҷон, Форс, Ҳиндустон ва дигар кишварҳо даъват шуда буданд; танҳо сангбурун беш аз 500 нафарро ташкил медоданд.

А: Барои гузаштан ба мавзӯи дигар, яъне меъмории худи Тоҷикистон, ки он низ қисми таркибии мероси фарҳангии аҷдодони халқи тоҷик маҳсуб мешавад, дар давраҳои аввали феодализм (асрҳои V–VIII) он аз ҷиҳати бойигарии ёдгориҳои меъморӣ хеле ғанӣ мебошад. Аз ин давра осори зиёде, аз ҷумла қалъаҳои мустаҳкам, кӯшкҳои бошукуҳ, маҷмуаҳои қасрӣ ва ҳатто шаҳрҳои танзимшуда боқӣ мондаанд. Масалан, Кӯшки Чилҳуҷра, ки дар наздикии Шаҳристони имрӯза ҷойгир аст, намунаи барҷастаи меъмории замони худ мебошад. Ё Қалъаи Боло дар Исфара ва Димнаи Панҷакенти Қадим, ки яке аз марказҳои асосии фарҳангии суғдиён буд, баёнгари ин бузургӣ ҳастанд.

Пас аз вуруди арабҳо ба минтақа ва густариши дини ислом, меъморӣ мувофиқи талаботи нав рушд мекунад: масҷидҳо, мадрасаҳо, хонақоҳҳо, манораҳо, гумбазҳо ва мақбараҳо сохта мешаванд. Бештар аз ҳама, як тағйироти муҳими технологӣ ба амал меояд - гузариш аз хишти хом ба хишти пухта. Ин инқилоби меъморӣ буд, ки ба пойдории биноҳо ва беҳбуди шаклҳои меъморӣ имкони васеъ дод. Яке аз аввалин биноҳои аз хишти пухта сохташуда ин мақбараи Исмоили Сомонӣ аст, ки имрӯз ҳам ба сифати як шоҳасари меъмо-

рии ҷаҳонӣ шинохта мешавад. Ин бино намунаи татбиқи муваффақи геометрияи меъморӣ, рамзҳои фарҳангӣ ва эътиқодҳои динии асрҳои миёнаро дар бар мегирад.

Б: Барои пурра кардани андешаи Шумо мехостам ба самти дигар, яъне санъати минётураи форсӣ-тоҷикӣ ишора намоям, ки онро метавон яке аз рукнҳои муҳимтарини мероси фарҳангии асрҳои миёнаи тоҷикон шуморид. Ин санъат, ки решаҳои он ба давраҳои бостонии то милод мерасад, дар асрҳои миёна эҳё ва густариши бесобиқа пайдо мекунад.

Бояд зикр кард, ки манъи тасвири одамон ва махлуқоти зинда дар фарҳанги ислом, ки ба таълимоти шариат такя мекард, сабаби ҷустуҷӯйи роҳи нави эҷодӣ дар байни рассомон гардид. Дар ҳамин раванди ҷустуҷӯҳо, минётураи форсӣ-тоҷикӣ шаклу мазмунеро ба худ гирифт, ки қобили муқоиса бо дигар мактабҳои рассомии ҷаҳонӣ гардид. Ин санъат танҳо ба расмҳои хурди китобӣ маҳдуд наmemонд. Инчунин, мавриди зикр аст, ки минётура ба шакли як ҳунари муттаҳидкунандаи хаттотӣ, наққошӣ, ороиши китоб, меъморӣ ва ҳатто тарроҳии матоъҳо табдил ёфт.

Минётураҳои тоҷикӣ аз лиҳози рангорангӣ, нозукии хат, услуби образофарӣ ва ҳамгироии анъанаҳои миллӣ бо услубҳои умумибашарӣ фарқ мекарданд. Осори он дар осорхонаҳои Тоҷикистон ва кишварҳои ҷаҳон то имрӯз маҳфуз аст ва барои омӯзиши таърихи тафаккури бадеии тоҷикон хеле муҳим мебошад.

А: Ҳамин ҷо мехостам ба як бахши хоссаи мероси фарҳангӣ - минётураи китобӣ таваққуф кунам, ки он дар асл яке аз густурдатарин навъҳои санъати минётура дар фазои фарҳангии форсӣ-тоҷикӣ мебошад. Махсусан ороиши китобҳои хаттӣ, ки аз асрҳои IX–X сар карда то давраи Темуриён расида, ба як мактаби ҷиддии санъати тасвирӣ табдил ёфта аст. Чӣ хеле ки манбаъҳо нишон медиҳанд, минётураи китобӣ нахуст дар ороиши китобҳои тарҷумашуда аз юнонӣ ба арабӣ, монанди «Фармокология»-и Диоскорид ва рисолаҳои тибби Ҷолинус, ба кор бурда шудааст [4. С.35]. Ин ҷолиб аст, зеро мо аксаран гумон мекунем, ки минётура танҳо ба адабиёти бадеӣ марбут аст, дар ҳоле ки дар марҳилаҳои аввал он бештар ба илм, тиб, нуҷум ва физика хидмат мекард.

Ҳамчунин, агар мо ба осори таърихии давраҳои баъдӣ назар афканем, мебинем, ки асарҳои монанди «Таърихи Табарӣ», «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддин, «Зафарнома»-и Алии Яздӣ ва «Калила ва Димна» ба навъе хазинаҳои зиндаи минётура мебошанд [2. С.45-66]. Ҳар як саҳифаи он китобҳо гӯё лаҳзаҳои филмҳо бошад: саҳнаи ҷанг, саҳнаи дарбор, саҳнаи таълим, саҳнаи сафари паҳлавонон. Ин тасвирҳо дар худ фарҳанг, либос, меъморӣ ва ҳатто равшанфикрии замони миёнаро таҷассум менамоянд.

Б: Ман то ҷое бо Шумо мувофиқам, вале фикр мекунам, ки нақши минётураҳои китобӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳатто васеътар аз он аст, ки мо одатан баён мекунем. Агар диққат диҳем, минётура танҳо ороиши китоб набуда он як забони фарҳангӣ буд, ки идеяҳо, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳоро интиқол медод. Масалан, дар «Калила ва Димна» тасвирҳо танҳо барои зебоӣ нестанд, онҳо қаҳрамонҳоро муайян мекунанд, мазмунро пурра месозанд, ҳатто танқиди иҷтимоиро такмил медиҳанд.

Дар мавриди камолоти санъат шояд набояд фаромӯш кунем, ки бузургтарин намояндаи мактаби минётура Камолиддини Беҳзод маҳсуб меёбад. Ӯ рассом ва муҳаррики тамдиди ин анъана буд. Осори ӯ имрӯз дар Лондон, Париж, Ню-Йорк, Вена, Теҳрон, Қоҳира, Истамбул, Боку, Москва, Санкт-Петербург ва албатта дар Душанбе нигоҳдорӣ мешавад. Ҳар як асари ӯ худ як мактаби алоҳида аст. [4. С.38]

Вале ман то андозае ба он назар розӣ нестам, ки рушди минётура танҳо зодаи маҳдудияти шариат дар тасвир аст. Ба фикрам, ин танҳо як қисми ҳақиқат аст. Аз назари ман, минётура баръакс, роҳи табиие буд, ки рассомони форсу тоҷик тавассути он фазои маънавию эстетикии худро эҷод мекарданд. Ҳатто агар тасвири одам мамнӯъ набошад ҳам, чунин эҳтимол ҳаст, ки минётура ба ҳамин шакл, яъне бо таъкид ба нозукӣ, рангорангӣ ва майдони хурди тасвир ташаккул меёфт.

А: Пас, бигзор каме аз минётура дур шавем ва ба як бахши дигар, яъне санъати хаттотӣ, ё худ хушнависӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи мероси фарҳангии тоҷикон аст, баргардем. Тибқи маълумоти мутахассисон то асри XV дар ҷаҳони ислом 38 навъи хат вуҷуд

дошт, ки ин худ далели гуногунрангии эстетикаи хаттӣ мебошад. Дар ибтидои асри XIX ин навъҳо ба 79 намуд расиданд [2. 4], ки ин афзоиш нишон медиҳад: санъати хат на танҳо аз байн нарафт, балки рӯз ба рӯз мураккабтар гардид, гӯё ба як рамзи зебоишиносӣ ва ҳунари миллии ҷомеа табдил ёфт. Бахусус, хаттотӣ танҳо барои китобҳои дастнавис набуд. Он дар рӯисангҳо, сангномаҳо, дару дарвозаҳои масоҷид, пештоқи айвонҳои қасрҳо ва мадрасаҳо, инчунин дар ороиши мақбараҳо ҷой дошт, ки дар замони мо бархе аз онҳоро мушоҳида намудан мумкин аст. Хат ҳатто дар ҳунарҳои амалии халқӣ, ба монанди кулолгарӣ, заргарӣ, мисгарӣ, косибӣ мавқеи асосӣ дошт. Ин раванд ба зебоишиносии тоҷикон хос аст.

Б: Ман мехостам ба ин андешаи Шумо каме илова кунам, вале шояд бо як нуқтаи хурд ихтилоф низ баён намоям. Ба фикри ман, гарчанде асоси хаттотӣ воқеан дар давраи хилофати араб гузошта шуд, аммо мо набояд фаромӯш кунем, ки хати тоҷикию форсӣ, махсусан навъи настаълиқ маҳз дар муҳити эронитаборон ва форсизабонон ба пухтагии комил расид.

Дар бораи паҳнгардии санъати хушнависӣ дар ҷомеа бояд гуфт, ки ин ҳунар танҳо кори хаттотони китобхонаҳои қасрӣ набуд. Хоҳ кулолгар бошад, хоҳ заргар, хоҳ мисгар, ҳар кадоме аз онҳо дар маҳсулоти худ унсурҳои катиба, оятҳо, зарбулмасалҳо ва пандҳои Қуръониро сабт мекарданд [4. С.55]. Ин худ як шеваи паҳн намудани дониш ва ахлоқи ҷомеа буд. Ба ибораи дигар, хат ба як ҷузъи фарҳанги омма табдил ёфта буд.

А: Агар аз минётура ва хаттотӣ ба мусиқӣ гузарем, мебинем, ки ин навъи ҳунар низ дар сарнавишти фарҳанги тоҷикон нақши бағоят калон доштааст. Санъати мусиқии мо танҳо маҷмӯи оҳанг ва суруд нест ин як низоми иҷтимоию маънавӣ буд, ки дар ҷомеаи қадимӣ то кадом андоза тарзи зиндагӣ, ҷаҳонбинӣ ва ҳатто тартиби идоракунии ҷомеаро муайян мекард. Инро аз он ҷо метавон пай бурд, ки мусиқӣ дар маросимҳо, ҷашнҳо, ҷангҳо, оромгоҳҳо, тӯйҳо ва ҳатто дар расму ойинҳои кишоварзӣ ҷойи муҳим дошт [9].

Б: Ман комилан розӣ ҳастам, вале бояд чанд нуктаро илова намоям. Авҷи мусиқӣ асосан ба давраи пеш аз зуҳури Ислом рост меояд. Барои ҳамин дар сарчашмаҳо мусиқии тоҷикон дорои низоми мукаммал дониста мешавад. Барои мисол, Борбари Марвазӣ як ромишгару “меъмори мусиқӣ”-и замони худ буд. Эҷоди 360 суруд, 30 лаҳн ва 7 силсилаи шоҳона [4. С.62] танҳо кори як ҳунарманд набуда, ин кори як мактаб, барномаи мусиқӣ, ё ҳатто «энсиклопедияи мусиқӣ» аст.

А: Бале, аммо ман фикр мекунам, ки сабаби асосии рушди чунин мактабҳо, муҳити озоди фикрӣ ва фарҳангӣ буд. Чун дар тамаддуни форсӣ-тоҷикӣ мусиқӣ ҷузъи донишҳои илмӣ, мисли тиб, нуҷум, риёзиёт ва фалсафа ҳам буд.

Б: Дуруст, аммо бояд ба шиддати тағйироти баъдӣ низ ишора кунем. Баъди зуҳури Ислом ва хусусан баъд аз фишорҳои идеологӣ, санъати мусиқӣ мисли тасвиргарӣ ё ҳайкалтарошӣ маҳдуд гашт. Ин маҳдудият аз ҷониби фиқҳ ва аз ҷониби сиёсати истилогарон буд. Ба гуфти Абурайҳони Берунӣ арабҳо дар кишвари ишғолшуда ба саҳна даромадани ҳунармандонро таҳаммул намекарданд, китобҳоро месӯзониданд, рассомон, донишмандон ва ромишгаронро аз байн мебурданд [7. С.32].

А: Ман инро рад намекунам, вале фикр мекунам ки мо набояд тасвири якранги торикро бидиҳем. «Олимов асрҳои 10-11-ро дар таърихи халқҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон бинобар ба маданияти арабӣ-мусулмонӣ ҷалб гардидани халқҳои ин сарзамин давраи болоравии маданияти маънавӣ, тараққии илм, адабиёт, санъат, касбу ҳунар, меъморӣ, озодфикрии фалсафӣ низ медонанд. Ин давраро муҳаққиқони зиёде давраи «эҳёи мусулмони шарқӣ» номидаанд» [14].

Б: Шояд, аммо ин ба давраи баъдӣ рост меояд. Дар асрҳои аввал бошад, таъсири манфӣ зиёд буд. Зеро зарбаи асосӣ ба он қисмҳои мусиқие расид, ки хаттӣ сабт нашуда буданд. Яъне чизе, ки Беҳзод қодир буд дар расм нигоҳ дорад - дар мусиқӣ нест шуд, зеро бисёр асарҳо танҳо даҳонӣ буданд. Чӣ тавре, ки дар қонунҳои рушди фарҳанг зикр мешавад «агар суруд, лаҳн ё силсила аз устод ба шогирд нагузарад, нобуд мешавад».

А: Инҷо ман қисман розиям. Воқеан, тамоми бадбахтии мусиқии давраи қадим ҳамин буд, яъне шифоҳӣ будан. Лекин дар айни замон бояд таъкид кард, ки маҳз шифоҳият

ҳам боз як имконият буд. Он чизеро ки китобҳои сӯхта нигоҳ дошта натавонистанд - хотираи мардум то имрӯз овард. Намунааш қисмҳои қадимии оҳангҳои “Шашмақом” мебошанд. Инҳо худ далели он аст, ки фарҳанги мо муқовимат нишон дод.

Б: Шашмақом - ин худ як ҷаҳони мураккаб аст. Бисёре аз муҳаққиқон онро давомадиҳандаи силсилаи Борбари Марвазӣ медонанд. Албатта, шакли ниҳоии он дар асрҳои баъдӣ ташаккул ёфт, вале асос - аз ҳамон замони қадим меояд.

А: Ва боз як нукта: гарчанде мусиқӣ баъди Ислом маҳдуд гашт, вале ҳамзамон шаклҳои нав пайдо шуданд, яъне қироати Қуръон бо оҳанг. Яъне мусиқӣ нобуд нашуда, танҳо аз як муҳит ба муҳити дигар кӯч баст.

Б: Ин фикр ҷолиб аст. Яъне, агар чунин гӯем, мусиқӣ аз саҳнаи дунявӣ ба фазои маънавӣ интиқол ёфт ва баъдан боз ба ҳунари мардумӣ баргашт?

А: Ҳамин тавр. Мусиқӣ дар фарҳанги тоҷикон мисли об аст - шакл иваз мекунад, аммо моҳияташ мемонад. Қисме аз он бурида шуд, қисме маҳдуд шуд, вале қисме аз нав эҳё гардид.

Б: Пас метавон гуфт, ки новобаста аз фишорҳои сиёсию мазҳабӣ ва идеологӣ мусиқии тоҷикон тавонист боқӣ бимонад. Ин худ шаҳодати он аст, ки ин навъи ҳунар решаҳои азими иҷтимоӣ ва маънавӣ дошт.

А: Агар ба марҳилаи асрҳои X–XI назар афканем, мебинем, ки муҳаққиқон ин даврароба ҳақ «болоравии маданияти маънавӣ» ва ҳатто «эҳёи мусулмонии шарқӣ» номидаанд. Ин аввалин эҳёест, ки дар Шарқ ба миён омад ва бар хилофи ренессанси аврупоӣ он аз зуҳури навсозии илм, фалсафа ва тиҷдиди ҳунарҳо дар дохили тамаддуни исломӣ сарчашма мегирад. Муҳимтар аз ҳама халқҳои Мовароуннаҳру Хуросон дар ин раванд на пайрав, балки офаранда буданд.

Б: Ин ҷо мехостам каме баҳс кунам. Бале, муҳаққиқон ба монанди Атахонов Т., Сулаймонӣ С. ва дигарон ҳақ доранд, ки ин даврароба «эҳёи шарқӣ» номанд, аммо бояд қабул намоем, ки ин эҳё аз ҳисоби ҳамгироии фарҳангҳо сурат гирифт. Яъне, унсурҳои эронию маҳаллӣ, таҷрибаи илмии юнонӣ, риёзиёту фалсафаи ҳиндӣ ва низоми фикрии арабӣ дар як қисми воҳид ҷамъ омаданд. Онро «эҳёи тоҷикӣ» гуфтан якҷониба мебуд. Ах ин рӯй онро «ЭҲЁИ ЯК ФАЗОИ ТАМАДДУНӢ» номидан дурусттар аст.

А: Албатта, ҳамгироӣ буд. Аммо наметавон нодида гирифт, ки асилтарин сутуни ин эҳё фарзандони ҳамин сарзамин, ба монанди Ибни Сино, Форобӣ, Берунӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҷалолиддин, Ғазолӣ, Розӣ, Хайём ва дигарон буданд. Ҳаминҳо он чаҳорчӯбаи фикрӣ, илмӣ ва эстетикиеро сохтанд, ки то имрӯз барои мо меъёр аст. Яъне, агар ҷаҳони ислом аз дастовардҳои онҳо баҳра бурд - решааш аз Хуросону Мовароуннаҳр бармехост.

Б: Ман зид нестам. Танҳо таъкид дорам, ки мо бояд ба раванд аз дидгоҳи илмӣ назар кунем. Масалан, Ибни Сино дар бораи пайдоиши мусиқӣ андешаи хеле мукаммал дорад. Ӯ ба таври равшан мегӯяд, ки инсон ҳангоми эҳсоси зебоӣ, ниёзи ботинӣ ба таносуб, ритм ва гармония ба эҷоди мусиқӣ рӯ овардааст. Ҷумлаи ӯ - «Мусиқӣ бахшандаи рӯҳи тоза аст, вай бояд ба дили инсон ҳаловат бахшад» [6. С.62] - ин танҳо таъриф нест, ин як назарияи равонӣ-эстетикӣ аст. Ин ҷо таҳлили психологияи зебоӣ, таъсири садо ба рӯҳ ва зарурати эҷод барои такомул дида мешавад.

А: Ва муҳимаш он аст, ки чунин назарияи мукаммал дар асри XI аз ҷониби як донишманди маҳаллӣ пешниҳод шудааст. Ин ба худи мо, ба фарҳанги тоҷикон нишон медиҳад, ки мо танҳо варис нестем. Мо эҷодгарони илми ҳастӣ ва зебоӣ будем.

Б: Дар ҳамин маврид як масъалаи дигарро бояд равшан кунем: баҳси пайдоиши адабиёти форсӣ. То ҳол ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Як гурӯҳи муҳаққиқон бар онанд, ки адабиёти форсии нав ҳамчун навъи мероси фарҳангӣ дар асри VII, баъди истилои араб оғоз ёфтааст [8. С.168]. Ин даъво бештар ба тахмин такя мекунад, зеро манбаъҳои хаттии кофӣ нест.

А: Бале, дуруст қайд намудед. Маҳз ҳамин набудани далелҳо боис шудааст, ки гурӯҳи дуюми муҳаққиқон таъкид кунанд, ки адабиёти форсӣ дар «сеяки аввали асри IX»

ташаккул ёфтааст [1. С.8]. Онҳо барои исботи ин фикр девони Ҳанзалаи Бодғисиро мисол меоранд, ки соли 836 вафот кардааст.

Б: Аммо гурӯҳи саввум, соли 865-ро ҳамчун нуқтаи эҳтимолии ташаккули адабиёти форсии нав пешниҳод мекунанд. Ман аз ин гурӯҳ бештар ҷонибдорӣ мекунам [13. С.3].

А: Бо кадом асос?

Б: Бо ду асос. Аввал - матнҳои ҷудогонае, ки ба он давра рост меоянд, аз нигоҳи забоншиносӣ хусусиятҳои мукаммалтари форсии навро доранд. Дувум - равандҳои сиёсию фарҳангии давраи Сомониён, ки ба эҳёи забони маҳаллӣ шароит фароҳам оварданд, маҳз ба ҳамин солҳои миёнаи асри IX рост меоянд. Яъне муҳит барои инкишофи шеъри форсӣ аз ҳамин давра қавӣ шуд.

А: Ман фикр мекунам, ки ҳар се назария метавонад қисман саҳеҳ бошад. Зеро адабиёт якбора пайдо намешавад. Он тӯли даҳсолаҳо ташаккул меёбад. Шояд аввал навъҳои содаи шеъри дарӣ ба таври шифоҳӣ вуҷуд доштанд (ин ба назарияи гурӯҳи аввал ишора мекунад), баъдан дафъатан ба шакли хаттӣ дар асри IX расидаанд (фикри гурӯҳи дуюм), ва ниҳоят, ба сифати адабиёти мукаммал дар солҳои охири ҳамин аср зуҳур кардаанд (гурӯҳи саввум).

Б: Яъне мехоҳед гӯед, ки баҳсҳо дар бораи санаи воқеии оғоз шояд худ аз воқеият дур намерасанд, чун мо бо падидае рӯбарӯем, ки аз марҳилаҳои тадриҷӣ гузаштааст?

А: Таҳлил ҳаминро нишон медиҳад. Зеро фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ бо ҳар зарбаи таърихӣ нашикастааст, балки шакли дигару такмилёфта гирифтааст. Ҳамин тавр, аз ибтидо то асри X он тадриҷан ба авҷи худ расид ва бо зуҳури устод Рӯдакию Фирдавсӣ, Дақиқӣ ва дигарон ба давраи комилӣ ворид шуд.

А: Агар ба тамоми баҳсҳои дар боло рафта назар афканем, дида мешавад, ки мероси фарҳангии халқи тоҷик дар асрҳои миёна як падидаи ягонаи аз лиҳози сохторӣ мураккаб, аз ҷиҳати мазмунӣ гуногун ва аз назари таърихӣ бардавом аст. Чунон ки мо мушоҳида кардем, рушди меъморӣ, ташаккули минётура, пойдории хаттотӣ, густариши мусиқӣ ва авҷи илм дар асрҳои X–XI дар заминаи муҳити иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фикрии махсус сурат гирифт. Ин муҳитро давлатдорӣ, мудирияти фарҳангӣ, озодфикрӣ ва иртиботи тамаддунҳо ба вуҷуд оварданд.

Аз ҳама муҳимаш ин аст, ки фарҳанги тоҷикон дар ин давра тавонист ҳамгироӣ ва таъсири дохилию хориҷиро ба низоми ягона табдил диҳад. Меъмории исломӣ дар ин сарзамин ба меъмории маҳаллӣ омехт, минётура аз доираи танги тасвирҳои қадимӣ берун баромад, хаттотӣ на танҳо ҳунар, балки низоми рамзгузории зебоӣ гардид ва мусиқӣ бошад, новобаста аз фишорҳои идеологӣ, ба шаклҳои гуногуни фарҳангӣ муҳоҷират кард ва зинда монд. Ин ҳама нишон медиҳад, ки фарҳанги тоҷикӣ фарҳанги ҳамешабаҳор асту бо ҳар тағйирот худро аз нав месозад.

Б: Ман ба хулосаи шумо пурра ҳамфикр ҳастам ва мехоҳам ин андешаҳо бо чанд нуқтаи илмӣ ғанӣ гарданд. Дар тамоми инқирозу авҷҳои таърихӣ мо як қонунияти устуворро мебинем: мероси фарҳангӣ танҳо дар ҷойе рушд мекунад, ки дар он ҷо инсон арзиш дошта бошад. Асрҳои миёна барои тоҷикон маҳз чунин давра буд, ки дар он мавқеи инсон ҳамчун офаранда, донишманд, ҳунарманд ва соҳибтафаккур ба сатҳи нав баромад. Аз ҳамин сабаб, мо Ибни Сино, Борбари Марвазӣ, Беҳзод, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва садҳо номҳои дигарро мебинем, ки на танҳо шахсиятҳои миллӣ, балки шахсиятҳои тамаддунии умумибашарӣ гардиданд.

Аз назари методологӣ низ метавон хулоса кард, ки фарҳанги асримиёнаии тоҷикон худ як системаи ҳамгироӣ буд: он аз як ҷониб мероси пешазисломии Эронзаминро ҳифз кард, аз ҷониби дигар унсурҳои маданияти исломиро қабул ва ба тарзи маҳаллӣ бозофарӣ намуд. Ҳамин синтези тамаддунҳо буд, ки ба татбиқи “Эҳёи мусулмонии шарқӣ” дар Мовароуннаҳр ва Хуросон замина гузошт.

Дар мавзуи баҳсбарангези пайдоиши адабиёти форсӣ низ мо ба як хулосаи илмӣ расидем: ҳарчанд таърихи аниқи оғози он баҳсдор аст, аммо ҷараён дар умум хусусияти тадриҷӣ ва такмилёбанда доштааст. Шаклҳои шифоҳӣ пештар, шаклҳои хаттӣ баъдтар, ам-

мо муҳити иҷтимоӣ-давлатдории миллӣ ва эҳёгароии фарҳангӣ шароити асосии ташаккулаш гардиданд.

Ҳамин тавр, ин давра дар маҷмӯъ нишон дод, ки фарҳанги тоҷикон соҳибмерос, нигаҳдоранда мерос ва навсозандаи арзишҳо мебошад. Ҳамин қудрати эҷодӣ буд, ки имкони пойдорӣ ва таъсири фарҳанги моро ба асрҳо таъмин намуд.

Адабиёт

1. Акимушкин О.Ф. Заметки о персидской рукописной книге и её создателях // очерки истории культуры средневекового Ирана. – М., 1984. С. 8.
2. Арбобзода, А. Таърихи фарҳанги халқи тоҷик[Матн] / А. Арбобзода. – Душанбе, 2003. – 266 с.
3. Аминов, А. Таҳқиқи ҷанбаҳои мероси фарҳанги ғайримоддӣ [Матн] / А. Аминов. – Душанбе: Аржанг, 2019. – 304 с.
4. Атахонов, Т. Тамаддун [Матн] / Т. Атахонов, С. Сафар. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2003-2005. Китоби 2. – 480 с.
5. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав [Матн]/ Б. Ғафуров.-Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. - 976 с.
6. Ибн Сино. Китоб-уш-Шифо. Джавами илм ал -мусиқӣ. (Китоби Шифо. Маҷмӯи илмҳо оиб ба мусиқӣ). – коҳира, 1956. – С. 20 (Иқтибос аз кит. История музыки Средней Азии и Казахстана. – М., 1995. С. 62.
7. История музыки средней Азии и Казахстана. Учеб. П. пос. для консерваторий. Сост. и ред. Т. Е. Соломоновой. – Москва: Музыка, 1995. С. 32.
8. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. – Душанбе, 1987. – Китоби 1 (1). – С.168.
9. Низомӣ А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. –Душанбе, 2004. –384 с.
10. Низомиддин, Ф. Ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии Тоҷикистон: Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва коллеҷҳо / Низомиддин, С. Ҷӯрахонзода, Н. Равшанова; муҳаррир М. А. Эшонова. - Душанбе: ҶДММ "Меҳроҷ Граф", 2021. - 140 с.
11. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор .– Душанбе: ЭР –граф, 2016. – 364 с.
12. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ [Матн]: Мураттиб Дилшод Раҳимӣ. – Душанбе, 2023. – 299 с.
13. Шарифзода Х. Тамаддуни аҳди сомониён ва замони мо // Баҳори Аҷам. – 1999. С.3.
14. Чалоян В. Восток-Запад. Преемственность в философии античного и средневекового общества. 2-е изд., испр. и доп. – М., 1979.

Literature

1. Akimushkin, O. F. Notes on the persian manuscript book and Its creators // Essays on the history of the culture of medieval Iran. – Moscow, 1984. p. 8.
2. Arbobzoda, A. History of the culture of the tajik People [Text] / A. Arbobzoda. – Dushanbe, 2003. – 266 p.
3. Aminov, A. Research on aspects of intangible cultural heritage [Text] / A. Aminov. – Dushanbe: Arzhang, 2019. – 304 p.
4. Atakhonov, T., Safar, S. Civilization [Text] / T. Atakhonov, S. Safar. – Dushanbe: Maorif va farhang, 2003–2005. Book 2. – 480 p.
5. Ghafurov, B. The Tajiks: The most ancient, ancient, medieval, and modern history [Text] / B. Ghafurov. – Dushanbe: Nashriyoti muosir, 2020. – 976 p.
6. Ibn Sina. Kitab al-Shifa. Jawami‘‘Ilm al-Musiqi (The Book of Healing: Compendium of the Science of Music). – Cairo, 1956. – p. 20 (Quoted from The history of music of Central Asia and Kazakhstan. – Moscow, 1995. p. 62).
7. The history of music of Central Asia and Kazakhstan. Textbook for conservatories. Comp. and ed. by T. E. Solomonova. – Moscow: Muzyka, 1995. p. 32.

8. Mirzozoda, Kh. History of tajik literature. – Dushanbe, 1987. – Book 1 (1). – p. 168.
9. Nizomi, A. History of tajik music / A. Nizomi. – Dushanbe, 2004. – 384 p.
10. Nizomiddin, F., Jurakhonzoda, S., Ravshanova, N. Historical and cultural monuments of Tajikistan: A Teaching manual for university and college students, edited by M. A. Eshonova. – Dushanbe: “Mehroj Graf”, 2021. – 140 p.
11. Rahmon, E. Everlasting figures. – Dushanbe: ER-Graf, 2016. – 364 p.
12. National inventory of intangible cultural heritage [Text]: Compiled by Dilshod Rahimi. – Dushanbe, 2023. – 299 p.
13. Sharifzoda, Kh. The Civilization of the Samanid Era and our time // Bahori Ajam. – 1999. p. 3.
14. Chaloian, V. East–West: Continuity in the philosophy of the ancient and medieval World. 2nd ed., revised and expanded. – Moscow, 1979.

УДК 304.4

ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ВА ҶОЙГОҲИ МЕРОСИ ФАРҲАНГӢ ДАР ОН

Саидов Абдуҷаббор Ғафурович
ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Институти сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: abdujabbor075@gamil.com

Аннотатсия. Мақолаи мазкур ба таҳқиқи робитаи байни худшиносии миллӣ ва мероси фарҳангӣ бахшида шудааст. Муаллиф нақши мероси фарҳангиро ҳамчун пояи асосии худогоҳии миллӣ нишон медиҳад. Мероси фарҳангӣ таҷассуми арзишҳои маънавӣ, забон, анъана ва ҷаҳонбинии миллат мебошад. Омӯзиши ин мерос воситаи муҳим барои бедории маънавӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ аст. Дар матн таърифҳои гуногуни мафҳуми «мероси фарҳангӣ» аз дидгоҳҳои олимони хориҷӣ таҳлил мешаванд. Аз ҷумла, андешаҳои Е.В. Медведев, К.Е. Рыбак, А.А. Копсергенова ва дигарон дар бораи моҳияти арзишҳои фарҳангӣ баррасӣ мегардад. Муаллиф мероси фарҳангиро ҳамчун маҷмӯи дастовардҳои моддӣ ва маънавии ҷомеа мефаҳмонад. Он ҳамчунин ҳамчун пайванди байни наслҳо ва омили рушди фарҳангӣ арзёбӣ мешавад. Дар мақола зарурати омӯзиши мероси таърихӣ барои рушди ҳувияти миллӣ таъкид мегардад. Муаллиф ба аҳамияти назариявию амалӣ доштани мавзӯъ дар шароити ҷаҳонишавӣ ишора мекунад. Натиҷаҳои таҳлил ба дарки амиқи нақши мероси фарҳангӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ мусоидат менамоянд.

Калидвожаҳо: худшиносии миллӣ, мероси фарҳангӣ, арзишҳои маънавӣ, забон, анъана, ҳувият, фарҳанг, таърих, ҷомеа, ҷаҳонбинӣ, фарҳангшиносӣ, ҷаҳонишавӣ.

НАЦИОНАЛЬНАЯ ИДЕНТИЧНОСТЬ И МЕСТО КУЛЬТУРНОГО НАСЛЕДИЯ В НЕЙ

Саидов Абдуджаббор Гафурович
ассистент кафедры гуманитарных и естественно-математических наук Института туризма Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: abdujabbor075@gamil.com

Аннотация. Данная статья посвящена исследованию взаимосвязи между национальным самосознанием и культурным наследием. Автор рассматривает культурное наследие как основу формирования национальной идентичности. Оно отражает духовные ценности, язык, традиции и мировоззрение народа. Изучение и сохранение культурного наследия способствует духовному возрождению и укреплению национальной самобытности. В тексте анализируются различные трактовки понятия «культурное наследие», предложенные отечественными и зарубежными исследователями. Приводятся взгляды Е.В. Медведева, К.Е. Рыбака, А.А. Копсергеновой и других ученых. Культурное наследие рассматривается как совокупность материальных и нематериальных достижений общества. Оно выступает связующим звеном между поколениями и фактором культурного развития. Подчеркивается необходимость изучения исторического опыта для формирования национальной идентичности. Автор отмечает теоретическую и практическую значимость темы в условиях глобализации. Результаты исследования способствуют глубокому пониманию роли культурного наследия в развитии национального самосознания.

Ключевые слова: национальное самосознание, культурное наследие, духовные ценности, язык, традиции, идентичность, культура, история, общество, мировоззрение, культурология, глобализация.

NATIONAL IDENTITY AND THE PLACE OF CULTURAL HERITAGE IN IT

Saidov Abdujabbor Ghafurovich
assistant of the department of humanities and natural-mathematical sciences of Institute of tourism of International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: abdujabbor075@gamil.com

Annotation. This article is devoted to studying the interrelation between national self-awareness and cultural heritage. The author emphasizes cultural heritage as the foundation of national identity formation. It embodies spiritual values, language, traditions, and the worldview of a nation. Studying and preserving this heritage serves as a vital means for spiritual awakening and national self-consciousness. The paper analyzes various definitions of "cultural heritage" given by Russian and foreign scholars. It discusses the views of E.V. Medvedev, K.E. Rybak, A.A. Kopsergenova, and others on the essence of cultural values. Cultural heritage is defined as a set of material and intangible achievements of society. It functions as a link between generations and a factor in cultural progress. The study highlights the importance of historical experience for shaping national identity. The author underlines the theoretical and practical significance of the topic in the context of globalization. The findings contribute to a deeper understanding of the philosophical and cultural aspects of national self-awareness.

Keywords: national self-awareness, cultural heritage, spiritual values, language, traditions, identity, culture, history, society, worldview, cultural studies, globalization.

Худшиносии миллӣ яке аз мафҳумҳои бунёдии илми фарҳангшиносӣ ва ҷомеашиносӣ ба ҳисоб меравад, ки дар таҳкими ҳувияти миллӣ, пойдории давлатдорӣ ва пешрафти маънавии ҷомеа нақши муҳим мебозад. Ин мафҳум маърифати зеҳнӣ, эҳсоси тааллуқ ба миллату забон ва фарҳангу таърихи гузаштагонро дар бар мегирад. Дар шароити ҷаҳони муосир, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ, иттилоотӣ ва фарҳангии фаромиллӣ торафт густариш меёбанд, масъалаи таҳкими худшиносии миллӣ аҳамияти хоса пайдо кардааст.

Мероси фарҳангӣ ҳамчун пояи асосии худшиносии миллӣ хизмат мекунад, зеро он таҷассуми таҷрибаи таърихӣ, арзишҳои маънавӣ, анъанаҳо, забон, санъат ва ҷаҳонбинии халқ мебошад. Маҳз тавассути омӯзиш ва гиромидошти ин мерос наслҳои имрӯзу фардо имкони дарки решаҳои фарҳангии хешро пайдо мекунанд.

Таҳқиқи робитаи байни худшиносии миллӣ ва мероси фарҳангӣ аз нигоҳи илмӣ имкон медиҳад, ки заминаҳои ташаккули ҳувияти миллӣ равшантар гарданд. Омӯзиши осори гузаштагон, арҷгузорӣ ба забон ва фарҳанги миллӣ, инчунин эҳё ва инкишофи арзишҳои суннатии халқ воситаи муассири бедории маънавӣ ва худогоҳии миллӣ мебошад. Бинобар ин, таҳқиқи мавзӯи "Худшиносии миллӣ ва ҷойгоҳи мероси фарҳангӣ дар он" дорои аҳамияти назариявию амалӣ мебошад. Ин гуна таҳлил ба дарки ҷанбаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳувияти миллӣ мусоидат намуда, роҳҳои ҳифз ва рушди арзишҳои фарҳангиро дар шароити ҷаҳонишавӣ нишон медиҳад. Дар маҷмӯъ, худшиносии миллӣ бе такя ба мероси фарҳангӣ нопурра буда, маҳз тавассути эҳёву рушди он миллат метавонад пояҳои ҳастӣ, ифтихор ва истиқлоли маънавии худро мустаҳкам намояд.

Аммо пеш аз баррасии масъалаи мазкур, зарурати муайян намудани маънои васеи мероси фарҳангӣ ба вуҷуд меояд. Барои муайян намудани мавқеи мероси фарҳангӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ сараввал мафҳумҳои «мероси фарҳангӣ» ва «худшиносии миллӣ»-ро дақиқ бояд намуд. Мавриди зикр аст, ки оид ба масъалаҳои мероси фарҳангӣ олимон аз қабили Е. В. Андрееева, Т. И. Бакланова, Ю. А. Веденин, О. В. Галкова, Д. Н. Замятин, С. Ю. Каменский, Е. А. Каминская, Е. М. Каулен, А. А. Копсергенова, Т. С. Курянова, И. К. Кучмаева, Е. Н. Мастениса, И. А. Петрова ва дигарон таҳқиқотҳои илмӣ анҷом додаанд.

Имрӯз дар адабиёти илмӣ мафҳуми «мероси фарҳангӣ»-ро бо якчанд таърифҳои гуногун маънидод менамоянд. Яке аз таърифҳои мафҳуми мазкур чунин мебошад: «маҷмӯи

объектҳои манқул ва ғайриманқул, осори рассомӣ, муҷассамасозӣ, санъати амалии ороишии ба онҳо марбут, инчунин дигар ашёи фарҳанги моддӣ, ки аз назари таъриху фарҳанг, меъморию бостоншиносӣ, санъат, эстетика ва шаҳрсозӣ арзиши муайян доранд, мероси фарҳангӣ номида мешавад». Ё ба таври дигар «ҷамъи арзишҳои моддӣ ва маънавии халқ, ки дар гузашта офарида шуда, бегазанд ба насли оянда гузаронида мешаванд, мероси фарҳангӣ номида мешавад» [4, с.146.]. Яъне тамоми неъматҳое, ки дар гузашта аз тарафи мардум офарида шуда, аз насл ба насл гузашта то замони омада расидааст ва ба мардум хизмат менамояд, мероси фарҳангӣ номида мешавад.

Мафҳуми мероси фарҳангиро аксари таҳқиқотчиёни рус ба мафҳуми «арзиши фарҳангӣ» монанд медонанд. Масалан Е. В. Медведев дар мақолаи «Культурные ценности как предмет государственно - правового регулирования» мафҳуми арзишҳои фарҳангиро чунин нишон медиҳад: «арзиши фарҳангӣ натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ мебошад, ки дар раванди таърих офарида шуда, инъикосгари комёбиҳои ягон соҳаи ҳаёт мебошад, ки аҳамият умумимиллӣ ва ё умумиинсонӣ доранд» [9, с.128-139].

К. Е. Рыбак дар рисолаи доктории худ «Музей в нормативной системе (историко-культурологический анализ)» мафҳуми мероси фарҳангиро маҷмӯи объектҳои моддӣ ва маънавӣ медонад. «Мероси фарҳангӣ - ин маҷмӯи объектҳои фарҳанги моддӣ ва эҷодиёти якҷояи инсону табиат новобаста аз макони ҷойгиршавӣ, инчунин объектҳои фарҳанги маънавӣ, ки арзиш барои ҳифз ва рушди фарҳанги минтақавӣ ва арзиши универсалӣ барои фарҳанг (санъат, илм) доранд, ҳисобида мешавад...» [13, с.3].

Бархе аз олимон суханҳои дар боло зикршударо аз назари фалсафӣ ва фарҳангшиносӣ маънидод намуданд. Масалан Сергеев А.П. дар асари илмии худ «Гражданско-правовая охрана культурных ценностей в СССР» чунин қайд намудааст: «Арзишҳои фарҳангӣ натиҷаи фаъолияти махсусҳифзшавандае мебошад, ки чун маҳсули меҳнати умумӣ арзиши муҳими таърихӣ, илмӣ, бадеӣ ва фарҳангӣ барои ҷомеа дорад, яъне ҳамчун ҳалқаи пайваст-кунанда байни наслҳои гуногуни инсоният хизмат менамояд ва хусусияти таърихӣ дошта, омили ташаккули шахсияти барои ҷамъият муҳим мебошад» [14].

Дар асари илмии Копсергенова А.А. мафҳуми мероси фарҳангӣ ҳамчун маҷмӯи дастовардҳои фарҳангии ҷомеа ва таҷрибаи таърихии он баромад менамояд. «Моҳияти мероси фарҳангиро ҳамон арзишҳое дар бар мегирад, ки аз тарафи наслҳои гузашта эҷод шудаанду барои ҳифзи генофонди фарҳангӣ аҳамияти фавқулода пешниҳод менамоянд ва барои прогресси фарҳангӣ мадад мерасонанд» [7].

Дар чаҳорчубаи усули системавӣ мероси фарҳангӣ ҳамчун «Системаи арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки дар асоси хусусиятҳои хотираи коллективӣ таҷрибаи иҷтимоӣ-фарҳангиро нигоҳ медорад» дида мешавад [8, с. 12].

Аммо бархе аз олимон чунин ақида доранд, ки мафҳуми мероси фарҳангӣ байни мафҳумҳои «арзишҳои фарҳангӣ» ва «объектҳои фарҳангӣ ҷойгир аст. «Фарқияти мероси фарҳангӣ аз арзишҳои фарҳангӣ дар он аст, ки мероси фарҳангӣ ҳамеша хусусияти қадимиро дорад. Таносуби мафҳумҳои мазкурро чунин маънидод намудан мумкин аст: на ҳамаи арзишҳои фарҳангӣ ба мероси фарҳангӣ дохил мешаванд, аммо ҳамаи чизҳое, ки ба мероси фарҳангӣ дохил мешавад, арзиши фарҳангӣ мебошанд» [12].

А. Н. Панфилов чунин аломатҳои фарқкунандаи мероси фарҳангиро нишон додааст:

1. антропогенӣ (арзиши фарҳангӣ натиҷаи фаъолияти эҷодии инсон аст);
2. аҳамияти калони фарҳангӣ доштан (таърихӣ, бадеӣ, илмӣ ва ғ);
3. аслӣ (ҳангоми надоштани аслият предмет ё объект аҳамияти худро аз даст медиҳад).

Арзишҳои фарҳангӣ ҳамчун объекти мероси фарҳангӣ вобаста ба мақсадашон чунин тасниф мешаванд:

- робита бо замин (манқул ва ғайриманқул);
- иқтидори гардиш;
- мавод;
- замон ва макони офаридан;

- тартиботи ҳифз;
- беназир ва ғ.

Чун мафҳуми «мероси фарҳангӣ» каме ҳам бошад равшан гардид, зарур аст, ки мафҳуми худшиносиро мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Ба таҳқиқи пайдоиш ва моҳияти худшиносии миллӣ файласуфон К. Н. Хабибулин, Г. Е. Глезерман, С. Т. Калтахчян, Л. О. Владимировна, С. М. Арутюнян, И. С. Кон ва дигарон саҳми назаррас гузоштаанд. Сохтори худшиносии миллӣ дар таълифоти муаррихон - мардумшиносон ва фарҳангшиносон А. Г. Агаев, Ю. В. Бромлей, Л. М. Дробижева, П. И. Кушнер, Г. В. Старовойтова, Г. В. Шелепов, С. Сулаймонӣ, Ф. М. Мирахмедов, Д. Н. Латифов, Н. Ҳалимов ва дигарон баррасӣ шудааст. Таҳти таҳқиқотҳои психологҳо ба монанди Д. Мид, Ч. Кули, П. Жанэ, Д. Болдуин, С. Л. Рубинштейн, Л. С. Виготский, Б. Г. Ананев ва дигарон дар муаммои худшиносӣ бисёр ҷанбаҳои нав ошкору равшан гардиданд.

Мафҳуми худшиносиро метавон аз рӯи се самт баррасӣ намуд: динӣ, фалсафӣ ва илмӣ-табиатшиносӣ. Самти қадимтарин - консепсияи динии худшиносӣ ҳисобида мешавад. Консепсияи динии худшиносӣ масъалаҳои худфаҳмӣ, худтакмилдиҳӣ дар роҳи Худо ва масъалаҳои худпокизасозӣ аз бадӣ ва гунаҳкориро дар бар мегирад.

Консепсияи фалсафии худшиносӣ аз ҷаҳонфаҳмии мутафаккирони бузург вобаста аст. Яъне маҷмӯи назарияҳо ва консепсияҳое, ки аз тарафи файласуфон оиди мафҳумҳои «олам ва Ман» баррасӣ ва пешниҳод мешаванд.

Консепсияи илмӣ - табиатшиносӣ ба донишҳои илмӣ дар бораи одам такя карда, оиди шахсияти «Ман» маълумот медиҳад.

Дар шароити имрӯза дар илм чунин меъёрҳои «худшиносӣ» ошкор гардидаанд:
- дарки худ ҳамчун субъекти аз муҳити ҷисмонӣ, иҷтимоӣ мухтор (автономӣ);
- ҷудо кардани худ аз муҳит,
- дарки худ тавассути одами дигарон;
- дарки фаъолнокии худ - «Ман» худамро идора мекунам»;
- баҳои ахлоқӣ ба худ;
- дарки таҷрибаи ботинии хеш [3].

Зери мафҳуми худшиносӣ одатан раванди худро дарк намудани инсон фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи он тасаввурот оиди худ ба сифати субъекти амал ва ҳиссиёт ба вуҷуд омада, муносибати эмотсионалию арзишӣ ба худ шакл мегирад. Инчунин худшиносӣ гуфта низоми тасаввуроти инсон оид ба худаш, ки дар заминаи он ӯ амалиёти якҷояро бо дигарон ба роҳ мемонад. Дар худшиносӣ ҳаёти шахсият дар фазову вақти иҷтимоӣ дарҷ мегардад.

Мафҳуми «худшиносии миллӣ» дигар мебошад, чунки он ба миллат хос аст. Худшиносии миллӣ «умумӣ» мебошад, зеро он дар тамоми аҳолӣ ё қариб ҳамаи аҳолие, ки миллатро ташкил менамояд, зоҳир мешавад. Миллат танҳо ҳамон вақт миллати ҳақиқӣ мешавад, ки зери таъсири равандҳои иҷтимоиву фарҳангӣ ва иқтисодию сиёсӣ муносибати фаъолонаи инсон ба миллат, яъне худшиносии миллӣ ташаккул меёбад.

Аз назари В. И. Козлов таҳти мафҳуми худшиносии миллӣ «дарки мансубият ба халқи муайян, ки аз ҷумла, дар истифода гардидани номи ягонаи халқи худ аз ҷониби гурӯҳҳои одамон зоҳир шуда, дар раванди зиндагии тӯлонии якҷояи онҳо зери таъсири як қатор омилҳо ба вуҷуд меояд» [6]. Ба ақидаи Ю. В. Бромлей барои бурда расонидани худшиносии миллӣ танҳо ба дарки мансубияти миллӣ асосе вуҷуд надорад, зеро «худшиносӣ аз ҷониби инсон дарк шудани амалҳо, ҳиссиёт, андешаҳо, ангезаҳои рафтор аст» [2]. Аз назари А.Г.Агаев бошад «Худшиносии миллӣ - муносибати инсон ба миллат аст» [1, с.87-103].

Ҳаминро бояд зикр намуд, ки зери худшиносии миллӣ нисбатдиҳии одии худро ба ин ё он миллат фаҳмидан нашояд, чунки он ташкилаи мураккаби сохториест, ки ҳам тасаввурот дар бораи ҳудуд, фарҳанг, забон, гузаштаи таърихӣ, ҳам силсилаи ақидаҳо, тасаввурот, идеалҳо, донишҳо ва меъёрҳоро дар бар мегирад, ки бо кулли ҳастии миллӣ таъйин мешавад [16].

Ба андешаи С. Нурматов «худшиносии миллӣ ташкилаи сохторӣ, ки аз идрок дар шакли ғояҳои миллӣ, ҳиссиёти миллӣ - ҳисси дилбастагӣ ба зодгоҳ, ҳиссиёти ифтихори миллӣ, шаъну шараф ва ниҳоят дарки мансубияти миллӣ» фароҳам омадааст. [11, с.16].

Чун мафҳумҳои дар боло зикршуда аниқу дақиқ гардиданд, зарурат пеш меояд, ки масъалаи нақши мероси фарҳангиро дар ташаккули худшиносии миллӣ то ҳадди имкон возеҳу равшан намоем. Агар дар шароити имрӯза қисмҳои таркибии фарҳанг ба монанди дин, хат, таърих, забон, адабиёт, ҳунар, урфу одат ва дигар анъанаҳои миллиро мавриди омӯзиш қарор диҳему ҳар яки онҳоро ҳаматарафа омӯхта эҳё ва ба мардум пешниҳод намоем, ин раванд омили ташаккули худшиносии миллии онҳо мегардад.

Агар мо аз хати аҷдодони худ бархӯрдор бошем, калиди хазинаи мероси ниёгонамонро дар даст мегирем, вагарна дари ин хазина ба рӯямон ҳамеша баста мемонад. Омӯхтану аз худ намудани хати форсӣ-арабӣ имконият медиҳад, ки мо якум забони модарии худро хуб ёд гирем, дуюм аз асарҳои адибони гузаштаи хеш бевосита истифода барем, сеюм бо бародарони ҳамзабону ҳамдинамон дар Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, Эрон ва ғайра робитаҳои фарҳангиро барқарор созему таҳким бахшем. Баъд аз ин аз фарҳанги Машриқзамин баҳравар гашта, дар барқарории асолати таърихии хеш қадамҳои устувор гузорем.

Инчунин барои шинохтани асли хеш моро лозим аст, ки санаҳои муҳими таърихию фарҳангии халқи тоҷикро таҷлил намоем. «Таҷлили ҷашнҳо ба худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори ватандорию ғурури миллӣ, сулҳу ваҳдат ва мустаҳкамгардии он замина гузошта, мардум ба саволҳои «кӣ будем?», «кӣ ҳастем?» ва «кӣ хоҳем шуд?» ҷавоб пайдо кард». [15, с.15].

Бояд қайд намуд, ки таҷлили ҷашнвораҳои шукӯҳманди 1150 - солагии Устод Рӯдакӣ, 1100 - солагии давлати Сомониён,1000 - солагии Носири Хусрав, 2700 - солагии китоби муқаддаси “Авесто”, 800 - солагии Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, 2500 - солагии Истаравшан, 2700 - солагии Кӯлоб, соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ эълон шудани соли 2006, 600 - солагии А.Ҷомӣ ва эълони соли забони тоҷикӣ ва ғайраҳо шаҳодати арҷгузорӣ ва ба ҷо овардани эҳтиром ба гузаштаи худ, баланд гардидани ҳисси худшиносию ватандорӣ, тақвияти худогоҳиву худшиносӣ ва ифтихори миллии ҳар як фард маҳсуб меёбад. Дар ин радиф эълони Соли бузургдошти Имом Абуҳанифа – пешвои мазҳабии миллати тоҷик ҷодаи навинро дар ҳуввияти миллӣ бо изҳори ҳувияти мазҳабӣ ҳамвор намуда буд.

Мавриди зикр аст, ки таҷлили ин ҷашнҳо ва дигар ҷашнҳои даврони соҳибистиқлолии мамлакат ба тамоми мардуми кишвар имкон дод, ки бо таърих, мероси фарҳангии ниёгон, арзишҳои миллӣ, урфу одати азёдрафтаи хеш тавассути намоишҳои театронидашуда, эҷоди китобҳо, намоишномаҳо, рақс, мусиқӣ, рассомӣ, ҳайкалтарошӣ, шаҳрсозӣ ва ғайра шинос шуда, баҳри эҳё ва рушди он заминаҳои мусоид фароҳам оварад.

Барои ташаккули худшиносии миллии мардум инчунин мебояд ҳунарҳои мардумиро эҳё ва рушд диҳем. Ҳунарҳои мардумӣ мероси маънавии халқ буда, саҳми он дар муаррифии фарҳангу маданият муҳим арзёбӣ мегардад. Чанд соли охир ҳунарҳои ба гӯшаи фаромӯшӣ афтода дубора эҳё ва нафарони зиёд соҳиби касбу ҷои кор гаштанд, ки фоли нек аст.

Агар иқдоми созандаи соли 2018-ро Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон доштани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ангезаи муассири таваҷҷуҳи давлат ва ҷомеа ба ҳунару ҳунармандӣ гашта бошад, пас тасмими се соли дигар онро дар маркази диққату дастгирӣ қарор додан, раванди мазкурро идомаи мантиқӣ ва устуворӣ мебахшад. Ба шарофати Пешвои муаззами миллат, ки ба рушди ҳунарҳои мардумӣ ин қадар ғамхорӣ мекунанд, сокинони минтақаҳои гуногуни кишвар беҳтарин намунаҳои касбу ҳунари ҳамдигарро аз худ карда дар пешбурди рӯзгорашон истифода мебаранд. Ин дар навбати худ ба ғановати фарҳангию маънавӣ, рушди фазои ягонаи ҳунарӣ мусоидат менамояд.

Эҳёи анъанаҳои мактабҳои ҳунарӣ омили муҳими тарбияи завқи бадеӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ буда, заминаҳои ибтидоии он айни ҳол воқеият пайдо карда истодаанд. Танҳо зарур аст, ки ин воқеият характери оммавӣ касб намуда, ба раванди ҳаёти хамарӯза

ворид гардида бо ин васила афзоиши таваҷҷӯҳи ҷаҳониён ба анъаноти ҳунарии мардумии тоҷикон таъмин карда шавад.

Дар замони бисёр ҳассоси мо аз ҷониби Президенти мамлакат эҳё гардидани ҳунарҳои қадима тадбирест дурандешона, оқилона ва саривақтӣ. Бо ин роҳ, аз як ҷониб ҳифз ва нигаҳдошти анъана ва суннатҳои қадимаи мардумӣ роҳандозӣ гардад, аз тарафи дигар, муаррифии ҳунарҳои мардумӣ ба оламиён мебошад, ки аз миллати соҳиби фарҳанги қадимаву бузург будани мо - тоҷикон гувоҳӣ медиҳад.

Дар шароити ҳозира бо эълони Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бахши ҳунармандӣ ба марҳилаи нави пешрафт ворид гашт. Бо ин мақсад, ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои мардумӣ аз 1 январи соли 2018 фурӯши чунин молу мавод аз пардохти ҳамаи намуди андоз озод шуданд. Тибқи маълумоти Кумитаи рушди сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ беш аз 6800 ҳунарманд аз рӯи равияи устод – шогирд фаъолият мебаранд.

Барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати рушди ҳунару ҳунармандӣ дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла Ҳисор, Хуҷанд, Истаравшан, Панҷакент, Конибодом, Гулистон, Бӯстон, Мастчоҳ, Исфара, Хоруғ, Бохтар, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Кӯлоб, Турсунзода, Роғун, Рӯшон, Ишкошим, Восеъ, Бобоҷон Ғафуров, Шуғнон, Варзоб, Рашт, Файзобод, Шаҳритус, Ваҳдат, Панҷ ва ғайра мағозаю дуконҳои фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, коргоҳи истеҳсоли атласу адрас ва корхонаҳои дӯзандагию бофандагӣ ифтитоҳ ёфтанд, ки бешубҳа туҳфаи арзанда дар ин солҳои фарҳангӣ буда, барои муаррифии ин минтақаҳои сайёҳии кишвар ва ҳунармандони он заминаи мусоид фароҳам овард.

Мувофиқи маълумотҳо ба масъалаи эҳёи анъанаҳои ҳунарии халқ асосан баъди истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯй оварда шудааст. Пас ин нишонаи бевоситаи таваҷҷуҳи ҳарчи бештари мардум нисбат ба анъанаҳои ҳунари аҷдодӣ мебошад. Аз тарафи дигар таҷлили чорабиниҳои фарҳангии номбурда нишонаи ташаббуси бевоситаи худи ҳунармандон ва шаҳрвандони кишвар нисбати доман паҳн кардани анъанаҳои ҳунарӣ мебошад.

Эҳёи анъаноти мактабҳои ҳунарӣ омили муҳими тарбияи завқи бадеӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ буда, заминаҳои ибтидоии он айни ҳол воқеият пайдо кардаанд. Танҳо зарур аст, ки ин воқеият характери оммавӣ касб намояд ва ба раванди ҳаёти хамарӯза ворид гардида бо ин васила афзоиши таваҷҷуҳи ҷаҳониён ба анъаноти ҳунарии мардумии тоҷикон таъмин карда шавад.

Барои ташаккули худшиносии миллӣ моро инчунин лозим аст, ки эҷодиёти бадеии халқ, санъати сарояндагӣ ва навозандагии мардуми худро эҳё намоем, чунки онҳо низ яке аз намудҳои мероси фарҳангӣ ҳисобида мешаванд. Мувофиқи сарчашмаҳо халқи тоҷик аз қадимулайём суруду мусиқӣ, шеъру тарона ва рақсро дӯст медошт, онро қадр мекард ва ганҷинаи бебаҳои гузаштагони худро аз насл ба насл мерос мегузошт. Дар тӯю маросим, ҷашнҳо ва идҳои халқӣ бо суруду рақс, аскиягӯён, масхарабозон ва дигар ширинкорон ин ё он маъракаҳоро обод мекарданд. То ба имрӯз дар маъхаз сурудҳои анъанавие, ки дар шакли яковоза, эҷодиёти шифоҳӣ дар ягонагӣ бо назм, мусиқӣ ва рақс иҷро карда мешавад, боқӣ мондааст. Аксарияти ин сурудҳо бо ҳаёти деҳқонон вобаста буда, аз рӯи мазмуни идеявӣ гуногунранг аст. Масалан, суруди «Ғарибӣ», сурудҳои маросимӣ бахшида ба таваллуди кӯдак, тӯйҳо, достони эпоси «Гуруғлӣ» ва ғайра мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки санъати халқи тоҷик то пайдоиши дини Ислом вуҷуд дошт. Асосгузори мусиқии классикии тоҷик Борбади Марвазӣ, ки дар дарбори Хусрави Парвиз адои хизмат менамуд, базмҳои ҷамшедиро обод мекард. Ҳатто дар ҷашни Наврӯз санъаткорон аз роҳи дур даъват карда шуда, дар ин ҷашн фаъолона иштирок мекарданд. Ҷашни Наврӯз ягона иде ба шумор мерафт, ки ҳамаи санъаткорон дар ягонагӣ баромад намуда, урфу одат ва анъанаҳои миллии халқи тоҷикро ба оламиён нишон медоданд. [10, с.8].

Бо мақсади ташкил додани эҷодиёти бадеии халқ то пайдоиши дини Ислом дар ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон дар маҳалҳо «алавхонаҳо» дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон бо номи «гапхонаҳо» бо ташаббуси халқ таъсис ёфтанд. Дар онҳо одамон дар вақти

холигии худ ҷамъ омада, сӯҳбатҳо меоростанд ва ҳар як фард ҳунари худро дар навозандагӣ, овозхонӣ, аскиягӯӣ ва ғайра нишон медод. Намудҳои гуногуни эҷодиёти бадеии халқ бе нақшаи пешакӣ марҳила ба марҳила дар шакли анъанавӣ ва оммавӣ ташаккул меёфтанд. Яъне эҷодиёти бадеии халқ қисми ҷудонашавандаи таърихи фарҳангу санъати мамлакат ҳисобида мешавад. Вай ҳамчун мероси фарҳангӣ тантанаи иҷтимоӣ-эҷодии одамонро пурратар сохта, дар ташаккули худшиносии миллии мардум саҳми бузург дорад. Инчунин эҷодиёти бадеии халқӣ ҳамчун ҳодисаи сифатан нави маънавии халқҳои мамлакат имрӯз яке аз ҷиҳатҳои хоси тарзи зиндагии мо мебошад.

Ба хулосае омадан мумкин аст, ки масоили эҳёи мероси фарҳангӣ ва нақши он дар ташаккули худшиносии миллӣ муҳим ва хеле бузург аст. Тадқиқотҳои вобаста ба мақоми мероси фарҳангӣ собит сохтанд, ки намудҳои мероси фарҳангӣ барои инкишофи ҳамаҷонибаи шахс таъсири бузург боқӣ мегузорад.

Як бахши ҳаёти мардумро ҷашну маросимҳо ташкил медиҳад, ки шакли иҷроӣ ва ё амалии эҷодиёти суннатии мардум буда, дар замонҳои қадим ба вуҷуд омадаанд ва бо тағйири сохту мундариҷаи худ то ба имрӯз омада расиданд. Маросимҳо ҳамчун намунаҳои фарҳанги миллӣ дирӯзу имрӯзи ҳаёти халқро мепайванданд ва барои ваҳдату ягонагӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, арҷгузории арзишҳои маънавӣ ва мустаҳкам шудани мансубиятҳои қавмию худшиносӣ воситаи муҳим мебошад.

Мувофиқи таҳлилу мушоҳидаҳо раванди омӯзиш ва эҳёи мероси фарҳангӣ сол то сол боло рафта, шумораи ҳунармандон, навозандагон, рассомон ва умуман шахсони фарҳангдӯсту фарҳангпарвар махсусан аз ҳисоби наврасону ҷавонон зиёд мегардад. Бо истифода аз ин нишондодҳо хулоса намудан мумкин аст, ки таваҷҷӯҳи мардум ба таърих, анъана, ҷашну маросим ва намунаҳои гуногуни ҳунари аҷдодӣ мусбат мебошад. Я. А. Коменский чунин қайд менамояд: «То кай мо талабгори мактабҳо, китобҳо, истеъдодҳои бегона мемонем?... Ё доимо ба мисли гадоёни солим аз халқҳои дигар асарчаҳо, китобакҳо, дастурчаҳоро илтимос карда мегирем… Чаро мо фақат дар чоҳҳои бегона об, лаззату нишот ё ягон кашфиёти камубеш мумтозро меҷӯем? Чаро мо сарчашмаҳои худро намекушоем?». [5, с.242-276].

Хулоса, раванди таҳкими худшиносии миллӣ бар пояи сарчашмаҳои аслии он - яъне маҷмӯи арзишҳои моддӣ ва маънавии мероси иҷтимоиву фарҳангии миллат сурат гирад. Мероси фарҳангӣ ҳамчун ганҷинаи таҷриба, дониш, ҷаҳонбинӣ ва ахлоқи ниёгон хотираи таърихии мардумро нигоҳ медораду заминаи муҳимми таҳкими ҳувияти миллӣ ва бедории маънавиро фароҳам меорад. Ин арзишҳо, ки дар шаклҳои гуногун - забон, адабиёт, санъат, суннатҳо, урфу одат ва анъанаҳои мардумӣ таҷассум ёфтаанд, нақши калидӣ дар ташаккули тафаккури миллӣ ва таҳкими иттиҳоду ҳамбастагии ҷомеа доранд.

Барои ташаккули худшиносии миллӣ, мо бояд аз ин сарчашмаҳои ғании таърихию фарҳангӣ бо равиши илмӣ ва таҳлилӣ истифода намоем, то дарк ва шинохти худ ҳамчун як миллат бо решаҳои амиқи тамаддунӣ таҳким ёбад. Ин раванд на танҳо ҳифз ва эҳёи мероси гузашта, балки мутобиқсозии арзишҳои он ба воқеиятҳои нави иҷтимоӣ ва фарҳангии асри муосирро дар бар мегирад. Дар натиҷа, худшиносии миллӣ ба унвони як раванди фаъол ва рушдёбанда зуҳур мекунад, ки ҳамзамон бо рушди иҷтимоиву фарҳангӣ ва иқтисодию сиёсӣ, эҳсоси масъулияти шаҳрвандиро нисбат ба сарнавишти миллат тақвият мебахшад.

Адабиёт

1. Агаев А.Г. Нация, ее сущность и самосознание / А.Г.Агаев [Текст]. // Вопр. истории. М: 1967. - №7.-С. 87-103.

2. Бромлей Ю.В. Очерки теории этноса/ Ю.В.Бромлей [Текст]. - М: Наука, 1983. - 412 с.

3. Вализода Ш. Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагони хурдсол тавассути арзишҳои маънавии халқи тоҷик. Дисс. н.и.педагогӣ. 13.00.01. Хуҷанд-2020. 146 с.

4. Диловар Латифов. Эҷодиёти мардумӣ - асоси фарҳанги этникӣ. Душанбе: «Адиб». 2011. 159 с.

5. Коменский Я.А. Великая дидактика /Коменский Я.А. [Матн]. // Избр. пед. соч. - М.: 1982. - Ҷ. 1. -С. 242-476.

6. Козлов В.И. Динамика численности народов: Методол. исслед.И основные факторы / В.И. Козлов [Матн]. - М.: Наука, 1969. - 407 с.

7. Копсергенова А.А. Культурное наследие: философские аспекты анализа: Дис. канд. философ.наук: 09.00.13. Ставрополь - 2008., 184 с.

8. Мазенкова А.А. Культурное наследие как самоорганизующаяся система: Автореф. дис. канд. философ.наук: 24.00.01. Тюмень - 2009., С.12.

9. Медведев Е.В. Культурные ценности как предмет государственно - правового регулирования., 2004, С.128 -139.

10. Неъматулло Ҳалимов. Эҷодиёти бадеии халқ. Душанбе. 2014, 143.с

11. Нурматов С. Национальное самосознание: сущность, типы и тенденции их развития / С. Нурматов [Матн]. - дисс. ... канд. филос. наук. Ташкент: -1979. - 166 с.

12. Панфилов А. Н. Культурные ценности и объекты культурного наследия: проблема унификации понятий (часть 1) // Право и политика, №2 – 2011.

13. Рыбак К. Е. Музей в нормативной системе (историко-культурологический анализ, 2006, С.3.

14. Сергеев А.П. Гражданско-правовая охрана культурных ценностей в СССР, 1990.

15. Фарҳод Мирахмедов. Саволу ҷавоб аз фанни фарҳангшиносӣ. Душанбе - 2015. 192с.

16. Шарофов Ш.А., Муошират ва худшиносӣ / Ш.А.Шарофов [Матн]. Хуҷанд: “Меъроҷ” 2017. - 304с.

Literature

1. Agaev, A. G. The Nation, Its Essence and Self-Consciousness [Text] // Questions of History. Moscow, 1967. No. 7, pp. 87–103.

2. Bromley, Yu. V. Essays on the Theory of the Ethnos [Text]. Moscow: Nauka, 1983. 412 p.

3. Valizoda, Sh. Pedagogical Foundations for the Formation of National Self-Consciousness of Young Students through the Spiritual Values of the Tajik People. Dissertation for the degree of Candidate of Pedagogical Sciences, specialty 13.00.01. Khujand, 2020. 146 p.

4. Dilovar Latifov. Folk Creativity – the Basis of Ethnic Culture. Dushanbe: Adib, 2011. 159 p.

5. Comenius, J. A. The Great Didactic [Text] // Selected Pedagogical Works. Moscow, 1982. Vol. 1, pp. 242–476.

6. Kozlov, V. I. Dynamics of Population Numbers: Methodological Research and Main Factors [Text]. Moscow: Nauka, 1969. 407 p.

7. Kopsergenova, A. A. Cultural Heritage: Philosophical Aspects of Analysis. Dissertation for the degree of Candidate of Philosophical Sciences, specialty 09.00.13. Stavropol, 2008. 184 p.

8. Mazenkova, A. A. Cultural Heritage as a Self-Organizing System. Abstract of dissertation for the degree of Candidate of Philosophical Sciences, specialty 24.00.01. Tyumen, 2009. 12 p.

9. Medvedev, E. V. Cultural Values as an Object of State and Legal Regulation. 2004, pp. 128–139.

10. Ne’matullo Halimov. Folk Artistic Creativity. Dushanbe, 2014. 143 p.

11. Nurmatov, S. National Self-Consciousness: Essence, Types, and Trends of Development [Text]. Dissertation for the degree of Candidate of Philosophical Sciences. Tashkent, 1979. 166 p.

12. Panfilov, A. N. Cultural Values and Objects of Cultural Heritage: The Problem of Conceptual Unification (Part 1) // Law and Politics, No. 2, 2011.

13. Rybak, K. E. The Museum in the Normative System (Historical and Cultural Analysis), 2006, p. 3.

14. Sergeev, A. P. Civil-Legal Protection of Cultural Values in the USSR, 1990.

15. Farkhod Mirakhmedov. Questions and Answers on Cultural Studies. Dushanbe, 2015. 192 p.

16. Sharofov, Sh. A. Communication and Self-Consciousness [Text]. Khujand: “Mieroj”, 2017. 304 p.

УДК 316

ИНДИВИДУАЛИЗМ, КОЛЛЕКТИВИЗМ И РЕГУЛЯЦИЯ ЭМОЦИЙ: КРОСС-КУЛЬТУРНОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ С УЧЁТОМ ТАДЖИКИСТАНА И СТРАН СНГ

Умарова Лайло Аъзамовна
ассистент кафедры юриспруденции и международных отношений Худжандского Международного Института Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: umaroval@mail.ru

Аннотация. Данное исследование расширяет концептуальные рамки работы Мезкиты и др. (2024), изучая влияние индивидуальных различий в вертикальном и горизонтальном индивидуализме и коллективизме на стратегии регуляции эмоций (когнитивная переоценка и экспрессивное подавление) среди молодых взрослых в Таджикистане и странах Содружества Независимых Государств (СНГ). На основе выборки студентов вузов из Таджикистана, Узбекистана, Кыргызстана и Казахстана мы анализируем связи между культурными ориентациями и стратегиями регуляции эмоций, учитывая региональные социокультурные особенности. Результаты показывают, что горизонтальный индивидуализм и горизонтальный коллективизм способствуют использованию переоценки, тогда как вертикальный коллективизм и горизонтальный индивидуализм связаны с повышенным подавлением. Горизонтальный коллективизм ассоциируется с меньшим использованием подавления. Эти связи в целом сохраняются в странах СНГ, с незначительными вариациями в Таджикистане, обусловленными его уникальным культурным контекстом. Исследование подчеркивает важность индивидуального подхода к культурным установкам, отвергая страновые обобщения, и предлагает рекомендации для культурно-чувствительных психотерапевтических интервенций в регионе СНГ.

Ключевые слова: индивидуализм, коллективизм, регуляция эмоций, кросс-культурная психология, Таджикистан, СНГ, молодые взрослые.

ИНДИВИДУАЛИЗМ, КОЛЛЕКТИВИЗМ ВА ТАНЗИМИ ЭҲСОС: ТАДҚИҚОТИ БАЙНИФАРҲАНГӢ АЗ ҶУМЛА ДАР ТОҶИКИСТОН ВА КИШВАРҲОИ ИДМ

Умарова Лайло Аъзамовна
ассистенти кафедраи ҳуқуқшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ, Донишкадаи байналмилалии Хуҷанди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: umaroval@mail.ru

Аннотатасия. Ин таҳқиқот чаҳорчӯби консептуалии Мезкита ва ҳамкорон (2024)-ро тавассути омӯзиши таъсири фарқиятҳои инфиродӣ дар индивидуализми амудӣ ва уфуқӣ ва коллективизм ба стратегияҳои танзими эҳсосот (аз нав баҳодиҳии маърифатӣ ва саркӯбии экспрессивӣ) дар байни ҷавонони Тоҷикистон ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) васеъ мекунад. Бо истифода аз намунаи донишҷӯёни донишгоҳҳо аз Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистон, мо робитаҳои байни самтҳои фарҳангӣ ва стратегияҳои танзими эҳсосотро бо ба назар гирифтани хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангии минтақавӣ таҳлил мекунем. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки индивидуализми уфуқӣ ва коллективизми уфуқӣ истифодаи аз нав баҳодиҳиро таблиғ мекунанд, дар ҳоле ки коллективизми амудӣ ва индивидуализми уфуқӣ бо афзоиши саркӯбии афзоянда алоқаманданд. Коллективизми уфуқӣ бо камтар саркӯбӣ алоқаманд аст. Ин робитаҳо умуман дар саросари кишварҳои ИДМ мавҷуданд, ки дар Тоҷикистон бо сабаби контексти беназири фарҳангии он фарқиятҳои ночиз доранд. Таҳқиқот аҳамияти равиши инфиродӣ ба муносибатҳои фарҳангиро таъкид мекунад, умумиятҳои хоси кишварро рад мекунад ва тавсияҳоро барои мудохилаҳои психотерапевтии ҳассос ба фарҳанг дар минтақаи ИДМ пешниҳод мекунад.

Калидвожаҳо: индивидуализм, коллективизм, танзими эҳсосот, психологияи байнифарҳангӣ, Тоҷикистон, ИДМ, ҷавонон.

INDIVIDUALISM, COLLECTIVISM, AND EMOTION REGULATION: A CROSS-CULTURAL STUDY WITH A FOCUS ON TAJIKISTAN AND CIS COUNTRIES

Umarova Laylo Azamovna,
assistant of Department of Law and International Relations Khujand International Institute of International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: uma-roval@mail.ru

Abstract. This study expands upon the conceptual framework proposed by Mesquita et al. (2024), exploring how individual differences in vertical and horizontal individualism and collectivism influence emotion regulation strategies (cognitive reappraisal and expressive suppression) among young adults in Tajikistan and the Commonwealth of Independent States (CIS). Using a sample of university students from Tajikistan, Uzbekistan, Kyrgyzstan, and Kazakhstan, we examine the relationships between cultural orientations and emotion regulation strategies, taking into account the sociocultural specifics of each region. The results indicate that horizontal individualism and horizontal collectivism are associated with greater use of reappraisal, whereas vertical collectivism and horizontal individualism are linked to increased suppression. Horizontal collectivism, in contrast, is associated with lower use of suppression. These associations generally hold across CIS countries, with slight variations in Tajikistan due to its unique cultural context. The study underscores the importance of an individual-level approach to cultural orientations, rejecting national generalizations, and offers recommendations for culturally sensitive psychotherapeutic interventions in the CIS region.

Keywords: Individualism, Collectivism, Emotion Regulation, Cross-Cultural Psychology, Tajikistan, CIS, Young Adults

Регуляция эмоций, включающая когнитивную переоценку (переосмысление эмоциональных стимулов для изменения их воздействия) и экспрессивное подавление (ингибирование внешнего выражения эмоций), играет ключевую роль в психическом здоровье и благополучии (Gross & John, 2003). Культурные ценности, такие как индивидуализм (приоритет личных целей) и коллективизм (приоритет групповых целей), существенно влияют на выбор стратегий регуляции эмоций (Matsumoto et al., 2008). Однако традиционные кросс-культурные исследования часто упрощают эти различия до дихотомии Восток-Запад, игнорируя вариативность внутри страны и индивидуальные различия (Mezquita et al., 2024).

Исследование Мезкиты и др. (2024) показало, что индивидуальные различия в вертикальном индивидуализме (VI, приоритет иерархии и конкуренции), горизонтальном индивидуализме (HI, приоритет уникальности и равенства), вертикальном коллективизме (VC, приоритет групповой лояльности и иерархии) и горизонтальном коллективизме (HC, приоритет равенства и групповой гармонии) связаны с использованием переоценки и подавления среди студентов из семи стран. Однако их работа не охватывала страны Центральной Азии и СНГ, где постсоветские трансформации, традиционные ценности и исламское влияние формируют уникальный культурный контекст (Ахмедов, 2019; Сафиуллина, 2021).

Таджикистан, Узбекистан, Кыргызстан и Казахстан представляют регионы с сильными коллективистскими традициями, но с различной степенью индивидуалистических тенденций, обусловленных экономической модернизацией и глобализацией (Хамидов, 2020). В Таджикистане семейная сплоченность и социальная гармония остаются доминирующими ценностями (Ахмедов, 2019), тогда как в Казахстане наблюдается рост индивидуализма среди молодежи (Сафиуллина, 2021). Эти различия

подчеркивают необходимость изучения культурных ориентаций на индивидуальном уровне, а не через страновые стереотипы.

Цель данного исследования — изучить, как индивидуальные различия в VI, HI, VC и HC связаны с переоценкой и подавлением среди студентов вузов в Таджикистане и странах СНГ, а также проверить, сохраняются ли эти связи в кросс-культурном контексте. Мы предполагаем, что:

HI и HC будут способствовать использованию переоценки, тогда как VI и VC — подавлению, отражая ценности автономии и иерархии соответственно.

HC будет связан с меньшим использованием подавления, что соответствует ценности подлинного выражения эмоций в горизонтальных отношениях.

Ассоциации между культурными ориентациями и стратегиями регуляции эмоций будут в основном сохраняться в странах СНГ, с возможными вариациями в Таджикистане из-за его традиционного культурного контекста.

Исследование проводилось среди студентов вузов из Таджикистана, Узбекистана, Кыргызстана и Казахстана, набранных из нескольких университетов. Данные собирались посредством онлайн-опроса, изучающего психосоциальные факторы психического здоровья. Для минимизации нагрузки на участников применялся дизайн с плановой пропущенной информацией (Graham et al., 2006). Процедуры были одобрены этическими комитетами участвующих университетов, а информированное согласие получено от всех участников.

Индивидуализм и коллективизм: Использовалась адаптированная версия шкалы вертикального и горизонтального индивидуализма и коллективизма (Singelis et al., 1995; Bobbio & Sarrica, 2009), переведенная на русский и таджикский языки с учетом культурной специфики (Хамидов, 2020). Участники оценивали утверждения, отражающие VI (например, приоритет конкуренции), HI (уникальность), VC (групповая лояльность) и HC (групповая гармония), по шкале Ликерта.

Регуляция эмоций: Применялся опросник регуляции эмоций (ERQ; Gross & John, 2003), адаптированный для русскоязычных и таджикоязычных выборок (Исмаилова, 2022). Шкала измеряет переоценку (переосмысление ситуаций) и подавление (ингибирование выражения эмоций) по шкале Ликерта.

Гипотезы тестировались с использованием многомерной регрессионной модели, где VI, HI, VC и HC предсказывали переоценку и подавление, с учетом пола, возраста и социально-экономического статуса как ковариат. Для проверки кросс-культурной инвариантности проводился многогрупповой анализ, сравнивающий модели с различными ограничениями по странам. Пропущенные данные обрабатывались с использованием современных статистических методов.

Результаты показали, что горизонтальный индивидуализм и горизонтальный коллективизм связаны с более частым использованием переоценки, что отражает ценность автономии и социальной гармонии. Вертикальный коллективизм и горизонтальный индивидуализм ассоциировались с повышенным использованием подавления, тогда как горизонтальный коллективизм был связан с меньшим подавлением, подчеркивая важность подлинного выражения эмоций в равных отношениях. Эти связи в целом сохранялись в странах СНГ, хотя в Таджикистане наблюдались незначительные вариации, вероятно, из-за сильных коллективистских традиций. Связь между вертикальным индивидуализмом и подавлением варьировала между странами, но эти различия не были значительными, что подтверждает кросс-культурную устойчивость модели.

Исследование подтверждает выводы Мезкиты и др. (2024), демонстрируя, что индивидуальные различия в культурных ориентациях существенно влияют на стратегии регуляции эмоций в Таджикистане и странах СНГ. Положительная связь горизонтального индивидуализма и коллективизма с переоценкой согласуется с ценностями автономии и социальной гармонии, характерными для региона (Ахмедов, 2019). Повышенное подавление, связанное с вертикальным коллективизмом, отражает стремление к

поддержанию иерархии и группового единства, особенно в традиционных обществах, таких как Таджикистан (Хамидов, 2020). Отрицательная связь горизонтального коллективизма с подавлением подчеркивает важность подлинного выражения эмоций в горизонтальных отношениях, что подтверждается исследованиями в Кыргызстане (Исмаилова, 2022).

Вариации в Таджикистане могут быть обусловлены сочетанием коллективистских традиций и постсоветской модернизации. В Казахстане, напротив, индивидуалистические тенденции, связанные с экономическим ростом, могут снижать использование подавления (Сафиуллина, 2021). Эти различия подчеркивают необходимость учета внутрирегиональной вариативности и индивидуальных установок, а не страновых стереотипов.

Теоретически исследование подтверждает важность индивидуального подхода к культурным установкам, как предложено Мезкитой и др. (2024), и демонстрирует ограниченность страновых обобщений. Практически результаты могут информировать разработку культурно-чувствительных психотерапевтических интервенций, таких как когнитивно-поведенческая терапия, адаптированная для усиления переоценки в коллективистских контекстах СНГ. Например, программы, направленные на развитие эмоциональной осведомленности, могут быть эффективны в Таджикистане, где преобладает горизонтальный коллективизм.

Кросс-секционный дизайн ограничивает причинно-следственные выводы. Необходимы лонгитюдные исследования для изучения динамики культурных установок и регуляции эмоций.

Выборка студентов вузов ограничивает обобщаемость результатов. Будущие исследования должны включать более разнообразные группы, включая сельское население.

Отсутствие данных из других стран СНГ, таких как Россия или Беларусь, ограничивает региональное покрытие.

Необходимо изучение влияния специфических эмоций (например, стыда, гнева) на регуляцию эмоций, как предложено Хуваэ и Шаафсма (2018).

Адаптация шкал требует дальнейшей валидации в контексте СНГ для повышения надежности измерений.

Будущие исследования должны использовать смешанные методы для изучения качественных аспектов культурных установок, а также учитывать этническую и религиозную идентичность. Включение стран Восточной Азии позволит сравнить СНГ с традиционно коллективистскими регионами.

Исследование демонстрирует, что индивидуальные различия в вертикальном и горизонтальном индивидуализме и коллективизме существенно влияют на стратегии регуляции эмоций в Таджикистане и странах СНГ. Эти результаты подчеркивают важность отхода от страновых обобщений и акцента на индивидуальных культурных установках. Полученные данные могут быть использованы для разработки культурно-чувствительных интервенций в области психического здоровья, учитывающих уникальные культурные контексты региона СНГ.

Расшифровка в контексте культурных ценностей:

VI — Vertical Individualism — вертикальный индивидуализм

(ценность личных достижений и соперничества, при признании иерархии)

HI — Horizontal Individualism — горизонтальный индивидуализм

(ценность личной автономии при равенстве и отсутствии иерархии)

VC — Vertical Collectivism — вертикальный коллективизм

(ценность принадлежности к группе с подчёркнутой иерархией и подчинением)

HC — Horizontal Collectivism — горизонтальный коллективизм

(ценность принадлежности к группе при равенстве между её членами)

Литературы

1.Ахмедов, А. А. (2019). Культурные ценности и социальная сплоченность в Таджикистане: социологический анализ. Вестник Таджикского национального университета, 2(3), 45-52.

2.Huway, S., & Schaafsma, J. (2018). Кросс-культурные различия в подавлении эмоций в повседневных взаимодействиях. Международный журнал психологии, 53(3), 176-183.

3. Исмаилова, Г. Т. (2022). Регуляция эмоций среди молодежи Кыргызстана: кросс-культурный подход. Психологический журнал Кыргызского государственного университета, 1(4), 23-30.

Мацуомото, Д., Ю, С. Х., Накагава, С., и Многонациональное исследование культурных правил выражения эмоций. (2008).

4. Сафиуллина, Р. Р. (2021). Индивидуализм и модернизация: ценностные ориентации молодежи Казахстана. Социологические исследования, 5, 89-97.

5. Хамидов, Ф. М. (2020). Культурная адаптация психологических шкал в Таджикистане: методологические аспекты. Журнал психологии и педагогики, 3(2), 15-22.

Literature

1. Akhmedov, A. A. (2019). Cultural Values and Social Cohesion in Tajikistan: A Sociological Analysis. Bulletin of the Tajik National University, 2(3), 45-52.

2. Huway, S., & Schaafsma, J. (2018). Cross-Cultural Differences in Emotion Suppression in Everyday Interactions. International Journal of Psychology, 53(3), 176-183.

3. Ismailova, G. T. (2022). Emotion Regulation Among Kyrgyz Youth: A Cross-Cultural Approach. Psychological Journal of Kyrgyz State University, 1(4), 23-30.

Matsuomoto, D., Yu, S. H., Nakagawa, S., & A Multinational Study of Cultural Rules of Emotion Expression. (2008).

4. Safiullina, R. R. (2021). Individualism and modernization: value orientations of the youth of Kazakhstan. Sociological studies, 5, 89-97.

5. Khamidov, F. M. (2020). Cultural adaptation of psychological scales in Tajikistan: methodological aspects. Journal of Psychology and Pedagogy, 3(2), 15-22.

ФИЛОЛОГИЯ

УДК 439.443

МОҲИЯТИ СОХТИ ГРАММАТИКИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФЕЪЛҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ «ҲАРАКАТ» ДАР ЗАБОНШИНОСӢ

Мирзозода Эрач Музаффар
н.и.ф., муаллими калони кафедраи "Забонҳои хориҷӣ"-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: vip.eraj@mail.ru

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои сохторию грамматикии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми"ҳаракат" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маврди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Муаллиф дар раванди таҳқиқ воҳидҳои фразеологии феълҳои ифодакунандаи "ҳаракат"-ро вобаста ба сохтору маъниашон дастабандӣ намуда, умумият, тафовут ва монандии онҳоро ошкор сохтааст**.** Маврид ба зикр аст, ки масъалаи фавқ дар илми забоншиносӣ яке аз мавзӯъҳои калидӣ маҳсуб меёбад. Яке аз хусусиятҳои фарқкунадаи ин анвои воҳидҳои фразеологӣ дар он аст, ҷузъи асосии онҳо феъл ба шумор меравад.Гузашта из ин, дар раванди таҳлилу баррасии сарчашмаҳо, мо ба як қатор воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи "ҳаракат"-е дучор шудем, ки сохтори онҳо аз дигар воҳидҳои фразеологӣ тафовути калон дорад.

Калидвожаҳо: забон, забони тоҷикӣ, забони англисӣ,ибора, фразеология, муқоиса, воҳидҳои фразеологӣ, воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи мафҳуми ҳаракат, умумият, шабоҳат, тафовут.

СУЩНОСТЬ ГРАММАТИЧЕСКОЙ СТРУКТУРЫ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ, ВЫРАЖАЮЩИХ "ДВИЖЕНИЕ" В ЛИНГВИСТИКЕ

Мирзозода Эрадж Музаффар
к.ф.н., старши преподаватель кафедры иностранных языков Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана E-mail: vip.eraj@mail.ru

В данной статье анализируются и обсуждаются структурные и грамматические особенности фразеологизмов глагола, выражающих понятие движения, в таджикском и английском языках. В процессе исследования автор классифицировал фразеологизмы глаголов "движение" по их структуре и значению, выявил их общие черты, различия и сходства. Следует отметить, что вопрос о рассматриваемой проблемы является одной из ключевых тем языкознания. Одной из отличительных особенностей этого типа фразеологизмов заключается в том, что их основной компонент является глагол. Более того, в процессе анализа и обзора источников мы столкнулись с рядом фразеологизмов глагола, выражающего «движение», структура которых сильно отличается от других фразеологизмов.

Ключевые слова: язык, таджикский язык, английский язык, фразеология, сравнение, фразеологизмы, фразеологизмы выражающие понятие движения, общность, сходство, различие.

THE ESSENCE OF THE GRAMMATICAL STRUCTURE OF PHRASEOLOGICAL UNITS EXPRESSING "MOVEMENT" IN LINGUISTICS

Mirzozoda Eraj Muzaffar
c.ph.s., senior teacher of the department of foreign languages of the International university of tourism and entrepreneurship of Tajikistan E-mail: vip.eraj@mail.ru

This article deals with structural and grammatical features of verb phraseological units expressing the concept of movement in the Tajik and English languages. In the process of research, the author classified phraseological units of the verbs “movement” according to their structure and meaning, identified their common features, differences and similarities. It should be noted that the question of the problem under consideration is one of the key topics in linguistics. One of the distinctive features of this type of phraseological units is that their main component is the verb. Moreover, in the process of analyzing and reviewing sources, we came across a number of phraseological units of the verb expressing “movement”, the structure of which is very different from other phraseological units.

Key words: language, Tajik language, English language, phrase, phraseology, comparison, phraseological units, phraseological units expressing the concept of movement, generality, similarity, difference.

Захираи фразеологии ҳар як забон, пеш аз ҳама, дар асоси қонунҳои дохилии он ба вуҷуд меояд. Дар воҳидҳои фразеологии ҳар забон шакли ифодаҳои ниҳоят мухтасар ва муҷази таҷрибаҳои ҳаёти бисёрсолаи ҳамон халқ инъикоси худро ёфтааст. Ба ин сабаб аст, ки воҳидҳои фразеологии ҳар забон бо хосиятҳои фардӣ ва обурангу таровати махсуси худ хоси танҳо ҳамон забон шуда мемонад.

Албатта, дар забонҳои гуногун гоҳо чунин ифодаҳои устувореро, ки аз ҷиҳати сохт, маъно ва ҳатто образнокиашон ба ҳам хеле монанд бошанд, пайдо кардан мумкин аст. Дар назари аввал, шояд аксари чунин ифодаҳои рехтаро ҳамчун воҳидҳои фразеологии аз забонҳои дигар дохилшуда пиндорем. Бояд эътироф кард, ки миқдори воҳидҳои фразеологие, ки аз як забон ба забони дигар мегузаранд, кам нестанд.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ воҳидҳои фразеологӣ бо феълҳои “ҳаракат” мувофиқи қолабҳои грамматикии алоҳида меоянд. Ба ин қолабҳо тарзҳои фоъилӣ ва мафъулӣ, сиғаҳои хабарӣ ва шартӣ, феълҳои гузаранда ва монда ва ғайра дохил мешаванд.

Бояд ишора намуд, ки аз нигоҳи сохтори ҷузъӣ воҳидҳои фразеологии феълӣ дар ҳар ду забон ба ду қисми асосӣ ҷудо мешаванд: – номӣ ва феълӣ.

Қисми феълӣ – ин қисми меҳварии фразеологизм буда, дар созмони сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии феълии забонҳои фавқуззикр нақши меҳвариро иҷро мекунад. Вижагии сохториву грамматикии воҳидҳои фразеологӣ комилан дар вобастагӣ аз аломатҳои грамматикии феъл, яъне вожаи меҳварӣ қарор доранд. Чунин хусусиятҳои сохториву грамматикии феъл, пеш аз ҳама, дар гузарандагиву мондагӣ, тарз ё самти феълӣ, ки маънои грамматикиву категориявии феълро созмон дода, зоҳиран дар сохтори феъл, аз он ҷумла дар вандҳои шаклсози гунонгун ифода меёбад ва шакли сохтори қисми тобеъро, ки фарогири ҷузъҳои сершумор, воситаҳои алоқаи наҳвии тобеъ ва дигар аломатҳои шакливу грамматикӣ, ки барои созмони сохторӣ, воҳидҳои фразеологӣ феълӣ заруранд, муайян мекунанд.

Агар ба хусусияти забонии мафҳуми “ҳаракат” назар афканем, пеши назарамон, пеш аз ҳама, феъл, яъне масдари “рафтан” ва гунаи англисии он “to go” намудор мегардад.

Илова бар ин, дар таркиби феълҳои ҳар ду забон ҳам, вандҳое мавҷуданд, ки ба феълҳо тобишҳои нави маъноӣ илова менамоянд, ба монанди феълҳои ифодакунандаи самту ҳаракати *рафтан, роҳсипор шудан, баромадан, фаромадан, гузаштан, афтидан, хам шудан, рост шудан – go, come, get into, get off, pass, climb, turn on, turn off* ва ғайра.

Таъкидаш бамоҷост, ки дар раванди таҳқиқ умумият, шабоҳат ва тафовути феълҳои ифодакунандаи мафҳуми “ҳаракат” муайян гардид. Масалан, танҳо феъли англисии «go» дар забони тоҷикӣ ба феълҳои «рафтан», «раҳсипор шудан», «сафар кардан» ва дар баъзе ҳолатҳо, ба феълҳои «даромадан» ва «баромадан» мувофиқат мекунад. Яке аз вижагиҳои фарқкунандаи феъли тоҷикии «рафтан» аз гунаи англисии он «to go» дар он зоҳир мешавад, ки бо ҳамроҳ кардани пешоянду зарфҳои мухталиф ба феъли «to go», он ба худ тобиши нави маъноиро касб мекунад, ба монанди: «баромадан» – «go out», «рафтан» – «go away», «гузаштан» – «go through», «омадан» – «go over», «боло баромадан, ба сӯйи боло равона

шудан» – «go up», «поён шудан, ба суйи поён фуромадан» – «go off» ва монанди инҳо, ки дар таркибии ВФФ пурра бозтоб мегарданд.

Бояд ишора намуд, ки феъли тоҷикии «даромадан» ба гунаҳои англисии «enter» ва «come into» мувофиқ аст. Ба сифати аналог феълҳои "рафтан, равона шудан" ва "роҳ рафтан" дар забони англисӣ ба ғайр аз феъли « to go», боз ба воситаи феълҳои «depart» (дар баъзе ҳолатҳо «sail») ва «walk» ифода меёбанд.

Маънои феъли «run», ки бевосита бо мафҳуми «ҳаракат» алоқамандӣ дошта, асосан, «ҳаракати тез, фаъол ва ҷӯшу хурӯш»-ро ифода мекунад. Ҳамин тавр, феъли матраҳгардидаро (вобаста аз ифодаи он дар матн) метавон бо феълҳои тоҷикии «давидан», «ба даву тоз даромадан, тохта даромадан, ба ҷойи дур тохта рафтан, нопадид шудан» («run too far»), «худро аз як тараф ба тарафи дигар андохтан, худро ин сӯ он сӯ партофтан, беқаророна ҷунбидан», «тез рафтан (давидан, гузаштан)», «таъқиб (дунболагирӣ) кардан, аз паи чизе (касе) давидан (афтодан)» (агар пас он пешоянди «after» ояд) ва ғайра ҳаммуодил ҳисобид. Феълҳои тоҷикии «таъқиб (дунболагирӣ) кардан, аз паи чизе (касе) давидан (афтодан)» ба феълҳои англисии «rush» ва «chase» аз лиҳози маъно мутобиқ аст.

Феълҳои англисии «come», «ride» («roll»), «swim», «fly», «fall», «climb», «crawl», «wander», «jump» дар навиштор ва гуфтор бештар бо феълҳои тоҷикии «омадан» (ҳамчунин «расидан, рафта расидан, омада расидан»), «рафтан, рафтуо (гардиш, сафар) кардан», «ғелида (ғеҷида) рафтан, сайр (сайру гашт) кардан», «шино кардан, шиноварӣ кардан, бо киштӣ сафар кардан», «тез ҳаракат кардан, шитобон роҳ рафтан, давидан, тохтан», «афтидан, ғалтидан», «ба боло рафтан, ба боло баромадан», «часпида баромадан», «хазидан, хазида рафтан, суст (оҳиста-оҳиста) роҳ гаштан», «роҳ гум карда гаштан, овора шуда гаштан, сарсону саргардон шудан», «гаштан, гаштугузор кардан, сарсарӣ гаштан, сайр кардан», «паридан, худро партофтан, ҷастан, ҷастухез кардан, ҷаҳидан, хез задан" шабоҳати наздик доранд.

Дар таснифи воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи "ҳаракат"-и забони тоҷикӣ мо ба назару андешаҳои забоншиносони маъруфи рус А.В. Кунин, Е.Ф. Арсентева такя намуда, воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи «ҳаракат»-ро аз нигоҳи сохтор ба қолабҳои зерин гурӯҳбанди намудем.

Нахуст, ВФФТ-и забони тоҷикиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем. Миқдори умумии онҳо ба 6 адад баробар буда, аз лиҳози қолабҳо дастабандӣ мегарданд. Яке аз хусусиятҳои хоси ин намуди ВФФ дар таркиби онҳо мавҷуд будани пасоянди «барин» ва пайвандаки «мисли» ба шумор меравад.

Аз ин хотир, мо ВФФ-и забони тоҷикиро вобаста ба сохтор ва ҷузъҳояшон ба таври зерин қолаббандӣ намудем:

А) ВФФ дуҷузъаи забони тоҷикӣ

1. **Noun+verb (Исм+Феъл).** Дар забони тоҷикӣ як миқдор қолабҳое мавҷуданд, ки онҳоро метавон сермаҳсул номид ва қолаби «Noun+Verb» (Исм+Феъл) яке аз онҳо ба шумор меравад. Шумораи ВФФ-е, ки ба воситаи қолаби мазкур сохта шудаанд, хеле зиёд буда, мо танҳо аз он ВФФ-е ёдовар мешавем, ки бевосита ба мафҳуми «ҳаракат» алоқамандӣ доранд, ба монанди*:*

по мондан. ВФФ мазкур дар фарҳангҳои фразеологӣ бо маъниҳои зайл омадааст: 1) роҳ гаштан, рафтан; 2) омадан. ВФФ ба воситаи алоқаи тобеъ сохта шудааст, яъне ҷузъи дуюм тобеи ҷузъи якум аст.

пой кашидан Дар воҳиди фразеологии мазкур мафҳуми «ҳаракат» ба воситаи феъли сохта ё масдари «рафтан» ифода ёфта, маънои «барои рафтан ба ҷое, пайдо шудани майлу рағбат»-ро соҳиб аст:**поям** ҳеҷ **намекашад,** яъне майли рафтан надоштан. Ҷузъи меҳварии ин намуд воҳидҳои фразеологӣ феъл буда, ҷузъи ёварашон исм аст.

роҳро буридан. Дар воҳиди фразеологии мазкур, мафҳуми «ҳаракат» ба воситаи масдари «рафтан» ифода меёбад**:** Бо роҳи ғайриасосӣ, бо роҳи наздик ба ҷое рафтан.

роҳ гирифтан. Ҷузъи асосии ин воҳиди фразеологиро феъли «гирифтан» созмон дода, мафҳуми «ҳаракат»-ро бо маънои «равон шуда, рафтан» инъикос мекунад.

роҳ кашидан. Дар воҳидии фразеологии ёдоваршуда, феъли таркибии «раҳсипор шудан» ба мафҳуми «ҳаракат» меояд.

роҳ паймудан. ВФФ-и мазкур бо маъниҳои роҳ рафтан, роҳеро тай кардан.

рӯй овардан. 1. Ба ҷое раҳсипор шудан, 2. ба касе муроҷиат намудан, 3. насиб шудан, 4. воқеъ шудан ба мафҳуми "ҳаракат" ишора мекунад, зеро ҷузъи меҳварии воҳидҳои фразеологии зикршуда феълҳое ба шумор мераванд, ки дар таркиби луғавии забон ҳамчун феълҳои ҳаракат маъмуланд.

Таъкидаш бачост, ки дар забони тоҷикӣ як миқдор воҳидҳои фразеологии феълие мавҷуданд, ки маънои луғавиашон бо маънои фразеологишон тавъам мебошад, яъне ҳам маънои луғавӣ ва ҳам маънои маҷозии феъл якранг аст. Ин намуд феълҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологии зерин ҳувайдо мегардад: **"по мондан"** бо феъли "роҳ гаштан.

Ҳамин тавр, дар муқоиса бо дигар намудҳои ВФФ миқдори ВФФ ифодакунандаи мафҳуми "ҳаракат", ки аз ду ҷузъ, яъне исму феъл иборат мебошанд, хеле зиёд буда, бархе аз онҳоро (**по мондан, пой кашидан, роҳ гирифитан, роҳро буридан, роҳ кашидан)** ба таври мисол мо дар боло шарҳ додем. Ҳамаи онҳо ифодакунандаи мафҳуми "ҳаракат" буда, дар таркиби ҷумла бо ҳамон маънӣ истеъмол мегарданд. Дар ду ВФФ ҷузъи якум исми мушаххаси "пой" ва дар се ВФФ- боқимонда исми мушаххаси "роҳ" ба назар мерасад, ки дар алоҳидагӣ онҳоро наметавон таҳлили луғавию маъноӣ намуд, зеро ҷузъҳои воҳидҳои фразеологӣ таҷзиянашаванда буда, ба сифати ибораи яклухт баромад мекунанд.

2. **Adverb+verb (Зарф+Феъл)**. Қолаби мазкур яке аз сермаҳсултарин қолабҳои созмондиҳандаи воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи «ҳаракат» дар забони тоҷикӣ ба шумор меравад, ки он аз ду ҷузъ – яке ҷузъи меҳварӣ, ки одатан феъл буда, дигаре ҷузъи ёвар, яъне зарф сохта мешавад: соявор гаштан / рафтан; девонавор давидан; гул-гулшукуфтанвамонандиинҳо.

3. Preposition+verb (Пешоянд+Феъл). Тавассути қолаби мазкур воҳидҳоифразеологии зерин сохта мешаванд:

ба пеш даромадан. ВФФ-и "ба пеш даромадан" асосан ба маънои "пешопеши касе ё шахсе ҳаракат кардан" ишорат намуда, бо мафҳуми "ҳаракат" ҳамбастагии зич дорад. Ҷузъи якуми он пешоянди аслии таркибии **ба пеш** ва ҷузъи дуюми он феъли сохтаи даромадан буда, ба воситаи алоқаи пешояндӣҷузъҳо ба ҳам пайваст шудаанд.

ВФФ-и сеҷузъаи забони тоҷикӣ. ВФФ-и сеҷузъа аз се ҷузъ иборат буда, ҷузъҳо ба якдигар ба воситаи ин ё он воситаҳои наҳвӣ пайваст мешаванд. Аз ин рӯ, дар зер он ВФФ-и сеҷузъаи забони тоҷикӣ, ки мавриди таҳлилу баррасии мо қарор гирифтаанд, ба чунин тарз дастабандӣ намудем:

Noun+adverb+verb (Исм+Зарф+Феъл). Ба воситаи қолаби мазкур ВФФ-е сохта мешаванд, ки бевосита бо мафҳуми "ҳаракат" алоқаманданд, ба монанди

пой сӯхта давидан. ВФФ-и мазкур маънои "тез, бо тамоми қувват давидан, шитобон давидан"-ро ифода мекунад. Аз лиҳози сохтори морфологӣ, ин ВФФ сеҷузъа буда, ҷузъи асосӣ феъли сохтаи "давидан" ва ҷузъҳои ёвар исму зарфи тарзи амал ба шумор мераванд.

Preposition+noun+verb. Ба воситаи қолаби мазкур асосан ВФФ-е сохта мешаванд, ки маънои **"**масофаеро тай кардан"-ро ифода мекунад, чунончи:

аз зери пой баровардан.Ҷузъи меҳварии ВФФ-и зикршуда феъли сохтаи "баровардан" буда, пешоянди макони "аз зери" ва исми "пой" ҷузъҳои ёвар ба шумор мераванд. Дар зери мафҳуми ВФФ-и мазкур "масофаеро тай кардан", яъне "масофаеро ҳаракат кардан" дарк карда мешавад.

Preposition+Noun+Verb. Дар созмони қолаби мазкур феъл ҷузъи меҳварӣ ба шумор рафта, воҳиди фразеологии феълӣ месозад: ба истеъмол даромадан, ба ҳаёт татбиқ шудан, ба чизе одат кардан; аз олам рафтан.

Яке аз вижагиҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологии ВФФ сеҷузъа аз дигар намуди воҳидҳо дар он аст, ки онҳо дар таркиби худ ҳам ибораҳои зарфӣ ва ҳам ибораҳои номии пешояндӣ доранд, яъне ба ин гурӯҳ воҳидҳои фразеологии феълие мансубанд, ки ба ҷузъи

онҳо ибораҳое марбутанд, ки дар вожаномаҳо чун зарфу исм бо пешоянд дар вазифаи зарф шарҳу тавзеҳ ёфтаанд: шафшаф гуфта шафтолу нагуфтан; аз аспи хаёлот фаромадан.

Noun+Participle II+verb. Дар забони тоҷикӣқолаби мазкур яке аз сермаҳсултарин қолабҳои сохташавии воҳидҳои фразеологии феълӣ маҳсуб ёфта, тавассути он фразеологизмҳои феълии зерини ифодакунандаи мафҳуми “ҳаракат” сохта мешаванд:

миёнро баста кор кардан. Дар воҳиди фразеологии феълии мазкур мафҳуми “ҳаракат” бо маънои “ба коре аз таҳти дил часпидан, бо кӯшишу ғайрат, нағз кор кардан” омадааст.

нихта карда мондан. Дар воҳиди фразеологии феълии мазкур мафҳуми “ҳаракат” бо маънои “ҳаракату ғайрат овардан” омадааст: “Касеро ба ҳаракату ғайрат овардан, ҳушёр кардан, дар бораи чизе огоҳонида мондан.Ҷузъи асосии воҳиди фразеологии мазкур феъли содаи “мондан” буда, бо дигар ҷузъҳо ба воситаи алоқаи тартиби калима пайваст шудааст.

Preposition+noun+verb. Қолаби мазкур яке аз сермаҳсултарин қолабҳои сохташавии воҳидҳои фразеологии феълӣ дар забони тоҷикӣ маҳсуб ёфта, ба воситаи он фразеологизмҳои феълии зерини ифодакунандаи мафҳуми “ҳаракат” сохта шудаанд:

ба аловгирӣ омадан (рафтан). Дар воҳиди фразеологии феълии ёдоваршуда, мафҳуми “ҳаракат” бо маънои “ба ҷое омада, дарҳол рафтанӣ шудан, дар ҷое таваққуф накарда, дарҳол рафтанӣ шудан, барои муддати кӯтоҳе омадан” омадааст.

Чӣ тавре ки аз қолаби ёдоваршуда маълум гардид ҷузъи меҳварии воҳиди фразеологии мазкур феълҳои «омадан» ва “рафтан ” буда, ба мафҳуми “ҳаракат ” ишорат мекунанд. Ҷузъҳо ё таркибҳои воҳидҳои фразеологии феълии зикршуда ба воситаи алоқаи пешояндӣ ба якдигар пайваст шудаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар забони тоҷикӣ сохтани воҳидҳои фразеологии феълӣ ба воситаи қолаби **Preposition+noun+verb** хеле маъмул буда, фразеологизмҳои феълии тавассути он сохташуда танҳо ба мафҳуми “ҳаракат” ишора мекунанд. Дар муқоиса бо дигар қолабҳо, воҳидҳои фразеологии феълие, ки тавассути ин қолаб сохта шудаанд, хеле бештар буда, мо дар зер зикри онҳоро зарур мешуморем:

ба канор баромадан. Дар воҳиди фразеологии феълии мазкур ҷузъи меҳварӣ феъли ҳаракати “баромадан” буда, пешоянди “ба” ифодакунандаи самту ҳаракати амал ва исми мушаххаси “канор” ҳамчун ҷузъи ёвар маҳсуб мешаванд. Агар ба маънои луғавии феъли “баромадан” назар афканем”, он бо маънои “аз қатор баромадан”, яъне “ҳаракат карда аз қатор баромадан”-ро ифода мекунад. Хусусияти фразеологии феъли ҳаракат, пеш аз ҳама, дар маънои луғавию грамматикии худи феъл таҷассум меёбад.

Аз кор сар набардоштан. Воҳиди фразеологии мазкур бо маънои “Ҳамеша бо кор андармон будан, машғули кор будан, бисёр кор кардан” мустаъмал мегардад.

Аз осмон афтидан. Дар воҳиди фразеологии мазкур ҷузъи асосӣ феъли ифодакунандаи ҳаракати “афтидан”, яъне ғалтидан буда, маънои “аз баландӣ, аз осмон, аз дарахт ва ғайра ба сӯйи замин афтидан”-ро ифода мекунад. Миқдори воҳидҳои фразеологие, ки дар таркиби худ феъли “афтидан”-ро доранд, хеле зиёд буда, хусусияти фразеологии он танҳо дар дохили ҷумлаву матн бозтоб мегардад: 1) ба тозагӣ ба ҷое омадан, нохост пайдо шуда моидан, 2) аз чизе бехабар, ғофил будан, то ал ҳол чизеро надонистан.

ВФФ чорҷузъаи забони тоҷикӣ. Чӣ тавре аз номаш пайдост, ВФФ чорҷузъа аз чор ҷузъи мустақил иборат буда, ҷузъҳо яке ба дигаре қодир аст, ки тобеъ гардад ва онҳо танҳо бар мабнои воситаҳои гуногуни грамматикӣ, амсоли пайвасту тобеъ, изофиву ҳамроҳӣ, вобастагиву пешояндӣ, пасояндиву тартиби калима, артикливу оҳанг сохта мешаванд. Аз ин лиҳоз, он ВФФ чорҷузъае, ки дар забони тоҷикӣ мустаъмаланд, ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ мешаванд:

Noun+pronoun+noun+verb. Ба воситаи қолаби мазкур ВФФ-е сохта мешаванд, ки ҷузъи меҳаварии онҳо масдар буда, дигар ҷузъҳо ба он тобеъ мегарданд. ВФФ-и ин қолаб дар асоси алоқаи ҳамроҳӣ, яъне ба воситаи исму ҷонишин ва исму феъл сохта шудаанд: нони касе равғанин (равғанӣ) шудан. ВФФ-и мазкур бо маъниҳои “кори касе пеш рафтан;

зиндагии нағз ба сар бурдан; имконияти даромадҳои ғайриқонунӣ муҳайё шудан” истеъмол мегардад.

Noun+pronoun+noun+verb. Ба воситаи қолаби мазкурВФФ-е сохта мешавад, ки маънои «Ба ҷое бисёр рафту омад кардан”-ро ифода мекунад, амсоли: ҷое (чизе)-ро охӯрча кардан: Ба шарофати вай **остонаи осиёро охӯрча мекардагӣ** шуда мондӣ [8, саҳ. 790].

Numeral+noun+adjective+verb. Ба воситаи қолаби мазкур ВФФ-е сохта мешаванд, ки маънои “роҳи дурро дар андак вақт тай кардан, тез роҳ гаштан, дар муддати кӯтоҳе ба ҷое рафта расидан”-ро ифода мекунад, ба монанди “ду қадами расо кардан”: Хабари омад-омади Мӯсоро шунида роҳи байни қишлоқ ва шаҳрро, ки қариб ду километр меомад, **ду қадами расо карду** ба меҳмонхона ҳозир шуд [9, саҳ. 424].

Noun+pronoun+Participle II+verb. Тавассути қолаби номбурда ВФФ-е сохта мешаванд, ки маънои “зуд, бошитоб, саросемавор гурехтан”-ро ифода мекунад, амсоли “думи худро хода карда гурехтан”.

ВФФ панҷҷузъаи забони тоҷикӣ

Аз номаш пайдост, ки ин намуди ВФФ аз панҷ ҷузъ ё таркиб иборатанд. Дар муқоиса бо дигар навъҳои ВФФ доираи истеъмоли ин намуд ВФ хеле маҳдуд аст. Ҳамин тариқ, он ВФФ панҷҷузъае, ки дар раванди таҳқиқ дарёфт гардиданд, ба қолабҳои зерин дастабандӣ намудем:

Noun+Participle II+noun+Participle II+verb. Ба воситаи қолаби мазкур ВФФ-и зерин сохта мешаванд: **кафшро монда, патакро пӯшида (гирифта) давидан.** Агар ба сохтори ВФФ-и мазкур таваҷҷуҳ намоем, ҷузъи меҳварии он сифати феълии “монда” ва феъли сохтаи “давидан” буда, ҷузъи боқимонда – исмҳои модии “кафш” ва “патак” ба шумор мераванд. Ҷузъҳои ВФФ-и зикршуда ба воситаи алоқаи ҳамроҳӣ бо якдигар пайваст шудаанд, ки маънои: 1) тез, саросема давидан, 2) бо тарсу ҳавли ҷон гурехтан”-ро ифода мекунанд.

Noun+Pronoun+noun+Participle II+verb. ВФФ-е, ки ба воситаи қолаби мазкур сохта шудааст, бо мафҳуми “ҳаракат” алоқамандии зич доранд: **кафшро зери (ба) бағал карда (гирифта) давидан**. ВФФ-и мазкур маънии “тез, телба, саросема давидан”-ро ифода мекунад.

3. **Noun+adjective+post position/ conjunction+verb**. Дар созмони қолаби мазкур ба ғайр аз исму феъл боз пайвандак иштирок намуда, ҷузъҳои воҳидҳои фразеологиро ба ҳам мепайвандад: **мурғи посӯхта барин давидан**. Феъл дар воҳидҳои фразеологии мазкур ҷузъи асосӣ маҳсуб ёфта, зарфи тарзи амал сохтори воҳидҳои фразеологиро муайян мекунад.

Дар таркиби воҳидҳои фразеологии феълии забони тоҷикӣ як миқдор ибораву таркиботе мавҷуданд, ки ҷузъҳои онҳо таҷзиянашаванда ва аз нигоҳи маъно воҳидҳои устувор буда, дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ вазифаи исмро иҷро мекунанд: кучо ки хоҳӣ рав, чор тарафат қибла! Ба мағзу устухон даромадан, одат шудан.

Гузашта из ин, дар раванди таҳлилу баррасии сарчашмаҳо, мо ба як қатор воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи “ҳаракат”-е дучор шудем, ки феълҳои дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ буда дар таркиби худ ҳиссачаи инкории “не”-ро соҳибанд: *ба сар наомадан, ба хотир нарасидан, ба ёд наомадан*. Дар чунин навъи воҳидҳои фразеологӣ мавқеи феъл чун ҷузъи меҳварӣ ҳамеша дар охири воҳидҳои фразеологӣ аст.

Таъкидаш барҷост, ки дар забони тоҷикӣ як миқдор воҳидҳои фразеологии феълие истеъмол мегарданд, ки дар созмони онҳо ба ғайр аз феълу исм боз зарф ҷой дорад, ки ин навъ воҳидои фазеологӣ бо қолаби Adverb+verb маъмул аст: **кореро бар маҳал кардан, саросемагӣ кардан, хеле пеш рафтан**.

Дар таркиби баъзе воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи “ҳаракат” ибораҳои зарфӣ, исмӣ, ҷонишинӣ ва пешояндӣ мушоҳида мешавад. Воҳидҳои фразеологии феълие, ки яке аз ҷузъҳои онро зарфҳои аз исмҳо сохташуда ташкил медиҳанд, бештар ба назар мерасад: *баробар қадам задан, баробар ҳампо будан, созиш кардан*.

Ҳамин тариқ, аз он маводе ки мавриди таҳқиқу таҳлил ва муқоисаву муқобалаи мо қарор гирифт, метавон ба хулосае омад, ки дар сохтори воҳидҳоифразеологии ҳар ду забон умумият, шабоҳат ва тафовути феълҳои ифодакунандаи мафҳуми "ҳаракат" зиёданд. Масалан, танҳо феъли англисии «go» дар забони тоҷикӣ ба феълҳои «рафтан», «раҳсипор шудан», «сафар кардан» ва дар баъзе ҳолатҳо, ба феълҳои «даромадан» ва «баромадан» мувофиқат мекунад. Яке аз вижагиҳои фарқкунандаи феъли тоҷикии «рафтан» аз гунаи англисии он «go» дар он зоҳир мешавад, ки бо ҳамроҳ кардани пешоянду зарфҳои мухталиф ба феъли «go», он ба худ тобиши нави маъноиро касб мекунад, ба монанди: «баромадан» – «go out», «рафтан» – «go away», «гузаштан» – «go through», «омадан» – «go over», «боло баромадан, ба сӯйи боло равона шудан» – «go up», «поён шудан, ба суйи поён фуромадан» – «go off» ва монанди инҳо, ки дар мисоли ВФФ пурра бозтоб мегарданд.

Адабиёт

1. Авалиани Ю.Ю. Исследование в области сложного глагола и глагольной фразеологии курдского языка: автореф. дис. ... канд. филол. наук / Ю. Ю. Авалиани. – Тбилиси, 1969. – 32 с.
2. Азимова М. Воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ва англисӣ дар шарҳи муқоисавӣ-типологӣ/ М. Азимова. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2014. – 180 с.
3. Камолиддинов Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ/ Б.Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1992. – 128 с.
4. Маҷидов Ҳ. Ибораҳоифразеологӣватаркибҳоифеълӣ / Ҳ. Маҷидов // Мактаби советӣ. – 1986. – № 2. – С. 10-14.
5. Ожегов С.И. О структуре фразеологии // Лексикографический сборник. – Вып. 2. – М., 1957.
6. Рубинчик Ю.А. Основы фразеологии персидского языка. – М.: Наука, 1981.
7. Сабзаев С.М. Дар бораи як вазифаи синтаксисии ибораҳоифразеологӣ / С.М. Сабзаев // Мактаби советӣ. – 1975. –№4. –С. 24-26.
8. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷ. 1. / М. Фозилов. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1963. – 953 с.
9. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷ. 2. / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 805 с.
10. Mansur Shaki. Principles of Persian Bound Phraseology. – Prague, 1967.

Literature

1. Avaliani, U.U. Research in the field of complex verbs and verbal phraseology of the Kurdish language: Author's abstract of dissertation ... Candidate of Philological Sciences / Yu. Yu. Avaliani. – Tbilisi, 1969. – 32 pages.
2. Azimova, M. Phraseological units of the Tajik and English languages in a comparative-typological explanation / M. Azimova. – Khujand: Me'roj, 2014. – 180 pages.
3. Kamoliddinov, B. Stylistic features of Tajik grammar / B. Kamoliddinov. – Dushanbe: Maorif, 1992. – 128 pages.
4. Majidov, H. Phraseological expressions and verbal constructions / H. Majidov // Soviet School. – 1986. – No. 2. – Pp. 10–14.
5. Ozhegov, S.I. On the structure of phraseology // Lexicographical Collection. – Issue 2. – Moscow, 1957.
6. Rubinchik, Yu.A. Fundamentals of the phraseology of the Persian language. – Moscow: Nauka, 1981.
7. Sabzaev, S.M. On one syntactic function of phraseological expressions / S.M. Sabzaev // Soviet School. – 1975. – No. 4. – Pp. 24–26.
8. Fozilov, M. Dictionary of fixed expressions of modern Tajik language. Vol. 1 / M. Fozilov. – Dushanbe: Nashrdattoj, 1963. – 953 pages.

9. Fozilov, M. Dictionary of fixed expressions of modern Tajik language. Vol. 2 / M. Fozilov. – Dushanbe: Irfon, 1964. – 805 pages.
10. Mansur Shaki. Principles of Persian Bound Phraseology. – Prague, 1967.

УКД 82

РЎЗГОР ВА ОСОРИ УСТОД РЎДАКӢ ДАР ПАЖЎҲИШИ УСТОД САДРИДДИН АЙНӢ

Мустафозода Нафиса
муовини директор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии институти сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ. E-mail:nafisa82@inbox.ru

Аннотатсия. Мақолаи пешниҳодшуда ба таҳлили рӯзгор ва мероси адабии устод Рӯдакӣ дар осори таҳқиқотии устод С.Айнӣ бахшида шудааст. Дар он саҳми барҷастаи Айнӣ дар омӯзиш, бозшиносӣ ва муаррифии шахсияти Рӯдакӣ ҳамчун нахустин шоири бузурги адабиёти тоҷик баррасӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: пажуҳиш, осор, тазкира, манбаъ, адабиёти форсӣ – тоҷикӣ, шеър, забони паҳлавӣ, шахси саховатпеша

ЖИЗНЬ РУДАКИ В ИССЛЕДОВАНИЯХ САДРИДДИН АЙНИ

Мустафозода Нафиса
заместитель директора по науке и международным отношениям Института туризма Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат филологических наук. E-mail:nafisa82@inbox.ru

Аннотация. Предлагаемая статья посвящена анализу жизни и литературного наследия устода Рудаки в исследовательских трудах устода Садриддина Айни. В ней рассматривается выдающийся вклад Айни в изучение, переосмысление и представление личности Рудаки как первого великого поэта таджикской литературы.

Ключевые слова: исследование, произведения, наследие, антология, источник, персидско-таджикская литература, стихотворение, язык пехлеви, благодетель.

THE LIFE OF RUDAKI IN AYNI'S RESEARCH

Mustafozoda Nafisa
Deputy Director for Science and International Relations of the Institute of Tourism of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Philological Sciences. E-mail:nafisa82@inbox.ru

Annotation.The proposed article is dedicated to the analysis of the life and literary heritage of Ustod Rudaki in the research works of Ustod Sadriddin Ayni. It examines Ayni's outstanding contribution to the study, reinterpretation, and presentation of Rudaki's personality as the first

Keywords: research, literary heritage, biographical anthology, source, Persian–Tajik literature, poem, Pahlavi language, great poet of Tajik literature.

Яке аз шоирони бузурги асрҳои 1Х-Х, ки дар шаъни «пойтахти давлати Сомониён – шаҳри Бухоро мадҳияҳо гуфтааст ва забони форсии нав – забони адабии тоҷикии навбамайдономадаро ба дараҷаи бисёр баланд баровардааст, аз шоирони муосири худ унвони «Султони шоирон»-ро гирифтааст ва то имрӯз дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ин унвон ва сифати устодии худро нигоҳ доштааст, устод Рӯдакӣ буд»,-менависад устод Садриддин Айнӣ [1.134].

Устод Садриддин Айнӣ дар Рӯдакишиносӣ саҳми бориз доранд ва масъалаҳое, ки ҳангоми таҳқиқ ва пажӯҳиши рӯзгор ва осори Рӯдакӣ диққати ӯро пайваста ба худ кашидаанд, ба андешаи мо, пеш аз ҳама инҳоянд:

1.Дар бораи ҷои таваллуд, сабаби тахаллус, ном ва куняти устод Рӯдакӣ ривоятҳои гуногун мавҷуд аст. Бештарини тазкиранависон, мисли Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар «Лубоб-ул-албоб» (ХШ), Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» (ХУ), Лутфалибеки Озар дар «Оташкада» (ХУ11) куняти ӯро Абулҳасан гуфта, аз номаш гап намезананд. Ҷои зода шуданашро деҳаи Рӯдаки Бухоро менависанд. Баъзе тазкиранависон, мисли муаллифи «Хизонаи омира» -Ғуломалихони Озод (ХУ11) Рӯдакиро самарқандӣ мешуморад, вале аз ному куняташ чизе намегӯяд. Аз рӯи чунин хулосаҳои устод С. Айнӣ маълум мешавад, ки маълумотҳои тазкиранависони номбурда чандон саҳеҳ нестанд. Аммо аз тадқиқоти охирӣ (дар замони С.Айнӣ.М.Н), ки дар қадимтарин манбаъҳои Шарқ ба кор бурда шудааст, маълум мешавад, ки ном, унвон ва куняти ин солори шоирон Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Ҳаким ибни Абдураҳмон ибни Одам буда, ҷои зодашудааш Рӯдак ном як деҳаи Самарқанд будааст.

Устод С.Айнӣ барои дурустии ин маълумот матни манбаъҳоеро, ки ном, кунят ва зодгоҳи шоирро нишон медиҳанд, ба тафсил баён мекунад. Аз ҷумла устод ба маълумоти муаллифи «Китоб-ул-ансоб» - Тамимии Самъонии Марвазӣ такя намуда, аз ин китоб дар зери моддаи «Ал-банҷӣ» навиштаи зеринро меоварад: «Панҷ деҳаест аз деҳаҳои Рӯдак яке аз ноҳияҳои Самарқанд ва ин деҳаро Панҷрӯдак ҳам мегӯянд» (1.134). Пас дар ҳамин китоб дар зери моддаи «Ар-Рӯдакӣ» навишта шудааст: «Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар бинни Муҳаммад бинни Ҳоким, бинни Абдураҳмон, бинни Одам аст, ки девонаш дар мамлакатҳои форсизабон даргард аст ва мегӯянд, ки аввалин касест, ки шеъри форсии покизаи хуб гуфтааст…» [1.135].

Дар ҳамин китоб, дар охири шарҳи моддаи «Ал-банҷӣ» аз ҷумла гуфта шудааст: «Рӯдак-Абӯсаид Идриси Ҳофиз гуфтааст, ки қабри Абӯабдулло Рӯдакии машҳур дар ҳамин Рӯдак аст ва ин дар пушти бӯстони Панҷрӯдак аст, зиёрат карда мешавад ва ман зиёрат кардам» (1.135). Самъонӣ маълумоташро дар бораи Рӯдакӣ аз рӯи нақли Абӯсаид Идрисӣ овардааст. Вай аввалин ровии Рӯдакӣ мебошад, ки тақрибан соли 1015, яъне баъд аз 60 соли вафоти Рӯдакӣ дар Самарқанд даргузаштааст. Ривояти Самъонӣ ба ҳақиқат наздик мебошад.

Ҳамчунин Самъонӣ (асри Х11) дар «Китоб-ул-ансоб» дар зери моддаи «Ал-Идрисӣ» дар бораи шахсиятҳое, ки ба ӯ дар бораи Рӯдак ва Рӯдакӣ нақл кардаанд, низ маълумот медиҳад. Идрисӣ ҳамчунин мусаннифи таърихи Самарқанду Астаробод будааст. Михаил Занд дар ин масъала асосан ба Садриддин Айнӣ ва маълумоти ӯ такя кардааст. Ақидаи Давлатшоҳро, ки номи шоирро Абулҳасан меномад, рад мекунад ва Рӯдакиро аз табақаи аҳли меҳнат медонад ва байти зеринро мисол меорад:

Аз хору полик он ҷое расидам, ки ҳаме,
Мӯзаи чинӣ мехоҳаму аспи тозӣ.

Устод Садриддин Айнӣ ақидаи ба сабаби руднавоз будан тахаллуси Рӯдакӣ гирифтани шоирро рад мекунад ва таъкид мекунад, ки «Рӯдакӣ хитоб ёфтани ин устоди бузург бинобар аз деҳаи Рӯдак будани ӯст» [1.136].

2. Масъалаи дигаре, ки устод ба он эътибори ҷиддӣ додааст, масъалаи аз модар нобино зода шудану дар 8-солагӣ «Қуръон»-ро азёд кардани Рӯдакӣ мебошад. Устод Садриддин Айнӣ аз рӯи чунин далелҳо комилан кӯри модарзод будани Рӯдакиро тарафдорӣ кардааст:

а). Аввал таъкид менамояд, ки «баъзе касон дар нобинои модарзод будани устод Рӯдакӣ шубҳа мекунанд» ва «…як нобино ин қадар фазлу камолро ба кадом роҳ омӯхта, ба ин дараҷа шоири забардаст ва мусиқанавози моҳир шуда метавонист» мегӯянд. Устод С.Айнӣ таъкид менамояд, ки ин шубҳаҳо нодурустанд ва аз таърих нобиноҳое, ки нобиғаи илму адабиёти ҷаҳон шудаанд, номбар мекунад: файласуфи машҳури араб Абулъулои Маарӣ (974-1050), Тоҳирхоҷа Зарири Бухорӣ (ваф.1890, падари маънавии Шамсиддин Шоҳин). Аз ҷумла устод С.Айнӣ дар Бухорои асри Х1Х Мирхоҷа ном касеро мешинохтааст, ки нобино зода шуда, марди фақиду донишманд будааст. Бинобар ин ба қавли Садриддин Айнӣ мутрибӣ, шеърхонӣ ва бадеҳагӯии Рӯдакӣ дар айёми бачагӣ ба камбизоатии ӯ

далолат кунад, дар 8-солагӣ «Қуръон»-ро ҳифз карданаш ҳаминро нишон медиҳад, ки нобино будааст.

Устод меғӯяд, ки «…агар Рӯдакӣ бино мебуд, аз рӯи одати муқаррарӣ баъд аз хату савод баровардан, ки ин кор ба алифбои араб пеш аз даҳсолагӣ муяссар намешуд, ба «Қуръон»-азёдкунӣ медаромад» [1.136].

б). Илова ба ин, Садриддин Айнӣ кӯри модарзодии Рӯдакиро дар асоси чунин далелҳо асоснок намудааст:

Далели аввал. Шеъри шоири асри Х Абӯзироа:

Агар ба давлат бо Рӯдакӣ на ҳамсонам,
Аҷаб накун сухан аз Рӯдакӣ на кам донам.
Агар ба кӯрии чашм ӯ биёфт гетиро,
Зи баҳри гетӣ ман кӯр буд натвонам.
Ҳазор як з-он к-ӯ ёфт аз атои мулук,
Ба ман диҳӣ, сухан ояд ҳазор чандонам.

Садриддин Айнӣ аз рӯи маълумоти тартибдиҳандаи «Намунаи адабиёти Эрон» Абӯзироаро пеш аз Рӯдакӣ зикр кардааст. Пас, маълум мешавад, ки пеш аз Рӯдакӣ вафот кардааст. Устод ба номи Абӯзироа ин қитъаро низ овардааст:

Ҳар он касе, ки набошад зи ахтараш иқбол,
Бувад ҳама ҳунари ӯ ба халқ номақбул.
Шуҷоаташ ҳама девонагӣ, фасоҳат ҳашв,
Сухан – казифу каримӣ – фасоду фазл – фузул.

Устод Садриддин Айнӣ ба қавли Абӯзироа – шоири ҳамасри Рӯдакӣ эътимоди комил дорад, вале аз мундариҷаи ҳарду шеъри Абӯзироа маълум мешавад, ки ӯ чизпараст, ҳавобаланд, норизо аз ҳама, ҳасадбаранда ба дигарон будааст. Аз ҳамин сабаб андешаи дигар низ пайдо мешавад, ки магар чунин шахс гапи рост мегӯяд ё газоф?

Далели дуввум. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» дар бораи аз Ҳиндустон ба Эрон оварда шудани қиссаи «Калила ва Димна» ва ба арабӣ тарҷума шудани он ҳикоя намуда, аз ҷумла дар бораи аз арабӣ ба форсӣ-дарӣ тарҷума ва аз ҷониби Рӯдакӣ назм шудани он овардааст:

…Бифармуд, то порсии дарӣ,
Бигуфтанду кӯтоҳ шуд доварӣ.
Гузорандаро пеш биншонданд,
Ҳама номаро бар Рӯдакӣ хонданд.
Бупайваст гӯё парокандаро,
Бисуфт инчунин дурри огандаро.

Ба қавли устод Садриддин Айнӣ, агар Рӯдакӣ кӯри модарзод намебуд, тарҷумаи «Калила ва Димна»-ро пеши ӯ намехонданд. Ба андешаи мо, соли таълифи қиссаи «Калила ва Димна», ки 932 аст ва агар Рӯдакӣ дар ин вақт кӯр карда шуда бошад, маълумоти Фирдавсӣ низ шифоҳӣ аст, бинобар ин эътимоднок нест.

Далели саввум. Рӯдакӣ дар шеър ва мусиқӣ шӯҳрат дошт. Ин ду ҳунар ба қавли устод Садриддин Айнӣ, ба ҳам алоқаи сахт дошт, ӯ монанди шоирони халқӣ созро ба даст гирифта шеър мегуфт ва шеърҳои ӯ ба тарзи бадеҳа иншо мешуданд. Устод ин ҷиҳатро низ ба кӯр будани Рӯдакӣ вобаста медонист.

3. Масъалаи дигар ба дарбор рафтани Рӯдакӣ ба хоҳиши худ, ё бо даъвати амирони сомонӣ мебошад. Садриддин Айнӣ мегӯяд, ки ба дарбор «Рӯдакӣ ариза дода нарафтааст. Насри 11 бинни Аҳмади Сомонӣ шӯҳрати ӯро дида, ӯро ба дарбор даъват кардааст» (1.139). Ин ақидаашро устод Садриддин Айнӣ бо чунин далдел тасдиқ месозад, ки «…Сомониён дар ривоҷи шеъру адабиёт, забони форсӣ-тоҷикӣ, маданияти миллӣ кӯшиши зиёд доштанд. Бинобар ин, Рӯдакӣ барин таланти модарзодро ба дарбор ҷалб намудаанд» [1.140].

Вале Рӯдакӣ дар байте таъкид мекунад, ки ӯ ба дарбор бо хоҳиши дил, аз рӯи ҳисси меҳанпарастӣ омадааст. Ин ақидаро Х. Мирзозода, ки яке аз муҳаққиқони ҳаёт ва эҷодиёти Рӯдакӣ маҳсуб меёбад, низ дуруст мешуморад ва барои далел аз забони Рӯдакӣ ин байтро намуна овардааст:

Раҳи савору ҷавону тавонгар аз раҳи дур,
Ба хидмат омад некӯсиголу некандеш [3.58].

Дар асоси ҳамин байт ақидаи Михаил Занд ба ақидаи Х.Мирзозода ва устод С.Айнӣ монанд аст. Ӯ мегӯяд, ки таъбири «ба хидмат омад» ҳамин ғояи ватандӯстию меҳанпарастиро ифода менамояд. Лекин сабаби асосии ба дарбор омадани Рӯдакӣ, ба фикри мо, ҳаёту муҳити адабии Бухоро, ки маркази илму адабиёт ва фарҳанг буд, низ мебошад. Маълум аст, ки Рӯдакӣ дар ин муҳити адабӣ обрӯю эътибори зиёд пайдо кард, ҳамаи шоирони ҷавони давр гирди ӯ ғун шуданд: Дақиқӣ, Муродӣ, Шаҳиди Балхӣ, Фароловӣ, Шокири Бухороӣ, Масъуди Марвазӣ, Сипеҳрии Бухороӣ, Дақиқӣ, Хусравонӣ, Хусравии Сарахсӣ, Абулҳасан Оғочӣ, Мантиқии Розӣ, Мунҷиқи Тирмизӣ ва чанде дигарон шогирдони мактаби адабии ӯянд ва ҳар кадоме дар ҳаққи ӯ мадҳияҳо гуфтаанд.

Касе аз душманони ғоявии Рӯдакӣ ба «Ароис-ун-нафоис» ном асари Рӯдакӣ забон расонидааст. Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар ҷавоб ба мудофиаи Рӯдакӣ мегӯяд:

Эй он ки таън кардӣ дар шеъри Рӯдакӣ,
Ин таън кардани ту зи ҷаҳлу зи кӯдакист!
К-он кас ки шеър донад,донад, ки дар ҷаҳон,
Соҳибқирони шоирӣ устод Рӯдакист [7.24].

Абулфазли Балъамии вазир, волии Хуросон, дӯсти Рӯдакӣ дар бораи Рӯдакӣ мегӯяд: «Рӯдакӣ пешқадамтарини ҳамасрони худаш аст, дар шеъри форсӣ дар замони худ, ки дар Араб ва Аҷам монандаш нест». Дар бораи яке аз мавзеъҳои Хуросон, Самарқанд, Бухоро, Марв истироҳат кардани амири Бухоро ва қасидаи «Васфи Бухоро» гуфтани Рӯдакӣ дар сарчашмаҳо маълумотҳои гуногун омадааст. Дар ин масъала устод Садриддин Айнӣ мисли Михаил Занд ба ақидаи Давлатшоҳи Самарқандӣ розӣ нест, ки қасидаи «Васфи Бухоро»-ро аз таъсир холӣ номидааст. Ба ақидаи устод Садриддин Айнӣ сабки Рӯдакӣ дар қасида «саҳли мумтанеъ» мебошад. Дар бораи санъати шеър устод ду фикрро ба ҳам муқобил мегузорад:

а). Яке аз онҳо ҳар гуна муболиғаҳои аз ақл берун, ташбеҳ, истиора ва киноятҳои ғайритабиӣ ва лафзбозиро санъат мешуморанд, С.Айнӣ Давлатшоҳи Самарқандиро аз ҳамин гурӯҳ медонад.

б). Гурӯҳи дигар содагию табиӣ будани шеърро санъат мешуморанд ва устод муаллифи тазкираи «Оташкада» Лутфалибеки Озарро аз ҳамин гурӯҳ мешуморад.

4.Рӯдакӣ аз адибони форсу тоҷик аввалин касест, ки аз шеърҳои худ девон мураттаб намудааст, ки дар байни форсизабонон машҳур будааст. Мероси адабии Рӯдакӣ хеле бой будааст. Ҷомӣ дар «Баҳористон» шеъри ӯро сад дафтар ва аз «Шарҳи Яманӣ» нақл карда, «ҳазор ҳазору сесад байт будааст» мегӯяд (6.86). Рашиди Самарқандӣ (асрҳои Х1-Х11) бошад, «як миллиону сесад ҳазор» гуфтааст, вале аз ин мероси бой хеле кам боқӣ мондааст (мувофиқи тадқиқотҳои солҳои охир, махсусан маълумоти «Донишномаи Рӯдакӣ», (ҷ.1.Д.2008, саҳ.16 миқдори ашъори боқимондаи устод Рӯдакӣ 1047 байтро дарбар мегирад), ки дарвоқеъ қатрае аз баҳр мебошад.

5. Устод Садриддин Айнӣ дар бораи таърихи қиссаи «Калила ва Димна» муфассал маълумот медиҳад. Аз ҷумла мегӯяд, ки ин қисса дар аҳди халифа Маҳдӣ 782 мелодӣ аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума шуд. Устод Рӯдакӣ ин китобро ба хоҳиши Наср ибни Аҳмади Сомонӣ бо назм ба забони форсии дарӣ тарҷума кардааст. Аз ин китоб, ӯ ки мувофиқи ишораи Михаил Занд 12 ҳазор байт будааст, танҳо як байт:

Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

ва чанд мисраъ дар «Луғати Ҳофизи Убаҳӣ» ва «Маҷмаъ-ул-фурсӣ»-и ӯ бо номи Рӯдакӣ боқӣ мондаасту халос. Вазнаш рамали мусаддаси мақсур (арконаш -фоъилотун, фоъилотун, фоъилон) мебошад [1.142].

Устод Садриддин Айнӣ ба Рӯдакӣ «Ароис-ул-нафоис»-ро нисбат додааст, ки аз он чизе боқӣ намондааст. Ӯ инчунин ду байтро аз «Луғати Ҳофизи Убаҳӣ» оварда, ба Рӯдакӣ мансуб донистааст:

Зераш Аторуд, он ки нахонам ҷуз дабир,
Як номи ӯ Аторуду як номи ӯст Тир.
(доир ба илми ҳайат)
Заръу зиръ аз баҳор шуд чу биҳишт,
Заръ кишт асту зиръ гунаи кишт.

Хулосаи устод доир ба ин байт чунин аст, ки Рӯдакӣ инчунин як луғати арабӣ-тоҷикии манзум низ навишта будааст.

1. Масъалаи сарвату боигарии Рӯдакӣ низ диққати устод

Айниро ба худ ҷалб намудааст ва ӯ дар ин бобат маълумоту ишораҳои таърихиро меоварад, ки гуногунанд. Асбоби сафари ӯро ба қавли Ҷомӣ 400 шутур мекашид ва 200 ғулом пешхидмат дошт [6.86]. Худи Рӯдакӣ мукофотҳои гарон гирифтанашро таъкид кардааст:

Бидод мири Хуросон-ш чил ҳазор дирам,
Дар ӯ фузунии якпанҷи мири Мокон буд.
Зи авлиёш пароканда низ ҳашт ҳазор,
Ба ман расид бад-он вақт, ҳоли хуб он буд [8.77].

Ё Унсурӣ дар ин қасидаи худ ба муносибате мегӯяд:

Чиҳил ҳазор дирам Рӯдакӣ зи меҳтари хеш,
Ато гирифт ба назми Калила дар кишвар.

Ба қавли устод Садриддин Айнӣ, аз Рӯдакӣ боигарию сарват ва зару зеваре боқӣ намондааст, ӯ шахси саховатпеша буд ва ҳар чи дошт, сарф карда буд ва далели ин андеша аз қасидаи «Шикоят аз пирӣ» байте овардааст, ки ин аст:

Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,
Асо биёр, ки вақти асову анбон шуд [8.77].

Устод Садриддин Айнӣ ҳаёти Рӯдакиро ба чор давра ҷудо кардааст:

1. Бачагӣ ва наврасӣ.
2.Ҷавонӣ.
3.Баркамолӣ ва миёнсолӣ.
4.Пирӣ.

Ба қавли Садриддин Айнӣ давраи бачагӣ ва наврасии ӯ бо қуръоназёдкунӣ, мусиқиомӯзӣ гузашт, ҳамин маҳсули адабиаш дар давраи ҷавонӣ, баркамолӣ ва миёнсолӣ ба вуҷуд омадааст. Намунаҳо аз ин давра хеле кам аст. Намунаҳо аз давраи пирӣ бештар аст.

Дар давраи пирӣ Рӯдакӣ аз тарафи синфи ҳоким зулму ситам дидааст. Ин дар баъзе ашъори тарҷумаиҳолии ӯ сабт шудааст. Аз ҷумла:

Дар манзили ғам фиканда мафраш моем,
Ҳам дида пуробу дил пуроташ моем.
Олам чу ситам кунад, ситамкаш моем,
Дасти хуши рӯзгори нох(в)аш моем [8.72].

***

Ҷуз ҳодиса ҳаргиз талабам кас накунад,
Як пурсиши гарм ҷуз табам пас накунад.
Гар ҷон ба лаб оядам, ба ҷуз мардуми чашм,
Як қатраи об ба лабам кас накунад [8.70].

Дигар ин ки дар пирӣ ҳамчунин аз ёру дӯстон, шогирдон ҷудо шудааст. Яке аз марсияҳои Рӯдакӣ дар ҳаққи Шаҳиди Балхӣ чунин аст:

Корвони Шаҳид рафт аз пеш,
В-они мо рафта гиру меандеш.
Аз шумори ду чашм якто кам,
В-аз шумори хирад ҳазорон беш [8.92].

2. Устод ашъори Рӯдакиро аз ҷиҳати мавзӯъ ва мундариҷа

чунин ба гурӯҳҳо ҷудо намудааст:

-Ҷӯшу хурӯши ҷавонӣ;
-Таъриф ва тавсифи шароб;

-Суруди хӯшиҳои зиндагӣ;
-Таърифӣ;
-Бахшиш;
-Эҳсон ва шуҷоати подшоҳ;
-Насиҳат;
-Фалсафаи зиндагӣ;
-Шикоят аз пирӣ ва афтодагии худ;
-Дарду ҳасрат ва марҳумиҳо.

Чуноне ки устод Садриддин Айнӣ қайд мекунад Рӯдакӣ «ҳар кадоми ин мавзуъҳоро ҳақиқатан устодона ва рӯдакиёна сурудааст ва ҳамаи тасвирҳояш нодиракорона баромадаааст» [1.154].

9.Садриддин Айнӣ мегӯяд, ки забони шеъри Рӯдакӣ бисёр сода ва ҳамафаҳм аст, ӯ калимаҳои арабиро бисёр кам кор мефармояд ва аз суханҳои форсӣ-тоҷикӣ ҳам бештар содатарин ва оммафаҳмтаринашро чида гирифта ба кор мебарад. Рӯдакӣ хошок, дом, хархаша ва фартут барин калимаҳои кӯчагии тоҷикиро ҳам ба кор даровардааст. Устод Садриддин Айнӣ ҳамчунин илова менамояд, ки «ҳар гоҳ касе, ки аз шеърҳои ӯ «аёл не, зану фарзанд не, маунат не…» барин мисраъҳоро хонад, шунаванда гумон мекунад, ки як деҳқони нохондаи тоҷик ба ҳамдеҳаи худаш гап зада истодааст» [2.18].

10. Рӯдакӣ умри дароз дидааст. Ӯ дар аввали қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-аш мегӯяд:

Маро бисуду фурӯ рехт ҳар чи дандон буд,
Набуд дандон, ло бал чароғи тобон буд…[8.75].

Бо вуҷуди пирӣ таъкид мекунад устод Айнӣ Рӯдакӣ зиндадил будааст. Аломати зиндадил будани Рӯдакӣ дар ин факт рӯшан мегардад, ки дар пирӣ риши хешро ранг мекардааст. Хусравонӣ, ки шоири муосири ӯст, мегӯяд:

Аҷаб ояд маро зи мардуми пир,
Ки ҳама ришро хизоб кунанд.
Ба хизоб аз аҷал ҳаме нараҳанд,
Хештанро чаро азоб кунанд?

Ҷавоби Рӯдакӣ:

Ман мӯи хеш на аз он мекунам сиёҳ,
То боз навҷавон шаваму нав кунам кулоҳ.
Чун ҷомаҳо ба вақти мусибат сиёҳ кунанд,
Ман мӯй аз мусибати пирӣ кунам сиёҳ [8.90].

Мо кӯшиш кардем, дар ин 10 нукта муҳимтарин паҳлуҳои назари устод Садриддин Айниро ҳамчун рӯдакишинос баррасӣ намоем. Инҳо масъалаҳоеанд, ки устод тавассути факту далелҳои ба ақл боваршаванда ҳаллу фасл намуда, ба муҳокимаи мухлисони адабиёт пешниҳод намудаанд, ки имрӯз ҳам дар омӯзиши ҳаёт ва осори устод Рӯдакӣ бениҳоят судманданд.

Адабиёт:

1. С.Айнӣ.Куллиёт.Ҷ.2.Китоби1. - Душанбе: Нашрдавлтоҷ., 1963.
2. М.Занд. Соҳибқирони шоирӣ-устод Рӯдакист.-Сталинобод: Нашрдавлтоҷ.,1958.
3. Х.Мирзозода.Рӯдакӣ-асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик.-Сталдинобод:Нашрдавлтоҷ.,1958.
4. А.Тоҳирҷонов. Ҳаёт ва эҷодиёт, таърихи омӯзиш.-Ленинград,1968.
5. С.Саъдиев.Ҳақиқат зодаи баҳс аст.-Садои Шарқ,1968,№ 1, саҳ.15-43.
6. А.Ҷомӣ. Баҳористон (Таҳияи Аълохон Афсаҳзод). - Душанбе: Ирфон, 1966.
7. Донишномаи Рӯдакӣ. Иборат аз 4 ҷилд, ҷиди 1(А-К) Мураттибон: Муллоаҳмад М., Азизқулов Ҷ., Исрофилниё Ш., Қаландаров Ҳ., Муҳаммадӣ Ш. ва диг.-Душанбе, 2008.
8. Рӯдакӣ. Девон. Душанбе – 2008. ҶДММ «Рафиграф», 160 саҳ.

Literature:

1. S. Aini.Collection.Vol.2.Book1.-Dushanbe: Nashrdavltoj., 1963.

2. M. Zand. Poetic masters-master Rudakist.-Stalinobod: Nashrdavltoj.,1958.
3. H. Mirzozoda. Rudaki-the founder of classical Persian and Tajik literature.-Stalinobod: Nashrdavltoj.,1958.
4. A. Tohirjonov. Life and creativity, history of learning.-Leningrad,1968.
5. S. Saadiyev. Truth is the birth of debate.-Sadoi Sharq,1968, No. 1, pp.15-43.
6. A. Jomi. Bahoriston (Edited by Alokhan Afsakhzod). - Dushanbe: Irfon, 1966.
7. Rudaki's Encyclopedia. Consisting of 4 volumes, series 1 (A-K). Compiled by: Mulloahmad M., Azizkulov J., Isrofilniyo Sh., Qalandarov H., Muhammadi Sh. and others.-Dushanbe, 2008.
8. Rudaki. Devon. Dushanbe – 2008. LLC "Rafigraf", 160 p.

УКД: 82

МИРСАИД МИРШАКАР - ТАРАННУМГАРИ ҲАЁТИ КӮДАКОН

Мустафозода Нафиса
муовини директор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии институти сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ. E-mail:nafisa82@inbox.ru

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур осори бачагонаи Мирсаид Миршакар мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар эҷодиёти шоир олами кӯдакон бо ҳама рангорангӣ, содагӣ ва покизагии худ инъикос ёфта, зиндагии ҳаррӯзаи кӯдакон, орзуву ҳиссиёти онҳо, бозӣ бо забони содаю равон тасвир ёфтааст.

Калидвожаҳо: адабиёт, шоир, дӯстӣ, ҳикоя, афсона, тарзи тасвир, жанр, адиби бачагон, ашъор, ватан.

МИРСАИД МИРШАКАР -ДЕТСКИЙ ПОЭТ

Мустафозода Нафиса
заместитель директора по науке и международным отношениям Института туризма Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат филологических наук. E-mail: nafisa82@inbox.ru

Аннотация.В данной статье анализируется детское творчество Мирсаида Миршакара. В поэзии поэта мир детей отражён во всей своей яркости, простоте и чистоте; повседневная жизнь детей, их мечты и чувства, игры изображены простым и плавным языком.

Ключевые слова: литература, поэт, дружба, рассказ, сказка, стиль изображения, жанр, детский писатель, поэзия, родина.

MIRSAID MIRSHAKAR - A CHILDREN'S POET

Mustafozoda Nafisa
Deputy Director for Science and International Relations of the Institute of Tourism of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Philological Sciences. E-mail:nafisa82@inbox.ru

Annotation. This article analyzes the children's works of Mirsaid Mirshakar. In the poet's creativity, the world of children is reflected in all its diversity, simplicity, and purity; the everyday life of children, their dreams and emotions, as well as their games, are depicted in a simple and fluent language.

Keywords: literature, poet, friendship, story, fairy tale, style of depiction, genre, children's writer, poetry, homeland.

Мирсаид Миршакар ба адабиёти муосири тоҷики ибтидои солҳои сиюм ба қавли устод С.Айнӣ ҳамчун «адиби насли комсомол» ворид шуда, то вопасин рӯзҳои ҳаёташ дар ду ҷабҳа - барои бачаҳо ва ҳам барои калонсолон асарҳои баландмазмуну хондanӣ офаридааст [1.64].

Осори адабии М.Миршакар барои бачаҳо ғанӣ ва гуногунжанру серпаҳлу буда, аз ҷиҳати мавзӯю мундариҷа, забону услуб, тарзи тасвир, жанру хусусиятҳои бадеӣ ҳанӯз дар давраи дар қайди ҳаёт будани шоир дар мақолаву рисолаҳои ҷудогонаи адабиётшиносони тоҷик мавриди тадқиқу баррасӣ карор гирифта буд. Ҷ.Бобокалонова дар рисолаи «Мирсаид Миршакар адиби бачагон» (1958), «Материалҳо оид ба адабиёти бачагонаи советии тоҷик» (1976), Р. Амонов дар «Таърихи адабиёти советии тоҷик» (ҷилди VI, «Адабиёти бачагона», 1982), Юсуф Акбаров дар «Адабиёти бачагона диққати ҷиддӣ металабад», М.Муллоҷонов

«Росташро гӯям» (дар «Маҷмӯаи мақолаҳо оид ба адабиёти бачагона» (1967), инчунин адабиётшиносон Х.Мирзозода, С.Табаров, А.Сайфуллоев, Ҳ.Шодиқулов ва дигарон оид ба паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти Мирсаид Миршакар ва набзи шеърҳои бачагонаи ӯ муфассал сухан рондаанд.

Шеърҳои аввалини Мирсаид Миршакар мазмун ва хусусияти ташвиқотӣ дошта, кӯдаконро ба меҳнат, хизмат ба ватан, рафоқату дӯстӣ ва амсоли ин даъват менамуданд. Шеъри нахустини М. Миршакар "Маймунаки заб- қизиқ" унвон дошта, соли 1937 чоп шудааст. Асарҳои ба бачагон бахшидаи шоир аз ҷиҳати, ғоя, шакл, услуб ва мазмуну мундариҷа гуногун буда, дар шакли суруд, тарона, чистону афсона, масалу достон ва драма иншо шудааст. М. Миршакар қабл аз ҷанг як зумра асарҳои адибони русро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Ин аст, ки асарҳои бачагонаи "Маймунаки заб-қизиқ" (1937), "Гурбачаву сагбача"(1939), "Дар ҷангал"(1940) зери таъсири асарҳои С. Михалков, С. Маршак ба вуҷуд омадаанд.

Маҷмӯаи ашъори бачагонаи шоир бо номи " Ашӯлаҳо барои октябрятҳо" (1941) ва қисми зиёди шеърҳои маҷмӯаи "Қаҳрамон мешавам", "Ман лочинам", "Киштичаи хушрӯяк", "Винтовкаҷонам", "Танкча", "Фотоаппарат" ва монанди инҳоро васфи ватан ва садоқат бо он ташкил додааст. Қаҳрамони ин суруду таронаҳо кӯдакон буда, дар ҷараёни бозӣ аз рӯи фаҳмиш ва тасаввуроти худ садоқат ва меҳру муҳаббати худро ба Ватан изҳор месозанд.

Асарҳои эпикие, ки шоир дар солҳои сиюму чилум офаридааст, ба вижа достонҳои "Ливои зафар", "Чашма ҳикоят мекунад", "Мо аз Помир омадем" қобили таваҷҷӯҳ буда, ба дилу дидаи хонандаи хурдсол нақши муассире мегузорад. Бахусус достони "Мо аз Помир омадем" диққатҷалбкунанда буда, тасвири сафар ва саёҳати бачагони Помир ба Москва, ягонагию ваҳдати халқҳои гуногунмиллат бо як услуби хос ба қалам омадааст, ки бо як хондан дар лавҳи хонандаи хурдсол нақш мебандад. Бо ифодаи Абдусалом Деҳотӣ "Достони "Мо аз Помир омадем"- и М.Миршакар аввалин манзумаи бачагон аст, ки дар он идеяи муҳаббат ба Ватан бо услуби шавқоваре мувофиқи завқ, характер ва психологияи бача ифода ёфтааст". Достони "Мо аз Помир омадем" намунаи беҳтарини назми бачагонаи тоҷики асри ХХ маҳсуб ёфта, аз ҷиҳати шаклу услуб ба маснавӣ монанд аст. Образҳои кондуктори мӯйсафед, бачагони ба Москва сафаркунанда ва образи қаҳрамони лирикӣ – шоир хеле шинаму ҷолиб ба қалам омада, таассурот ва ҳаяҷони шодиовари бачагон бо забони содда, равон, ибораҳои ҷолиб ва обу ранги бадеӣ муассир тасвир ёфтааст [2.251].

М.Миршакар чун шоир ва тараннумгари ҳаёти озод барои бачагону наврасон дар рӯзҳои вазнини ҷанг низ асарҳо офаридааст. Маҳсули индавраинаи эҷодиёти адиб достони "Федка" ва "Неъмат" маҳсуб ёфта, дар онҳо ва дигар ашъори шоир тасвири муҳорибаҳои майдони ҷанг, ҳаёти бачагон дар ақибгоҳ, рафоқат ва дӯстӣ, ки аз мавзӯҳои муҳими ашъори шоир ба ҳисоб мераванд, ба қалам омадааст.

Агар ба эҷодиёти баъдиҷангии М. Миршакар назар афканем давраи сермаҳсултарин ба ҳисоб меравад. Дар ин давра асарҳои ӯ аз ҷиҳати шакл, мазмуну мундариҷа ва ҳусни баён тибқи талаботи давр густариш ёфта, мавзӯи сулҳу озодӣ, дӯстии халқҳо, тасвири ҳаёти бачагони Шарқ ривоҷ ёфтаанд. Маҳсули ҳаминдавраинаи эҷодиёти адиб шеърҳои "Бозии ҳарбӣ", "Гунҷишкак", "Самолёт ва уқоб", "Киштии орзу", "Бачагони Ҳиндустон", "Хобу барфу бод", "Дугонаҳо", "Қалами ман", "Гул кун ҳамеша", "Рост мегӯям", "Рақси зебо", "Чистонҳои Бобосалом", "Нағзакак хонед", "Қобил чист, ноқобил кист?", "Чистонҳо", "Аввали боҳор", "Беҳтарин фарзанд", "Эй ватани азиз" ва ғайраҳо мебошанд [5].

Ҳаҷвияҳои шоир дар равияи бадеҳаҳои халқӣ навишта шуда, хислатҳои манфӣ, амсоли тамбалӣ, дурӯғгӯй, гарданшахӣ, меҳнатгурезии кӯдаконро бо як зарофату ҳазли намакин фош мекунад. Шеърҳои "Қобил чист, ноқобил кист?", "Қаламашро гум кардааст", "Дар хондан қафомонда", "Дар шаби моҳтоб" аз беҳтарини ашъори ҳаҷвии Мирсаид Миршакар ба ҳисоб мераванд.

Нақши М.Миршакар дар драматургияи бачагонаи тоҷик низ чашмрас буда, пйесаҳои "Қишлоқи тиллоӣ", "Тошбек ва Гулқубон", "Байрақи мактаб", "Шаҳри ман" ва ғайра аз

маҳорати нигорандагии шоир шаҳодат медиҳанд. Дар баробари ин М. Миршакар барои пешрафти адабиёти бачаҳо чун мунаққиду муҳаққиқи варзида бо маърӯзаву мақолаҳои “Барои кори пурсамари эҷодӣ”, “Дар бораи китобҳо барои хуртаракон”, “Ин бисёр муҳим” “Дар бораи адабиёти бачагона”, “Панҷ соли адабиёти бачагон” баромад намуда, аз бурду бохти он дар адабиётшиносии тоҷик масъалагузорӣ намудааст.

Маҷмӯа шеъру ҳикояҳои “Онҳоро дӯст медорам" – и Мирсаид Миршакар, ки аз шеърҳо ва қиссаҳои муҳими адабиёти бачагона — тасвири хаёти бачагони кишвари хориҷӣ эҷод шудааст, дар эҷодиёти адиб мақоми хосса дорад. Дар маҷмӯа тарзи тасвир ва ҳунари офарандагии М.Миршакари нависанда дорои вижагиҳои назаррасу омӯзанда аст. Аз ин лиҳоз, маҷмӯа аз ду қисм – қисми аввал "Бачагони Ҳиндустон" (силсилаи шеърҳо), дуюм намунаи насри бадеии нависанда бо унвони қиссаҳои "Айёми шибоби Бирбал ва Акбар" ва "Дурдонаҳои Амрита" фароҳам омадааст. Силсила 17 шеъру манзумаҳои шоирро дарбар мегирад, ки аз ҷиҳати мавзӯю мазмун мустақилмаъно бошанд ҳам, ба ҳам алоқаи мантиқӣ доранд ва ин пайвастагӣ бештар аз ҷиҳати ғоя эҳсос мешавад. Шеърҳои силсила «Фарқ набудаст», «Ҷони ман Ромиш», «Магар санг ҳам дил дорад?», «Пойгаҳи хуршеду рӯз», «Гунҷишкак», «Медонӣ чаро?», «Афсона», «Ашки модар» аз ҷиҳати мавзӯю мундариҷа ба табиат, синну сол ва ҷаҳонбинии бачагони хурдсолу наврас мувофик эҷод шудаанд. Шеърҳои фавқ аз ҷиҳати интихоби мавзӯъ, банду басти композитсионӣ дар доираи талаботу махсусиятҳои назми бачагона иншо шудаанд.

М.Миршакар чун адиби ҳолдони табиату ҷаҳони бачагон аз сӯҳбату вохӯриҳо бо бачагони ҳинд, олами андеша, диди иҷтимоиву сиёсӣ ва завқи эстетикии онҳоро амиқ дарк карда, хонандаи хурдсолро ба кишвари афсонавии Ҳинд ба сайри таърихӣ мебарад, онҳоро бо ҳолу аҳволи ҳамсолони ҳиндуяшон шинос мекунад, дар бораи ҳамсолони хориҷии бачагони тоҷик, ки ҳоло ҳам ба айби олами сармоя берун аз мактабанд, нақл мекунад. Нақли шоир воқеӣ ва табиӣ буда, аз забони ҳиндубачаҳо, падару модари онҳо ё ровиёни дигар, ки шоир бо онҳо ҳамсӯҳбат шудааст, баён мешавад. Аз ҷумла, ҳангоме ки М.Миршакар образи Ромиш, Амрита, Кумар, модари ҳиндӣ ва наклу ривоятҳои воқеиро аз ҳаёту зиндагии мардуми Ҳиндустон нақл мекунад, хонанда гумон мекунад, ки ӯ на як рӯзу ду рӯз, балки солҳои зиёде бо онҳо зис- тааст. Зеро шоир фарди дардошно буда, дарди ин бачаҳо, нияту омоли онҳоро ҳамчун дарду идеали худ эҳсос мекунад, ҳамроҳ бо персонажҳояш роҳи наҷот меҷӯяд, онҳоро зафарманду сарбаланд дидан мехоҳад. Шоирро сӯҳбатҳои фардӣ бо ҳиндубачаҳои камбағал, муколама ва суолу посух бо онҳо, кунҷковию ҳозирҷавобии ин бачаҳо ба ваҷд меорад, бинобар ин образи онҳо дар либоси шеър рангу ҷилои тоза пайдо мекунад, муассиртар мегардад.

Бачагон ҳар куҷое бошанд, серҳаракат, сода, шӯх, бекина ва ростгӯю ҳозирҷавобанд. Диққати онҳоро ҳама чиз - манзараҳои табиат, одамони неку бад, воқеаҳои аҷоибу сеҳрангез, хикояву қиссаҳои шӯрангез дар бораи одамони машҳур, асрори табиат ва паррандагон ба худ мекашанд. Онҳо ба сирри ҳар ҳодисаву моҷароҳои зиндагӣ бесаброна сарфаҳм рафтанӣ мешаванд. Масалан, дар шеъри «Ҷони ман Ромиш» Ромиши хурдсол аз падар сабаби дарозумрии фил ва кутоҳумрии гургро пурсон мешавад, падар дар ҷавоб заволёбанда будани зулму бедодиро бо таъбири «Умри золим кӯтох беҳ», «Рӯзаш сиёҳ беҳ» шарҳ медиҳад, ки хеле зарифона садо медиҳад [7.130].

Дар силсилаи шеърҳои «Бачагони Ҳиндустон» мавзӯи ватандӯстӣ ва тарбияи рӯҳи башарпарварии бачагон ҷои асосӣ дорад. Шоир дар шеърҳои «Дарахти банан», «Магар санг ҳам дил дорад?» ҳамин руҳи башардӯстонаю озодипарастӣ, олами маънавӣ ва тадриҷан тағйирёбии шуури синфии коргарбачагони наврасро, ки ояндаи Ҳиндустони имрӯзаанд, тасвир мекунад.

Шеърҳои «Хобгоҳи хуршеду рӯз», «Гунҷишкак», «Медонӣ чаро?», «Афсона», «Мансури кунҷкову гапдон» низ хеле самимию шавқовар ва ба табъи наврасон мувофиқ эҷод шудаанд. Шоир бо ин шеърҳояш таъкид мекунад, ки халқи Ҳиндустон истиқлолияти миллӣ ба даст оварда бошад ҳам, аҳволи бачагону наврасонаш вазнин аст, онҳо пурра ба таҳсил фаро гирифта нашудаанд. Камбағалбачаҳо ба сабаби тангдастӣ ба ҷои таҳсил ва

донишомӯзӣ, истироҳат аз хурдсолӣ шарики ташвиши кору фаъолияти волидайни худ мебошанд. Мо дар шеъри «Ашки модар» ҳамин маъниро пурра дармеёбем. Шоир ин ҷо чор лаҳзаи ашкрезии модари Кумарро тасвир менамояд. Аввал, лаҳзаи ба кор гусел кардани писараш, сипас, ҳангоми бо ҳар гуна хурданиҳо дар даст аз кор баргаштани Кумар, сеюм, вақте ки Кумар аз кор бо дасти хушку холӣ меояду модару писар хурдание надоранд. Дар ин лаҳзаҳо модар ашк мерезад. Яке ашкест, ки аз муҳаббату дилсӯзии модар ба писараш сар мезанад, дигаре ашкест, ашки ифодаи орзуи он ки акнун писараш меҳнат мекунаду аҳволашон беҳ мешавад, сеюм ашкест аз тангдастӣ. Вале боре Кумар барвақт ба хона баргашт, ки чашмонаш аз шодӣ медурахшиданд. Вақте ки Кумар сабаби шодиашро ба модар арз мекунад ва мегӯяд, ки имрӯз се харфро бо маъниаш азёд кардааст, аз рӯи пурожанги модар дар ҳақиқат ашки шодӣ ҷорӣ мегардад ва Кумар бори аввал аз ашки модар шод мешавад [9.212].

Дар маҷмӯа манзумаи «Чашмае дар кӯҳсор», «Таронаи Нури Иноят» низ ҳастанд, ки ба хонандагон аз таърихи муҳаббати деҳқонписар Кумар ва дехқондухтар Амрита, аз ватандӯстию шуҷоатмандии фарзанди халқи ҳинд Нур Иноятхон, ки аз дасти истилогарон кушта шудааст, хикоя мекунад.

Қиссаҳои «Айёми шибоби Бирбал ва Акбар» ва «Дурдонаҳои Амрита» натиҷаи таассуроти сафари шоиранд. Қиссаи «Айёми шибоби Бирбал ва Акбар» аз рӯи ҳикояти ронандаи мӯйсафед, ки шоир бо ёронаш бо ӯ сӯҳбат доштаанд, эҷод шудааст. Шоир дар ин хусус аз забони мӯйсафед чунин овардааст: «Ин ҳикояҳоро, ки ҳоло дар васфи Акбару Бирбал аз забони ман мешунавед, на ба ягон нависанда тааллуқ дораду на дар ягон ҷое чоп шудаанд ва барои рост ё дурӯғ будани онҳо зомин шуда наметавонам... Ба ҳар ҳол, дар ҳар яки онҳо заррае, нимзаррае нури ҳақиқат ҳаст, ки аз шуниданашон дил равшан ва бар чеҳраи кас табассум гул мекунад» [9.201].

Қисса аз 15 ҳикоя иборат аст, ки ҳар яки он аз ҷиҳати мундариҷа давоми якдигар буда, сужети умумии қиссаро комил мегардонанд. Услуб ва тартиби нақли ҳикояҳо усули қиссагӯии адабиёти классики форсу тоҷикро ба хотир меоранд. Ҳикояҳо бо усули ҳикоя андар ҳикоя омада, дар муъҷазию мушаххасии мазмун саҳми ровӣ, махсусан, нависанда намоён шудааст. Ӯ барои пайвастани мундариҷаи ҳикояҳо, талқини ғояи асосӣ ва устувор гардонидани робитаи маънавии образҳои марказии ҳар ҳикоят маҳорати баланд нишон додааст. Ҳарчанд ҳикояҳо маҳсули нақли мӯйсафед аст, вале сирф бофтаи хаёли ӯ нест, ҷузъиётҳои онро нависанда ба воситаи аснодҳои таърихӣ омезиш дода, ҳикояҳоро реалию воқеӣ ба риштаи тасвир кашидааст. Нақлу ривоятҳо тавассути хаёли бадеии нависанда оҳанги нав, ҷилои тоза, рӯҳи тарбиявию эстетикӣ пайдо кардаанд. Дар қисса аз ибтидо то анҷом сухан аз дӯстии намояндагони ду табақаи ҷамъияти Ҳиндустони нимаи дуюми асри ХУ1 — камбағалбача Бирбал ва шоҳзода Акбар меравад. Қисса аз ҷиҳати мавзӯъ "Шоҳзода ва гадо"-и Марк Твенро ба хотир оварад ҳам, вале аз ҷиҳати мундариҷа, ғоя ва тарзи тасвир мухтасоти худро доро аст. Дар ҳамаи ҳикояҳои қисса баҳсу мунозираҳои ашрофзодагон бо Бирбал, муколама ва саволу ҷавобҳои ӯ, аз ҷумла як силсилаҳикояҳои ҳикматноку таърихӣ аз забони Бирбал ва Акбар тасвир меёбад. Аз **МАЗМУНИ ҲИКОЯҲО** бармеояд, ки барои адолатпеша, маданиятдӯст ва фуқаропарвар шудани Акбаршоҳи ҳиндӣ таъсир ва тарбияи Бирбали донишманд низ хеле калон аст. Аз ин лиҳоз, мутафаккирони гузаштаи адабиёти форсу тоҷик зарурати дар назди шоҳ будани ашхоси донишманду фозилро борҳо таъкид кардаанд ва дар ин мавзӯъ рисолаҳои илмию асарҳои бадеии зиёде таълиф намудаанд.

М.Миршакар ҳам барои равшан гардонидани образи Бирбал, ба хонанда нишон додани донишу заковати ӯ, таъкид кардани ниёзи шоҳон ба мардони донишманд аз нақлу ҳикматҳои халқӣ фаровон истифода бурдааст. Сониян, нависанда унвони ҳикояҳоро мувофиқи мазмуни онҳо интихоб кардааст, ки аксар вақт ба афоризмҳои халқӣ шабоҳат доранд. Ин тарзи таркиббандӣ низ хусусияти услубӣ дошта, барои ҳифзшавию хотирнишинии мазмуни хикояҳо имконияти хуб фароҳам меоварад.

Қисса диққати хонандаро ба муҳимтарин масъалаҳои зиндагӣ аз ҷумла ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, тарзи давлатдорӣ, урфу одат, анъанаҳои миллии халкҳои Ҳинд, одобу ахлоқи

подшоҳони гузашта ва вокеаҳои таърихии Ҳиндустони нимаи дуюми асри ХУ1 ҷалб менамояд. Қисса дар замири ин нақлу ривоятҳо орзую умеди чандинасраи халқи ҳиндро дар худ мунъакис намудааст. Бо ҳамин, М.Миршакар таъкид менамояд, ки дӯстии Бирбали донишманд ва шоҳзода Акбарро халқи Ҳиндустон ба қиссаи шӯрангезе табдил додаанд, ки қисме аз ин орзую хаёли онҳо пас аз истиқлолияти миллӣ ҷомаи амал пӯшидааст.

Маҳорати нигорандагию санъаткории М.Миршакар, махсусан, дар эҷоди қиссаи «Дурдонаҳои Амрита» хеле намоён гардидааст. Нависанда дар эҷоди қисса аз китоби "Наш друг - дельфин"-и олимон В.Белькович, С.Клейненберг ва А.Яблоков илҳом гирифтааст. «Дар навиштани ин қисса,-навиштааст М. Миршакар,- мададгор ва илҳомовари ман китоби «Наш друг – дельфин» буд». Қиссаи "Дурдонаҳои Амрита" аз 15 фасл иборат аст. Ҳар фасли қисса мазмуну мундариҷаи мустақил дошта, аз силсилаи нақлу ривоятҳои аҷоибу ғароиб, фантастикию воқеӣ иборат аст. Ин услуби баён дар ҳамаи фаслҳои қисса давом кардааст. Дар қисса амалиёти қаҳрамонҳо ва муколамаи онҳо дар ҳар фасл бо овардани силсилаи нақлу ривоятҳо ифода меёбад. Ҳар фасл аз ду, се ва ё чор ҳикоя иборат буда, дар шакли ҳикоят андар ҳикоят омадааст, ки пас онҳо ба як сужети умумӣ пайваст шудаанд. Ин тарзи ҳикоябандӣ дар насри ривоятии классикӣ роиҷ буд, ҳарчанд дар адабиёти муосири тоҷик ҳодисаи нав набошад ҳам дар насри бачагонаи муосири тоҷик ҳодисаи нав ва сухани тоза аст. Махсусан, тарзи сарлавҳагузории нависанда пеш аз ин дар эҷодиёти адибони дигар кам мушоҳида мешавад. Масалан, фасли аввал ба силсилаи чунин ҳикояҳо: «Бо номи ишқ ба сафар баромадам», «Ҳабсхонаи баҳрӣ на дар дошту на девор», «Бобои 27-сола соҳиби набераю абера» ё худ фасли сеюм бо ҳикояҳои «Шикори тимсоҳ», «Дӯстии ман бо делфинҳо ва омӯхтани забони онҳо», «Наҳангшаклон ба чор гурӯҳ тақсим мешаванд», «Аз як то 280 дандон» оғоз меёбанд. Минбаъд ҳамин усули сарлавҳагузорӣ ва тасвир дар тамоми фаслҳои қисса давом мекунад.

Бо вуҷуди хеле зиёд ва печ дар печ будани нақлу ривоят ва ҳикояҳо М.Миршакар аз ӯҳдаи ҳалли масъалаҳои асосии қисса, монанди – тасвири муҳаббати Ромиш ва Амрита, муносибати инсон бо делфинҳо, инъикоси мавзӯи дӯстӣ – башардӯстӣ, муборизаи халқи ҳинду барои саодату хушбахтии Ҳиндустон ва ғайра хеле хуб баромадааст. Хонандаи наврас ва ҷавони тоҷик аз рӯи тарҷумаи бадеии осори адабии халқҳои дигар, намоишномаҳои сайёҳат бо кинокамера, олами ҳайвонот ва филмномаҳои тасвири бадеӣ дар бораи дӯстии инсону делфин тасаввурот дорад. Қиссаи «Дурдонаҳои Амрита»-и М.Миршакар аввалин асарест, ки онҳоро бевосита ба делфинҳо, авлодҳои гузаштаю имрӯзаи онҳо, табиат ва ҷиҳатҳои ба инсон наздики делфинҳо, имкониятҳои номаҳдуди ақли инсон дар мисоли Ромиш шинос менамояд. Хонанда аз рӯи нақли қаҳрамони асосии қисса Ромиш, ки бо делфинҳои дарёи Ганг ва делфинҳои баҳрӣ дӯстӣ ва рафту омад пайдо карда, забони онҳоро омӯхтааст, бо ёрии делфинҳо аз марг наҷот ёфта, барои маҳбубааш Амрита аз қаъри баҳр **дурру** гавҳари қиматбаҳо овардааст, доир ба бисёр масъалаҳои баҳсталаб, фарзияҳои илмӣ оид ба ақлу заковати делфинҳо ҷавоби саҳеҳтару дурусттар пайдо карда метавонад.

Ба ҳамин тариқ, М.Миршакар на танҳо дар назм, инчунин дар насри бадеӣ маҳорати баланд дошта, дар пайдоиш, устуворшавӣ ва ташаккули минбаъдаи адабиёти бачагонаи тоҷик саҳми бузург гузоштааст.

Адабиёт:

1. С.Айнӣ.Куллиёт.Ҷ.2.Китоби1.-Душанбе: Нашрдавлтоҷ., 1963. 360с.
2. Деҳотӣ А. Куллиёт. Ҷ.1. -Душанбе: Ирфон. 1965.- 373с.
3. Мажнунов.А “Миршакар ва фолклор” //А.Мажнунов маҷаллаи “Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ”.- “Миршакар ва фолклор”.- №3.-2023.-с 172, 178.
4. Миршакар М. Асарҳои мунтахаб / М. Миршакар.-Душанбе:Ирфон.- 1982.- 433 с
5. Миршакар М. Куллиёт./ М. Миршакар.Куллиёт: ҷилди се.Душанбе:- Ирфон:-1974.- 414 с
6. Миршакар М. Куллиёт./ М. Миршакар.Куллиёт: ҷилди ду. Душанбе. -Ирфон.- 1971.- 336 с

7. Миршакар. М. “Ғунчаҳои хандон” / М. Миршакар. “Ғунчаҳои хандон”. Душанбе:- Маориф. -1981.-222с

8. Миршакар.М. “Қишлоқи тиллоӣ” / М.Миршакар. “Қишлоқи тиллоӣ”-Душанбе: ҶДММ “Сифат чоп”.- 2023.-95 с

9. Миршакар. М. Куллиёт. / М. Миршакар. Куллиёт: ҷилди як. Душанбе.-Ирфон.- 1970.- С. 382.

Literature:

1. S.Aini.Collection.Vol.2.Book1.-Dushanbe: Nashradavltoj., 1963. 360p.

2. Dehoti A. Collection. Vol.1. -Dushanbe: Irfon. 1965.- 373p.

3. Majnunov.A. “Mirshakar and folklore” //A. Majnunov magazine “Issues of humanities”.- “Mirshakar and folklore”.- №3.-2023.-p. 172, 178.

4. Mirshakar M. Selected works / M. Mirshakar.-Dushanbe: Irfon.- 1982.- 433 p.

5. Mirshakar M. Collection./ M. Mirshakar.Collection: volume three.Dushanbe:- Irfon:- 1974.- 414 p

6. Mirshakar M. Collection./ M. Mirshakar.Collection: volume two. Dushanbe. -Irfon.- 1971.- 336 p

7. Mirshakar. M. “Laughing buds” / M. Mirshakar. “Laughing buds”. Dushanbe:-Maorif. -1981.-222 p

8. Mirshakar.M. “Golden village” / M. Mirshakar. “Golden village”-Dushanbe: LLC “Sifat chap”.- 2023.-95 p

9. Mirshakar. M. Collection. / M. Mirshakar. Collection: volume one. Dushanbe.-Irfon.- 1970.- P. 382.

УДК 80

МАСОИЛИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ ҶОНИШИНҲО ДАР ЗАБОНШИНОСӢ

Неъматова Бибиқанд Мабатхонова
номзади илмҳои филологӣ и.в.дотсенти кафедраи забон ва фарҳанги факултети гуманитарӣ педагогии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Email: bibijon07@mail.ru

Аннотатасия. Аз нигоҳи забоншиносон ва мутахассисони ҷонишинҳо то имрӯз ақидаи ягона ташаккул наёфтааст. Дар забоншиносӣ нисбат ба муайян намудани ҷонишин ҳамчун ҳиссаи нутқ андешаҳои гуногун вуҷуд доранд. Бояд зикр намуд, ки истилоҳи «ҷонишин» таърихи тӯлонӣ дар забоншиносӣ дорад ва чуноне ки дар манбаъҳои илмӣ қайд шудааст, ҳангоми ворид шудани баъзе фарҳангҳои асримиёнагӣ ҷонишинҳо бо истилоҳи арабии «замир» номбар мегардиданд. Масъалаи ҷонишинҳо дар забоншиносӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва асосӣ ба шумор меравад.Он ҷанбаҳои гуногунро дар бар гирифта, як қатор масъалаҳоро равшан месозад, ки бидуни тавзеҳи онҳо муайян намудани таркиби ин гурӯҳи калимаҳо ва хусусиятҳои онҳо имконнопазир аст. Омӯзиши ҷонишинҳо на танҳо дар доираи забонҳои алоҳида, балки дар забоншиносии умумӣ низ аҳамияти калон дорад.

Калидвожаҳо: ҷонишин, намудҳои ҷонишинҳо, таснифи ҷонишинҳо, забоншиносӣ, забонҳои бадахшонӣ, забони вахонӣ, сохтори семантикӣ, синтаксис, аломатҳои морфологӣ, шумора.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ИЗУЧЕНИЯ МЕСТОИМЕНИЙ В ЛИНГВИСТИКЕ

Неъматова Бибиканд Мабатхоновна
кандидат филологических наук, и. о. доцента кафедры языка и культуры гуманитарно-педагогического факультета Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Email: bibijon07@mail.ru

Аннотация: С точки зрения лингвисты и специалисты по местоимениям не пришли к однозначному мнению. В лингвистике существуют разные мнения по поводу определения местоимения как части речи. Следует отметить, что термин «местоимение» имеет долгую историю в лингвистике, и как упоминалось в руководствах, при введении некоторых средневековых культур местоимения перечисляются с арабским термином «замир». Проблема местоимений в языкознании является одним из важнейших и основных вопросов. Оно имеет различные аспекты и освещает ряд вопросов, без их пояснений невозможно определить состав этих слов и их характеристики. Изучение местоимений важно не только в пределах отдельных языков, но и в общем языкознании.

Ключевые слова: местоимение, виды местоимений, классификация местоимений, лингвистика, памирский языки, ваханский язык, семантическая структура, синтаксис, морфологические признаки, число.

THEORETICAL ASPECTS OF THE STUDY OF PRONOUNS IN LINGUISTICS

Nematova Bibqand Mabatkhonovna
candidate of Philological Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Language and Culture, Faculty of Humanities and Pedagogy, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Email: bibijon07@mail.ru

Annotation: From a theoretical perspective, linguists and specialists in the study of pronouns have not yet reached a unified or unequivocal consensus. In linguistic scholarship, diverse viewpoints exist regarding the definition of pronouns as a part of speech. It should be noted that the term *pronoun* has a long-standing history in linguistics; as documented in scholarly manuals, with the introduction of certain medieval intellectual traditions, pronouns were designated by the Arabic term *zamir*. The problem of pronouns constitutes one of the most fundamental and significant issues in linguistics. It encompasses multiple dimensions and addresses a range of questions, without the clarification of which it is impossible to determine the inventory of pronouns and their defining characteristics. The study of pronouns is therefore essential not only within the framework of individual languages, but also within the domain of general linguistics.

Keywords: pronoun, types of pronouns, classification of pronouns, linguistics, Pamir languages, Wakhan language, semantic structure, syntax, morphological features, number.

Ҷонишин яке аз ҳиссаҳои хоси мустақили нутқ буда, ашё ва аломати онро номбар накарда, балки ба таври умумӣ ба онҳо ишора мекунанд. Ҷонишин ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ дар забони вахонӣ чун дар дигар забонҳои эронӣ дар ҷумла ба ҷойи исм, сифат ва шумора истифода бурда мешавад. Масоили мухталифи марбут ва ҷонишинҳо ва сохтори семантикию дастурии онҳо дар осори забоншиносӣ ба таври густурда мавриди баррасию таҳқиқ ва мубоҳисоти ҷиддии илмӣ қарор гирифта, доир ба хусусиятҳои сохторию корбурдии онҳо назароти мухталиф баён гардидаанд.

Нахустин нуктаи мавриди баҳс доир ба ин мавзуъ муайян намудани мафҳуми “ҷонишин” ҳамчун ҳиссаи нутқ мебошад.

Дар фарҳанги энсиклопедии забоншиносӣ мафҳуми ҷонишин чунин шарҳ ёфтааст: (аз забони юнонӣ metonymia – тағйири ном,) ки фарогири кӯшиши муназзам ё лаҳзавии ном аз як синфи обеъктҳо ё воҳид ба синф ё ашёи ҷудогона мебошад, ки бо он аз лиҳози ҳамҷаворӣ, ҳаммарзӣ дар як ҳолат гирдомада шабеҳ дошта мешавад [7,300].

Дар ин фарҳанг ҳамчунин таъкид гардидааст, ки «Ҷонишин – навъи вожаҳои луғавӣ-семантикиест, ки ба маънои онҳо ё муроҷиат ба амали нутқ ё ишора ба типи вожаҳои нутқи муносибатдошта бо воқеияти ғайризабонӣ дохил мешаванд» [7,294].

Г.Павский фикри худро дар бораи ҷонишинҳо чунин баён кардааст: «Номи ҷонишинҳо дар забон маънои пурраи худро ифода карда наметавонад. Ҷонишинҳо номҳоро иваз карда наметавонанд ва фақат барои ба онҳо ишора намудан ё ки дар хотир нигоҳ доштани онҳо хизмат мекунад ва умуман сифат, намуд ва шумораи предметҳоро ифода карда наметавонад, фақат онҳоро ёдрас мекунад» [11,249-250].

Д.В.Флоров дар яке аз мақолаи худ овардааст, ки ҷонишинҳо ҳамчун хели махсуси номҳо баррасӣ мегарданд, ки маъноҳои онҳо дар худи шакли ҷонишинҳо ифода шуда, яъне шахс, шумора, ҷинс ва падежҳо ифода мегардад [20,133-140].

К.Майтинская истилоҳе, ки мафҳуми ҷонишинҳоро ифода мекунад, ба калимаҳои грекии ant ё ки калимаҳои pronomen, тааллуқ дорад, ки ба воситаи калимаҳое ифода шудаанд, ки ба сифати номҳои мустақил истифода бурда шудаанд [8, 25].

А.М. Пешковский чунин таъкид дорад, ки «ҷонишинҳо аз сабаби мулоҳизаи танҳо буданашон, дар ҳама ҷо «вайронкунандаи тартиб» ҳастанд, зерфаслҳо ва мувофиқаҳои махсусро ташкил медиҳанд. Аз гуногунии ин ҳолатҳо, гарчанде вайҳо гуногун бошанд ҳам, билохира, ба гуногунии табиати худи ҷонишинҳо шомил мегарданд [14,159].

Дар «Морфологияи русӣ» истилоҳи ҷонишин чунин тавзеҳ ёфтааст: «Калимаҳои ҷонишинӣ ин калимаҳои ишоратие, мебошанд, ки ба маънои луғавии муайяни доимӣ луғавӣ надоранд ва ин вобаста ба он ки ба кадом ҳодисаи воқеият ё ки ба кадом калимаи нутқ ишора мекунад, соҳиби он маъно мегарданд, ман, вай, ин хел, ин қадар, он қадар, он вақт ва ғайра» [16, 69].

Ф.И.Буслаев ҷонишинҳоро ба гурӯҳи калимаҳои ёридиҳанда дохил мекунанд [2,101].

Аз ин хотир, ҷонишинҳо ҳамчун ҳодисаи нутқ ҳанӯз дар бостон шинохта шуда, таърифи онҳоро дар ҳамон асно муайян карда будаанд.

А.Шахматов хусусияти исму ҷонишинҳоро дар забони русӣ ба назар гирифта буд,ки ҷонишинҳо маънои муайяни воқеӣ надоранд: онҳо предмет ва шахсро ҳамчун аломати доимии мавҷудоти воқеӣ ифода намекунанд [21,150].

А.М.Пешковский гуфта буд,ки ҷонишинҳо дар грамматика нисбат ба калимаҳои гурӯҳи шуморавӣ мавқеи бузургтар доранд [138,154].

Истилоҳи ҷонишин дар забоншиносӣ тарҷумаи таҳтуллафзи калимаи “местоимение”-и русӣ мебошад, ки он дар навбати худ аз калимаи лотинии “pronomen” ва юнонии “anti-onymia” тарҷума шуда, ҳанӯз дар давраи антиқа ба гурӯҳи калимаҳое мансубият дошт, ки онҳо ба ҷойи исмҳо истеъмол мешуданд. Баъдҳо забоншиносон дар забонҳои мухталиф истилоҳоти pronomen (фаронсавӣ), pronoun (англисӣ), pronomini (финӣ) ва ё тарҷумаи онро дар маҷорӣ nevmaš, немисӣ Fürwort, ҳиндӣ sarva-nă ma [8, 25-26], тоҷикӣ “ҷонишин” барои ин гурӯҳи калимаҳо ҳамчун ном интихоб кардаанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки истилоҳи ҷонишин дар забоншиносӣ таърихи дуру дароз дорад ва чунон ки дар дастурамалҳо, муқаддимаи баъзе фарҳангҳои асримиёнагӣ дарҷ шудааст, ки ҷонишинҳо бо истилоҳи арабии «замир» номбар шудаанд.

Дар илми сарфу наҳви муосир истилоҳи «ҷонишин» ба ғайр ҷонишинҳои исмӣ ҳамчунин дар доираи васеи калимаҳо, аз қабили сифат, шумора, зарф, ки радаҳои сарбастаи комилнашавандаро ташкил дода, аз рӯйи вазифаи ишоратии худ муттаҳид мегарданд. Ин калимаҳо маъниҳои хоси муҷарраде доранд, ки дар матн ва ё ҳолати нутқ мушаххас мешаванд [1,99 -101].

Р.Х. Додихудоев ва Л.Г.Герсенберг дар китоби «Таърихи забони тоҷикӣ» бар он андешаанд, ки мафҳуми ҷонишин дар забони порсии қадим барои фаҳмида гирифтани матн ё барои сохтани нутқ аҳамияти калон дорад ва дар равнақу инкишофи минбаъдаи забон махсусан дар шикасту рехти нави системаи феъл роли муҳим бозид [4,45].

Бояд қайд кард, ки ҷонишинҳо ҳамчун дигар ҳиссаҳои нутқ маъною вазифаи махсус дошта, яке аз қадимтарин гурӯҳи калимаҳо мебошанд, ки онҳо миқдоран кам бошанд ҳам, дар гуфтор мавқеъ ва ҷойи муайян доранд.

Мувофиқи ақидаи иддае аз олимон ҷонишинҳо таърихан аз калимаҳои ишоратӣ ба вуҷуд омадаанд. Мо ба ақидаи муаллифони дар болозикршуда розӣ шуда наметавонем, чунки ҷонишинҳо дар забони вахонӣ ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ ҳисобида шуда, дорои маънои муайян буда, ба савол ҷавоб мешаванд, маънои луғавӣ доранд ва аъзои ҷумла шуда метавонанд.

Мавзуи дигари мавриди баҳси донишмандон семантикаи ҷонишинҳо ба шумор меравад.

Ҷонишинҳо дар сохтори грамматикии ҳар як забон аз лиҳози семантикӣ ва чи аз лиҳози сохторӣ нисбат ба дигар ҳиссаҳои номии нутқ дорои категорияҳои бештари луғавию семантикӣ мебошанд, зарурати таҳқиқоти типологии хусусиятҳои ҷонишинҳоро ҳам аз нуқтаи назари хусусиёти семантикӣ - морфологӣ ва ҳам лиҳози семантикӣ - синтаксисӣ таъкид менамояд.

А.М.Пешовский мухолифи муттаҳид намудани ҷонишинҳо дар як ҳиссаи нутқ дар асоси гуногуншаклии грамматикии онҳо буд ва онҳоро ба гурӯҳҳои номӣ ва зарфӣ тақсим намуда, ҳамзамон мафҳуми грамматикии калимаҳои шабеҳро қайд мекунад [14,163-164].

Инчунин муаллиф дар ҷойи дигар дар бораи ҷонишинҳо ҳамин гуна ақида доштааст, ки ҷонишинҳо маънои моддӣ (шайъӣ) надоранд [14, 155].

Маъноҳои семантикӣ дар системаи ишораҷонишинҳо одатан бо таносубҳои маконӣ ё бо мавқеъгирии субъективии гӯянда ё ҳолати объективии садо ё ҳаводис дар маконе мебошад [8, 274].

Аз рӯйи ақидаи В. Вундт танҳо он ҷонишинҳоеро вожаҳои хидматӣ шуморидан мумкин аст, ки пурра функсияи ивазшавандагӣ доранд[8,31].

К. Бюлер низ дар бораи ҷонишинҳо ба вожаҳои ишоратӣ ақида рондааст. Барои ҷудокунии ҷонишин ва вожаҳои ишоратӣ роҳи асосиро дар меъёри луғавӣ мешуморад [8,32].

Бояд гуфт, ки ҷонишинҳо бо алоқаҳои гуногуни синтаксисӣ ҳамаи ҳиссаҳои нутқро тобеъ карда наметавонад.

Ҷонишинҳо дар забони вахонӣ, гарчанд дар семантика моҳияти воҳиде дошта бошад ҳам, вале аз лиҳози хусусиятҳои хоси сохторӣ ва корбурдиашон тафовут доранд. Дар нисбати ҷонишинҳо тамоми меъёрҳои семантикӣ, синтаксисӣ, морфологӣ, ки барои таҷзияи дигар ҳиссаҳои нутқ ба кор мераванд, камобеш нукс доранд.

А.Л. Грюнберг дар асари «Забонҳои Шарқи Ҳиндукуш. Забони мунҷонӣ» гуфтааст, ки ҷонишинҳои шахсӣ фақат дар шахсҳои 1 ва 2 –и ҳар ду шумора (танҳо ва ҷамъ) ҷойи худро доранд. Дар шахси сеюм вазифаи ҷонишинҳои шахсиро, се дараҷаи ишораҷонишинҳои ишоратӣ иҷро мекунанд. Шакли мутлақ ва тафсилӣ фақат дар ҷонишинҳои шахсии шумораи танҳо фарқ мекунад [3,409]. Дар забони вахонӣ низ ин хусусият дида мешавад.

Мавзуи чаҳоруми баҳси забоншиносон доир ба мавзуи мазкур ин хусусиятҳои морфологӣ ва сохтори деривитологии ҷонишинҳо мебошад.

Дар ин бахш, диққати махсус ба баррасии категорияҳои шахс, шумора, таърихи пайдоиш ва таснифот дар парадигмаҳои низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ дода мешавад. Проблемаи ҷонишинҳо дар забоншиносӣ аз масъалаҳои муҳим ва асосӣ ба ҳисоб меравад. Он паҳлуҳои мухталиф дошта, иддае аз масъалаҳоро фаро мегирад, ки бе шаҳру эзоҳи онҳо таркиби калимаҳои мазкур ва хусусияти онҳоро муайян кардан ғайриимкон аст. Таҳқиқи ҷонишинҳо на танҳо дар ҳудуди забонҳои алоҳида, балки дар забоншиносии умумӣ низ мубрам мебошад.

Забоншиноси асри XIX-и рус Г.Павский гуфта буд, ки ҷонишинҳо исмро иваз накарда, ба он фақат ишора мекунанд [108, с.257].

Академик И.И. Давидов низ ба Г.Павский ҳамфикр буд ва гуфтааст, ки таърифи ҷонишинҳо ҳамчун ҳиссаи нутқ, ки ба ҷойи исм меоянд, нодуруст мебошад, чунки ин таъриф маънои васеъ дорад [8, 8-9] Дионисӣ Фраки бошанд, хусусияти ҷонишинҳоро чунин муайян кардааст: «Ҷонишинҳо калимаҳоеанд, ки ба ҷойи исмҳо истеъмол шуда шахсҳои муайянро мефаҳмонанд» [105, 9-14].

Ф.Ф.Фортунатов чун дигар олимони намоён ҷонишинро ҳиссаи мустақили нутқ нашумурд, зеро онҳо танҳо аломатҳои хоси грамматикии ба худ хосро надоранд. Ӯ пешниҳод намуд, ки ҷонишинҳои хелҳои гуногун дар таркиби исмҳо, сифатҳо, шумораҳои зарфӣ доранд, мутобиқан бо махсусиятҳои тасрифоташон омӯхта шаванд [19,101].

Ба андешаи Ф.И. Буслаев ҷонишинро ба вожаҳои ёрирасон нисбат медиҳад. [2,101].

В.С.Расторгуева таъкид кардааст,ки ҷонишинҳои шахси 2-юми шумораи танҳо - ту, шахси 1-уми шумораи ҷамъ - мо ва шахси 2-юми шумораи ҷамъ – шумо шаклҳои падежӣ надоштанд. Алоқамандкунии онҳо бо дигар калимаҳо дар ҷумла танҳо ба таври синтаксисӣ, махсусан, бо ёрии изофат, пешояндҳо ва пасояндҳо ифода меёфтанд [,56]. Дар забони вахонӣ ҳам ин хусусият роиҷ аст.

Ҷонишини шахсӣ аз як тараф, бандаки изофӣ нагирифтани ҷонишинҳои шахсӣ ва аз тарафи дигар ба таври истисно бандаки изофӣ гирифтани ҷонишинҳои шахсии «ман» ва „ту”- ро зикр намудааст ва инчунин таъкид намудааст, ки бо изофат як гурӯҳи маҳдуди калимаҳо аз қабили „мискин, бечора, камбағал, бадбахт, омада метавонанд” [15,548].

Дар забони вахонӣ бошад, ҳам ҷонишини шахсӣ бандаки изофӣ қабул карда метавонанд. Мисол: *Wuzi bičora cə kumən diṣəm. – Мани бечора аз куҷо медонам. Wuzi dastnigar cə kumən savər tilo gotəm.– Ман дастнигар аз куҷо ба шумо тилло ёбам. Tui nočor cə kumən tum pыl got.– Туи ночор аз куҷо ин қадар пул меёбӣ.*

Забоншиноси тоҷик Б. Сиёев таъкид мекунад, ки забони форсии бостон аз ҷиҳати сохт ба гурӯҳи забонҳои флективӣ (падежӣ) дохил мешуд ва он на танҳо дар доираи исмҳо, балки дар доираи ҷонишинҳо мушоҳида мешавад. Вале он дар забонҳои муосир қисман аз байн рафтааст. Доир ба масъалаи мазкур дар асоси таҳқиқоти баъзе забонҳои оилаи ҳиндуаврупоӣ, як қатор фикру мулоҳизаҳои ҷолиб баён шудаанд [18, 24-25].

Дар «Забони адабии ҳозираи тоҷик» омадааст, ки фарқияти асосии ҷонишинҳои шахсӣ аз дигар ҷонишинҳо дар он аст, ки онҳо бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибиро қабул намекунанд [5, 218].

Дар забони вахонӣ бошад, ҷонишинҳои шахсӣ бандакҷонишинҳои шахсӣ соҳибиро қабул мекунанд. **Мисол:**

Шумораи танҳо	**Шумораи ҷамъ**
гӯянда: žынən (аз ман)	spocən (аз мо)
шунаванда: tinən (аз ту)	savən (аз шумо)
ғоиб: yawən (аз вай)	yavən (аз онҳо)

Ҳамчунин дар забони вахонӣ бандакҷонишинҳо шаклашанро тағйир намедиҳанд, онҳо ҳам дар шакли танҳо ва ҳам дар шакли ҷамъ бандаки -ən мегиранд.

М.Зайниддин дар бораи ҷонишинҳо ақидаронӣ намуда мегуяд: «Дар забони порсии қадим ҷонишинҳо ба падежҳо, се шумора ва се шахс тасриф гардида, ба ҷонишинҳои шахсӣ, ишоратӣ, саволии номуайянӣ, нисбӣ ва энклитикӣ тақсим мешуданд. Ҷонишинҳои «а»-ин «hauv»-ҳамон, «iyam»- ҳамин, ҷонишинҳои нисбии *«haya»-ин ки, «taya»*-он ки, ҷонишинҳои саволии номуайянӣ *«ka»-ки(кӣ?),»či»-чи(чӣ?)* ва дигар ҷонишинҳои мустақил чун «hama»-ҳама, «haryva» -ҳар дар падеж ва шахсу шумора гунонун тасриф мешавад» [9, 40-41].

Забоншинос Н.Маъсумӣ қайд менамояд, ки ҷонишинҳои ҷамъи бевосита ҳамроҳ кардани суффиксҳои ҷамъсози “он”(- ён) ва “ҳо” ифода кардани ҷамъ (мо, моҳо, моён; шумо- шумоҳо, шумоён) дар забони тоҷикӣ ва шеваҳои он ҳодисаи дерина мебошад [10, 228].

Дар ҷонишинҳои шахсии забони вахонӣ ин шакл он қадар маъмул нест ва одатан ҷонишинҳо пасванди шакли ҷамъи іš-ро қабул намекунанд. Аммо гоҳо дар сурати ба шакли тасғирӣ бо пасванди *-ək* омадани ҷонишинҳои шахсӣ онҳо метавонанд ба шакли ҷамъ истифода шаванд. Мисол: *Saəkiš cə kutən.– Шумо(ак) ҳо аз куҷоед? Yawəkiš mərz vitk. – Онҳо(ак)ҳо гушна шудаанд. Yətəkiš ɣal kыdak.– Он(ак)ҳо ҳоло кӯдаканд.*

Аз ин рӯ, барои ҷонишинҳо бар хилофи исм, сифату феълҳо хусусиёти зерин характернок нест. Ҷонишинҳо маънои махсус доранд. Онҳо бо баъзе аломатҳояшон ба калимаҳои мустақилмаъно наздик буда, дар матн нисбат ба калимаҳои ёридиҳанда мустақилтар мебошанд ва аз тарафи дигар, ҷонишинҳо то як андоза хусусияти ёвар дошта, ҳамеша бо калимаҳои мустақил вобаста мебошанд.

Аз он ҷумла А.Л.Грюнберг ва И.М.Стеблин-Каменский таъкид намудаанд, ки дар забони вахонӣ шаклҳои падежии номинатив *(wuz, tu, sak, say-išt),* генетив *(mаž, taw, sak, sav),* датив *(marək, tarək, sakərk, savərk),* аккузатив *(mаž-əy taw-əy,sak-əy,sav-əy) ва* аблатив *(marən, tarən, sakən savən)* мавҷуданд. Инчунин шаклҳои танҳои падежии бевосита *(wuz, wəz, tu),* объектӣ *(maž (ma), taw (tow) ta)* ва соҳибӣ *(ž̧ы, ti)* илова бар ин, шаклҳои ҷамъи падежии бевосита *(sak, sa(y) iš(t), объектӣ (sak, sa(y)iš(t), соҳибӣ (s(ə)po),sav)* аз ҷониби муҳаққиқ Т.Н. Пахалина нишон дода шудаанд [3,52-53].

Махсусан, мо танҳо аз грамматикаи забони вахонӣ ҷонишинҳои забони вахониро бо бархе аз забонҳои помирӣ муқоиса менамоем. Ҷонишинҳои забони вахонӣ дорои панҷ шакли падеж, ду шахс - танҳо ва ҷамъ мебошанд. Дар забони вахонӣ, бахусус, дар ҷонишинҳо ҷинсият вуҷуд надорад. Ин фарқиятро мо метавонем дар забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) мушоҳида намоем. Ҷинсият дар забони вахонӣ, рушонӣ ва бартангӣ дида намешавад, аммо дар забони шуғнонӣ, баръакс, ин хусусият дида мешавад. Намуна аз забони шуғнонӣ: *Ya mu rizin yat-at yu my puc tuyd?* – Духтари ман омад ва писарам рафт.

Аз сабабе ки дар забони вахонӣ ҷинсият вуҷуд надорад, мисоли зикршуда дар чунин шакл оварда мешавад: Y*a žы zəў wəzdiət ya zы pətr rəɣdi.– Вай духтарам омад, вай писарам рафт.*

Ҷонишинҳои шахсӣ аз ҷиҳати хусусиятҳои пайдоишашон ба ҷонишинҳои ишоратӣ алоқаи зич доранд, вале дар ин бора забоншиносон ҳамфикр нестанд. Бархе бар он

ақидаанд, ки ҷонишинҳои шахсӣ, махсусан, ҷонишини шахси якум гурӯҳи қадимтари калимаҳо мебошанд.

Адабиёт:

1. Ализода С. Сарфу наҳви забони тоҷикӣ./ С.Ализода.– Самарқанд, 1926. – С. 99 - 101.

2. Буслаев Ф.И. Опыт исторической грамматики русского языка./ Ф.И. Буслаев. Ч. 2 .– М, 1958. – 511 с.

3. Грюнберг А.Л.Языки Восточного Гиндукуша. Ваханский язык./А.Л. Грюнберг.,И.М. Стеблин-Каменский. – М, 1976 .– 670 с.

4. Додихудоев Р.Х.Таърихи забони тоҷикӣ./ Р.Х.Додихудоев, Л.Герсенберг. – Душанбе:Нашриёти “Маориф”, 1988. – 215 с.

5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Лексикология. Фонетика. Морфология. – Душанбе: Нашриёти “Ирфон”, 1973. – 450 с.

6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми1.Лексикология. Фонетика. Морфология. – Душанбе: Нашриёти “Ирфон”, 1982. – 462 с.

7. Лингвистический энциклопедический словарь. Советская энциклопедия. – М, 1990.– 685 с.

8. Майтинская К.Е. Местоимения в языках разных систем./ К.Е. Майтинская. – Москва, 1969. – 294 с.

9. Мухторов З.Таърихи забони тоҷикӣ.Дастури таълимӣ. /З. Мухторов.– Душанбе: 2003.– 151 с.

10. Носирҷон М. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик./ М. Носирҷон.– Душанбе: Ирфон, 2013. –356 с.

11. Павский Г.П.Филологические наблюдения над составом русского языка./ Г.П.Павский.– Рассуждение второе. Спб, 1850. – С. 249 -250.

12. Пахалина Т.Н.Ваханский язык. «Языки народов СССР».Т. I./Т.Н. Пахалина.– М, 1966.– С.398.– 418.

13. Пахалина Т.Н. Памирские языки./ Т.Н.Пахалина. – М: Наука, 1969. – 161 с.

14. Пешковский А.М. Русский синтаксис в научном освещении./А.М.Пешковский. – М, 1956.– 511 с.

15. Расторгуева В.С Основы иранского языкознания. Книга 2. Средне -иранские языки. Монография ./ В.С. Расторгуева. – М: «Наука», 1981.– 554 с.

16. Русская грамматика. Фонетика. Фонология. Ударение. Интонация. Словообразование. Морфология. Гл. ред. Н. Ю. Шведова. Т. I. М, 1982.–783 с.

17. Сиёев Б. Таҳаввули пардигмаи ҷонишинҳои шахсӣ дар забони тоҷикӣ. /Масъалаҳои забоншиносӣ. /Б.Сиёев. – Душанбе: 1983.– С. 96 -100.

18. Сиёев, Б.Ташаккули ҷонишинҳо дар забони тоҷикӣ. Монография./ Б. Сиёев. – Душанбе: Нашриёти “Ирфон”, 2002. – 434 с.

19. Фортунатов Ф.Ф. Сравнительное языкознание./ Ф.Ф.Фортунатов / Изд.труды.Т.1.–М: Учпедгиз, 1956. – 471 с.

20. Флоров Д.В. О теории личных местоимений в традиционной арабской грамматике./ Теория и типология местоимений./ Д.В. Флоров.– Москва, 1980. –163 с.

21. Шахматов А.А. Историческая морфология русского языка./А.А. Шахматов – М, 1975.– 400с.

References

1. Alizoda, S. Morphology and Syntax of the Tajik Language / S. Alizoda. – Samarkand, 1926. – Pp. 99–101.

2. Buslaev, F.I. An Essay on the Historical Grammar of the Russian Language / F.I. Buslaev. Part 2. – Moscow, 1958. – 511 p.

3. Grünberg, A.L., Steblin-Kamensky, I.M. Languages of the Eastern Hindu Kush. The Wakhi Language / A.L. Grünberg, I.M. Steblin-Kamensky. – Moscow, 1976. – 670 p.

4. Dodikhudoev, R.Kh., Gershenberg, L. History of the Tajik Language / R.Kh. Dodikhudoev, L. Gershenberg. – Dushanbe: Maorif Publishing House, 1988. – 215 p.

5. The Modern Tajik Literary Language. Part 1: Lexicology, Phonetics, Morphology. – Dushanbe: Irfon Publishing House, 1973. – 450 p.

6. The Modern Tajik Literary Language. Part 1: Lexicology, Phonetics, Morphology. – Dushanbe: Irfon Publishing House, 1982. – 462 p.

7. Linguistic Encyclopedic Dictionary. – Moscow: Soviet Encyclopedia, 1990. – 685 p.

8. Maitinskaya, K.E. Pronouns in Languages of Different Systems / K.E. Maitinskaya. – Moscow, 1969. – 294 p.

9. Mukhtorov, Z. History of the Tajik Language. Textbook / Z. Mukhtorov. – Dushanbe, 2003. – 151 p.

10. Nosirjon, M. Essays on the Development of the Tajik Literary Language / M. Nosirjon. – Dushanbe: Irfon, 2013. – 356 p.

11. Pavsky, G.P. Philological Observations on the Structure of the Russian Language / G.P. Pavsky. – Second Treatise. – St. Petersburg, 1850. – Pp. 249–250.

12. Pakhalina, T.N. The Wakhi Language // *Languages of the Peoples of the USSR*, Vol. I / T.N. Pakhalina. – Moscow, 1966. – Pp. 398–418.

13. Pakhalina, T.N. Pamir Languages / T.N. Pakhalina. – Moscow: Nauka, 1969. – 161 p.

14. Peshkovsky, A.M. Russian Syntax in Scholarly Interpretation / A.M. Peshkovsky. – Moscow, 1956. – 511 p.

15. Rastorgueva, V.S. Fundamentals of Iranian Linguistics. Book 2: Middle Iranian Languages. Monograph / V.S. Rastorgueva. – Moscow: Nauka, 1981. – 554 p.

16. Russian Grammar. Phonetics, Phonology, Stress, Intonation, Word Formation, Morphology. Vol. I / Ed. by N.Yu. Shvedova. – Moscow, 1982. – 783 p.

17. Sioev, B. Evolution of the Paradigm of Personal Pronouns in the Tajik Language / B. Sioev // *Issues of Linguistics*. – Dushanbe, 1983. – Pp. 96–100.

18. Sioev, B. Formation of Pronouns in the Tajik Language. Monograph / B. Sioev. – Dushanbe: Irfon Publishing House, 2002. – 434 p.

19. Fortunatov, F.F. Comparative Linguistics / F.F. Fortunatov // Selected Works, Vol. 1. – Moscow: Uchpedgiz, 1956. – 471 p.

20. Florov, D.V. On the Theory of Personal Pronouns in Traditional Arabic Grammar / D.V. Florov // *Theory and Typology of Pronouns*. – Moscow, 1980. – 163 p.

21. Shakhmatov, A.A. Historical Morphology of the Russian Language / A.A. Shakhmatov. – Moscow, 1975. – 400 p.

УДК 80

ТАСНИФОТИ ЗАМОНҲО ВА ЗАМОНИ ОЯНДАИ НОМУАЙЯНИ ТАРЗИ ФОЪИЛ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСИИ МУОСИР

Юсупов Н.О.
омӯзгори калони кафедраи забонҳои хориҷӣ ва робитаҳои байнифарҳангӣ Донишгоҳи Байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории тоҷикистон.Тел: (992) 908073003
суроғаи электронии: E-mail: yusupov_narzullo@mail.ru

Аннотатсия. Дар мақолаи илмиии зерин таснифоти замонҳо ва замони ояндаи номуайяни тарзи фоъил дар забони англисии муосир меравад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки, гурӯҳбандии замонҳо ва умумияту фарқиятҳои замони ояндаи номуайяни тарзи фоъилро дар забони англисӣ ба риштаи таҳқиқ кашад. Замонҳо дар забони англисӣ тибқи тарз ва намуд гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Дар забони мазкур дар умум 26 замон мавҷуд аст, ки 16-то дар тарзи фоъил ва 10-то дар тарзи мафъул мебошад. Аз лиҳози сохтор сифат замони ояндаи номуайяни тарзи фоъил дар забони англисӣ бо феъли ёридиҳандаи shall ва will сохта мешавад. Замони оянда дар забони таҳқиқшаванда амалеро мефаҳмонад, ки дар оянда ба вуқӯъ меояд. Дар қисмати якуми мақолаи илмии зерин таснифоти замонҳо мувофиқи тарз ва намуд дар забони англисӣ таҳлилу баррасӣ гардида, дар қисмати дуюм он замони ояндаи номуайяни тарзи фоъил тибқи сохтор ва истифобариаш таҳқиқ шудааст. Дар забони матраҳшаванда умумият ва фарқиятҳо мавҷуд ба назар мерасад. Яке фарқиятҳо тибқи таснифоти аз рӯйи миқдор ба назар мерасад. Дар хулосаи мақолаи илмиии мазкур муаллиф хулосаи хешро оид ба таснифоти замонҳо , категорияи тарз ва замони ояндаи номуайяни тарзи фоъилро тибқи сохтор ва истифобариаш дар забони англисӣ ҷамъбаст намудааст.

Калидвожаҳо: забон, англисӣ, феъл, ёридиҳанда, масдар, тасниф, категория, тарз, намуд, замон, оянда, фоъил, мафъул, сохтор, истифодабарӣ, шумора.

CLASSIFICATION OF TENSES AND THE INDEFINITE FUTURE TENSE OF THE ACTIVE VOICE IN MODERN ENGLISH

Yusupov N.O.
a senior lecturer at the Department of Foreign Languages and Intercultural Relations of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Tel: (992) 908073003. E-mail: yusupov_narzullo@mail.ru

Abstact. The following scientific article examines the classification of tenses and the indefinite future tense of the active voice in modern English. The author attempted to explore the grouping of tenses, as well as the common features and differences of the indefinite future tense of the active voice in English. In English, tenses are grouped by aspect and type. There are 26 tenses in this language, 16 of which are in the active voice and 10 in the passive voice. From a structural point of view, the future indefinite tense in the active voice in English is formed using the auxiliary verbs shall and will. The future tense in the language under study denotes an action that will occur in the future. The first part of the following research paper analyzes and examines the classification of tenses in English by aspect and type, and the second part examines the indefinite future tense of the active voice from the point of view of structure and use. In the language under consideration, there are common features and differences. One of the differences is manifested in the classification by quantity. In conclusion of this scientific article, the author summarized his findings regarding the classification of tenses, mood category and indefinite future tense of the active voice in accordance with the structure and usage in the English language.

Key words: language, English, verb, auxiliary, infinitive, classification, category, voice, aspect, tense, future, active, passive, structure, use, number.

КЛАССИФИКАЦИЯ ВРЕМЁН И НЕОПРЕДЕЛЁННОЕ БУДУЩЕЕ ВРЕМЯ ДЕЙСТВИТЕЛЬНОГО ЗАЛОГА В СОВРЕМЕННОМ АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ.

Юсупов Н.О.

старший преподаватель кафедры иностранных языков и межкультурных связей международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Тел: (992) 908073003. электронная почта: E-mail: yusupov_narzullo@mail.ru

Аннотация. В следующей научной статье рассматривается классификация времен и неопределенное будущее время действительного залога в современном английском языке. Автор попытался исследовать группировку времен, а также общие черты и различия неопределенного будущего времени действительного залога в английском языке. В английском языке времена группируются по аспекту и виду. Всего в этом языке существует 26 времен, из которых 16 в действительном залоге и 10 в страдательном. С точки зрения структуры, будущее неопределенное время в действительном залоге в английском языке образуется с помощью вспомогательных глаголов shall и will. Будущее время в исследуемом языке обозначает действие, которое произойдет в будущем. В первой части следующей научной статьи анализируется и рассматривается классификация времен в английском языке по аспекту и виду, а во второй части исследуется неопределенное будущее время действительного залога с точки зрения структуры и употребления. В рассматриваемом языке наблюдаются общие черты и различия. Одно из различий проявляется в классификации по количеству. В заключении данной научной статьи автор обобщил свои выводы относительно классификации времен, категории наклонения и неопределенного будущего времени действительного залога в соответствии со структурой и использованием в английском языке.

Ключевые слова: язык, английский, глагол, вспомогательный, инфинитив, классификация, категория, залог, вид, время, будущее, действительный, страдательный, структура, использование, число.

Василаи асосие, ки моро аз гузашти таъриху таммадун ошно месозад ин забон аст, зеро бидуни он ҳастии ҳаётро наметавон дарк намуд. Ҳар як забон сабки хоси курбурди худро баланд буда, муаррифгари миллат ва халқ аст. Агар забон намебуд, пас шахс чӣ гуна аз фарҳангу забони меҳани хеш огоҳ мегардид.

Дар забономӯзӣ, бо омӯхтани грамматика, фонетика ва дигар ҷанбаҳои забон, ғанӣ гардондани фонди луғавӣ низ яке аз шартҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Аммо барои шахсоне, ки мехоҳанд ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҷиддӣ сару кор гиранд, ин кофӣ нест. Барои ҳамин онҳо кӯшиш мекунанд, ки аз дигар адабиётҳои гуногун истифода баранд.

Барои шинос шудан бо фарҳангу таммадуни миллати дигар халқ забони онро бояд омӯхт. Яке аз забонҳое, ки соҳиби нобиғагони бузургу беҳамто амсоли Чосеру Шекспир ва Аллан Пову Марк Твен аст – ин англисӣ буда, ба забонҳои муқтадиртарини олам дар радифи забонҳои расмии Созмони Милали Мутаҳҳид ҷойгоҳ дорад.

Дар мақолаи мазкур таснифоти замонҳо ва замони номуайян дар тарзи фоъил аз лиҳози сохтор ва истифода таҳқиқ мегардад. Дар ин мақола ба ғайр аз масъалаҳои умумӣ инчунин, масъалаҳои асосии категрияи замон дар забони англисӣ бо категорияҳои намуд ва тарз омехта буда, мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Ҳадафи мақолаи илмии таҳқиқшаванда дар он гузошта шудааст, ки гурӯҳбандии замонҳо ва хусусиятҳои категорияи замони ояндаи тарзи фоъили феъл дар забони англисӣ муайян карда шавад, ки он ба таҳлили забоншиносии оянда ба мо кӯмак хоҳад кард.

Масъалаи таснифоти замонҳо ва замони ояндаи номуайянро дар тарзи фоъил дар забони англисӣ олимон дар асару мақолаҳои худ инъикос кардаанд, аз ҷумла: Бархударов Л.С., Штелинг Д.А., Каушанская В.Л., Качалова К.Н., Смирницкий А.И., Шмелёв, Д.Н. ва дигарон.

Мақсади мақолаи илмии мазкур ин муайян ва таҳлили таснифоти замонҳо ва сохтору истифодабарии замони ояндаи номуайяни тарзи фоъили дар забони муосири англисӣ ба ҳисоб меравад.

Дар мақолаи илмии зери назар аз методҳои маъмули таҳқиқи илми забоншиносӣ – таҳлил, муқоиса, методи муқоисавӣ-таърихӣ, методи трансформатсия ва методи тарҷумавӣ истифода бурда шудааст.

Пеш аз он ки мо дар бораи замони ояндаи номуайяни тарзи фоъил ва таснифи замонҳо дар забони англисии муосир сухан ронем бояд оид ба морфологи ва феъл маълумот дошта бошем.

Ҳоло дар зер дар бораи замони ояндаи номуайяни тарзи фоъил ва таснифи замонҳо дар забони матраҳшаванда маълумот меорем.

Морфология (сарф) як қисми грамматика буда, дар бораи сохти грамматикии калима, тарзи ифодаи маънои грамматикӣ ва роҳу воситаи калимасозӣ баҳс мекунад. Морфология гурӯҳҳои лексикию грамматикии калимаҳо ва ҳодисаҳои грамматикиеро меомӯзад, ки бо қонуну қоидаи мавҷудияти калима ҳамчун воҳиди грамматикӣ марбутанд. Гурӯҳҳои грамматикии калимаҳо дорои категорияи грамматикӣ ва системаи шакл (парадигма) мебошанд.

Феъл чун яке аз ҳиссаҳои мустақили нутқ ба аломати протсессуалӣ далолат мекунад, ки он метавонад хосияти динамикӣ ё статикӣ дошта бошад. Феъл чунин ҳиссаи мустақили нутқ мебошад, ки амал ва ҳолату вазъиятро ҳамчун амал мефаҳмонад ва дорои категорияҳои хоси худ мебошад. Феълҳои навъи *to come ,to walk, to send* ва амсоли онҳо динамикӣ, вале *to heve, to seem ,to become* ва чанде дигарон статикианд. Аз ин рӯ, феъл бо исм робитаманд аст. Зеро раванд худ ба худ арзи вуҷуд карда наметавонад.

Ҳамин аст, ки дар занҷираи гуфтор феъл қариб ҳамеша бо вожае, ки мафҳуми предметро ифода менамояд, дар робита қарор дорад, ки ин бо ду омил вобаста мебошад. Якум, ҳамин ки амал номбар карда шуд, иҷрокунандаи он, яъне ба ки чи хос будани амал ё ҳолати таҳти назар ҳам бояд зикр карда шавад, ки онро дар илми забоншиносӣ фоъил (иҷрокунандаи амал,соҳиби амал ё ҳолат) мегӯянд.

Дар забони англисӣ ин мафҳум дар шакли мубтадо инъикос мегардад. Дар баъзи дигар забонҳо, алалхусус тоҷикию русӣ он ба воситаи мубтадо ва флексияи хабар, ё худ бо яке аз онҳо зуҳур менамояд. Дуюм, ҳама гуна амал ё ба касе ё чизе нигаронида мешавад, ё ба нафъи касе ё чизе равона мегардад, ё ин ё он ҳолат ба иҷро мерасад ва ғайраҳо. Аз ҳамин сабаб дар ҷараёни гуфтор ин танҳо агенти амал, балки объект, суроға, олоти амал ва амсоли онҳо низ бояд номбар карда шавад, вагарна семанантикаи феъл ноқис мемонад.

Аз сарчашмаҳои мухталифи забони англисӣ маълум мешавад, ки феъл баъзе аломатҳое доштааст, ки онро баъзи дигар ҳиссаҳои нутқ робитаманд месохтааст. Алалхусус мисли исм, ҷонишини категорияи шумора доштааст, ҳамчун ҷонишин ба шахс далолат мекардааст. Ҳамзамон феъл чунин хусусиятҳову категорияҳое дорад, ки онҳо ба дигар гурӯҳҳои лексикию грамматикии вожаҳо мансуб нестанд. Он вижагиҳову аломатҳои морфологӣ гуногунрангу печдарпеч буда, феълҳоро чун як ҳиссаи нутқ басо серҷанбаву хеле мураккаб муаррифӣ менамоянд.

Бояд ишора намуд, ки феъл ҳиссаи мустақилмаънои нутқ буда, амал ва ҳолату вазъиятро ҳамчун амал ифода мекунад. Он дар забони англисӣ категорияҳои граммтикии махсус дорад:

Шахс – person,
Шумора – number,
Тарз – voice,

Намуд – aspect,
Замон – tense,
Сиға – mood [5, 92].

Чунон ки маълум гашт, феъл ҳамчун мураккабтарин ҳиссаи нутқ дорои доираи васеи маъноӣ ва муносибати грамматикӣ мебошад, ки он дар шаклҳои феълӣ, тарзҳо, намудҳо, сиғаҳо ва замонҳои феъл ифода меёбад.

А.И. Смирнитский чунин мепиндорад, ки, категорияи дастурии замон дар забони англисии муосир муносибати замонии амал ва замони нутқро таъмин мекунад. Феъл метавонад тибқи он шакли замони гузашта, ҳозира ва ояндаро доро бошад. Лаҳзаи нутқ бошад ҳамчун меъёри муайянкунандаи замони феъл баромад мекунад. Шаклҳои замони нисбат ба он интихоб карда мешаванд. Дар забони мавриди назар асосан замонҳои феълии – ҳозира ва гузаштаро маъмул медонанд, зеро ки фақат дар ҳамин замонҳо шакли феъл дигар мешавад, яъне феъл сохтори синтетикӣ дорад. [7, 58].

Категория муносибати амалро ё ба лаҳзаи гуфтор ё ба баъзе лаҳзаҳои муайяни гузашта ва оянда нишон медиҳад [5, 98].

Категорияи замон - яке аз категорияҳои доимӣ мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки феълҳои шахсӣ доимо фарқияти замони иҷрошавии амалро инъикос мекунанд. Категорияи замонро ҳар мактаби забоншиносӣ ба тарзи худ тавсиф намудаанд. Чуноне ки Качалова[1] қайд намудаанд "Феъли забони англисӣ барои ифодаи вақти иҷроиши амал дар замонҳои ҳозира, гузашта ва оянда дорои системаи мукамали замон (Tanses - замонҳо) мебошад." Замонҳои феъл дар тарзи фоил (Active Voice) ба 4 гурӯҳ (намуд) ҷудо мешаванд:

1. Номуайян (Indefinete),
2. Давомдор (Continuous),
3. Мутлақ (Perfect),
4. Мутлақи давомдор (Perfect continuous).

Ҳамин тавр вақти грамматикии феъл категорияи замони феълӣ номида мешавад, ки онро мо дар аксари мавриди кӯтоҳ карда категорияи замон, ё танҳо замон мегӯем. Ин категория бо ёрии парадигмаҳои махсуси худ, яъне шаклҳои гуногуни феъл вобаста ба замони феълӣ, муносибати замонии раванди иҷроиши амалро ифода мекунад, ки ҳамеша бо замони нутқ вобастагӣ дорад. Нуқтаи асосии муайян кардани замони феъл ҳамеша замони нутқ, ё худ лаҳзаи нутқ, мебошад.

Дар ин росто бояд гуфт, ки категорияи замон дар забони англисии муосир бо шаклҳои феъл ифода ёфта метавонад. Категория замон бо категорияи тарз ва намуд алоқаи ногусастанӣ дорад, зеро бе категорияи тарз ва намуд муайян кардани замонҳои забони англисӣ ғайриимкон мебошад.

Инчунин, метавон феълро чунин шарҳ дод: он се замон дорад ва бо шаклҳои гуногуни замонӣ вобаста ба намуд тасриф меёбад: замони гузашта, замони ҳозира, замони оянда ва намудҳои номуайян (содда), давомдор, мутлақ, мутлақи давомдор.

Дар зер ҳамаи замонҳои забони англисӣ оварда шудаанд.

1. Замонҳои тарзи фоъили замони англисӣ:

Time Aspect	**Indefinite**	**Continuous**	**Perfect**	**Perfect Continuous**
Present	*write* *writes*	*am writing* *is/are writing*	*have written* *has written*	*have been writing* *has been writing*
Past	*wrote*	*was/were writing*	*had written*	*had been writing*

Future	*shall write* *will write*	*shall be writing* *will be writing*	*shall have written* *will have written*	*shall have been writing* *will have been writing*
Future in the Past	*should write* *would write*	*should be writing* *would be writing*	*should have written* *would have written*	*should have been writing* *would have been writing*

Бояд қайд кард, ки дар забони англисӣ тарзи фоъил дорои 16 замон мебошад**.**

2. Замонҳои тарзи мафъули забони англисӣ:

Time Aspect	**Present**	**Past**	**Future**	**Future in the Past**
Indefinite	*am* *is done* *are*	*was* *were done*	*shall be* *one* *will*	*should* *be* *would done*
Continuous	*am being* *is done* *are*	*was being* *were done*	-	-
Perfect	*have been done* *has*	*had been done*	*shall have been* *will done*	*should have* *would been done*

Тарзи мафъули забони англисӣ бошад дорои 10 замон аст.

Метавон иброз дошт, ки дар умум дар забони англсии муосир 28 замон мавҷуд аст.

Барои таҳлил намудани замонҳои забони англисӣ бояд пеш аз ҳама ду ҷиҳати онро дар назар гирифт:

1. Тибқи сохтор
2. Аз рӯйи истифодабарӣ

Дар забони англисии муосир сохтори замони ояндаи номуайян бо чунин тарз ифода меёбад.

Боиси зикр аст, ки замони ояндаи номуайян бо ёрии феъли ёридиҳандаи shall ва will ва аз масдари феъли асосӣ бе ҳиссачаи ***to*** сохта мешавад**.**

Дар забони англисӣ замони ояндаи номуайян дорои се шакли грамматикӣ мебошад:

1. Тасдиқӣ:

I shall/will work – Ман кор мекунам.
He will work – Вай кор мекунад.
She will work - Вай кор мекунад.
We shall/will work- Мо кор мекунем.
You will work - Шумо кор мекунед
They will work - Онҳо кор мекунанд

2. Саволӣ:

Shall/will I work? - Оё ман кор мекунам?

Will he work? – Оё вай кор мекунад?
Will she work? - Оё вай кор мекунад?
Shall/will we work? - Оё мо кор мекунем?
Will you work?- Оё шумо кор мекунед?
Will they work? – Оё онҳо кор мекунанд?

Мавриди зикр аст, ки дар шакли саволии замони ояндаи номуайяни тарзи фоъили забони англисӣ феъли ёридиҳанда пеш аз мубтадо гузошта мешавад.

3. Инкорӣ:

I shall/will work - Ман кор намекунам.
He will not work – Вай кор намекунад.
She will not work - Вай кор намекунад.
We shall/will not work – Мо кор намекунем.
You will not work – Шумо кор намекунед.
They will not work – Онҳо кор намекунанд.

Дар шакли инкорӣ ҳиссачаи **not** баъд аз феъли ёридиҳанда илова карда мешавад.

Мавриди зикр аст, ки шаклҳои мазкурро кӯтоҳ кардан мумкин аст:

А) Шакли кӯтоҳкардашудаи тасдиқӣ:

I'll work.
You'll work.

В)Шакли кӯтоҳкардашудаи инкорӣ:

I shan't work.
He won't work.

С) Шакли кӯтоҳкардашудаи инкорӣ-саволӣ:

Shall we not work?
Shan't we work?
Will he not work?
Won't he work?

[5, 104].

Истифодабарии замони ояндаи дар тарзи фоили феъл дар забони матраҳшаванда чунин аст.

Замони оянда амали дар оянда иҷрошавандаро нишон медиҳад:

It **will** be much cooler up at Fiesole [5, 105].

Хулоса, мавриди таъкид аст, ки категорияи замони англиси муосир бо категорияи тарз омехта мебошад. Дар забони англисӣ замонҳи аз рӯйи тарз тасниф карда мешаванд. Категорияи тарз дар забони англисӣ ба фоъил, мафъул ва миёна ҷудо карда мешаванд. Муайян гардид, ки дар умум дар забони англисӣ бисту шаш замон мавҷуд аст. Дар тарзи фоъил шонздаҳ ва дар дар тарзи мафъул даҳ замон мавҷуд аст. Дар ин росто бояд қайд кард, ки замони ояндаи номуайян дар тарзҳои фоъил ва мафъули феъли забони матраҳшаванда дорои сохт ва роҳи истифодабарӣ мебошад. Замони ояндаи тарзи фоъил се шакли грамматикӣ дорад: тасдиқӣ, саволӣ ва инкорӣ. Мавриди зикр аст, ки шаклҳои дастурии он ҳам тарзҳои кӯтоҳ ва ҳам пурраро доро мебошад.

Инчунин, моҳияти категориалии замони феъл вобаста аз матн ва мавқеи нутқ тағйир меёбад. Замонҳо дар шакли муайяни маъмул барои ҳар як забон истифода мешаванд, аммо на ҳамеша мавриди истифодаи онҳо аз лиҳози ифодаи маъно мувофиқат мекунад. Яъне ҳар як забон вобаста ба истифодаи категорияи замони феъл хусусиятҳои худро дорад. Боиси қайд аст, ки истифодабарии аслӣ ва маҷозии замон низ дида мешавад.

Адабиёт

1. Бархударов Л.С., Штелинг Д.А. Грамматика английского языка. / Л. С. Бархударов. – М., 1965.

2. Бархударов, Л.С. Очерки по морфологии современного английского языка / Л. С. Бархударов. – М.: Высшая школа, 1975. – 156 с.

3. Бархударов, Л. С., Штелинг Д. А. Грамматика английского языка / Л. С. Бархударов, Д. А. Штелинг. – М. 1960. – 422 с.

4. Каменский А.И., И.Б. Каменская, Практическая грамматика английского языка: Справочное пособие для неязыковых вузов. – Часть 1. - Харьков: ИНЭМ, 2002. – 278 с.

5. Каушанская В.Л. Грамматика английского языка. Пособие для студентов педагогических институтов/В.Л. Каушанская, Р.Л. Ковнер, О.Н. Кожевникова, Е.В. Прокфьева и др. – 5 – е изд. испр. и доп. – М.: Айрис – пресс, 2008. – 384с.: ил. – (Высшие образование).

6. Качалова К.Н. Практическая грамматика английского языка. К.Н Качалова, Е.Е. Израилевич, Практическая грамматика английского языка с упражнениями и ключами, Юнвес, Москва 2007, 548с.

7. Смирницкий А.И. Морфология английского языка. / А.И. Смирницкий. –М., 1959. 260 с.

8. Шмелёв, Д.Н. Современный русский язык / Д.Н.Шмелёв. – М.: Просвещение, 1977. – 335 с.

9. Жигалов В.Н. Современный английский язык. Теоретический курс грамматики – М: Прогресс, 1956. – 345 с.

10. Webster N. American Dictionary of the English Language / N. Webster. — N. Y. : Published by S. Converse, 1993. — Vol. II by Merriam-Webster. — 1094 p. References

Literature

1. Barkhudarov L.S., Shteling D.A. Grammar of the English language. / L. S. Barkhudarov. - M., 1965.

2. Barkhudarov, L.S. Essays on the morphology of modern English / L. S. Barkhudarov. - M.: Vysshaya shkola, 1975. - 156 p.

3. Barkhudarov, L.S., Shteling D.A. Grammar of the English language / L. S. Barkhudarov, D. A. Shteling. - M. 1960. - 422 p.

4. Kamensky A.I., I.B. Kamenskaya, Practical Grammar of the English Language: A Reference Manual for Non-Linguistic Universities. - Part 1. - Kharkov: INEM, 2002. - 278 p.

5. Kaushanskaya V.L. English Grammar. A Manual for Students of Pedagogical Institutes/V.L. Kaushanskaya, R.L. Kovner, O.N. Kozhevnikova, E.V. Prokfieva, et al. – 5th ed., corrected and supplemented. – M.: Iris-press, 2008. – 384 p.: ill. – (Higher education).

6. Kachalova K.N. Practical Grammar of the English Language. K.N. Kachalova, E.E. Izrailevich, Practical Grammar of the English Language with Exercises and Keys, Yunves, Moscow 2007, 548 p.

7. Smirnitsky A.I. Morphology of the English Language. / A.I. Smirnitsky. –M., 1959. 260 p.

8. Shmelev, D.N. Modern Russian Language / D.N.Shmelev. – M.: Education, 1977. – 335 p.

9. Zhigalov V.N. Modern English. Theoretical grammar course – Moscow: Progress, 1956. – 385 p.

10. Webster N. American Dictionary of the English Language / N. Webster. — New York : S. Converse Publishing House, 1993. - Volume II. Merriam-Webster Publishing House. — 1094 p .

УДК:821.161.2-3:821.161.2(575.2

КАМОЛ НАСРУЛЛО ВА НАҚШИ ҒАЗАЛ ДАР ЭҶОДИЁТИ Ӯ

Шаҳнозаи Юсуфӣ Сайдализода
ассистенти кафедраи молия, ҳуқуқ, гумрук ва забонҳои хориҷии, Донишкадаи байналмилалии Данғараи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: shahnoza-ysufi@mail.ru

Камол Насрулло ҳамчун шоири барҷастаи тоҷик дар насри ва шеърнависи муосир нақши муҳим дорад. Эҷодиёти ӯ ба шеър ва ғазал бахшида шудааст, ки дар он андешаҳои фалсафӣ, муҳаббат, ахлоқ, ва арзишҳои маънавӣ таҷассум меёбанд. Ғазал ҳамчун жанри классикӣ дар эҷодиёти ӯ ҷойгоҳи махсус дорад ва тавассути он шоир фикрҳои худро ба хонанда бо забони ҳусн ва сабки бадеӣ мерасонад. Дар ғазалҳои Насрулло омезиши анъанаи классикӣ ва тасаввуфи муосир мушоҳида мешавад. Ӯ дар ғазалҳои худ масъалаҳои иҷтимоӣ, ишқ ва дӯстӣ, ҳамчунин маърифати инсон ва маънои ҳаётро ба таври равшан ва таъсирбахш баён мекунад. Ба эҷодиёти ӯ хос аст, ки ғазал на танҳо асари бадеӣ, балки василаи тарбия ва фарҳангсозӣ низ мебошад. Таҳлили ғазалҳои ӯ нишон медиҳад, ки Камол Насрулло на танҳо шоир, балки муаррифгари фарҳанг ва ахлоқи миллӣ мебошад. Ғазалҳои ӯ имрӯз ҳамчун намунаи баландтарини шеърнависи тоҷикона ва арзишҳои маънавӣ ба ҳисоб мераванд.

Калидвожаҳо: Камол Насрулло, ғазал, эҷодиёт, муҳаббат, фалсафа, ахлоқ, фарҳанг

КАМОЛ НАСРУЛЛО И РОЛЬ ГАЗАЛИ В ЕГО ТВОРЧЕСТВЕ

Шахнозаи Юсуфӣ Сайдализода
ассистент кафедры финансов, права, таможенного дела и иностранных языков Международного института Дангара Таджикского международного университета туризма и предпринимательства. E-mail: shahnoza-ysufi@mail.ru

Камол Насрулло, выдающийся таджикский поэт и прозаик, сыграл значительную роль в развитии современной таджикской литературы. В его творчестве особое место занимает газаль как классический жанр, в котором он выражает философские размышления, любовь, моральные и духовные ценности. Газали Насрулло обладают богатым языком, поэтическими образами и глубиной мысли, что делает их уникальными в современной литературе. В его произведениях наблюдается гармоничное сочетание классических литературных традиций и элементов современного мистицизма. Камол Насрулло поднимает в своих газалях вопросы социальной ответственности, дружбы, любви, смысла жизни и нравственного воспитания человека. Его газали несут воспитательную функцию и способствуют сохранению национальной культуры. Анализ творчества Насрулло показывает, что он является не только поэтом, но и культурным наставником, который через свою поэзию передает духовные и нравственные ценности таджикского народа. Газали Насрулло сегодня рассматриваются как важная часть национальной литературы и образец высокого поэтического мастерства.

Ключевые слова: Камол Насрулло, газаль, творчество, любовь, философия, нравственность, культура

KAMOL NASRULLO AND THE ROLE OF GHAZAL IN HIS WORK

Shahnazai Yusufi Saydalizoda

assistant of the Department of Finance, Law, Customs Affairs, and Foreign Languages at the Dangara International Institute of the Tajik International University of Tourism and Entrepreneurship. E-mail: shahnoza-ysufi@mail.ru

Kamol Nasrullo, a prominent Tajik poet and writer, has played a significant role in the development of modern Tajik literature. In his work, the ghazal as a classical genre occupies a special place, through which he conveys philosophical reflections, love, ethics, and spiritual values. Nasrullo's ghazals are distinguished by rich language, poetic imagery, and depth of thought, making them unique in contemporary literature. His poetry demonstrates a harmonious blend of classical literary traditions and elements of modern mysticism. In his ghazals, Nasrullo addresses social responsibility, friendship, love, the meaning of life, and moral education. The ghazal serves not only as a literary creation but also as a means of cultural education and the preservation of national heritage. An analysis of Nasrullo's work shows that he is not only a poet but also a cultural guide who transmits spiritual and moral values through his poetry. Today, his ghazals are regarded as an essential part of national literature and a model of high poetic craftsmanship.

Keywords: Kamol Nasrullo, ghazal, literature, love, philosophy, morality, culture

Дар тамоми сарчашмаҳои адабӣ шеърро каломи мухайял, сеҳри мубин, тамаддуни шуур таъриф кардаанд. Шеър аз тамоми навъҳои адабӣ бо бадеият, назокату латофати худ фарқ дорад. Мазмунро метавон дар ҳар навъи сухан пешкаши хонанда намуд, аммо агар онро ба таври эъҷоз ороста ба хонанда пешкаш намоянд, он шеър ном мегирад. Шоирони номвар, ки бо мӯъҷизаи хунари шоирии хештан ҳамеша баъд аз реҳлати ҷисмонӣ ҳам дар сӯҳбати мо қарор доранду бо ҳикмати гаронсанги худ раҳнамои мо ҳастанд, маҳз мазмунро дар парниёни рамзҳои зебо то мо маҳфуз доштаанд. Масалан, нигоҳ кунед ба ҳамин як байти зебои Ҳофиз:

Нозанинони наботӣ ҳама зевар бастанд,
Дилбари мост, ки бо ҳусни худодод омад.

Агар Ҳофиз мегуфт, маъшуқи ман бидуни рангу оро ва пардоз зебост, барои ҳар яки мо сухани одӣ мебуд. Аммо ин ҷо бадеият сухани одиро дар канори дурахшу зебоӣ ва дилошӯбӣ ба мо эҳдо кардааст. Нозанинони наботӣ (яъне дарахтон) ҳама зевар бастанд, (яъне баҳор омада бо баргу бор ороста шуданд). Аммо дилбари мо бо зебоии мӯъҷизаосову беназиру бидуни рангу бор омад,-мегӯяд Ҳофиз ва ин ҷо таркиби «нозанинони наботӣ», ки киноя аз дарахтон аст, ё шояд гулҳо, зебоиву бадеияти шеърро таъмин карда, мазмунро ба мақоми шеър будан расонидааст. Ҳамин гуна шеъре, ки ороста аз низому оҳангнокӣ ва бадеият ва мазмуни наву тоза ба қавле "маънии бегона" нест аз хотири мардум зуд зудуда мешавад. Тарҷеҳи шеър аз назми уру хушк маҳз дар бадеияти шеър аст.

Камол Насрулло аз шумули насли панҷуми адибони шӯроии тоҷик маҳсуб мешавад, ки солҳои ҳафтодуми садаи бистум ба майдони адабиёт омадаанд. Замоне ки ин насли адибон ба саҳнаи адабиёт омаданд, дар Тоҷикистон ва дар саросари Иттиҳоди Шӯравии собиқ як муҳити нисбатан мувофиқу мусоиду ороми дӯстонаю бародаронаи адабии ёрирасони ҳамдигар ва имконияти фаровон барои ҷустуҷӯйҳои эҷодӣ ҳукмфармо буд. Устодон Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар адибони ҷавони он солҳоро дар зиндагиву эҷод дастгиру мададгор буданд ва Файзулло Ансорӣ, Бобо Ҳоҷӣ, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Ғаффор Мирзо, Аминҷон Шукӯҳӣ, Қутбӣ Киром, Убайд Раҷаб, Мастон Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар…бо осори асили хеш устодони кабирашонро ба ҳайрат мегузоштанду дар олами шеър эҷоду тозакориҳо мекарданд ва ҳар кадомашон роҳи хоси эҷодии хешро муайян карда, барои насли панҷум аз қабили Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Низом Қосим, Зиё Абдулло, Доро Наҷот, Зулфия, Шаҳрия, Фарзона, Муҳаммадалии Аҷамӣ… ҳукми устодӣ пайдо карда буданд.

Дар байни жанрҳои лирикии адабиёти форсии тоҷикӣ ғазал аз ҳама маъмултар буда, тақрибан шоиреро пайдо карда наметавонем, ки ғазал нагуфта бошад. Жанри ғазал яке аз

қадимтарин ва дар айни замон зебову дилошӯбтарин шакли шеърӣ аст. Дар ин қолаби шеър дар тӯли асрҳо таҷаддуду таҷрибаҳо, ибрози андеша ва эҳсос сурат гирифтаанд. Пайдоиши ин жанр аз Рӯдакӣ оғоз мешавад ва дар эҷодиёти Саъдӣ, Ҳофиз, Сайидо, Бедил, Соиб, Ҳилолӣ ва дигарон рушду равнақи беназир пайдо мекунад. Намояндагони сабки ҳиндӣ жанри ғазалро чун зарфе барои уқёнусҳои маънӣ ва бадеияту назокати сухан ба кор гирифтаанд. Ғазал барои шоир равзани кӯчакеро барои шинохту маърифати замину осмон, дирӯзу имрӯзу фардо ва ҳарчи дар раҳгузори нигоҳи дидаву дил ва хирад қарор дорад, пешорӯи нигоҳи маърифат густурда медорад. Яъне шакли шеърии ғазал додани замину осмонро дар қатра аз шоир талаб мекунад, ки танҳо эъҷози ҳунари шоир ин тавонро дорад. Достону қасида ин мушкили шоирро ба андозае содаву осон мекунад, то тамомии андешаву афкор ва зебоиҳои зеҳни шоир дар зарфи бузургтаре гунҷоиш ёбад.

Муаллифони сарчашмаҳо низ ҳангоми шарҳи аҳволу ашъор ва дараҷаи маҳорати адибон дар исботи матлаб бештар аз ғазалиёти онҳо намунаҳо овардаанд.

Соҳиби «Ғиёс-ул-луғот» Муҳаммад Ғиёсуддин вожаи ғазалро чунин шарҳ медиҳад:

«Ғазал-бозӣ кардани маҳбуб ва ҳикоят кардан аз ҷавонӣ ва ҳаводиси сӯҳбат ва ишқи занон; ва билфатҳ (яъне ғазл) ришта ва ресидан; ва ба маънии ришта ва ресмон ва расан оранд» [7. с. 87].

Муҳаммад Биҳиштӣ дар китоби «Фарҳанги Сабо» чунин овардааст:

«Ғазал: 1) ришта ё тобидани мӯ ё пашм; 2) сӯҳбат кардан ва шӯхӣ кардан бо занон; сухане, ки дар васфи занон ва дар васфи ишқи онон гуфта шавад; ва номи навъе аз шеър, ки бештар дар бораи ишқ ва ишқбозӣ бо занон мегӯянд ва теъдоди абёти он камтар аз ҳафт ва зиёдтар аз понздаҳ набояд бошад» [1. с. 738].

Таърифи нисбатан пурраи ғазалро Қубулмуҳаммад дар «Ҳафт қулзум» чунин баён мекунад:

«Бидон, ки ғазал дар луғат дӯст доштани ҳадис бо занон ва дар истилоҳ абёти чанд аст муттаҳид дар вазну қофия ва байти аввали он мусарраъ бошад ва мусарраъ байтеро гӯянд, ки ҳар ду мисраи он қофиядор бошад, онро матлаъ ва мабдаъ номанд ва байти сонӣ агар ҳар ду мисрааш қофиядор бошад, зеби матлаъ ва ҳусни матлаъ ва баёти охирро мақтаъ ва хотима хонанд ва машрут он аст, ки мутаҷовиз аз ёздаҳ байт набошад, яъне дувоздаҳ байт ва баъзе то нуздаҳ байт ҳадди ғазал гуфтаанд. Аммо баъзе шуарои мутааххирин бисту як байт гуфтаанд ва як ғазал бисту ҳафт байт ҳам дар назар омада, лекин ҳадди ғазал нуздаҳ аст ва агар зиёда бар он бошад, онро қасида номанд. Ва дар ғазал ғолибан зикри ҷамоли маҳбуб ва сифати ҳоли муҳит ва сифати ҳоли ишқ бошад ва мавоизу насоеҳ дар дигар ақсоми шеър дарҷ гардад ва ҳарчи бунёд кунад, агар висол бошад ё фироқ, ба ҳамон тамом кунад ва дар ғазал байтпуркун набошад ва то охири ғазал ҳар байт аз байти дигар барҷастатару намоёнтар бошад» [12. С. 44-45]. Сайфии Бухороӣ мегӯяд:

Маснавӣ гарчи суннати шеър аст,
Ман ғазал фарзи айн медонам.
Панҷ байте, ки дилпазир бувад,
Беҳтар аз «Хамсатайн» медонам.

Дар адабиёти асрҳои миёна ғазал писандидатарин жанри адабӣ маҳсуб меёфт. Шоирони ғазалсаро тадриҷан ба қолаби ғазал мавзӯъҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро низ ворид карда, доираи фарогириии онро вусъат додаанд, яъне ғазалҳои орифонаву ирфонӣ, иҷтимоӣ ва фалсафӣ дар радифи ғазалҳои ошиқона дар майдони адабиёт арзи ҳастӣ кардаанд. Ва исбот шудааст, ки қолаби зебои ғазал метавонад, ки мавзӯоти мухталиферо дар худ гунҷонад.

Ба тасдиқи ҳамагон дар таърихи адабиёт Шайх Саъдӣ устоди ғазал эътироф шудааст:

Дар назм се тан паямбаронанд,
Ҳарчанд ки «Ло набия баъдӣ».
Авсофу қасидаю ғазалро
Фирдавсию Анварию Саъдӣ.

Маҳбубият ва имкониятҳои жанри ғазал боиси он шудааст, ки дар дарозои қарнҳои зиёд шоирони форсу тоҷик аз сурудани он даст накашидаанд. Имрӯз низ шуарои муосири

мо ғазал мегӯянд ва фардову фардоҳои дигар ҳам ғазал хоҳанд гуфт ва дар қолаби он дарду армонҳои замони худро бозгӯ хоҳанд кард.

Бояд зикр кард, ки дар замони муосир низ жанри ғазал мақому манзалати хешро аз даст надодааст. Шоирон Лоиқ, Гулрухсор, Гулназар Фарзона ва дигарон ба ғазал тозагӣ бахшида рӯҳияи замонии онро таъмин кардаанд. Дар ғазал сухани тоза ба қавле «маънии бегона» гуфтан, ба шоирон ба осонӣ даст намедиҳад Ба қавли Фирдавсии Тӯсӣ «сухан гуфта шуд гуфтанӣ ҳам намонд». Гуфтани ғазали тозаву ноб танҳо ба шоири ростин даст медиҳад.

Камол Насрулло яке аз шоиронест, ки дар сурудани шаклҳои суннатии шеър, аз ҷумла, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ ва ғайра кӯшишҳо карда ва навовариҳои зиёдеро ба даст овардааст.

Камол Насрулло 25 декабри соли 1950 дар деҳаи Панҷрӯди ноҳияи Панҷакент ба дунё омадааст. Соли 1971 факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистонро хатм кардааст. Корманди радиои тоҷик, моҳномаи «Машъал» ва «Садои Шарқ», раиси шӯрои тарғиботи адабиёт будааст. Ҳоло муовини раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар бахши назм аст.

Аз соли 1979 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад.

Соҳиби Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ (1998) аст.

Камол Насрулло маҳз бо бадеият ва оростагии ашъораш бо санъатҳои сухан ҷойгоҳи махсуси худро дар байни адибони муосир соҳиб аст. Донишвари бедилшиноси эронӣ Нақиб Нақавӣ мегӯяд, ки мондагортарини шоирон ононе ҳастанд, ки ба касе монанд нестанд. Яъне ҳунари шоирияшон пур аз навист. Камол Насрулло дар сурудани шеър дорои ин вижагиҳои ҳунарист:

1. Ашъори шоир навовариҳои зиёдеро канори хеш дорад ва пайдост, ки шоир дар асри 21 зиндагӣ дорад.
2. Таркибҳои шоиронаву хос, ки ашъори Камол Насруллоро аз дигарон тарҷеҳ медиҳад, ба фаровонӣ ба чашм мерасад.
3. Дар натиҷаи мутолиоти фаровоне, ки шоир аз адабиёти классикӣ ва муосири форсӣ ва ҷаҳон дорад, сабки махсуси худро ба вуҷуд овардааст, ки дорои вежагиҳо ва махсусиятҳои хоси худ мебошад.

Дар ғазалҳои шоир масъалаҳои вақту фазо, ҳастию нестӣ, маргу зиндагӣ, ишқу отифа, андешаву таҳаммул, ифтихор аз гузашта ва бовар ба оянда, озодӣ ва истиқлол баён шудаанд.

Дар эҷодиёти шоир ғазалҳои ватандӯстона, иҷтимоӣ, ишқӣ (лирикӣ), динӣ, таърихӣ, фалсафӣ ва ҳатто ирфонӣ ва ғазалҳое, ки ба ашхоси ҷудогонаи шинохтаву ношинохта бахшида шудааст, зиёданд.

Устод Камол Насрулло ба суоли “Писандидатарин шеърҳоятон барои Шумо кадомҳоянд?”, чунин посух гуфтаанд: “Ин корро кардан душвор аст, агар як шеър аз ҷиҳате хубтар бошад, шеъри дигар хуб аст аз ҷиҳати дигар. Аслан ман фикр мекунам, шеърҳои ман сатҳашон ба ҳамдигар наздик аст ва бартарӣ додан мушкил аст. Аммо барои бечавоб намондани саволатон аз китобҳои пешин мекӯшам чанд шеърро ном барам. Аз ҷиҳати самимият шеъри “Хоҳар”, аз ҷиҳати сиёсӣ “Шеъри сафеди рӯзҳои сиёҳ”, аз ҷиҳати ватандӯстӣ шеъри “Ватани тоҷик” ё “Дорад, надорад”, аз ҷиҳати ҳолат ва маънавиёт шеъри “Нома ба офтоб”, аз шеърҳои сафед “Диёри пок” бароям писандидатаранд” [13. с. 9].

1.1. Ғазалҳои ишқӣ

Чун мавзӯи ишқ аз ҷовидонатарин ва мондагортарин мавзуъҳои адабиёти ҳазорсолаи мост, дар эҷодиёти ҳар шоире намунаҳои зиёди ғазалиёти ишқиро мебинем. Ишқ мавзӯест, ки доманаи бисёр фарох ва густурда дорад. Вожаҳои ёр, ағёр, маъшуқ, ошиқ, гул, булбул, ҳаҷр, висол ва садҳо вожаи дигар иртиботи бевосита ба мавзӯи ишқ доранд.

Дар эҷодиёти Камол Насрулло ҳам ин мавзӯъ акси бевоситаи худро бо нигоҳи мушахасу муайян ва дарку шинохти ҷудогонаю махсуси шоир ёфтааст.

Ғазале бо радифи «Дӯст хоҳам дошт», ки дар маҷмӯаи «Дар фурудгоҳи як таманно» омадааст, бо эҳсоси баланди инсониву инсондӯстӣ гуфта шудааст. Шоир ба таркиби «дӯст доштан» хусусияти гуманистӣ медиҳад ва аз дӯст доштани худ ифтихор мекунад:

То тавонам, то тавонам, дӯст хоҳам дошт,
То бувад зӯру тавонам, дӯст хоҳам дошт.
Душманӣ кӯрист, алайҳи душманони худ,
Душманонамро ба ҷонам дӯст хоҳам дошт.
Дар ҷавонӣ бе муҳаббат зистан ҳайф аст,
Ман ба пирӣ ҳам ҳамонам, дӯст хоҳам дошт.
Ҳар нафас, ҳар ҳарф, ҳар рози ниҳонатро Бо
лабу гӯшу забонам дӯст хоҳам дошт.
Гар бар он манзил барад бар боли покаш ишқ,
Ман бар онам, ман бар онам, дӯст хоҳам дошт.
Дӯст медорам на аз оне, ки дорам дӯст,
Ман ба ҷони дӯстонам дӯст хоҳам дошт.
Дил куҷо битвонад ишқатро фаро гирад,
Ман ба ҷонам, ман ба ҷонам дӯст хоҳам дошт [13. с. 97].

Ҳама ҳастии шоир барои дӯст доштан аст. Барои ӯ душманӣ бегона аст, душманиро кӯрию ҷаҳолат ва гумроҳӣ меҳисобад, душманиро аз нодонии инсонҳо медонад ва бар рағми душманонаш онҳоро дӯст медорад, яъне ҷазову сазо ва «душманӣ»-и ӯ бо душмановаш дӯст доштан аст:

Душманӣ кӯрист, алайҳи душманони худ,
Душманонамро ба ҷонам дӯст хоҳам дошт.

Ӯ аз ин байти Хайём кор мегирад:

Ман бад кунаму ту бад мукофот диҳӣ,
Пас, фарқ миёни ману ту чист? Бигӯ[1. с. 40].

Умри гузарандаи инсониро шоистаи душманиву бадбиниву кину кудурату нафрат намедонад, фақат зебо будан, зебо дидан, меҳру муҳаббат, ишқу садоқатро мехоҳад ва орзу мекунад, ки одамон ҳам мисли ӯ бошанд ва аз разолату қабоҳати даруни худро бираҳонанд ва хонаи дили худро бо муҳаббат ва «дӯст доштан» музайян намоянд. «Дӯст доштан» барои шоир мӯҷиби зинда будан, зиндагӣ кардан аст. Рӯзе, ки аз «дӯст доштан» ноумед мешавад, дилаш мешиканад, дилмонда мегардад ва дасти дил мешӯяд, барояш торикӣ, зулмат ва нестӣ оғоз мешавад, зеро «дӯст доштан» барояш нуру рӯшноӣ ва офтоби рӯзгорон аст.

Дар ин ғазал мо шоирро мебинем, шоир худро ба ин ғазал бахшидааст, худро гунҷонидааст. Рӯҳу ҷони шоир тасвири бадеӣ ёфтаанд:

Дил куҷо битвонад ишқатро фаро гирад,
Ман ба ҷонам, ман ба ҷонам дӯст хоҳам дошт.

Ғазали дигари шоир саршор аз дӯстдории ёр ва муҳаббат ба ӯст. Вожаҳо дона-дона, марворидгуна чида шудаанд ва сурати як зевари зебову бемисларо пеши чашми хонанда аён менамоянд. Ин ғазал намои ишқу зебоӣ ва дӯстдории як ошиқи содиқ ва васфи маҷнунвори ӯ аз маъшуқаш аст. Дар ҳар нигоҳи ошиқ, дар сараш, дар дилаш, дар фитрату фараш, дар фикру зикру хаёлаш ҳамеша акси ёраш муҷассам аст:

Ту дар нигоҳи ман, дили ман, дар сари манӣ,
Ту дар фарози фитрати ман, дар фари манӣ.
Аз субҳи файзбор ба уммеди рӯйи ту,
Дафтар кушудаам, ки ту дар дафтари манӣ.
Дар навниҳоли себи сари раҳ шукуфтаӣ,
Як лавҳи хандарӯй ба сақфи дари манӣ.
Сар бар сари пиёла ба андеша меравам,
Бар сар кашам чӣ гуна? Ту дар соғари манӣ.

Бас аз варои ҳодиса, аз моварои марг,
Ман вораҳидаам, ки ту дар бовари манӣ.
Ту дар замин, дар осмон, дар чор самти вақт,
Тобу табе ба ҳастии тобовари манӣ.
Дорӣ даруни доираам дар мадори ишқ,
Дар доварӣ ягонаву дардовари манӣ [10. с. 119].

Шоир агар ҳар "субҳи хандарӯй", ки ёдовар аз рӯи хандарӯи ёраш аст, барои гуфтани шеъре дафтар мекушояд, ба ин умед аст, ки ӯ бо ҳузури ғайбиаш дар хотиру хаёлаш боиси он мешавад, то ӯро дар гуфтани шеъри тозае мададгорӣ намояд ва муҷиби наққошии зебои ишқи зебову самимию заминии ӯ мегардад. Ва ин шеър ҳам бо сабаби вуҷуди ӯ дар ёду хотири шоир ва ишқи беназири ӯ аз лавҳи дилу хаёли шоир рӯи авроқи сапед рехтааст.

Ин ёри нозанин дар ҳама ҷо: дар гулҳои себи шукуфтаи канори роҳ, дар сақфи дар ба сурати лавҳае, дар соғари май, дар замину осмон ва «дар чор самти вақт» намудор аст. Мисли гули себ ӯ ҳамеша зебову поку мубаррост, мисли субҳ фариштаи поку маъсум аст, оина аз нигоҳи ӯ мадюн аст, аз тамошояш серӣ надорад ва ӯ аз тамошои худ дар оина мефахраду меболад. Шоир бар ёри зебое дил додааст, ки нест[9] ва ин ёри зебои хаёливу афсонавӣ ӯро хаёливу девонаву Маҷнун кардааст. Ӯ ғаму аламашро бо май аз лавҳи дилаш мешӯяд, аммо на ишқи ӯро. Вақте ки мехоҳад охирин сотгини майро бар сар кашад, акси ёрашро дар дурдаи май мебинад, андеша мекунад, ки ба комаш бирезад ё на:

Сар бар сари пиёла ба андеша меравам,
Бар сар кашам чӣ гуна? Ту дар соғари манӣ[3. с. 201].

Ин ишқи созанда дар душвортарин лаҳзаҳо, махуфтарин сонияҳо ҳамдаму мӯниси шоир буда, ӯро аз «варои ҳодиса»-ҳо, аз «моварои марг», аз доми «деву дад», аз панҷаи хатар, аз занҷири асорати яъсу навмедиҳо раҳоӣ бахшидааст, зеро бе шаку тардид ба ин ишқ, ин муҳаббат ва ин ёр бовар ва эътиқоду эҳтиром қоил аст:

Бас аз варои ҳодиса, аз моварои марг,
Ман вораҳидаам, ки ту дар бовари манӣ.

Ва ин ишқ, ин ёр ҳамеша дар роҳи зиндагӣ байни неку бад, сиёҳу сафед, росту дурӯғ, савобу гуноҳ довар аст ва марзҳоро барои шоир муайян намуда, довари якрӯю якмароми рӯзгораш аст ва ҳамеша ҳамроҳу ҳамдилу ҳамқадами ӯст ва ӯро ба манзили мақсуд мерасонад. Бо он ки ӯ ва ишқу ҳастии ӯ барои шоир гоҳе дардовар ва сахт аст: Дорӣ даруни доираам дар мадори ишқ, Дар доварӣ ягонаву дардовари манӣ.

Як ғазали зебои дигари шоирро метавонем идомаи ин ғазал шуморем, аз он ҷо ки дар ин ғазал ҳам аз ҳамон дард, ҳамон ишқ ва ҳамон ёр сухан мегӯяд. Ин ҷо шоир аз «дер омадан»-и ёраш шикоят мекунад. Ёре, ки дар буду набудаш ҳамеша бо ӯст, дар ӯ зиндагӣ мекунад. Дар набудани ёраш ӯ гиря-гиря худ, ҳастии худ, ишқи худро бо рехтани боронҳо ва баргҳои поизӣ гиристааст. Аз дурӣ, ҳаҷру фироқ дилсӯхтаву маҳзуну хунинҷигар гаштааст, дилу ҷонаш обу туроб шудааст. Шоир розӣ аст, агар «хазон», яъне марг барои дубора дидани ёри сабзқадамаш боис гардад, ӯ розӣ аст, зеро бо омадани он ёр ӯ «маргро мекушад» ва фано(нестӣ)-ро ҳаст мекунад ва дар «ҳеч» мезияд:

Омадӣ, дер омадӣ, ман нестам,
Ман, ки бе ту низ бо ту зистам.
Дар гули борон далели ман бичӯ,
Гиря-гиря хешро бигристам.
Бо хазони ман қудуми сабзи ту,
Мерасид, овозанон мехестам…
Қаҳ-қаҳи барги хазон бишнав, ки ман
Маргро куштам фаноро зистам.
Дар дилам дарёст баҳри қатрае,
Дастбори бори миннат нестам… [10. с. 122].

Дар ин шеър таркибҳои «гули борон», «гиря-гиря хешро гиристан», «қаҳ-қаҳи барги хазон», «маргро куштан» ва «фаноро зистан» аз зумраи тозатарин корбурдҳо дар шеъри форсии тоҷикӣ аст, ки то имрӯз дар забони шеъри гузашта ва имрӯзи мо собиқа надошт.

Ё дар ғазали дигар, ки бо радифи «ошиқ мешавӣ» аст, шоир ин бовarро дорад, ки ёри бепарвояш рӯзе ҳатман ба ӯ ошиқ мешавад, ӯро дӯст медорад, бо ҳама «нозу адо»-яш, бемеҳрияш, бепарвоияш:

Ту ба ман пайваста ошиқ мешавӣ,
Бар дилам дил баста ошиқ мешавӣ.

Вақте ки «мавсими ошиқию кор ба бунёд меояд», ӯ чашмҳоро баставу бандҳоро бигсаста ва зарфҳоро бишкаста, мисли мурғе, ки солҳо дар қафас будааст ва яке аз тасодуф озод шудааст, аз ҳама касу ҳама чиз рамида ба сӯи ин ишқ ва ин ёр мепарад, дигар парвои касерову чизеро надорад:

Нозҳое мекунӣ аввал, сипас
Чашмҳоро баста ошиқ мешавӣ.
Ончуноне, ки бадан ларзад яке,
Зарфро бишкаста ошиқ мешавӣ.
Ончуноне, ки раҳо гардад асир,
Бандро бигсаста ошиқ мешавӣ.
Мисли мурғе, ки рамад ногаҳ парад,
Аз ҳама вораста, ошиқ мешавӣ.

Ва агар ин ишқ дар ҷавонии ёр тасодуф науфтод, рӯзе ҳатман он ёр пушаймону «зору лолу хаста», ҳатто, дар пирияш ошиқ мешавад, зеро ишқ солу моҳу аслу фаслу марзу бумро намешиносад: Дар ҷавонӣ гар нашуд, дар пирият Зору лолу хаста ошиқ мешавӣ.

Чун ин ишқ софу поку самимиву заминиву ҳақ аст, зимистону баҳору тобистону поизаш ҳам бо хосту фармони Ҳақ аст: Як зимистон рӯ ба рӯ бо амри ҳақ, Оқибат биншаста ошиқ мешавӣ.

Ин ҷо шикастани ғуруру худхоҳӣ ва гулро гирифта давидан тасвири зебову олӣ аст, ки дар навори тасаввури мо саҳнаи ишқомези ду дӯстдоштаро ҷилвагар менамояд:

Охирин гулро гирифта медавӣ,
Аз ғурурат раста ошиқ мешавӣ.

Ёре, ки ришташҳои робитаро тор-тору банд-банд кандааст, бо надомати афзун аз охирин ришташ имконоташ барои расидан ба ин ишқ, ин ёр ва ин «ошиқ шудан» истифода мекунад, аз фаромӯшхонаи айём ришташҳои кандаи дӯстиву ишқро бо панҷаҳои ларзони дил баста-баста меояд, ки саранҷом ба манзили ишқи ин ёр мерасонад ва боис ба дубораву чандбора ошиқ шудани ӯ мегардад:

Канда-канда ришташҳоро рафтай,
Баста-баста, баста ошиқ мешавӣ[5. с. 51].

Ва он аҳдеро, ки бо худу дили худ барои фаромӯш кардани шоири ошиқ бастааст, мешиканад ва ошиқ мешавад:

Аҳдро бишкаста ошиқ мешавӣ,
Дидаҳоро баста ошиқ мешавӣ.

Ин ғазали зебову самимӣ саршор аз тасвирот аст, тасвири ҳолатҳо, лаҳзаҳо ва амалҳои як духтаре, ки тоза ошиқ мешавад ё ошиқи дерина аст.

Дар роҳи ишқи самимии ӯ дигарон монеаҳое сохтаанд. Шоир дар оинаи ғазал сарнавишту саргузашти як ишқро бознамову бозгӯ кардааст. Ин ҷо «шикастани зарф», «бандҳоро гусастан», «гулро гирифта давидан» ва дигарҳо пеши назарамон лаҳзаҳои мушаххасро намудор менамоянд, ки аз мушоҳидакорӣ ва дақиқназарии шоир дарак дода, дар роҳи ҷустуҷӯйҳои эҷодӣ будани шоирро нишон медиҳанд.

Ғазали мазкурро дар сурати комил мутолиа менамоем:

Ту ба ман пайваста ошиқ мешавӣ,
Бар дилам дил баста ошиқ мешавӣ.
Нозҳое мекунӣ аввал, сипас

Чашмҳоро баста ошиқ мешавӣ.
Ончуноне, ки бадан ларзад яке,
Зарфро бишкаста ошиқ мешавӣ.
Ончуноне, ки раҳо гардад асир, Бандро бигсаста ошиқ мешавӣ. Мисли мурғе, ки рамад ногаҳ парад, Аз ҳама вораста, ошиқ мешавӣ.
Дар ҷавонӣ гар нашуд, дар пирият Зору лолу хаста ошиқ мешавӣ.
Як зимистон рӯ ба рӯ бо амри ҳақ, Оқибат биншаста ошиқ мешавӣ.
Охирин гулро гирифта медавӣ,
Аз ғурурат раста ошиқ мешавӣ.
Канда-канда риштаҳоро рафтаӣ,
Баста-баста, баста ошиқ мешавӣ.
Аҳдро бишкаста ошиқ мешавӣ,
Дидаҳоро баста ошиқ мешавӣ [13. с. 104].

Дар ғазали дигаре бо номи «Наво» гуфтааст:

Биё, то дар сафои ту бимирам,
Биё, дар пеши пои ту бимирам. Агар сад бори дигар зинда гардам, Барои ту, барои ту бимирам.
Маро сад бор куштӣ, зинда кардӣ, Бимон, дар Карбалои ту бимирам.
Чу аз ту зинда ҳатто зиндагонист.
Ту мону ман ба ҷои ту бимирам. Маро як сӯзи ту сад сози ҳастист,
Сазад, то ман сазои ту бимирам.
Барои ғуссаҳоят зиндаам дор,
Барои бӯсаҳои ту бимирам.
Расида ҷонам, эй ҷон, то ба ҷое,
Бигӯ, то дар куҷои ту бимирам?
Зи ман нав рафтани ту низ нав нест,
Нав о, то дар навои ту бимирам [10. с. 79].

Шоир ё қаҳрамони лирикӣ худро дар ишқи ёре бохтааст, маҷнуни саҳрои ишқ аст ва дар талаби лайловаше дар балои Карбало наздик аст, ки шаҳид шавад. Омадани ёраш барои шоир сафою осоишоваранда аст ва ӯ ҳозир аст дар пеши пои ёраш «бимирад», зеро зиндагию маргаш барои ӯст: Агар сад бори дигар зинда гардам, Барои ту, барои ту бимирам. Маро сад бор куштӣ, зинда кардӣ, Бимон, дар Карбалои ту бимирам.

Шоир қабул дорад, ки ба хотири зинда будани ёраш «ба ҷои ӯ» бимирад, зерои ҳастии зиндагӣ ва зиндагон [6. с. 36]. бе ҳастии ӯ нест:

Чу аз ту зинда ҳатто зиндагонист.
Ту мону ман ба ҷои ту бимирам.

Дар мисраи дигаре аз ин ғазал ба хотири зебоӣ, шевоӣ ва барҷастагии шеър калимаҳои наздикталаффузи «соз», «сӯз», «сад», «сазад», «сазо» истифода гардида, таносуб ва маъно халалдор нашуда, баръакс сухани шоирона ироа гаштааст:

Маро як сӯзи ту сад сози ҳастист,
Сазад, то ман сазои ту бимирам.

Дар байти дигар калимаи «нав» ба ду маъно дар таркибҳои «нав рафтан» ба маънои ҳозир, ҳамин ҳоло, ба тозагӣ, андак вақт пеш рафтан ва «нав нест» ба маънои нав набудани амал, собиқа доштани амал, такрорӣ будани амал истифода шудааст:

Зи ман нав рафтани ту низ нав нест,

Нав о, то дар навои ту бимирам[9. с. 101].

Як ғазали дигари шоирро ғазали ишқӣ-иҷтимоӣ шуморидан мумкин аст, зеро аз жарфно ва умқи маънии он мо андешаҳои иҷтимоиро пешорӯи худ мебинем. Хонандаи закӣ дармеёбад, ки гӯяндаи ин ғазал як шахси рӯзгордида, соҳибтаҷриба ва марди баркамол аст. Муаллиф аз гирудорҳо, пасту баландии рӯзгор хаста шудаву таманнои бо ёр будан ва аз корҳои «беҳуда»-и дунё фориғ гаштанро таманно дорад.

Нопойдор будани дунё, омадану рафтани ҳамнишинон, васлу ҳиҷрон, валвалаҳову ҳангомаҳо, афсонаву фасонаҳо шоирро хаста кардааст:

Рафтанд ҳамнишинон, бигзор бо ту монам,
Дар шоми дарди ҳиҷрон бигзор бо ту монам.
Ҳангомаҳо гузашанд, афсонаҳо гузаштанд,
Монда азоби виҷдон, бигзор бо ту монам.
Хуршед омаду рафт, сад ид омаду рафт,
Ман бо ду чашми ҳайрон бигзор бо ту монам.
Як пайки ошно нест, дар дидае сафо нест,
Эй монда аз азизон, бигзор бо ту монам.
Мансаб харид инро, курсӣ фурӯхт онро,
Эй пайкари гулафшон, бигзор бо ту монам.
Монанди обу моҳӣ, чун шуъла дар нигоҳе,
Чун васли пайкару ҷон бигзор бо ту монам.
Ёдам зи ёдҳо рафт, умрам ба бодҳо рафт,
Бо дардҳои пинҳон бигзор бо ту монам.
Ҳастам зи хеш ранҷур, аз худ маро бикун дур,
Аз худ маро гурезон, бигзор бо ту монам [10. с. 204].

Дар ин ғазалвора байти

Мансаб харид инро, курсӣ фурӯхт онро,
Эй пайкари гулафшон, бигзор бо ту монам.

қуллаи андешаи иҷтимоии шоир аст. Тасвири воқеият дар ҷомаи тахайюли шоирона буруз кардааст.

Шоир мисли обу моҳӣ, мисли ҷисму ҷон ва ҳамчун шуълае дар нигоҳ бо ёри худ буданро мехоҳад:

Монанди обу моҳӣ, чун шуъла дар нигоҳе,
Чун васли пайкару ҷон бигзор бо ту монам.

Аз умри гузашта, аз лаҳазоти ба боди фано рафта, аз «ёди аз ёдҳо рафта», шикояти ҷонсӯзу пурнадомати шоирро мешунавем. Аз гузашта захмҳои носуру дардҳои пинҳон дар замири дили шоир аст. Намехоҳад, аз онҳо касе бипурсад ва худ ниҳон доштанро авло медонад, зеро «ба гузашта салавот» гуфтааст:

Ёдам зи ёдҳо рафт, умрам ба бодҳо рафт,
Бо дардҳои пинҳон бигзор бо тумонам [8.с.20].

Дар мақтаи ғазал шоир аз дасти худу кардаҳои худ ранҷуру хаста буданашро иброз намуда, аз ёраш илтиҷо дорад, то ӯро аз ӯ бирабояд, «гурезонад» ва бигзорад то ҳамроҳи ёраш бимонад: Ҳастам зи хеш ранҷур, аз худ маро бикун дур, Аз худ маро гурезон, бигзор бо ту монам.

Аз мутолиаи ғазалҳои фаровони ишқии шоир, ки ғолибан таносубу пайвастагии ноаёнеро байни ҳамдигар доранд, дунёи меҳру ишқу муҳаббату отифаи шоир моро иҳота карда, бо рамзҳо, розҳо, сӯзу созҳои ошиқ ва маъшуқа, ёру ағёр ошно менамоянд.

Камол Насрулло ҳам мисли ҳар шоири дигар, ки бо эҳсос ва ҳолатҳои равонию рӯҳии инсон сарукор дорад, тавонистааст, ки эҳсос ва дарди худро бо хонанда ба миён гузорад ва онро муштарак гардонад, зеро ҳама инсонҳоро ин «дард», яъне ишқ фаро мегирад, ҳама инсонҳоро васлу ҳиҷрону падруду пайғом, ғаму шодию интизорию бедорӣ пушти рӯзҳову шабҳояш пинҳон аст ва дар маҷмӯъ инсонҳо дарди муштарак доранд. Аз ин нигоҳ, як шеър метавонад дар ҳолатҳои гуногун ба дарди гурӯҳи одамон бихӯрад ва ё нахӯрад. Фақат шоир

аст, ки ҳолатҳое, ки аз сару дили ҳама одамон ва аз андешаю таҷрибаи худаш ҳам мегузарад, дар қолаби каломи бадеъ мерезад ва ба ҷомеа пешниҳод мекунад.

Адабиёт

1. Лоҳурӣ, Иқбол. Куллиёт. -Теҳрон: Амири Кабир, 1347 ҳ.қ. 445 саҳ.
2. Лоҳутӣ, Абулқосим. Пайғом. -Душанбе: Ирфон, 1975, 336 саҳ.
3. Насрулло, Камол. Навгонӣ. -Душанбе: Адиб, 1978, 121 саҳ.
4. Насрулло, Камол. Барги зуф. -Душанбе: Адиб, 1980, 142 саҳ.
5. Насрулло, Камол. Нидои шаҳидон. -Душанбе: Адиб, 1981, 212 саҳ.
6. Насрулло, Камол. Гузаргоҳи дил. -Душанбе: Ирфон, 1983, 111 саҳ.
7. Насрулло, Камол. То даме лонаҳо гарманд. -Душанбе: Адиб, 1994, 250 саҳ.
8. Насрулло, Камол. Нома ба офтоб. -Душанбе: Адиб, 1988, 145 саҳ.
9. Насрулло, Камол. Номаи боли кабутар. -Душанбе: Адиб,1988, 168 с.
10. Насрулло, Камол. Зангӯлаҳои фарёд. -Душанбе: Адиб.1993, 340 саҳ.
11. Насрулло, Камол. Тоҷикистонро дигар қисмат накун. - Душанбе: Адиб, 1994, 350 саҳ.
12. Насрулло, Камол. Фаросӯи нигоҳ. -Душанбе: Адиб,2001, 200 саҳ.
13. Насрулло, Камол. Дар фурудгоҳи як таманно. -Душанбе: Адиб, 2003, 272 саҳ.

Literature

1. Lohuri, Iqbal. Complete Works. -Tehran: Amiri Kabir, 1347 AH. 445 pp.
2. Lohuti, Abulqasim. Message. -Dushanbe: Irfan, 1975, 336 pp.
3. Nasrullo, Kamal. Navigation. -Dushanbe: Adib, 1978, 121 pp.
4. Nasrullo, Kamal. The Leaf of the Sycamore. -Dushanbe: Adib, 1980, 142 pp.
5. Nasrullo, Kamal. The Cry of the Martyrs. -Dushanbe: Adib, 1981, 212 pp.
6. Nasrullo, Kamal. The Passage of the Heart. -Dushanbe: Irfan, 1983, 111 pp.
7. Nasrullo, Kamal. As long as the nests are warm. -Dushanbe: Adib, 1994, 250 p.
8. Nasrullo, Kamol. Letter to the Sun. -Dushanbe: Adib, 1988, 145 p.
9. Nasrullo, Kamol. Letter from the Dove's Wing. -Dushanbe: Adib,1988, 168 p.
10. Nasrullo, Kamol. Screaming Bells. -Dushanbe: Adib.1993, 340 p.
11. Nasrullo, Kamol. Do not divide Tajikistan any more. -Dushanbe: Adib, 1994, 350 p.
12. Nasrullo, Kamol. The Eye of the Beholder. -Dushanbe: Adib,2001, 200 p.
13. Nasrullo, Kamol. At the Airport of a Wish. -Dushanbe: Adib, 2003, 272 p.

УДК: 82.91

МИРЗО ТУРСУНЗАДЕ О РОЛИ РУССКОГО ЧЕЛОВЕКА В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Бабаханова Ф.Р.

ассистент кафедры русского языка и литературы Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе. E-mail: Babahanovafiruza192@gmail.com.

Аннотация. В статье рассматривается процесс формирования таджикско-русских литературных связей и их влияние на художественное развитие таджикской словесности и культуры XX века. Особое внимание уделено личности и творческому пути Мирзо Турсунзаде, чья поэзия отражает историческое сближение двух культур. Автор показывает, как поэтическое сознание Турсунзаде постепенно приходит к осмыслению значимости образа русского человека в системе национальных и идеологических координат эпохи. Анализируются особенности интерпретации русской темы в его произведениях, раскрывается роль взаимодействия с русской литературной традицией в углублении гуманистического мировоззрения поэта. Делается вывод о том, что творчество Турсунзаде сыграло ключевую роль в утверждении идей дружбы народов и развитии культурного диалога в таджикской литературе.

Ключевые слова: Мирзо Турсунзаде, таджикско-русские связи, образ русского человека, советская поэзия, межкультурное взаимодействие, гуманизм.

МИРЗО ТУРСУНЗОДА ДАР БОРАИ НАҚШИ ОДАМИ РУС ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК

Бабаханова Ф.Р.

ассистенти кафедраи забон ва адабиёти рус, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Душанбе, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Почтаи электронӣ: Babahanovafiruza192@gmail.com.

Анотатсия. Дар мақола равандҳои ташаккули робитаҳои адабии тоҷику-рус ва таъсири он ба рушди ҳунарии адабиёти тоҷик ва фарҳанги асри XX мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Муаллиф таваҷҷуҳи хос ба шахсият ва роҳи эҷодии Мирзо Турсунзода равона шудааст, ки ашъораш бозгӯи наздикшавии таърихии ду фарҳанг мебошад. Муаллиф нишон медиҳад, ки чӣ гуна тафаккури шоирона-и Турсунзода тадриҷан ба дарки аҳамияти симои одам-и рус дар низоми координатаҳои миллӣ ва идеологии давра мерасад. Хусусиятҳои бозтоби мавзӯи русӣ дар осори ӯ таҳлил шуда, нақши ҳампайвандӣ бо анъанаи адабии рус дар амиқ гардидани ҷаҳонбинии инсонгароёнаи шоир нишон дода мешавад. Хулоса бар он аст, ки мероси эҷодии Турсунзода дар таҳкими идеяҳои дӯстии халқҳо ва густариши гуфтугӯи фарҳангӣ дар адабиёти тоҷик нақши калидӣ бозид.

Калидвожаҳо: Мирзо Турсунзода, робитаҳои тоҷикӣ-русӣ, симои одами рус, шеъри шӯравӣ, мутақобилаи фарҳангӣ, инсонгароӣ.

MIRZO TURSUNZADE ON THE ROLE OF THE RUSSIAN PERSON IN TAJIK LITERATURE

Babakhanova F.R.

Assistant Professor, Department of Russian Language and Literature, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan. E-mail: Babahanovafiruza192@gmail.com.

Abstract. The article examines the formation of Tajik–Russian literary relations and their influence on the artistic development of Tajik literature and culture in the twentieth century. Special attention is given to the personality and creative path of Mirzo Tursunzade, whose poetry reflects the historical rapprochement of the two cultures. The author demonstrates how Tursunzade's poetic worldview gradually comes to comprehend the significance of the image of the Russian person within the national and ideological coordinates of the time. The article analyzes the features of the interpretation of the Russian theme in his works and highlights how engagement with the Russian literary tradition contributed to the deepening of the poet's humanistic worldview. It concludes that Tursunzade's creative legacy played a key role in affirming the ideas of friendship among peoples and promoting cultural dialogue in Tajik literature.

Keywords: Mirzo Tursunzade, Tajik–Russian relations, image of the Russian person, Soviet poetry, intercultural interaction, humanism.

Изучение вопросов, связанных с литературными контактами и творческими взаимоотношениями России с народами Средней Азии, в том числе с таджиками, началось во второй половине XIX века и получило дальнейшее развитие в русской ориенталистике начала XX столетия. В таджикской литературе XX века многие писатели и поэты уделяли значительное внимание образу русского человека и проявляли глубокий интерес к русской словесности.

